**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмӣ**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 1 (35), 2024**

Маҷалла 08 июни соли 2023 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Қобилҷон Хушвахтзода, Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Комил Бекзода, Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗУЪҲО

## СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ВА ҲАМГИРОЙИИ ИҶТИМОӢ

**Ятимов С.** *Муаллими ман*.................................................. 5

**Саидзода Ҷамолиддин.** *«Сомнома»-и Хоҷу ва суннати пайравӣ ба «Шоҳнома»*.................................................. 17

**Қаҳоров Ғаюр.** *Институтикунонии ҳамкории иҷтимоӣ дар Тоҷикистон*.................................................. 38

**Раҳимзода Рамазон.** *Мафҳум ва ҷузъҳои мазмунии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ*.................................................. 67

**Шарифзода Исомиддин.** *Инсон дар доираи барномаи сифатҳои ирсӣ*.................................................. 90

**Нурзода Нозим.** *Наврӯзи бостонӣ – ҳақиқати таърихӣ*.................. 125

**Зиёзода Нодир.** *Нақши созмонҳои байналмилалӣ дар таъмини сулҳи ҷаҳонӣ*.................................................. 132

## РӮШАНГАРӢ ВА ФАЗОИ АҚИДАТӢ

**Бекзода Комил.** *Бархурди Абдурраҳмон Бадавӣ (1917-2002) бо мухолифони ақидавии худ* .................................................. 139

**Ҳоҷамуродов Олимҷон.** *Маҳбубтарин шоири даврони машрутаи Эрон*.................................................. 160

**Қодиров Ғиёсиддин.** *Чанд сухан дар боби робитаҳои адабӣ*........... 179

**Собириён Меҳр.** *Муҳити сармоягузорӣ ва шароити иқтисодӣ (мулоҳизоте куллӣ дар заминаи пешрафтҳои Кореяи Ҷанубӣ)*........... 185

**Файззода Комрон.** *Камол он аст аст, ки аз худ бошӣ огоҳ*............... 200

**Баҳромзод Қутбинисо.** *Тадқиқи хусусиятҳои сепаратсияи психологӣ дар ҷавонон*.................................................. 206

**Бекзода Дидавар.** *Хидмати модар (Ҳикоя)*.................................... 215

## ПАЁМИ МАНЗУМ

**Бекзода Комил.** *Шоири бедор меояд!*................................................... 223
**Хуросонӣ Алии Муҳаммадӣ.** *Аз дафтари рубоиёт*........................ 224

## ТАҚРИЗ

**Нуров Нозим.** *Ҳадафи миллӣ дар шеъри отифии имрӯзӣ (Мурурe муқаддимотӣ ба маҷмуаи "Садои хандаи гулҳо"-и шоир ва донишманди фарзонаи тоҷик Назрӣ Асадзода)*....................................... 235

## СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ВА ҲАМГИРОЙИИ ИҶТИМОӢ

**С. ЯТИМОВ**
*профессор*

# МУАЛЛИМИ МАН

Бузургтарин неъмате, ки дар дунё арзи ҳастӣ мекунад, илму дониш ва фарҳангу маърифат аст.

Мактабҳои миёнаву олӣ на барои он ифтихор мекунанд, ки чӣ миқдор шогирд тарбия кардаанд. Бо он фахр доранд, чӣ қадар шогирд тарбия кардаанд, ки барои мардум ва ҷомеа фоидабахш будаанд.

Дар давлат бузургтар ва муқаддастар аз мактаб дигар муассисае вуҷуд надорад. Ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Он чизе, ки дар ҷомеа ҳаст – сохти давлатдорӣ, сулҳу суботи имрӯзу оянда, рушду тараққиёт аз мундариҷа, муҳтаво, сифат ва натиҷаи кори мактаб вобаста аст. Ва **«Мактаб нерумандтарин воситаи озод кардани инсон ва нерумандтарин воситаи ғулом кардани инсон мебошад. Дар давлати озод мактаб воситаи озод кардан ва дар ҷамъияти тафаккури маҳдуд воситаи ғулом кардани инсон аст»** (В. *Либкнехт*).

Муҳиммияти мактаб – аз ҳафт то ҳаждаҳ соли ҳаёти инсонӣ фурсати бунёди таҳкурсии ҳаёти боқимондаи одам аст.

Дар мавриди фаъолияти мактаб гуфтан мушкил аст, ки чӣ дар ҷойи аввал меистад – таълим ё тарбия?

Инҳо мафҳумҳои якдигарро пурракунанда мебошанд. Бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Дар ин мавридметавон баҳс кард. Лекин ба андешаи мо, дар ҳар ҳолат, тарбия дар ҷойи аввал

меистад. Он мафҳуми полисемӣ, ҷамъбастӣ, хулосавӣ ва муайянкунанда аст.

Таълим муҳимтарин воситаи системакунонӣ, асоснок намудан, тақвият бахшидани маънавияти инсонӣ, танзимгари ният ва нақшаҳои созандаи тарбия аст.

Илм воқеиятбахшӣ, самаранокӣ, натиҷагирӣ ва самтҳои таълимро муайян ва таъмин мекунад. Ва албатта, **«Тарбия ва фақат тарбия - мақсади мактаб мебошад»** (И.Песталотси). Маърифаткунонӣ бошад, асбоби тарбия аст.

Дар ҷараёни таълиму тарбия муаллим шахсияти марказӣ, офарандаи фазо ва амаликунандаи мақсадноки тарбия аст.

Бинои ҳозиразамони мактаб, васоити техникӣ, синфҳои компютерӣ, майдончаҳои барҳавои варзишӣ гарчанде муҳимманд, аммо нақши марказонидашудаи муаллим меҳвари муайянкунандаи ҷараёни маърифаткунонии бунёдии ҷомеа буд, ҳаст ва боқӣ хоҳад монд.

Дар ҳар мактаб, ҳадди ақал, мебояд чанд муаллиме фаъолият кунанд, ки талабагон имкон дошта бошанд, то дар сатҳи кадом як синфе «аз дасти онҳо гузаранд». Муаллимоне, ки дар тахассусмандӣ, мақсаднокӣ ва самтгирии тарбияи шогирдон хотирмон бошанд. **«Омили худшиносӣ ва ҳидояткунандаи шинохти воқеияти ҳастӣ гарданд»** (Г.В.Ф. Гегел).

Агар мактаб ин имкон ва қудратро дошта бошад, худкифо ва комгор аст.

Барои ман ҳамчунин муаллим, ки баъдан тамоми умр «ангуштгазидание ба шогирдон монд», Усмон Раҳмонов буд.

Ӯ як марди қоматбаланд ва тануманд, ба андозаи баданаш каллаи калон дошт. Сафедпӯст, чашмони тоҷикии моил ба ҷустуҷӯйи дарки умқи инсонӣ, ҳаракатҳои бидуни кӯшиши зиёдатии аз худ гузоштани таассурот ба фоидаи эътирофи фазилатҳои хеш, камгап, аммо хушсухан, ҷиддӣ,

лекин кушодарӯ, донишманд, вале хоксор, серталаб, ҳамзамон одил буд.

Муносибати ӯ бо атрофиён дар мувозинат ба синну сол ва манзалати онон қарор дошт.

Шояд дақиқ набошад, аммо чунин ба назар мерасид, ки Усмон Раҳмонов ба ҳамсуҳбат зиёд эҳсоси ниёзмандӣ намекард.

Ё чунин хислат дошт.

Ба назари мо, шогирдон менамуд, ҳамсонеро, ки ӯ дар дараҷаи ҷаҳонбинӣ, дониш, дарки воқеияти ҳастӣ ва умқи муҳокимаронӣ наздик ба худаш бошад, камтар пайдо мекард.

Аз ҳамин ҷиҳат, муомилаи Усмон Раҳмонов бо дигарон дар дараҷаи салому алейк, ҳолпурсӣ ва тасдиқи воқеии эҳтиромоти якдигарӣ маҳдуд мегашт.

Аз худ шахси андешаманд, огаҳ ва моил ба навҷӯиро мемонд. Кӯтоҳсухан буд. Аммо ҳар вақт маънӣ, фикри бикр ва андешаи ҷолиби таваҷҷуҳ мегуфт. Соҳибмаълумоти воқеоти замони зуд тағйирёбанда буд. Гумон мекардӣ, ки ин шахс дар бораи тамоми рӯйдоде, ки дар табиат, ҷамъият ва маънавиёт мегузарад, маълумоти батафсил дорад. Агар нафаре зарурат ба дониш дошта бошад, метавонад дар ин бора аз ӯ маълумоти пурра бигирад.

Бо ҳамин хислату фазилати шояд барои худи ӯ ноаён, таваҷҷуҳ ва эҳтироми ҳамагонро ба худ ҷалб мекард.

Усмон Раҳмонов дар ҳамсояқишлоқи мо – Иттифоқ зиндагӣ мекард. Ба кор пиёда омаду рафт дошт. Масофа севу ним – чор километр бошад ҳам, аз ягон намуди нақлиёт истифода намебурд.

Соле, ки мо дар синфи панҷум мехондем, ӯро директори мактаб таъйин карда буданд.

Фақат шиму костюми сиёҳ, куртаи рангаш сафед ё ширчойӣ, кафши якхелаи сиёҳ мепӯшид. Тоқии чустӣ

мемонд. Ранги тоқӣ хира нашуда, онро иваз мекард. Либосҳои муаллим доимо пок ва ниҳоят эҳтиёткорона дарзмолшуда. Сарфи назар аз боду ҳаво ва масири деҳа пойафзолаш доимо тозаву озода. Бо гузашти чанд сол, вақте собиқ шогирдон дар бораи хислатҳои муаллим Раҳмонов суҳбат мекардем, яке аз ҳамсинфони мо гуфт:

– Ёд доред, дар давоми дарс муаллим Раҳмонов гоҳо аз ҷайб рӯймолчаи дастиашро бароварда, бо назокати хос ва номаълум пешонии худро пок мекард. Ин рӯймолча хеле тоза, ҳарир, эҳтиёткорона чорқат ва дарзмолшуда, монанд ба қоғази оҳарии дастнорасидаи хат-хат буд.

Он вақт бори дигар фаҳмидам, ки на танҳо ман, балки дар ҳамон синну соли наврасии мактаби ҳаштсолаи деҳоти дурдаст, хонандагон ба камтарин ҷузъиёти рафтор, гуфтор, тарзи либоспӯшии муаллимон таваҷҷуҳ мекарда будаанд. Ва он якумр дар хотири шогирдон боқӣ мемондааст.

Баъзе муаллимон бо сабаб ё шояд баҳона, ягон ё якчанд дақиқа ба дарс дер мекарданд. Дар чор соле, ки муаллим Раҳмонов моро аз таъриху география дарс мегуфт, бо ӯ як дафъа ҳам чунин лаҳза иттифоқ наафтода буд.

Мо дарси муаллим Раҳмоновро бесаброна интизор мешудем. Аммо чӣ тавр ин соатҳо мегузаштанд, бехабар мемондем. Ва баъзан чунин ҳолат мешуд, ки аз ҳисоби танаффус ҳам ӯ ба суолҳои мо ниҳоят бодиққат ва мушаххас ҷавоб медод.

Боиси таассуф буд, ки дар замони то Истиқлоли давлатӣ, ба барномаи дарсии «Таърихи Тоҷикистон» таваҷҷуҳи камтар зоҳир мешуд. Соатҳо басанда набуданд. Ба ғайр аз ҳафриёти археологӣ дар мавзеъҳои Аҷинатеппа, Кайқубод, Тешиктош ва баъзе дигар рӯйдодҳои начандон муассири таърихӣ, маълумоти ҷолиби таваҷҷуҳе мавриди омӯзиш қарор

намегирифт. Донишҳо доир ба таърихи халқи тоҷикро мо бештар аз китобҳои дарсии адабиёти тоҷик мегирифтем.

Китобҳои асосии дарси таърих ва география – «Таърихи СССР» ва «Географияи табиии СССР» буданд.

Ин китобҳо ҳам берун аз Тоҷикистон таълиф мешуданд. Барои тамоми хонандагони шашяки рӯйи замин ягона маҳсуб мегаштанд. Ба забонҳои миллӣ тарҷума мешуданд. Аммо эътироф бояд кард, ки дар замони Шӯравӣ барои коркарди барномаҳои таълимӣ, навиштани китобҳои дарсӣ беҳтарин мутахассисон – олимони номдоре, ки дар эҷоди асарҳои илмӣ, илмӣ - педагогӣ машҳуру маъруф буданд, ҳамзамон, муаллимони эҷодкор ва забардасти мактабҳои олии мамлакат ба ҳисоб мерафтанд, ҷалб мешуданд.

Ҳамин тариқ, китобҳои номбаршуда – таъриху ҷуғрофияи Ватани маҳбуби замонро мо сидқан қабул мекардем. Аз таги дил мехондем. Ба маънӣ ва мантиқи онҳо эътимоди бузург доштем.

Бидуни шак, муҳтавои кори мактаб ҳам дар барнома ва ҳам дар китобҳои дарсӣ қатъиян мувофиқ ба сиёсати расмии давлатдорӣ ташкил мешуд. Коркард мегардид. Ифода меёфт. Роҳандозӣ мешуд. Муҳтавои ин фаъолият манфиати субот ва пешрафти ҷомеаро дар назар дошт. Нуқтае барои эҷоди шубҳа нисбат ба ҷаҳонбини илмӣ намегузошт.

Муаллим Усмон Раҳмонов ба дарсҳо бо тайёрии ҳаматарафа меомад.

Мо, шогирдони собиқ то ҳол фикр мекунем, ки ӯ маводи дарсии мактаби миёнаро ҳанӯз дар замони донишҷӯйӣ ниҳоят хуб аз бар карда будааст. Зеро мо ҳис мекардем, донишҳое, ки муаллим ба мо медод, хеле васеъ аз доираи мавзуъ ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ буданд.

Воқеан, **«Барои он ки дигарҳоро омӯзонӣ, бояд худат бисёр чизҳоро донӣ»** (В.Короленко).

Ҳамзамон, эҳсос мегардид, ки муаллим китоби дарсиро бо дарки умқи фаҳми муаллифи он аз худ кардааст. Адабиёти иловагӣ дастрас намудааст. Онҳоро хуб омӯхтааст. Барои мисол, аввалин бор маҷаллаҳои машҳури илмӣ ва илмӣ-оммавии «Вопросы истории» ва «Вокруг света»-ро мо хонандагони мактаби деҳот дар дасти муаллим Раҳмонов дида будем.

Ӯ дар дарсҳо суханҳои нав ва махсусан ҷолиб мегуфт. Муҳокимарониҳои донишмандона мекард. Вобаста ба мавзӯъ мисолҳои ҷолиби таваҷҷуҳ меовард. Дили шогирдони ташнаи донишро тасхир менамуд. Мо, талабагон байни худ пичир-пичир мекардем, ки ин навгӯӣ ва навгониҳои муаллим ба мавзуи дарс аз китобу маҷаллаҳои иловагӣ аст. Ва чунин хулосаҳо асоснок буданд.

Усмон Раҳмонов дарси навро чунон далелнок ва завқманд мебурд, ки мо на танҳо вазифаи хонагиро тайёр мекардем, балки бетоқатона дарси навбатӣ – мавзуеро, ки ҳанӯз муаллим нагузаштааст, мехондем. Мехостем фаҳмем, ки давоми мавзӯъ чӣ гуна вусъат пайдо мекарда бошад. Ҳамзамон, ин амал ба мо имкон медод муҳокимаронӣ кунем, то кадом дараҷа муаллим аз маводи нав, ки дар китоби дарсӣ нест, истифода мекардааст.

Вақте фаҳмидем, ки чунин муносибати Усмон Раҳмонов ба дарс тасодуфӣ ва лаҳзагӣ нест, шакли фаъолияти доимии ӯст, аввалин бор ташаббускорона барои худ дафтари дарси таърих кушода, суханҳои ӯро мисле, ки дар мактаби олӣ лектсия гӯш мекарда бошем, менавиштем. Аммо муаллим ба ин кори мо зиёд таваҷҷуҳ намекард. Ӯ роҳу усули дарсдиҳии худро ҳамон тарз идома медод.

Он замон беҳтарин асбоби аёнӣ харита буд. Муаллим вобаста ба мавзуи дарс харитаи мувофиқро интихоб карда меовард. Онро ба тахтаи синф насб мекард. Ҳангоми дарс гуфтан худ ба худ маълум мешуд, ки Усмон Раҳмонов ин харитаҳоро аз ёд медонад. Дар дараҷаи ниҳоят баланди

тахассусмандӣ матни маводи дарсиро бо харитаи марбута пайваст карда метавонад.

Яке аз мавзуъҳое, ки шогирдонро ҳайратзада мекард, дар тахтаи синф бо бӯри одӣ кашидани харитаҳои ҷангӣ, муайян кардани мавқеъҳои муҳорибаи тарафҳо, самтҳои ҳуҷум, тағйир ёфтани мавқеи низои ҷонибҳо, истифодаи санъати ҷангӣ, зарба задан ба мавқеи душман аз камин ва самтҳои барои рақиб ногаҳонӣ, ҳамзамон бо ин, ном ба ном донистани фармондеҳони қӯшунҳои тарафҳо, генералҳо ва афсароне, ки дар рафти ҷанг роҳу восита ва корнамоиҳои фавқулода нишон медоданд, ба ҳисоб мерафт.

Ӯ тавассути шарҳ додани муҳтавои воқеа, зуҳурот ва ҳодисаҳо қадам ба қадам ба моҳият ва мақсади дарс наздик мешуд. Ба воситаи тафсири мундариҷаи мавзуъ бо далелҳо, ноаён, зина ба зина эҳсоси хонандаро ба муҳтавои масъала, тавре ки мехост, бедор мекард. Кӯшиш менамуд, моҳияти мавзуъ бо заҳматҳои асиле, ки мекашид, ба хонандагон равшану фаҳмо гардад.

Психологияи шогирдонро хуб медонист. Ва аз ин мушоҳида ва хулосаҳои омӯзандаи худ муваффақона истифода мекард.

**Муҳтаво ва мундариҷаи ҷаҳонбинии инсон дар таносуб ба илм мисли муҷассамаест, ки бояд хосияти бунёдӣ дошта бошад.** Ояндаи инсон вобаста ба он аст, ки ин таҳкурсӣ аз кадом мавод, барои кадом иморат ва барои чӣ таъйиноте сохта шудааст? Маълум аст, ки **«Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирду гардон аст, Ҳамеша то бувад оин-ш, гирдгардон буд»** *(Рӯдакӣ).* Оё ин зербино ба чунин шароит тобовар ҳаст ё не? Тавоне дорад, ки дар болои он бинои зиндагии мақсаднок, барои манфиати худи инсон бунёд шавад?

Муаллими мо ин нозукиҳоро хеле хуб медонист. Кӯшиш мекард бо мисолу далелҳои таърихӣ шогирдонро бовар кунонад, ки одам қудратмандтарин муъҷизаи табиат аст. Аз ӯ нерумандтар дар олам чизи дигаре нест. Фақат гап сари он аст: ӯ мақсадгузории худро, ки доимо барои беҳбуди зиндагии воқеӣ, заминӣ равона шудааст, бо кадом роҳу восита амалӣ карданӣ аст.

Мехост толибилмонро соҳибмаърифат, мустақил, ҷӯянда, нававар, нотарс ва мубориз тарбия кунад. Ва ин сифатҳо коромади манфиатҳои Ватан бошанд. Доштани чунин хислатҳоро шарти ба ҳам мувофиқ омадани неруҳои руҳӣ ва ҷисмонӣ медонист.

Рӯзе устоди мо дар дарси география дар бораи таърихи кушодани қитъаи Америка муҳокима ронда, суханҳои иродатманди кашфкунандаи «**Ҷаҳони нав**»-ро хеле муваффақона мисол овард: **«Эй мардум! Ман як нафар камбағали генуягӣ ҳастам, ки ба Лиссабон омадаам! Китобҳои кухна мефурӯшам. Ва харитаҳои баҳрӣ мекашам. Агар замоне шумо шунидед, ки дар олам қитъаи наве кушода шудааст, дониста бошед, ки ин корро каминаи камтарини шумо, Христофор Колумб кардааст!!!».**

Муаллим Раҳмонов ин суханҳоро тарзе образнок ва ботантана мегуфт, ки гӯё худи ӯ Христофор Колумб бошад ва ӯро ифтихори кушодани чунин қитъа дар пеш аст. Ва мехоҳад аз байни мо талабагон дар ин кори ниҳоят хатарнок, аммо шарафманд ҳамсафари донову ғаюр интихоб ва омода кунад.

Ҳангоми таълими дарсҳо муаллими мо мекӯшид, ки дар шуури хонандагон ҷаҳонбинии илмӣ тарбия кунад, то онҳо ҷаҳонро на аз рӯйи таассубу хурофот, афсонаҳои бепоя, балки бо чашми хирад нигаранд. Дар зиндагӣ фиреб нахӯранд.

Раҳгум назананд. Эътиқоди бунёдии илмӣ ҳамсафари ҳаёташон бошад.

Кушодани қитъаи навро аз ҷониби Колумб натиҷаи панҷ хислати бузурги ӯ маънидод мекард: муҳаббат доштан ба китоб, сару кор гирифтан ва омӯхтани адабиёти илмӣ (1), касбияти олӣ (2), иродаи қавӣ (3), ватанпарварӣ (4) ва ҷасуриву далерӣ (5).

Мо бачаҳои давр ба зоҳир ва рафтору кирдори муаллимамон нигариста, суханонашро гӯш карда, ба ӯ эътиқод доштем. Аз ӯ ифтихор мекардем. Муътақид будем, ки ҳамин панҷ хислат дар ботини худи муаллими мо Усмон Раҳмонов ғолибият дорад. Ва мо бояд пайрави ӯ бошем.

Муаллими мо кӯшиш мекард, ки бачаҳо аз ҷаҳонбинии ғайриилмӣ, он чизе ки аз ҳақиқат дур аст, дар таҷрибаи таърихӣ собит нагаштааст, барои тараққиёти илму маърифат монеа эҷод мекунад, фосила бигиранд.

Таъкид мекард, ки қимати инсон баробар ба дараҷаи дарки олами воқеӣ тавассути ақлу донишу таҷриба аст. Инсон ҳамон вақт ба зиндагии шоиста муяссар мешавад, донад, ки бузургтарин офаридаи табиат ва ҷамъияти инсонӣ худи Инсон аст.

Вақте муаллим дар бораи таърихи мамлакатҳои Шарқ ва Африқои Шимолӣ суҳбат мекард, бо мисолҳои дақиқ шарҳ медод: то вақте ки инсон қудрати фаҳмидани сирри қувваҳои олами атрофро надорад, вай маҷбур мешавад кӯр-кӯрона ба тақдир тан диҳад. Ӯ гаштаву баргашта таъкид мекард, ки фақат дониш метавонад ба одамизод сабабҳои бадбахтии ӯро ошкор созад. Роҳҳои хушбахтӣ ва пирӯзиашро нишон диҳад.

Усмон Раҳмонов зинаҳои тараққиёти инсониро бо мисолҳои одӣ мефаҳмонд. Дар яке аз дарсҳо аз таърихи асрҳои миёна, дар бораи чӣ тавр аз феодализм ба капитализм

гузаштани халқҳои Аврупоро дар мисоли корхонаи сӯзанбарорӣ мисол овард.

Барои ноил гаштан ба мақсади дарс ӯ ҷараёни аз фулозот то маҳсулоти тайёр шудани ин асбоби одӣ – ҷараёни истеҳсолотро ба мо бачаҳои деҳот нақл кард. Ин дарс чунон ҷолиб буд, ки гӯё худи муаллим директори корхона, сардори сех, муҳандис, технолог, коргари одӣ, мудири шуъбаи санҷиши сифати маҳсулот, корманди агентии рекламаи маҳсулоти тайёр, сардори муассисаи фурӯши мол ва оқибат истифодабарандаи он бошад.

Барои мо мавзуъҳои аввалин бор дар Белгия сохта шудани роҳи оҳан, аз ҷониби Ричард Треветик ихтироъ гардидани машинаи бо буғ ҳаракаткунанда ва монанди ин кашфиёт ҷолиби таваҷҷуҳи махсус буданд.

Муаллим, ҳамзамон, омилҳои пешрафти мардуми Ғарбро тафсир мекард. Таъкид менамуд, ки ҳарчӣ бештар донишҳои худро дар самти илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ сайқал диҳем ва истифода намоем.

Вобаста ба мавзуъҳое, ки устоди мо, тибқи барномаи таълимӣ, бароямон дарс мегуфт, таъкид менамуд, ки табиат дару девор, мошин, роҳҳои оҳан, нақбҳо, нақлиёт ва неругоҳҳои обии барқиро намесозад. Ҳамаи инҳо маҳсули майнаи инсони босавод, мутахассис, ба тарзи дигар, натиҷаи донишҳое ҳастанд, ки дар шакли воқеӣ, моддӣ, зинда рӯйи кор оварда шудаанд.

Яке аз суханҳои хотирмони муаллим Раҳмонов барои шогирдон, ки ҳамзамон, мо онро кӯтоҳнавис карда, баъдан як умр фаромӯш накардем, он буд, ки таърихи тараққиёти ҷамъият аз таърихи инкишофи табиат фарқ мекунад. Агар мо дар ин маврид таъсири инсонро ба табиат ва ҳолати баръаксро ба назар гирем.

Дар табиат, дар маҷмуъ, ҳодисаҳои пайдарҳам ва ба якдигар вобаста рӯй медиҳанд. Онҳо қонунмандиҳои муайяни ҷараёни табиатро ташкил менамоянд.

Муаллим бо мисолҳои мушаххас, дақиқу равшан нишон медод, ки чунин рӯйдодҳо берун аз шуури инсон ба вуқӯъ мепайванданд. Одам танҳо тавассути илму дониш метавонад ҳодисаҳои табиатро пешгӯӣ кунад. Ба онҳо таъсир расонад. Аз онҳо истифода намояд. Инро таърихи ҷамъият гуфтан мумкин аст.

Муҳимтарин қисмати таърихро, таъкид мекард муаллим Раҳмонов, таърихи ҷамъият ташкил мекунад. Ин шакли ҷаҳонбинӣ аз таърихи табиат куллан фарқ дорад. **Ташаббускор ва қувваи ҳаракатдиҳандаи он инсони бошуур аст. Ва дар ҷамъият – таърихи гурӯҳҳои этникӣ, халқҳо, миллатҳо, синфҳо, табақаҳои иҷтимоӣ ва давлатҳо, тамоми кӯшишҳо, ҳаракатҳо, равандҳо, ҳолат ва натиҷаи онҳо дар кадом шакле, ки бошанд, фақат ва фақат натиҷаи амали мақсадноки инсонанд. На чизи дигар. Бе амали қаблан тарҳрезишудаи одам, дар таърихи ҷамъият ягон дигаргунии ҷиддӣ, хоҳ ба фоидаи инсон ва хоҳ бар зарари он бошад, ба вуҷуд намеояд.** Инро муаллим зуҳуроти иҷтимоӣ - иқтисодӣ, сиёсӣ - ҳуқуқӣ, ҷамъиятӣ - идеологӣ ва адабӣ - маданӣ мегуфт ва ҳар яки онҳоро шарҳ медод.

Бо гузашти солҳо, сарфи назар аз интихоби касб, мавқеи иҷтимоӣ, инсон ҳаргиз устодони худро, ки дар таълиму тарбияи ӯ саҳм доштаанд, махсусан таъсиргузор ва тақдирсоз будаанд, фаромӯш намекунад. Дар қисмати худ онҳоро сабабгор ва шарику ҳамдам мешуморад. Дар лаҳзаҳои нек ва мушкилоти пешорӯ ҳам муаллимонашро ба ёд меорад.

Тарбияи инсон душвортарин, ҳамзамон, бузургтарин масъулият аст, ки ба дӯши муаллим вогузор шудааст.

Таҷрибаи кори Усмон Раҳмонов, ба назари ман, намунаи олии фаъолияти тахассусмандонаи мақсадноки як муаллими одии деҳаи дурдасти замони бе чароғи барқӣ буд. Ӯ тамоми ҳастии худро барои бунёди ҷаҳонбинии илмии шогирдон, эҳтимоли шахсиятсозии онон равона мекард. Тавассути таълиму тарбия, ки шахсияти худи муаллим, зоҳир, ботин ва рафтори ӯ қисмати муҳимми ин ҷараён буд, заҳмат мекашид, ки фарзандони мардумро барои фоидаи худи мардум, барои шинохти илмии замона ба хотири рушди ҷомеа омода намояд.

Баъди хатми донишкада ман ба мактаби деҳаи Ориён ба кор омадам. Муаллим Усмон Раҳмонов ба муаллимони ҷавон таъкид мекард, ки **мақсади аслии таълиму тарбия муътақидкунонист. Агар мактаб аз уҳдаи ба донишҳои илмӣ, замонавӣ мусаллаҳ ва аз каромоту хурофот, фанатизми динӣ ва тақдирпарастӣ раҳо кардани шогирдон наброяд, онро макони илм ва боргоҳи маърифат номидан хатост.** Мо, шогирдон медонистем, ки худи муаллими мо дар ин кор намуна ва мумтоз аст.

Муаллим У. Раҳмоновро устоди таърихшиносони маорифи деҳот, фидоии илму маърифат ва намунаи олии омӯзгори мактаб, муҳандиси бузурги руҳи шогирдон номидан арзанда аст. Номи чунин муаллимони беунвони замон ва корномаи онҳо ҷовидон мемонад.

Дар бораи муаллим Усмон Раҳмонов бо суханони шоири маъруфи асри XI Абусаиди Абулхайр гуфтан мумкин аст :

**Ин умр ба абри навбаҳорон монад,**
**Ин дида ба сели обшорон монад.**
**Эй дӯст, чунон бизӣ, ки баъд аз мурдан,**
**Ангушт газидане ба ёрон монад.**

*Бознашр аз «Ҷумҳурият», № 80-81 аз 30.04.2024*

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

# «СОМНОМА»-И ХОҶУ ВА СУННАТИ ПАЙРАВӢ БА «ШОҲНОМА»

Бигӯ ин суханҳо, ки суд андар ӯст,
Сухан гуфта мағз асту ногуфта пӯст.
Фирдавсӣ

Хоҷуи Кирмонӣ аз шоирони маъруфи поёни асри XIII ва аввали асри XIV маҳсуб мешавад. Ӯ, афзун бар ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа ва дигар анвои шеърӣ, ба иншои «Хамса» низ пардохтааст. «Хамса»-и ӯ, ки дар пайравии Низоми навишта шудааст, аз маснавиҳои «Ҳумой ва Ҳумоюн», «Гулу Наврӯз», «Камолнома», «Равзан-ул-анвор», «Гавҳарнома» («Гуҳарнома») иборат мебошад. Воқеан, маснавии «Сомнома» шашумин маснавии ӯст, ки ба вай мансуб медонанд. Он ба васфи корнамоию диловариҳои ниёи Рустам-Соми Наримон ва моҷароҳои ошиқонаи ӯ бахшида шудааст. Ҳамагон Хоҷуро ҳалқа ё пул байни ду устоди ғазал-Саъдӣ ва Ҳофиз медонанд. Албатта, мо таъсири каломи устодони пешинро дар осори ӯ мушоҳида менамоем. Хоҷу дар қасида пайгири Саноӣ, Хоқонӣ, Ҷамолиддини Исфаҳонӣ ва соири адибон буда, дар маснавӣ ба Низомӣ ва дигар маснависароёни қабл аз худ, ба вижа маснависароёни асри XIII пайравӣ кардааст. Аммо «Сомнома»-ро ба сабку сиёқи «Шоҳнома» ва пайравӣ аз Фирдавсӣ навиштааст. Дар ин боб ӯ хоксорона дар достони худ чунин изҳори назар намудааст:

*Гар аз бенавоӣ навое задам,*
*Ба баҳри сухан дасту пое задам.*

*Саранҷом кардам бад-ин нома хатм,*
*Ки Фирдавсияш ҳасту «Шаҳнома» хатм.*
*Ба наздики хуршеди ӯ зарраам,*
*Ба дарёи гуфтори ӯ қатраам.*
*Кашидам яке ҷӯй обаш тароз,*
*Лаби ҷӯ бад-он баҳр пайваста боз.*[1]

Чун мо ҳоло дар бораи «Сомнома» ва суннати пайравӣ ба «Шоҳнома» сухан меронем, аввалтар аз ҳама, бояд гӯем, ки достони машҳури «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷу талхис аз «Сомнома» аст, ки бо сабабҳои айнию зеҳнӣ аз ҷониби худи шоир бозсозӣ шудааст. Аз ин рӯ, «Сомнома» ва «Ҳумой ва Ҳумоюн» дар асл як асаранд ва ба қалами Хоҷу тааллуқ доранд. Дар онҳо абёту пораву қиссаҳо ҳаммонанду ҳамсонанд. Тафовут танҳо дар номи бархе аз қаҳрамонони асосӣ ба дида мерасад. Бинобар ин, ба қавли Мансур Растагори Фасоӣ, «Хоҷу ибтидо «Сомнома»-ро сохтааст ва баъдан, бо ҳифзи тамоми аҷзои достонӣ ва абёти он, номи Сомро ба Ҳумой ва номи маъшуқи Сом-Паридухтро ба Ҳумоюн, Виси Висонро ба Қайси Қайсон, Қамаррухро ба Суманрух, Ганҷинадижро ба Зарринадиж… тағйир дода ва дар номи бархе аз маконҳо дигаргунӣ эҷод карда ва бо афзудани муқаддимоту муаххароту ҳазфи бахшҳое аз «Сомнома» «Ҳумой ва Ҳумоюн»-ро падид овардааст. Ва аз он ҷо ки ба назар мерасад, «Сомнома» аз корҳои рӯзгори ҷавонии Хоҷу ва бетаҷрибагиҳои ӯ дар шоирӣ буда ва табъан ғассу самини он бисёр будааст. Хоҷу дар зимни гузиниши достони «Ҳумой ва Ҳумоюн» абёти сусти «Сомнома»-ро ҳазф карда, норасоиҳои онро бартараф сохта ва бахшҳои зоид ва достонҳои фаръии ғайривоқеие чун набард бо девону париён ва шигифтиҳои барру баҳрро раҳо карда ва ба ҷои 14500 байти

[1] Хоҷуи Кирмонӣ. Баргузидаи «Сомнома». –Теҳрон, 1370. –С.128.

«Сомнома» «Ҳумой ва Ҳумоюн»-ро дар 4407 байт, ки 90% он ҳамон абёти «Сомнома» аст, арза доштааст. Баррасӣ ва муқоисаи дақиқи ин ду китоб нишон медиҳад, ки вақте Хоҷу «Ҳумой ва Ҳумоюн»-ро ба унвони достони ошиқона аз танаи «Сомнома» ҷудо карда, шоире пухта ва муҷарраб будааст ва дар пардохти достони ахир ниҳояти завқу ҳушёриро ба кор бурда ва дар натиҷа ҳама ҷо дар муқоиса абёти «Ҳумой ва Ҳумоюн» санҷидатар, устувортар ва дилпазиртар аз «Сомнома» ҷилва мекунад, зеро Хоҷу як бори дигар дақиқан ва бо риояти меъёрҳои нақди шоирона тамоми достонро арзёбӣ карда, номҳо, саҳнаҳо ва вақоеъро бар ҳасби зарурат ва иқтизои завқи салим мавриди таҷдиди назар қарор дода, бахшҳоеро ҳазф ё изофа карда ва нишон додааст, ки метавон аз як асари адабӣ сурате дигарро арза дошт, ки дар айни баргузида будан, дар 90 дарсад аз маворид бо матни дигар ташобуҳ дошта бошад ва аҷаб он аст, ки то кунун ҳамаи муҳаққиқон ин ду китобро ба унвони ду асари мухталиф ва мустақил ва муҷаззо муаррифӣ кардаанд ва ба наҳваи сохтору ташобуҳоти мавҷуд дар онҳо муталақан таваҷҷуҳ накардаанд».[2]

Дар ҳақиқат, тавре ки донишманди муҳтарам мегӯяд, пажӯҳандагон ба ин ҷиҳати масъала кам таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Лиҳозо, онҳоро достонҳои алоҳида ба қалам додаанд. Хушбахтона, ин донишманди маъруф дар муқаддимаи китоби «Баргузидаи «Сомнома» роҷеъ ба ин қазия, яъне аз батни достони «Сомнома» берун омадани достони «Ҳумой ва Ҳумоюн» ва як достон будани онҳо, равшанӣ андохтааст. Мувофиқи хабари ӯ, достони «Сомнома», ки аз 14500 байт иборат буда, дар асоси достони мансури «Сом», ки то замони шоир мавҷуд будааст, бо иловаи маводи нав ба назм даровarда шудааст. Ин достон, баръакси

[2] Ҳамон ҷо. –С.10-11.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, аз диловариҳои Сом ва ҷангҳои Эрониён холӣ аст. Сом дар ин достон қаҳрамону марде моҷароҷӯй аст, ки дар талаби духтари фағфури Чин – Паридухт ба садамаю балоҳо рӯ ба рӯ мешавад, бо деву парию тилисму ҷодуву одамӣ афту дарафт, муҳорибаю пайкор мекунад. Аз ин назар, аз ҳарими ҳамосаи миллӣ дур мегардад. Аммо маснавии «Ҳумой ва Ҳумоюн», ки баъд аз «Сомнома», дар баҳри мутақориб навишта шудааст, маснавии ошиқона аст ва 4407 байтро фаро мегирад. Дар он ишқи духтари фағфури Чин Ҳумой васф шудааст. Мутаассифона, на дар тазкираҳо ва на дар китобҳои таърихи адабиёт роҷеъ ба «Сомнома»-и Хоҷу маълумот дода нашудааст. Бинобар ин, бархеҳо интисоби ин достонро ба Хоҷу мавриди шубҳа қарор додаанд. Хушбахтона, мо дар «Ҳамлаи Ҳайдарӣ»-и Рафеи Бозайл (ваф. 1124) ба байтҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки бепоя будани ин шубҳаҳо бармало мешавад:

*Чу дар баҳри «Шаҳнома» кардам гузар,*
*Садафҳо дар он ёфтам пургуҳар.*
*Расидам ба Фирдавсии арҷманд,*
*Бидидам сари роҳ кардааст банд.*
*Зи «Шаҳнома» бар дӯш гурзи гарон*
*В-аз он гашта саркӯб ҳар ҳамгинон.*
*Дигар сӯ, Асад шӯр андохта,*
*Дирафши Фаридун барафрохта.*
*Дигар сӯ, Низомӣ ситода чу куҳ,*
*Зи фарри Сикандар гирифта шукуҳ.*
*Ба сӯи дигар, Хоҷу ороста*
*Зи Соми Наримон мадад хоста.*
*Ба ҷои дигар Ҳотифӣ дар фигон,*

*Ки ин бандаро баста соҳибқирон.*[3]

Гузашта аз ин, дар ду ҷои «Сомнома» номи Хоҷу зикр шуда, ки ин ҳам мансубияти асарро ба ӯ бармало месозад:

*Касоне, ки бо нестӣ хӯ кунанд,*
*Зи ҳастӣ табарро чу Хоҷу кунанд…*

Ва:

*Ки Хоҷу чу Исӣ равонбахш бош,*
*Ҷаҳонгиргардун, ҷаҳонбахш бош.*
*Дам аз руҳ зан, чун Масеҳо туӣ,*
*Бақо шав, чу шоҳин, анқо туӣ…*
*Ту дарёиву ҷоми Ҷам чокарат,*
*Ту гардунию инсу ҷон ахтарат.*[4]

Нихоят, беҳтарин далел якрангу яксон будани мазмуну мундариҷаву матлаби достони «Сомнома» бо «Ҳумой ва Ҳумоюн» мебошад. Бад – ин маънӣ, «Ҳумой ва Ҳумоюн» шакли тағйирёфтае аз «Сомнома»-и Хоҷуст, ки шоир онро дар айёми ҷавонӣ навиштааст, аммо дар замони камолоту номварӣ онро ба сурати асари мустақил (бо костану афзуданҳо, пайвастану буриданҳо, тағйири номҳою маконҳо…) даровардааст, ки зоҳиран ҳеҷ рабте ба «Сомнома» надорад ва асаре тозаю нававарона аст. Бинобар ин, вақте ки мо ин ду асари дар зоти худ мустақилро бо ҳам муқоиса мекунем, ба вузуҳ мебинем, ки шоир тамоми нуқсонҳои дар «Сомнома» ҷойдоштаро дар «Ҳумой ва Ҳумоюн» ислоҳ намудааст. Ӯ ҳудуди 10 ҳазор байти «Сомнома»-ро, ки асари ҳамосӣ аст, партофта, ба достони ғайриҳамосӣ ва ошиқона ба номи «Ҳумой ва Ҳумоюн» табдил додааст, ки дорои инсиҷоми лафзию маънавӣ буда, ба достонҳои ошиқонаю ғиноии Низомию пайравонаш ҳамнавою ҳамсадо мебошад. Ногуфта

[3] Ҳамон ҷо. –С.13.
[4] Ҳамон ҷо. –С.15-16.

намонад, ки Хоҷу фаслҳои ошиқонаю орифона ҳолатҳои дигаро дар «Ҳумой ва Ҳумоюн» тавассути овардани ғазал дар маснавӣ тавсиа ва тақвият бахшидааст. Аммо, бо ин ҳол, тавре ки гуфтем, «Сомнома» ва «Ҳумой ва Ҳумоюн», ки қаҳрамононаш тағйир хурдаанд, дар асл як асаранд ба ду ном. Сабаби рух додани чунин ҳолатро муҳаққиқон, барҳақ, аз вуҷуди ғайримантиқии «Сомнома», яъне ба даврони ҷавонии шоир, замони ғайримуносиб ва имкони андаки бурузи ҳамосаҳои миллӣ медонанд, зеро пас аз ҳамлаи муғул, аз як сӯ, аз арзишҳои миллӣ қариб ному нишоне намемонад, аз сӯи дигар, ҳамосаҳои миллӣ ба ҳамосаҳои таърихию мазҳабӣ, достонҳои ошиқонаю орифона табдил меёбанд. Бино бар ин, Хоҷу ба иқтизои замон маҷбур мешавад, ки шеъри ҳамосиро дар «Сомнома» тарк кунад ва даст ба домани шеъри ғиноӣ бизанад, онро ба «Ҳумой ва Ҳумоюн» бадал созад ва ба воқеияту талаботи асри 14, ки даврони таназзули рӯҳи миллӣ ва эҷоди ҳамосаҳои миллӣ маҳсуб мешавад, мутобиқ намояд. Шоир беҳуда нагуфтааст:

*Ба иқтизои замон кори хештан бигзор,*
*Ки саъи беҳуда попӯш медарад, масал аст.*[5]

Зимнан бояд гуфт, ки пас аз байн рафтани давлати миллии Сомониён ва ба тахт нишасти Ғазнавиён ва дигар сулолаҳои ғайриэронӣ рӯҳи миллӣ ба заъф гароида буд ва маҷоли бурузи рӯҳу андешаи миллӣ ва иншои ҳамосаҳои миллӣ хеле ва хеле маҳдуд гардида буд. *Л*иҳозо, пайравию тақлид аз Фирдавсӣ ва талқини ғояҳои миллии «Шоҳнома» ба хатар мувоҷеҳ шуда, мурғи рӯҳу ғурури миллӣ осебпазир ва шикастабол гардида буд. Аммо, бо ин ҳол, каму беш имкони сароиши ҳамосаи миллӣ дар ин айём низ вуҷуд дошт ва адибон дар кунҷу канори кишвар ба сурудани ҳамосаҳои

[5] Аҳмад Гулчини Маонӣ. Корвони Ҳинд. –Ҷ.1. – Машҳад, 1369. –С.577.

миллӣ иқдом менамуданд ва суннати сурудани ҳамосаҳои миллиро ба ин ё он навъ идома медоданд. Намунаи муваффақи ин гуна ҳамосаро пеш аз «Сомнома»-и Хоҷу мо дар «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ ва «Баҳманнома»-и Эроншоҳи Абулхайр ва бархе аз дигар ҳамосаҳои миллӣ, ки дар онҳо мисли «Шоҳнома» руҳи силаҳшӯрону набардҷӯёни миллӣ бозтоб меёфтанд, низ дида метавонем. Аммо асре, ки Хоҷу зиндагию эҷод менамуд, яъне асри тасаллути на танҳо атрок бар Эронзамин, балки муғул маҳсуб мешавад, қариб ки аз вуҷуди руҳи миллӣ, ба маънии томаш, нишоне намонда буд. Дигар ҷои нишоту талқину таҳрики неруҳои пайкорҷӯю мудофеъро дар кишвар яъсу навмедию ғаму андуҳу нотавонию ҳасрат гирифта буд. Маҳз дар ҳамин давра тарғиби тасаввуфу фақру дарвешӣ, гурез аз зиндагӣ, хонақоҳнишинӣ, таслиму ризо, қазову қадар, мадҳи ҳакимони бегона, сурудани ҳамосаҳои таърихӣ, ахлоқӣ, динӣ, «корнамоиҳо»-и ҳокимону подшоҳони давр, ки ба қатлу ғорату сиёсати мазҳабии эшон вобаста буд, равнақ пайдо менамояд. Ба сухани дигар, шароити таърихӣ, иваз шудани сиёсат, ангезаҳои ақвоми ғолибу ҳукмрон, ғалабаи сиёсати мазҳабӣ дар ҷомеа, набудани қудрати сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва дар ҳолати бардагӣ зиндагӣ кардани миллат ба эҷоди ҳамосаҳои миллӣ имкон намедод ва суннати ҳамосаи миллӣ сурудан на танҳо осебпазир, балки билкул аз байн рафта буд, зеро мулуки Аҷам ба умри худ солҳо пеш хотима бахшида буданд. Дар саҳнаи зиндагӣ, дар Эронзамин (Эрону Хуросону Мовароуннаҳр) мулуки турку муғул фармонфармоӣ ва ҷилвагарӣ мекарданд. Аз Ҷамшед, Куруш, Рустам, Исфандиёр, Гударз, Хусрави Парвиз, Сосониён, Сомониён, Исмоили Сомонӣ ва охирин малики Аҷам – Мунтасир ном номе набуд, ки набуд. Миллат бесоҳиб, кишвар бе сарвар, қавм белашкар, адибон бепарастор монда буданд. Ба қавли Мавлоно:

*Асли лашкар, бегумон, сарвар бувад,*
*Қавми белашкар тани бесар бувад.*[6]

Аз ин хотир, арбоби илму адаб рӯ ба дарборҳои истилогарон меоварданд ва ба мадҳи шоҳону ҳокимони бегона иштиғол меварзиданд. Зиндагӣ ранг бохта, миллат шикаст хурда, ҳувият осеб пазируфта буд, майнаву мағзи мардуми кишвар бо тафаккуроти бетафовуту ҳасратзою яъсомези суфиёна олуда шуда буд. Бино бар ин, аҳли қалам асосан ба афроде худношинос, аз зиндагӣ, аз ҳаёт даст шуста, табдил ёфта буданд. Беҳуда нест, ки мо дар ашъори эшон ба инсонҳои муқтадир, пайкорҷӯ, давлатсоз, худогоҳ, бунёдкор, муқовиматгар, тавонманд, размҷӯ, пурғурур, қавиирода, зиндагидӯст, зебопараст, шодигарой, қариб ки рӯ ба рӯ намешавем. Шоирони ин рӯзгор, ки маҳрум аз ҳувият, озодӣ, истиқлоли фикрӣ, давлат, қудрат буданд, дар осорашон ба ин дунё ва ҳар чизе, ки дар ин он мавҷуд аст, беэътино буданд ва арҷе намегузоштанд. Саргаштагӣ, хонабрдӯшӣ, дарбадарӣ, оворагӣ, танҳоӣ, бепуштупаноҳӣ, ятимӣ, эҳсоси бемеҳрӣ, ҷабру зулми ҳокимони бегона, бесоҳибӣ онҳоро руҳафтода карда буд. Бино бар ин, ҳар чи аз қаламашон метаровид, тасвире аз ҳамин руҳиёти ғамангези миллату кишвару олам буд. Шодию нишоте, ки дар шеъри шоирони замони Сомониён, замони мавҷудияти давлати миллӣ, буд, дар ин даврон ба ғаму андуҳу тирарӯзию бахтбаргаштагӣ бадал шуда буд. Қариб ҳамаи адибон аз зиндагӣ, қисмат, оламу одам, ҷаҳон, осмон, фалак, гардун шиква мекарданд, менолиданд ва аз вуҷуди ғуломонаву хору зории худ дар ин ҷаҳон, дар ин макон ва дар ин айём дар ватани худ норозӣ буданд. Ғазали зерини Хоҷу, ки мо онро ба хониш мегирем, шоҳид ва далели ҳамин гуна ҳолати асафбори миллат метавонад буда бошад:

[6] Гулчини «Маснавии маънавӣ» – и Мавлавӣ. –Душанбе, 2007. –С. 93.

*Ман киям? – Зоре низор афтодае,*
*Пургаме, бе гамгусор афтодае.*
*Дардманде, ранҷ зоеъ кардае,*
*Мустаманде, сӯгвор афтодае.*
*Мубталое, дар бало фарсудае,*
*Бе қарине, беқарор афтодае.*
*Бодпаймое, ба хок огуштае,*
*Хастаҷоне, дилфигор афтодае.*
*Нимамасте, бе ҳарифон мондае,*
*Майпарасте дар хумор афтодае.*
*Бекасе, аз ёр гоиб гаштае,*
*Нокасе, аз чашми ёр афтодае.*
*Ихтиёр аз даст берун рафтае,*
*Бехуде, беихтиёр афтодае.*
*Андалебе аз гули сурӣ ҷудо,*
*Хастае дур аз диёр афтодае.*
*Пеши чашми оҳувон ҷон додае,*
*Бар раҳи шерон шикор афтодае.*
*Даст бар дил, хок бар сар мондае,*
*Бар сари раҳ хоксор афтодае.*
*Рӯ ба гурбаткарда, фурқатдидае,*
*Бе азизон монда, хор афтодае.*
*Бе дилу бе ёр реҳлат кардае,*
*Бе зару бе зӯр зор афтодае.*
*Ҳамчу Хоҷу пой дар гил мондае,*
*Бар сари пул монда, бор афтодае.*[7]

Тавре ки мебинем, дар ин вазъу ҳол руҳиёти шодию нишоте, ки дар ашъори шоирони замони Сомониён, ҳатто шоирони замони Ғазнавиён вуҷуд дошт, вуҷуд надорад, ки надорад. Дигар, аз шоирони ватанпарвару миллатдӯсте чун

[7] Девони комили Хоҷуи Кирмонӣ. – Теҳрон, 1370. –С.319-320.

Дақиқию Фирдавсию Эроншоҳу Асадӣ… хабаре нест, ки нест. Миллат ба бухрони сиёсию иҷтимоию нажодию миллию давлатӣ рӯ ба рӯ шудааст. Ориёиҳо, эронинажодон (тоҷикону форсҳо…) имкони мубориза, муқовимат, пархош, ҳарбу зарб, баҳсу мунозира, бо сулолаҳои ғолиб, ҳокимони бегонаро надоранд. Мунтасир дигар дар саҳнаи ҳаёт нест, давлати ӯ фуру пошида дар ихтиёр, тасаллути бегонагон қарор дорад… Бино бар ин, адибон наметавонанд ба ситоиши сарзамини худ, миллати худ, рӯҳи миллии худ, хусусан арзишҳои бостонӣ ва бобоёни худ, нажоди худ, манфиатҳои миллӣ, яъне ҳамдилӣ, ҳамзабонӣ, ваҳдату ягонагии миллату қавми мазлуми худ бипардозанд, вазъи қавму миллатро дар осорашон тарсим намоянд, балки маҷбур ба мадҳи бегонагону истилогарони ҳоким мепардозанд. Аз ин хотир, дар қаламрави илму адаб барои ҳузур ва зуҳури шеъри ҳамосӣ, ба вижа ҳамосаҳои миллӣ, ҷой намонда буд, тафаккури ғаноӣ, афкори суфиёна, андешаву орои ошиқона, ҳикамӣ, ахлоқӣ, динӣ, мазҳабӣ ва ғайра ҷойгузини рӯҳу тафаккури миллию ҳамосаи миллӣ гардида буд. Миллат дар ин замон ба миллати барда, беҳуқуқ, ломакон, танҳо, афсурда, хору зор, бемиқдор, бепушту паноҳ, бемутакко табдил ёфта буд ва роҳи раҳоӣ аз ин фоҷиа, бунбасти сиёсию иҷтимоию миллиро пайдо карда наметавонист, зеро шамшерро аз даст дода буд ва давлат надошт. Шамшер ва давлат дар дасти бегонагон буд, шоирон, ки бо қалам мусаллаҳ буданд, имкони муқовимат, мубориза ва шикаст додани бегонагон, истилогаронро надоштанд, зеро, тавре ки гуфтем, шамшерро, ки ҳокимон дар ихтиёр доштанд, надоштанд. Мулуки Аҷам дар хоки хунук хуфта ва солҳо пеш аз арсаи зиндагӣ ва таърих берун шуда буданд. Бинобар ин, ба ҳоли миллати бешоҳ, беҳоким, бесултон, бедавлат, дар асорат мондаи мо мурғҳои осмон мегиристанд. Миллат ночор ба тақдир тан дода буд ва бо сурудани ғамномаю ҳасратномаҳо

худро тасаллӣ медод. Хоҷу намояндаи яке аз ҳамин гуна адибони нотавон, номурод, ғурбатгаро буд, ки аз миллати бедавлату шикастхурдаю дар асорат афтода дар ватани хеш намояндагӣ мекард. Ин ғазали Хоҷу на танҳо аз беқадрии аҳли сухан, хорию зории эшон, балки аз бемеҳрию бешафқатии гардун, ҳокимон, амалдорони замон, ки ба айну нуш, занозанӣ, мулкгирӣ, ришваситонӣ, зулму золимӣ, ғоратгарӣ, қатлу куштор саргарм буданд, ҳикоят менамояд:

*Дӣ сар баромад дилам аз рӯзи ҷавонӣ,*
*Ҷонам ба лаб омад зи ғаму дарди ниҳонӣ.*
*Кардам гила з-ин чархи сиёҳрӯи бадахтар,*
*К-аз баҳри ду қурсам ба ҷаҳон чанд давонӣ*
*Ҷони мани дилсӯхтаро ҳеҷ мурoде*
*Ҳосил нашавад, то ту ба комаш нарасонӣ.*
*Фарёд зи дасти ту, ки аз қайди ҳаводис*
*Як лаҳза амонам надиҳӣ, хоса амонӣ.*
*Ҳар к-ӯ чу қалам гоҳи сухан дур бичаконад,*
*Хуни сияҳ аз теғи забонаш бичаконӣ.*
*Кай шод шавад хусраве аз даври ту к-аз ту*
*Бе дор ба Доро нарасад тахти каёнӣ.*
*Султони фалак гарм шуду гуфт, ки Хоҷу*
*Бар мулки бақо зан алам, аз олами фонӣ.*
*З – ин пири ҷаҳондидаи бадрӯз чӣ хоҳӣ,*
*Бар вай зи чи шанъат кунию даст фишонӣ?*
*Ҳарчанд ҷаҳоне зи салотини замона,*
*Охир на гадои дари султони ҷаҳонӣ.*
*Дар Мисри маонӣ яди байзо бинамоӣ,*
*Вақте ки чу Мусӣ накашӣ сар зи шубонӣ.*
*Гар ноиби Хоқонию Хоқонии вақтӣ*
*В-ар сонии Саҳбонию Ҳассони замонӣ.*
*Чун шамъ макаш сар, ки ба як дам бикушандат,*
*Бо ин ҳама гарданкашию чарбзабонӣ.*

*Хомӯш, ки то дар даҳони халқ наяфтӣ,*
*Дар мулки фасоҳат чу забон ком наронӣ.*
*З-ин тоифа шеърат ба шаъире нахарад кас,*
*Гар оби ҳаёт аст ба покию равонӣ.*
*Бо ин ҳама, як нукта бигӯям зи сари меҳр,*
*Ҳарчанд ки донам, ки ту ин шева надонӣ.*
*Рав, масхарагӣ пеша куну мутрибӣ омӯз,*
*То доди худ аз кеҳтару меҳтар биситонӣ.*[8]

Дар ҳамин гуна вазъият, ҳолу аҳвол аст, ки Хоҷу ба сурудани «Сомнома» дар вазну баҳри «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ иқдом менамояд. Ӯ тасмим мегирад, ки ба назми достонҳои диловарию моҷароҳои ошиқонаи Соми Наримон (ниёи Рустам) бипардозад ва бад-ин тартиб, дар зинда кардани достонҳои хонадонҳои эронӣ, аз ҷумла хонадони Рустам, саҳм бигирад ва ҷои холигӣ дар «Шоҳнома», «Гаршоспнома» ва ғайраро пур намояд.

Мутаассифона, ӯ вазъияту рӯҳи замон, сиёсати ақвоми ғолибу ҳукмрон ва мусаллат бар сарзамин, ғалабаи рӯҳи мазҳабӣ, шароити номувофиқу носозгори иҷтимоию сиёсию таърихиро ба ҳисоб нагирифт. Аз ин рӯ, аз истиқболи шоиставу боиста бархурдор нагардид. Бино бар ин, «Сомнома»-ро дар шакли дигари асари адабӣ, мувофиқ ба талаботи замону шароити таърихӣ, ба номи «Ҳумой ва Ҳумоюн», бозсозӣ кард ва як асари мустақили дигари адабӣ ба вуҷуд овард. Хушбахтона, он ҳамчун яке аз достонҳои муҳимми Хоҷу шуҳрат пайдо кард. Аммо «Сомнома», ки ба диловарию моҷароҳои ошиқонаи Соми Наримон иртибот мегирифт, ба бутаи фаромӯшӣ афтод. Ҳатто, тавре ки гуфтем, тазкираҳо ва китобҳои таърихи адабиёт, ки дар бораи Хоҷу ва осори ӯ маълумот додаанд, дар мавриди ин асари Хоҷу сукут

[8] Ҳамон ҷо. –С.478.

варзидаанд. Танҳо дар асрҳои охир муҳаққиқон ва хоҷупажӯҳон рӯ ба ин асар оварданд, ба нашри он мубодират варзиданд ва ҳангоми маълумот додан ба осори Хоҷу ба зикри «Сомнома» низ пардохтанд. Ба ҳар ҳол, «Сомнома»-и Хоҷу, ки мисли миллаташ сарнавишти пуртазод ва талхро сипарӣ кардааст, бо ҳама номеҳрубониҳои таърих, нуқсонҳою айбҳое, ки дар он мавҷуд аст, то имрӯз боқӣ мондааст ва барои мо ва сарояндаи он мояи ифтихор аст, ки дар замони заъфи ҳамосасарой ба эҷоди «Сомнома» пардохта, як гӯшаи ношинохтаи хонадонҳои миллӣ, хонадони Рустам, ниёи ӯ – Соми Наримонро зинда ва эҳё намуда, бад-ин тартиб хидмати шоистаю боистаеро барои парвариши рӯҳи миллию меҳанӣ ба анҷом расондааст ва суннати пайравӣ ба ҳамосаҳои миллӣ, хусусан «Шоҳнома»-ро дар як даврони номувофиқ, инҳитоти адабӣ, идома додаву зинда нигаҳ доштааст. Беҳтараш мо дар ин маврид ба гуфтори Забеҳуллоҳи Сафо гӯш медиҳем, ки мегӯяд: «Сомнома» манзумаест ҳамосию ишқӣ ба баҳри мутақорибӣ мусаммани мақсур ё маҳзуф (фаъулун, фаъулун, фаъулун, фаъул), ки монанди ҳамаи манзумаҳои мушобеҳи он ба тақлид аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ сохта шуда ва роҷеъ аст ба саргузашти Соми Наримон ва ишқҳою ҷангҳою моҷароҳои ӯ. Аз ин манзума нусхаи мутааддиде мавҷуд аст, ки ҳеҷ як комил ба назар намеояд ва нусхаи чопии он (Бамбайи 1391 – шамсӣ) тақрибан 14500 байт аст ва бино бар он чи аз баъзе нусахи «Сомнома» бармеояд, ин манзумаро Хоҷу ба номи Абулфатҳ Маҷдуддин Маҳмуди вазир сохтааст, яъне ҳамон касе, ки манзумаи «Ҳумой ва Ҳумоюн»-ро ҳам ба номи ӯ овардааст. Таърихи итмоми ин манзума маълум нест».[9]

Таваҷҷуҳу дилбастагии Хоҷуро ба достонҳои Сом ва қиссаҳои ҳамосӣ мо на танҳо дар маснавии «Сомнома», балки

[9] Хоҷуи Кирмонӣ. Баргузидаи «Сомнома». –С. 11.

девони ӯ низ боздид менамоем. Ин намунаҳо, ки ба орият мегирем, на аз маснавии «Сомнома», ки бевосита ба Соми Наримон ихтисос мегирад, балки аз девони шоир аст:

*Кай камони чархи пурдастон Рӯйинтан кушад,*
*Он кӣ печад панҷаи Искандару бозуи Сом?* [10]

***

*Гар ба қофи қурбатам манзил диҳӣ монанди Зол,*
*Аз ҳасад бар ҳоли ман Сурхоб гардад ашки Сом.* [11]

Зимнан бояд гуфт, ки Хоҷу «Сомнома» – ро, вобаста ба талаботи шариату тариқат ва тасаввуфу ирфон, сиёсати қавмии мулуки бегона ва манфиатҷӯёна бозсозӣ намуда, бо рӯҳияи ғиноию ошиқона, хулосабарориҳои орифонаву андешаҳои суфиёна тазйин мебахшад. Хоҷу дар «Сомнома» таваллуди Сом, ошиқ шудани ӯ ба духтари фағфури Чин ва ҷангҳои вай дар Чину Ховарзамин, набардаш бо аждаҳову дев, сафар ба Мағрибу ҷангҳои зиёди ӯ, ба дор кашидани Шаддод бинни Од, рафтан ба кухи фано, расидан ба маъшуқ ва бозгашти вайро ба Эрон тарсим менамояд, ки асосан фарогири моҷароҳои ошиқона, ҷангҷӯёнаю шигифтовар мебошад. Аз ин хотир, холӣ аз арзишҳои миллию меҳанпарастона ҷилвагар мешавад. Аммо, ба ҳар сурат, Хоҷу ба қаҳрамонони ҳамосаи миллии Эрон беиртибот нест, балки ба орзую ормонҳои эшон ҳамдостон аст. Ин баёнгари он аст, ки Хоҷу қаҳрамонони афсонаҳои миллӣ ва ҳамосаи Эронро хуб мешинохта, ба онҳо арҷ мегузоштааст. Бино бар ин, дар осораш аз эшон ба гунаи мухталиф ёд менамояд. Ӯ бо ин роҳ устуворӣ, пойдорӣ, зинда будани рӯҳи миллӣ ва ватаниро мутаранним мешавад, тарғиб менамояд. Аммо, вобаста ба вазъи замон, ногузир андешаҳояшро дар ҷӯйбори сиёсат ва

---

[10] Девони комили Хоҷуи Кирмонӣ. –С.107.
[11] Ҳамон ҷо. –С.109.

афкори ҳоким дар ҷомеа ироа менамояд. Вай тавассути ёдкардҳояш аз ғурур ва ифтихороти аз дастрафтаи миллати мазлуми хеш бо дарду ҳасрати сухан мегӯяд, зеро, тавре ки гуфтем, маҷоли муқовимат карданро надорад, ки надорад, муддатҳост, ки қавмаш қудрати сиёсию низомиро аз даст додааст, дар ҳолати бардагӣ, асирӣ зист менамояд. Бинобар ин, шоир ба ҳамин ишораҳо, зикрҳо, ёдкардҳо иктифо менамояд ва хештанро тасаллӣ медиҳад. Ӯ ин амалро бештар дар қасидаҳояш, ба ҳамоса иртибот надоранд, анҷом медиҳад. Бино бар ин, мо ба абёту пораҳои зиёди миллӣ ва ҳамосӣ дар онҳо мувоҷҷеҳ мешавем, ки аз мавҷудият ва сахтҷонии рӯҳи миллӣ хабар медиҳанд:

*Ба гоҳи сахо ҳамчу Ҳотам мубаззир,*
*Ба рӯзи ваго ҳамчу Рустам муҳориб.*[12]

***

*Он Сиёваш, ки қатлаш ба ҷавонӣ карданд,*
*Хунаш ин тоифа имрӯз зи Пирон талабанд.*[13]

***

*Чу ӯ теги Кайхусравӣ бар сар орад,*
*Чу Пирон шаҳи Шарқро сар биларзад*
*Чу Баҳром агар гурзи шашпар барорад,*
*Маликро тан ҳафт пайкар биларзад.*[14]

***

*Хостам, то фиканам Рахш ба майдони ҷидол,*
*Ки дилам гуссаи ин кори мушаннаъ накашад.*[15]

[12] Ҳамон ҷо. –С.33.
[13] Ҳамон ҷо. –С.45.
[14] Ҳамон ҷо. –С.46.
[15] Ҳамон ҷо. –С.50.

Диққати зиёд додани Хоҷу ба достонҳои миллӣ ва қаҳрамонони ҳамосӣ далели он аст, ки дар асри XIV , нoвобаста ба набудани давлати миллӣ, ҳузури ҳукуматҳои бегона ва ғайримиллӣ, ҳамлаю таҷовузи муғул ба кишвари мо, хорию зорию ноамнию номуродӣ, шоирони мо, аз як тараф, рӯҳи миллию ормонҳои ифтихороти гузаштагони худро тараннум менамуданд, ба зикру ёдкарду бузургдошти қаҳрамонони асотирию таърихӣ рӯҳи миллиро зинда мекарданд, аз тарафи дигар, аз тарсу бими соҳибони зӯру қудрати замони хеш, ки аз бегонагон буданд, қаҳрамонони ҳамосиро хор медоштанд, таҳқир менамуданд, паст мезаданд, ночиз, каммоя ба қалам медоданд, аз бартарияту афзалияти мамдуҳон, ҳокимон сухан мегуфтанд… Албатта, ин натиҷаи шикастҳои таърихӣ, номуродию талхиҳои замони ғамбор, ки баёнгари бухрони ҳувияти сиёсию иҷтимоию миллӣ буд, Хоҷуро низ гоҳ дар қаламрави афкори мутараққӣ ва гоҳ иртиҷоӣ қарор медод, зеро ӯ дар даврони инҳитоти руҳи миллӣ ва ҳамосасароӣ зиндагию эҷод мекард. Бино бар ин, мо дар ашъораш бо вокунишҳои мухталифу мутазод, мусбату манфӣ, парадоксӣ, дубуъдӣ ва чандбуъдӣ рӯ ба рӯ мешавем, ки ӯ нисбат ба қаҳрамонони ҳамосӣ нишон медиҳад. Дар ин мисолу ёдкардҳо, ки аз ашъори ғайриҳамосии шоир баргузида шудаанд, қаҳрамонони ҳамосаи миллӣ ба гунаи мусбат, ба хотираву сифатҳои нек, ғурурангез, ифтихорофарин, пирӯзию диловарию қудратмандӣ ва ибрат гирифтан аз зиндагию корнамоиҳои онон ба намоиш гузошта мешаванд, то бад – ин тартиб, мардум гузаштаи пурифтихор ва пур аз корнамоию шукуҳи гузаштагону бобоёни худро фаромӯш накунанд ва аз ёд набаранд:

*Туро хуни Сиёваш гарчи домангир шуд, лекин*
*Ба Туркистон манеҳ рух, то наяфтӣ дар чаҳи Бежан.*[16]

***

*Ковус рафту мулкати Эрон видоъ кард,*
*Товус рафту гулшану бӯстон видоъ кард.*[17]

***

*Кайхусрав ар намонд, бақои Қубод бод,*
*Ҷам бе нигин мабодо, гараш тахт шуд ба бод.*[18]

***

*Ин дам, ки Ҷам намонду Фаридун шуд аз ҷаҳон,*
*Шоистаи нигину сазовори гоҳ ку?*[19]

Ногуфта намонад, ки васфи мамдуҳон, ки афроди ғайримиллианд, қиёсу ташбеҳи онҳо ба қаҳрамонони миллӣ, ки муҷиби ифтихори шоир ва эронинажодон (тоҷикону форсҳо…) мебошанд, дар осори шоир зиёданд, аммо маҷоли мисол овардан кам:

*Чун Кай ҷудо намешавӣ аз тахт як нафас,*
*Чун Ҷам гурез нестат аз ҷом як замон.*[20]

***

*Қалби фалак шикаста синонат ба ҳукми он-к*
*Рӯинтан аст румҳату афлок Ҳафтхон.*[21]

***

*Чун бар фарози Рахши таковар шавад савор,*
*Гӯйӣ, Таҳамтан аст, ки ояд зи Систон.*[22]

***

---

[16] Ҳамон ҷо. –С.112.
[17] Ҳамон ҷо. –С.150.
[18] Ҳамон ҷо. –С.162.
[19] Ҳамон ҷо. –С.163.
[20] Ҳамон ҷо. –С.121.
[21] Ҳамон ҷо.
[22] Ҳамон ҷо. –С.119.

*Агар чунонки ба Золи Зараш мушобаҳат аст,*
*Бар оташ аз чӣ Сиёвашу шаш фитода гузор?* [23]

Тавре ки гуфтем, Хоҷу гоҳ-гаҳ қаҳрамонони ҳамосаи миллиро, ки аз заъфи руҳи миллӣ ва дар ихтиёр надоштани қудрати сиёсии эронинажодон дар асри XIV сарчашма мегирад, дар муқобили мамдуҳон хурд ва ночиз ба қалам медиҳад. Ин гуна амал, албатта, вижаи танҳо Хоҷу нест, балки тамоми адибон аст, ки аз асри XI (баъди қудрати сиёсиро ба даст гирифтани атрок) шуруъ мешавад ва андак – андак боло меравад, ба ҳадди ифроту тафрит дар осори шоирон мерасад ва ба суннат табдил меёбад. Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Муиззӣ ва дигарон оғозгарони ин суннат ва таҳқири руҳи миллию қаҳрамонони ҳамосӣ маҳсуб мешаванд. Ба сухани дигар, аз байн рафтани давлати миллии Сомониён, ба тахт нишастани сулолаҳои ғайримиллӣ (турку муғултабор) ва ғалабаи руҳи мазҳабӣ дар ҷомеа руҳи миллӣ ва меҳаниро заиф ва ночиз менамояд. Бино бар ин, адибон огоҳонаву ноогоҳона, ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ даст ба таҳқири қаҳрамонони ҳамосаи миллӣ мезананд ва онҳоро дар муқобили мамдуҳон ҳақиру бечораву ночизу камарзиш мешуморанд. Хоҷу, ки дар асри XIV зиндагию эҷод менамуд, мисли соири шоирон ба иқтизои замон ва сиёсати ҳокимон ба ин ҷараёни номатлуб, зиддимиллӣ ҳамроҳ мешавад ва дар бархе аз ашъораш, хусусан дар қасидаҳои мадҳиаш, ба ин амал, яъне таҳқири чеҳраҳои миллӣ ва қаҳрамонони ҳамосӣ даст мезанад, ки ин, албатта, аз ғолибияти неруҳои ғайримиллӣ, яъне атроку муғул ва мағлубияти ориёиён, эронинажодон (тоҷикону форсҳо…), яъне деҳқонону озодагон хабар медиҳад ва аз воқеияти талхи ҳаёти мардумони мо баъд

[23] Ҳамон ҷо. –С.66.

аз Сомониён, ба вижа дар асри XIV, асре ки Хоҷу зиндагию эҷод мекард, маншаъ мегирад, қисса менамояд, қиссаҳое талху ҳасратзо:

*Чу дар чинӣ, хато бошад, ки бар Чин турктоз орӣ,*
*Фарас бар шоҳи Ховар рону қалби Сомро бишкан.*[24]

***

*Мансух кард қиссаи якрӯза размы ту*
*Ҷанги дувоздаҳ руху номуси Ҳафтхон.*[25]

***

*Тегаш гирифта мулкати Касрию Кайқубод,*
*Ситташ шикаста равнақи Дорою Ардавон.*[26]

***

*Он, к – ӯ равони Рустами Зол аз ҳаёи ӯ*
*Чун об хӯй баровард аз хоки Систон.*[27]

***

*Чархи рӯйинтан чу дида савлатат рӯзи набард*
*Достони Золи Зар тазвиру дастон ёфта.*[28]

***

*Эй туро гоҳи сахо Ҳотами Тойӣ чокар*
*В – эй туро рӯзи ваго Рустами Дастон банда.*[29]

***

*Гаҳ ба сардастӣ рабояд аз сари Ковус тоҷ,*
*Гаҳ ба сармастӣ ситонад аз кафи Ҷамшед ҷом.*[30]

---

[24] Ҳамон ҷо. –С.112.
[25] Ҳамон ҷо. –С.119.
[26] Ҳамон ҷо.
[27] Ҳамон ҷо. –С.121.
[28] Ҳамон ҷо. –С.131.
[29] Ҳамон ҷо. –С.132.
[30] Ҳамон ҷо. –С.107.

Бадбахтона, маҳз ҳамин гуна ҳолат, яъне аз даст додани қудрати сиёсию низомӣ, бо як сухан, маҳрумият аз давлати миллӣ ва дар асорати собиқ бандагони худ зистани ориёиён – эронинажодҳо (тоҷикону форсҳо...) дар асри XIV Хоҷуро вомедорад, ки ривоёту ҳикоёти ғиноию ошиқонаро аз «Сомнома» берун биёрад, дар як ҷо ҷамъ намояд ва ба номи «Ҳумой ва Ҳумоюн», ки ба иқтизои замон ва руҳиёти адабию фарҳангию маънавӣ ва сиёсию иҷтимоию мазҳабӣ ва рухдодҳои аср ҷавобгӯ бошад, интишор бидиҳад. Бинобар ин, Хоҷу, ба гунае ки гуфтем, бо иваз кардани номи Сом ба Ҳумой ва Паридухт – маъшуқаи ӯ ба Ҳумоюн, партофтану афзудани ҷангҳою достонҳои фаръӣ ва илова кардани байтҳо ва нигоҳ доштани байтҳои ғиноию ошиқонаи «Сомнома», тағйироти ҷиддӣ рӯи кор меорад ва бад-ин тартиб, «Сомнома» мураттаб месозад ва онро ба номи «Ҳумой ва Ҳумоюн» ба хонанда пешкаш менамояд.

Хулоса, «Сомнома» ба пайравӣ ва тақлид аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ навишта шудааст, аммо ба тақозои замон, ки барои ҳузури руҳи миллӣ ва ҳамосӣ дар асри шоир имконият намедиҳад, шоир ба он руҳи ғиноию ошиқона мебахшад, аз матну батни он достони дигари ошиқонае ба номи «Ҳумой ва Ҳумоюн» месозад ва тақдими хонандагони асри хеш ва асрҳои пасин менамояд. Ин кор на танҳо ба руҳияи замон, балки тафаккур ва маслаку машраби Хоҷу, ки дар тасаввуфу ирфон низ ҷойгоҳи хос дошт, мувофиқат мекунад. Лиҳозо, вай ғазалиёти худро низ бо афкору оро, мафҳуму истилоҳоту таъбироти суфиёна зинат мебахшад ва ба онҳо рангу бӯи тозаю шоиронаю орифона илқо мекунад. Аммо, мо ба ҳар ҳол, дар ғазалиёти ӯ низ ба афкору оро, номҳои қаҳрамонону паҳлавонони бостон, руҳи ҳамосию миллӣ, ашхоси устуравию таърихӣ рӯ ба рӯ мешавем. Мисли Кисро, Доро, Ҷам, Сиёвуш, Ораш, Зардушт, Озари Барзин, Кайхусрав ва ғайра:

*Соқӣ, бидеҳ зи ҷоми Ҷам арбоби шавқро*
*Он май, ки дар пиёла чу хуни Сиёваш аст.*[31]

***

*Ҳар хаданге, ки ғамзааш бикшуд,*
*Ниёбаташ дил ба тири Ораш кард.*[32]

***

*Коми ҷон аз қиблаи Зардушт хоҳ,*
*Гар дилат чун Озари Барзин бисӯхт.*[33]

***

*Пеш аз ин Кайхусрав ар Шабранг бар Ҷайҳун давонд,*
*Ашки мо ронад ба қатра дам ба дам гулгун бар об.*[34]

[31] Хоҷуи Кирмонӣ. Мунтахаби ғазалиёт. –Душанбе, 2021. – С.68.
[32] Ҳамон ҷо. –С.134.
[33] Ҳамон ҷо. –С.29.
[34] Ҳамон ҷо. –С.36.

**Ғаюр ҚАҲОРОВ**
*доктори илмҳои фалсафа, профессор,*
*Сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи*
*Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва*
*ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови АМИТ*

# ИНСТИТУТИКУНОНИИ ҲАМКОРИИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонии солҳои охир нишон медиҳад, нақши мактаб дар ҷамъият ва давлат фаъолона тағйир меёбад. Дар шароити муосири дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ институтикунонии шарикии иҷтимоӣ бо мақсади ҷалби ҷавонон ба шуғл дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ, иштироки онҳо дар иттиҳодияҳои маҳаллӣ ва идоракунӣ дар робита ба ин роҳнамоии касбӣ, бо кор таъминкунӣ ва мутобиқшавии онҳо дар шароити иқтисоди бозоргонӣ яке аз масъалаҳои афзалиятнок дар ҷомеа маҳсуб меёбад. Фаъолияти ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ ва иштироки онҳо дар ҷанбаҳои гуногуни истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва махсусан, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, пеш аз ҳама, аз интихоби дурусти касб, сатҳи ихтиссоси касбӣ, сифати таҳсилот ва ташкили дурусти роҳнамоии касбӣ вобаста аст. Бинобар ин, бо шуғл фаро гирифтани ҷавонон ҳамчун нишондиҳандаи беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ ба шумор рафта, ин амал фаъолияти мувофиқашудаи мақомотҳои давлатиро бо ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати бо кор фаро гирифтани ҷавонон, бахусус хатмкунандагони муассисаҳои миёнаи махсус ва олӣ, ҷавонони имконияташон маҳдуд, ҷавонони аз маҳалли иҷрои ҷазо озодшуда ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд, талаб

менамояд. Аз ин нуқтаи назар, мактаб дар шароити муосир натанҳо маркази омӯзиш, ки ба хонандагон дониш медиҳад, балки чун маркази иттиҳодияҳои маҳаллӣ ва идоракунии маҳаллӣ бояд баррасӣ шавад.

Азнавсозии системаи таҳсилот дар ҷумҳурӣ боиси тағйир ёфтани муносибати давлат ва ҷамъият дар ин система гардид. Пеш аз ҳама ин ба татбиқ кардани модели нави иқтисодӣ ва вазифаҳои он дар системаи таҳсилот, ташаккулёбии муносибати бозори бо назардошти рақобати муассисаҳои таҳсилотӣ барои истеъмолкунандагон, васеъ намудани соҳаи хизматрасонии иловагии таҳсилот, вобаста аст. Дар ин ҳолат нобовари нисбати кафолати дастнорас шудани хизмати таҳсилоти босифат, афзудани фассод дар соҳаи таҳсилот ва нобовари доир ба ислоҳоти таҳсилот аз байн меравад. Вобаста ба ин фаъолнокии шаҳрвандон барои гирифтани таҳсилоти босифат меафзояд [5;126].

Баробари ин системаи маориф низ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки тарзи маъмурии системаи таҳсилотро бартараф намояд ва шароит муҳайё намояд барои диалог ва ҳамкорӣ бо ҷомеа доир ба масъалаи вазифаҳо ва рушди таҳсилот. Бинобар ин рушди идоракунии давлатӣ-ҷамъиятӣ ва иттилооти кушода дар системаи таҳсилоти босифати бартаридошта, дар ҳуҷҷатҳои нақшавӣ ва қонунгузори дарҷ карда шавад, то инки онҳо ба принсипҳои демократикунонии ҷамъият мувофиқат намоянд.

Муассисаҳои таҳсилотӣ чун дигар ташкилотҳои иҷтимоӣ бо муҳити беруна алоқаманд буда, ба таври фаъолона ба он таъсиррасон мебошанд ва дар ин масъала ташкил намудани муассисаҳои таҳсилотии таҳсилоти иловагии хонанадагон ба муҳит таъсири муассир мегузорад. Дар байни субъектҳои иҷтимоӣ ҳамкорие, ки аз ҳар ҷиҳат ҳаёти ташкилотҳои таҳсилотиро муайян менамояд, ҷои махсусро шарикии

иҷтимоӣ ишғол менамояд. Ҳоло чунин шароите ба амал омадааст, ки дар бораи таҳсилот, аз он ҷумла, таҳсилоти иловагӣ ҳамчун соҳаи хизматрасонӣ ба монанди мафҳуми рақобатпазирӣ, хизматрасонии таҳсилот, талаботи бозор, ҳамкории иҷтимоӣ ҳарф мезананд. Шароити нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишвар шакли нави идоракунӣ, координатсия ва ҳамкориро талаб менамояд. Ҳамагуна кӯшиши ҳалли масъалаи таҳсилоти касбӣ дар шароити муосир танҳо аз ҳисоби ғамхории давлат бомуваффақият шуда наметавонад. Ба ақидаи мо, яке аз самтҳоиояндадор дар вазъияти ба амал омада-ҳамкори бо ҳамкорони иҷтимоӣ мебошад. Дар шароити имрӯза масъалаи муайян намудани механизми алоқамандии муассисаҳои таҳсилоти бо муҳити иҳотакунандаи он ба миён омадааст. Махсусан ин масъала дар таҳсилоти иловагӣ муҳим ба назар мерасад, чунки аз ҳалли босамари он таъминоти молиявии муассиса, қобилияти ҳаётии он ва рақобатпазири дар бозори муосири хизмати таҳсилот вобаста аст. Бинобар ин идоракунии давлати-ҷамъиятии таҳсилот муҳим маҳсуб меёбад.

Идоракунии давлатӣ-ҷамъиятии таҳсилот дар асоси принсипҳои демократӣ ва кушод будани ҷамъият, мувофиқа ба ҳамкорӣ, иштирок ва худидоракуни рушд ёфта, дар натиҷаи он дар самтҳои зерин тағйирот ба амал меояд: паст шудани марказикунони дар идоракунии таҳсилот, ҳамкори дар асоси муносибатҳои шартномавӣ, афзудани нақши нававарӣ, афзудани ташабусҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таҳсилот, ташкил намудани "сохторҳои идоракунии горизонтали". [3;86]

Тағйироти дигари ҷиддие, ки гузаштан ба идоракунии давлати-ҷамъиятии таҳсилотро ифода мекунад, ташкил намудани сохторҳои ғайридавлатӣ мебошанд, ки имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти давлатиро дар шакли шӯрои идоракунӣ васеъ мекунад[2;16].

Мақсади идоракунии давлатӣ-ҷамъиятии таҳсилот, вобастагии мӯътадили давлати ва ҷамъиятӣ ба манфиати инсон, ҷамъият ва ҳокимият, яъне онҳо бояд дар асоси диалог байни супоришдиҳанда ва истеъмолкунандаи мушахаси таҳсилот, ки аз натиҷаи он истифода мебаранд, ташаккул ёбад.

Ҳаминтавр, мазмуни идоракуни давлатӣ-ҷамъиятӣ дар мисоли танҳо як муассисаи таҳсилотӣ, фаъолияти ҳарду тарафро ташкил медиҳад, ки самтҳои зеринро дарбар мегирад;

1) таъмини вобастагии ӯҳдадориҳои муасисаҳои таҳсилотӣ: иштирок дар тайёр кардан ва қабулу амали кардани базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ; амали муштарак бо иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, муносибати мутақобила бо иштирокчиёни раванди таҳсилот; ҷалб намудани одамон ва воситаҳои шахсони инфиродӣ ва ҳуқуқӣ; пешниҳод ва ҳимояи манфиатҳои хонандагон, омӯзгорон ва волидайн;

2) рушди муассисаҳои таҳсилотӣ: коркард ва амалӣ кардани программаҳои мувофиқ, аз он ҷумла барои самти азнавсозии он; такмил додани мазмун, шакл ва методҳои фаъолияти таҳсилот; тайёр кардан, коркард, қабул ва амалӣ кардани чораҷӯиҳо, ҳавасмандкунии меҳнати омӯзгорон, фаъолияти илмӣ-амалӣ ва фоидаовари ҷамъиятии хонандагон, ҷалб намудани фаъолияти волидон ба манфиати соҳаи таҳсилот; ошкор кардани захираҳои сифати таҳсилот ва амалӣ намудани он ва ғайра.

Дар давраи муосири рушди таҳсилот пурзур намудани аҳамияти идоракунии давлати-ҷамъиятии ташкилотҳои таҳсилоти се омили асосиро дарбар мегиранд:

- иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки моҳиятан тасдиқ шудани раванди демократии иштироки талаботи ҷамоатчигиро дар идоракунии таҳсилот ҳавасманд мекунад;

- бо роҳи педагоги – читавре ки таҷриба нишон медиҳад, тарбияи сифатҳои шаҳрвандии хонандагон (бошуурона, фаъолнокии иҷтимоӣ, қабули қарорҳо ва ғайраҳо) бе назардоштӣ таҷрибаи иҷтимоӣ имконнопазир аст;

- идоракунии касбӣ- ин баланд бардоштани рушди самаранокӣ системаи таҳсилот буда, беҷалб намудани ҷамоатчигӣ ба идоракуни ва ташкилотҳои идоракунии касбӣ ғайриимкон аст.

Дар ташкилотҳои таҳсилоти ташкил намудани намояндагии коллегиалии ҳайати ташкилотҳо, ки хусусияти ваколати идоракуни доранд (ҳуқуқ барои қабули идоракуни барои як қатор масъалаҳои фунусионалӣ ва рушди муассисаҳои таҳсилоти), ки барои қонеъ кардани супориши ҷамъиятӣ дар таҳсилот ва ҷалб намудани захираҳои иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ мувофиқат менамоянд. Ҳаминтавр, самти ивазнопазир дар муассисаҳои таҳсилотӣ муосир дар ҳамкории иҷтимоӣ ташаккул меёбад.

Моҳияти мафҳуми “шарикии иҷтимоӣ”. Мафҳуми “Шарикии иҷтимоӣ дар таҳсилот” ҳамчун фаъолият якчанд сол пеш дар Россия эътироф шудаст. Г. П. Зинченко мафҳуми “шарикии иҷтимоиро” ҳамчун шакли ҳамрайъии субъектҳои гуногуни ҷамъият (ниҳодҳои давлатӣ, иттиҳодияҳо, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, гурӯҳҳо ва қишрҳои иҷтимоӣ), ки имконияти ба таври озод ифода намудани манфиатҳои худ ва ба тарзи фарҳангӣ амалӣ намудани он баррасӣ намудааст. Таҳсилот ҳамчун яке аз арзишҳои аҳамиятнок дар ҷамъият маҳсуб меёбад. Маълум аст, ки ҷамъият гуногунтаркиб аст, бинобар ин на ҳамагуна муносибатҳои ҳамкорӣ байни таҳсилот ва секторҳои гуногуни ҷамъият имконпазир аст[6;25].

Дар адабиёти муосири илмӣ ва дар амалия шарикии иҷтимоӣ дар шаклҳои гуногун шарҳ дода шудааст, ки дар мазмуни шарикии иҷтимоӣ тағйирот ба назар мерасад. Аз ин

рӯ дар илмӣ муосир нисбати фаҳмиши масъалаи зикршуда равишҳои гуногун вуҷуд доранд.

Дар доираи равиши якум, ҳамкории иҷтимоӣ ҳамчун намуди хусусияти хосдоштаи муносибатҳои ҷамъиятӣ байни гурӯҳҳои иҷтимоии касбӣ, қишрҳои он, синфҳо ва сохторҳои ҳокимият нишон дода шудааст.

Дар равиши дуюм, шарикии иҷтимоӣ-ин намуди мушаххаси муносибати иҷтимоӣ-меҳнатӣ бо ташкилотҳои ҳокимияти давлатӣ, корфармоён ва коллективҳои меҳнатӣ баррасӣ шудааст[5,6].

Аз нуқтаи назари равиши сеюм, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун асоси ҷаҳонбинии мутақобила ва ҳимояи манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии соҳибкорӣ ва ташкилотҳои ҳукматӣ таҳлил карда шудааст[7,7].

Ҳамин тавр, мазмунан ҳамкорӣ-ин ҳамкории муштараки иштирокчиёни раванди таҳсилот аз як тараф бошад, аз тарафи дигар, ҳамкории иҷтимоӣ-ин муносибати байни субъекти коллективҳои манфиатдор дар давраи муайяни ҳамкорӣ мебошад. Баҳодиҳии таҷрибаи ҳамкории муштарак ҳоло нишон медиҳад, ки ҳамкории иҷтимоӣ барои захираҳоро равона кардан дар рушди фаъолияти якҷояи ҳамагуна муассисаҳои таҳсилотӣ худташаккулдиҳии ҷамъиятӣ ва "худидоракунӣ" новобаста аз намудҳои он ёрирасон аст. Вай захираҳои ташкилотҳои давлати ва ғайридавлатиро барои рушди соҳаи мушахаси таҳсилот ҷалб менамояд, инчунин таҷрибаи ҷамъшудаи таҳсилотиро ба ҳамкорон барои ташаккули аъзоёни вай дар шароити бозори хизмати таҳсилотӣ пешниҳод мекунад.

Ҳамкории иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки бомуваффақият ва самаранок бо ҳамаи шарикон амал намуда, бо назардошти ояндаи бартаридошта барои ҳамаи шарикони иҷтимоӣ масъулиятнокии фаъолияти якҷояи худро бо ҳам

мутобиқ намоянд. Чунин тарзи фаъолият имконият медиҳад, ки бештар самаранок ва сарфакорона ба аъзоёни гурӯҳ, ки эҳтиёҷманд мебошанд ва дар ҳамкори иштирок мекунанд, ёрӣ расонанд.

Ба таври мухтасар принсипҳои ҳамкории дутарафаи фоидаоварро чунин ифода кардан имконпазир аст:

Якум, амали муштараки воқеии якчанд шарикони иҷтимоӣ.

Дуюм, шарикии иҷтимоӣ бояд дар шакли хаттӣ тартиб дода шавад. Чунин ба расмиятдарорӣ, риояи тартиботи ҳамаи иштирокчиёни ҳамкориро таъмин намуда, онҳоро ба масъулиятшиносӣ водор мекунад.

Сеюм, шартнома дар бораи шарикии иҷтимоӣ бояд доираи муайяни вақтро дарбар гирад.

Чорум, ҳуҷҷат дар бораи шарикии иҷтимоӣ бо мақсади ҳал намудани масъалаи мушаххас (масъалаҳои иҷтимоӣ), ба таври самаранок бо роҳи муттаҳид намудани захираҳои иҷтимоӣ тартиб дода мешавад.

Панҷум, шартнома доир ба шарикии иҷтимоӣ онгоҳ иҷрошуда маҳсуб меёбад, ки натиҷаи ба нақша гирифтаи ҳарду тараф амалӣ гардад. Имконияти рушди таҳсилот бо мадади шарикии иҷтимоӣ дар асоси чунин механизмҳо тартиб дода мешавад; кушод будан ба ҳамкорӣ, муколама ва гуногунақидагӣ; коркарди идеологияи таҳсилот ва равиши умумӣ барои рушди иттиҳодия.

Ҳама гуна амали муштарак бояд дар системаи муайян, ки дорои компонентҳои зерин мебошанд, ба амал бароварда мешавад:

- субъекти шарикии иҷтимоӣ;
- мақсади шарикии иҷтимоӣ ҳамчун ташаккули системаи ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқи муносибати мутақобила ва дастгирии дутарафаи субъектҳо, ки боиси баланд

бардоштани нерӯи тарбиявии онҳо мегардад, баррасӣ мегардад;

- супоришҳое, ки шарикони иҷтимоӣ иҷро менамоянд;
- принсипҳои шарикии иҷтимоӣ, ҳамчун шарти вуҷуд доштани муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ мешавад;
- худидоракунӣ дар раванди таҳсилот ва ғайраҳо.

Шарикии иҷтимоӣ онгоҳ ба амал меояд. ки агар иштирокчиёни он дар якҷояги кору фаъолият кунанд. Барои амали шудани шарикии иҷтимоӣ ташкилотҳои тиҷорати маблағгузори менамоянд. Илова ба ин сохторҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташабуси шаҳрвандон нақши ҳалкунанда мебозад, чунки ояндаи ҷамъият ва рушди он ба таҳсилоти босифат ва дастрас будани технологияҳои муосир, ки боиси пешравии ҷанбаҳои гуногуни истеҳсолот мегардад, вобаста мебошад.

Имрӯзҳо мактаб ва муассисаҳои таҳсилотӣ дар фаъолияти худ бо як қатор проблемаҳо бархурд мешаванд ва бояд кушиш намоянд, ки вазъияти бавуҷуд омадаро дарк намуда, дар ҷамъият ҳолати худро натанҳо ҳамчун ниҳоди алоҳида, ки ба давлат таалуқ дорад, балки ҳамчун макone, ки дар онҷо манфиатҳои зиёди ҷамъиятӣ вуҷуд доранд, сифатан беҳтар намояд. Дар натиҷаиислоҳот навигарии муҳим ба нақши идоракуни ҷалб намудани аҳли ҷамъият ба корҳои мактаб маҳсуб меёбад.

Ақидаи ҳамкории иҷтимоӣ дар таҳсилот дар он зоҳир мегардад, ки барои ҳалли ин мушкилот дар ин соҳаи муҳими иҷтимоӣ саъю кӯшиши натанҳо давлат, балки тамоми ҷомеа муҳим мебошад.

Ҷамъият дар назди мактаб вазифа мегузорад, ки инсон ва шаҳрванди идеалиро тарбия намояд. Омили муҳими ташаккули шаҳрванд, ташаккули мавқеи олии шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ иҷтимоишавии фаъоли шаҳрванд ба шумор

меравад. Зери мафҳуми иҷтимоишавии фаъол ташаккули шууре, ки бо ҷомеа алоқаи ҷудонашаванда дошта, бовари доштан барои бомуваффақият иҷро намудани нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ фаҳмида мешавад.

Иҷтимоишави читавр амалӣ карда мешавад? Раванди иҷтимоишавӣ бо мадади чунин институтҳои иҷтимоӣ ба монанди, оила ва мактаб амалӣ карда мешавад. Махсусан, ин ниҳодҳои иҷтимоӣ барои муваффақона расидан ба мақсадҳои шахсӣ, мақсадҳое, ки барои ҷамъият ва давлат дар маҷмӯ аҳамиятнок мебошанд, таъмин менамоянд. Инструменти муҳим барои расидан ба мақсад ҳамкории иҷтимоӣ мебошад. Мафҳуми ҳамкории иҷтимоӣ дар илмҳои педагогика, сотсиология ва иқтисодиёт аз соли 1991 дохил шуда, созишномаи ихтиёри байни ду ва ё зиёда тарафҳоро барои ҳамкори дар назар дорад, ки дар он ҳамаи иштирокчиён барои ба мақсади умуми расидан ва ё иҷро намудани вазифаи муайян, намудҳои ҳамкориро дар асоси умумияти мақсадҳо, арзишҳо, бовари, ихтиёрӣ, дарозмуддат, масъулиятнокии тарафҳо барои натиҷаи ҳамкори ва рушд тақсим намуда, якҷоя фаъолият менамоянд.

Корманди муносибатҳои ҳамкории иҷтимоӣ бояд нисбати ин масъалаҳо дониш ва маҳорати хуб дошта бошад:

1. Дониши мушаххас дар бораи назарияи ҳамкории иҷтимоӣ.

2. Донистани методикаи тарзи лоиҳакунии ҳамкории иҷтимоӣ.

3. Интихоби бошууронаи моделҳои мавҷудаи ҳамкори барои ҳалли вазифаҳои идоракунӣ.

Раванди тартиботи системаи муносибатҳои ҳамкорӣ давраҳои зеринро дарбар мегирад:

- қисми тайёрӣ; маҷмӯи мақолаҳо ва гузаронидани конфронсҳои илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Ҳамкории иҷтимоӣ дар таҳсилоти муосир" ва ғайраҳо.

- ҳамкории иҷтимоӣ бо волидайни хонандагон;

- ба таври системави гузаронидани вохуриҳои хонандагон [1].

Ҳамкории иҷтимоӣ метавонад дар асоси доими ва ё вобаста ба вазъият, бо назардошти ҳолати ба нақшагирии чораҷӯи дар доираи ҳамкории иҷтимоӣ гузаронида шавад.

Яке аз намудҳои ҳамкории иҷтимоӣ дар таҳсилот худидоракунии хонандагон маҳсуб меёбад[1].

Худидоракунии хонандагон-ин шакли амали кардани ҳуқуқҳои онҳо барои иштирок дар идоракунии муассисаҳои таълимоти умумӣ, ки иштироки фаъолонаи хонандагонро дар ҳалли масъалаҳо нисбати ташкили раванди таълиму тарбия дар якҷояги бо коллективи педагогӣ ва маъмурияти мактабро дар назар дорад. Чунин ҳуқуқ ба хонандагон дар қонуни Федератсияи Россия "Дар бораи фаъолияти таҳсилот" аз 29 декабри соли 2012 амал мекунад.

Ҳамкории иҷтимоиро нисбат ба худидоракунии хонандагон чунин фаҳмидан лозим аст:

1. Ҳамкории худидоракунии хонандагон бо гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ. Ба ин гурӯҳҳо волидайн, хонанадагон ва омӯзгорон дохил мешаванд.

2. Ҳамкории ҳамаи кормандони муассисаҳои таҳсилоти ва намояндагони ташкилотҳои худидоракуни бо институтҳои иҷтимоӣ.

3. Ҳамкорие, ки ташаббусӣ муассисаҳои таҳсилотиро ҳамчун соҳаи махсус барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ тақвият медиҳад.

Субъектҳои ҳамкории иҷтимоӣ оила, боғчаи бачагон, мактаб, ҷамъият ва давлат маҳсуб меёбад. Онҳо барои

фаъолияти амалӣ ва рушди тарбиягирандагон дар чунин намудҳои ҳамкории иҷтимоӣ ба монанди ризоият ба ҳамкорӣ, диалог, тарзи ҳаёти солим ва инчунин тарбияи ватандӯсти ва шаҳрвандӣ шароити созгор муҳайё менамоянд.

Худидоракунии хонандагон дар мактаб вазифаҳои муҳими иҷтимоӣ, маърифатӣ ва тарбиявиро иҷро менамояд. Илова ба ин худидоракунии хонандагон ба иҷтимоишавии босамари насли наврас, гирифтани таҷрибаи иҷтимоӣ, тайёри ба ҳаёти калонсоли, барои ҳалли мушкилотҳои муҳими иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Худташаккулдиҳи ва худмуайянкуни барои ба таври табии дохил шудан ба системаи муносибати озоди шаҳрвандӣ имконият медиҳад. Дар шароити фаъолияти якҷоя рафтори одамон, нисбат ба шароити рафтори фарди бештар сермаҳсул мешавад.

Дар чунин ҳолат малакаи зарурии ҳамкории иҷтимоӣ, итоат карда тавонистан ба тартиботи коллективи ва дар айни ҳол ҳуқуқҳои худро ҳимоя кардан, манфиатҳои шахсии худро бо манфиати ҷамъият мутаносиб донистан, ташаккул меёбад. Ҳамкории иҷтимоӣ ин чунин фаъолияти тақсимшудаи якҷояи ҷузъҳои иҷтимоӣ- намояндагони гуногуни гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошад, ки натиҷаи ҳамаи иштирокчиёни ин фаъолият боиси гирифтани самараи мусбат мегардад. Айни ҳол фаъолияти ишорашуда метавонад дар асоси доимӣ дар доираи ба нақшагирии аксияҳои ҳамкории иҷтимоӣ ва ё вобаста ба шароит амалӣ гардад.

Ташкилотӣ худидоракунии хонанадагон ба монанди идоракунии давлати дорои сохтори худ мебошад ва роҳбари он дар муддати 1-2 сол аз байни хонанадагони синфҳои 8,9,10,11 интихоб карда мешавад. Дар назди Роҳбарияти мактаб Шӯрои он амал мекунад ва фаъолияти вай ба Вазорат равона мешавад. Дар кори ҳамкории иҷтимоӣ Вазорати

маориф, Вазорати фарҳанг, Вазорати варзиш иштирок мекунанд.

Вазорати таҳсилот. Хонандагон бевосита бо омӯзгорони мактаб ҳамкори мекунанд. Онҳо дар якҷояги олимпиада ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ мегузаронанд. Мақсади ҳамкории онҳо баланд бардоштани завқи хонандагон ба фанҳо ва мавзӯҳои таълимӣ мебошад, ки онҳо ба фаъолшавии раванди маърифатнокии хонандагон мусоидат мекунад. Натиҷаи чунини ҳамкори метавонад бо қарори Вазорати маориф ва илм боиси ташкил намудани иттиҳодияҳои илмӣ- ҷамъиятӣ гардад.

Чунин нақши муҳимро дар ҳаёти мактаб Вазорати фарҳанг низ метавонад иҷро намояд. Дар инҷо хонандагон чораҷӯиҳои гуногуни эҷоди ва ғайрисинфи мегузаронанд, чунки бе чунин ҷораҷӯиҳо ҳаёти мактаб дилгиркунанда ва якранг ба назар мерасад. Гузаронидани чунин чорабиниҳо ба ташабуси хонандагон вобаст аст. Ҷавонон аз Вазорати фарҳанг чун қоида барои гирифтани таҳсилоти иловагӣ бо студияҳои театри, студияи рақси ва маҳфилҳои мусиқӣ бояд ҳамкорӣ кунанд.

Ҳамкории иҷтимоии хонандагон бо Комитети корҳои ҷавонон, варзиш ва туризми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар ин намуди ҳамкори ҷавонон бо омӯзгорони намудҳои гуногуни варзиш, тренерҳои сексияҳои варзиш, ба монанди; футбол, водейбол, баскетбол, тениси рӯйи мизи ва тайёрии умумии варзиши ҳамкори мекунанд. Мақсади ин ҳамкори оммави гардонидани тарзи ҳаёти солим ва фаъолтар кардани тайёрии варзиши хонандагон мебошад.

Бояд зикр кард, ки чунин намудҳои ҳамкорӣ метавонад бо кормандони ҳимояи ҳуқуқ, кормандони матбуот ва иттиолот низ ба роҳ монда шавад. Чунин фаъолияти гуногуни

хонандагон талаботи онҳоро барои мутобиқшавии иҷтимоӣ ва интихоби роҳиояндаи касбӣ мувофиқат мекунад.

Ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи таълиму тарбия барои ташаккули шахсияти хонандагон нақши муҳим мебозад. Намудҳои гуногуни ҳамкории иҷтимоии хонандагон имконият медиҳад, ки онҳо вазифаҳои муҳими идоракуниро омӯзанд ва дар ҳаётиояндаи худ истифода намоянд, мутақилона фикр ва муҳокима карданро омӯзанд, ақидаи худро баён намоянд, чораҷӯиҳои умумимактабиро ташкил кунанд ва нерӯи худро дар иҷрои нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ истифода намоянд ва волонтерҳоро низ ҷалб намоянд. Хонандагон ифодакунандаи манфиатҳои гуногуни гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ буда, самтҳои иҷтимоии навро пешниҳод мекунанд. Онҳо метавонанд ҳаракатҳои ҷавононро таҳти унвони “Мо тарафдори тарзи ҳаёти солим”, “Мо зиди маводи нашъаманд”-ро ташкил кунанд. Маълум аст, ки онҳо лоиҳаҳои иҷтимоии худро маблағгузори карда наметавонанд, лекин онҳо метавонанд ақидаҳои худро бо ин восита ба ҳокимияти давлати расонанд.

Гуногуншакли ва фаъолияти якҷояи ҳамкориҳои иҷтимоӣ талаботи хонандагони мактабро барои мутобиқшавии иҷтимоӣ ва интихоби озодонаи роҳи оянда дар худамаликуни ва рушди лаёқати эҷодӣ кӯмак мерасонанд. Бояд қайд кард, ки ҳамкории иҷтимоӣ он вақт ва дар онҷое ба вуҷуд меояд, агар ҳамкорон пурра фаҳманд, ки фаъолияти якҷояи онҳо на танҳо барои шахсони алоҳида, балки дар маҷмӯ барои ҷамъият фоидаовар аст.

Таҳсилот омили муҳими рушди миллӣ ва макроиқтисодии ҷаҳонишавӣ, инчунин воситаи таъмини зиёдшавии даромади ташкилот ва шахсони инфиродӣ маҳсуб меёбад. Фаъолияти таҳсилот ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими зеҳнишавии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Азнавсози ва ғанӣ

гардонидани имконияти нерӯи зеҳнии ҷамъият вазифадор мекунад, ки таҳсилоти касбии иловагӣ таъмин карда шавад ва ғайримуқаррарии нақши он дар системаи муосири таҳсилоти касбӣ баррасӣ гардад. Бояд зикр кард, ки таҳсилоти иловагӣ яке аз намудҳои таҳсилот мебошад, ки барои ҳаматарафа қонеъ гардонидани талаботи таҳсилоти тахассусии шаҳрванд, такмили зеҳният, маърифати-ахлоқи, ҷисмонӣ ва ё сифати касбӣ новобаста аз сатҳи таҳсилот ба ҳисоб меравад.

Принсипҳои асосие, ки барои рушди таҳсилоти касбии иловагӣ дохил мешаванд, инҳо мебошанд:

– бефосила будани таҳсилоти касбии иловагӣ;

– мутаҳидии бизнес-идоракуни бо раванди таҳсилот;

-муттасилии таҳсилоти касбӣ, ки ҳамгироии сохтори таҳсилот ва программаи онро таъмин менамояд;

– бо назардошти манфиатҳои ҳамаи тарафҳо: давлат, ҷамъият, шахсиятҳо;

– фардикунонии таҳсилоти иловагӣ, бо назардошти шахси муайянкунандаи самти интихоби касб.

Дар рафти азнавсозии муосири ҷамъият, системаи таҳсилоти иловагии касбӣ дорои нерӯи зиёди таъмини азнавсози, захира ва сармояи инсонии шаҳрвандон мебошад.

Дар айни замон  таҳсилоти иловагии касбӣ на танҳо захираҳои стратегии иҷтимоӣ-иқтисодии рушди ҷамъият маҳсуб меёбанд, балки макони амали якҷояи шумораи зиёди субъектҳои иҷтимоӣ мебошанд. Дар чунин шароит фавқулода муҳим  ҷустуҷӯи нуқтаҳои ба ҳам мувофиқи субъектҳо дар системаи таҳсилоти иловагии касбӣ мебошад, ки метавонад танҳо дар асоси тарҳсози (амсиласози) ҳамкории иҷтимоӣ таъмин карда шавад.

Дар илм шумораи зиёди таърифи ҳамкории иҷтимоӣ аз тарафи намояндагони илмҳои соҳави, ҳуқуқшиносон,

педагогҳо, намояндагони сектори соҳибкори, аз назари хусусияти фаъолияти касбӣ оварда шудааст.

Дар системаи таҳсилоти ҷумҳурӣ ҳамкории иҷтимоӣ вуҷуд надорад, ҳол он ки ин намуди ҳамкорӣ дар асоси ҷалб намудани захираҳои иловагӣ бо мақсади рушди муассисаҳои таҳсилоти ва қонеъ намудани талаботҳои субъектҳои дигар бояд амали карда шавад.

Дар шароити таҳсилоти касбӣ ҳамкории иҷтимоӣ ҳамчун амалӣ кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба таҳсилот, ки ба муносибати тарафайни хонандагон, кормандони педагогӣ, ташкилотҳои давлатӣ, корфармоён муайян карда мешавад, ки мақсади он ба танзим даровардани бозори меҳнат аст.

Вобаста ба талаботи нави бозори меҳнат, мутахассисони муосир бояд бо чунин хусусиятҳо фарқ кунанд:

– ташабуснокӣ;
– сатҳи баланди тахассусӣ;
– мутобиқшави ба тарзи тағйирёбии шароити нави меҳнат;
– кушод будан нисбати ҳалли технологияҳои нав;
– ҳисси ҷавобгари нисбати натиҷаи фаъолияти меҳнатии худ;
– ташаккули сарвари дар сатҳи гуногун.

Дар системаи таҳсилоти касбии иловагӣ ду сатҳи амалӣ якҷояи субъектҳои ҳамкории иҷтимоӣ вуҷуд дорад:

–сатҳи мезоиҷтимоӣ, ки дар онҷо алоқаи муассисаҳои таҳсилоти касбии иловагӣ бо ташкилотҳои ҳукмати давлатӣ, инчунин бо корфармоён сурат мегирад;

– сатҳи микроиҷтимоӣ, амали ҳамкории ҳайати омӯзгорон бо як гурӯҳи хонандагон.

Ҳамкории иҷтимоӣ бо аксияҳои якдафъина маҳдуд нашуда, инчунин дар асоси дарозмӯҳлат ва боварии тарафайн ташкил карда мешавад.

Инҷо дар назар дорем амалиёти якҷояи баробарҳуқуқӣ субъектҳои иҷтимоӣ , ки аз тарафи муассисаҳо таҳсилотӣ,

субъектҳои истеҳсолот ва сохторҳои соҳибкорӣ, ки барои баланд бардоштани самаранокии системаи таҳсилоти касбии иловагӣ равона шудааст.

Самтҳои асосии амали муштараки муассисаҳои таҳсилоти системаи таҳсилоти касбӣ иловагӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ, азнавсозии таҳсилоти иловагии касбӣ ба шумор меравад.

Ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагии касбӣ иҷрои амалиётҳои зеринро дар назар дорад;

– ташаккул додани стратегияи рушди муассисаи омӯзиши;

– ислоҳ намудани мазмуни таҳсилот, ташкили раванди ташкилот, раванди назорати сифати таҳсилот;

– ҷалб намудани ҳамкорони иҷтимоӣ барои коркарди программаҳои омӯзиш бо мақсади тайёр намудани мутахассисон;

–омӯзиши тамоюли бозори меҳнат;

– рушд додани алоқаи муассисаҳои таҳсилотӣ касбии иловагӣ бо минтақаҳои хизмати шуғлмандӣ;

– ба назар гирифтани талаботҳои муосир ва оянда нисбат ба мутахассисон, ки ба талаботҳои корфармоён мувофиқат намояд;

– ҷалб намудани мутахассисони таҷрибадор барои омӯзонидани гурӯҳҳои иловагии касбӣ дар муассисаҳои касбӣ дар соҳаҳои истеҳсолот;

– ҷудо кардани воситаҳои иловагии молиявӣ;

– ташкил намудани омӯзиши амалӣ бо истифодаи технологияҳои муосир дар базаи муассисаҳои истеҳсолии корхонаҳо;

– бастани шартнома ва амалӣ намудани он бо корфармоёни муқими дар тайёр намудани мутахассисон;

– ҷудо кардани захираҳои иловагии молиявӣ барои рушди муассисаҳои таҳсилоти, такмили раванди таҳсилот, гузаронидани корҳои таъмири бо бастани шартномаҳо байни корфармоён ва муассисаҳои таҳсилоти иловагии касбӣ[3, с. 38].

Ҳамчунин ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи таҳсилот бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

– кушод будани шартномаҳо дар бораи фаъолияти муштарак;

– ноилшавии манфиати мақсадҳои дутарафаи иштирокчиёни ҳамкории иҷтимоӣ дар натиҷаи амали кардани фаъолияти муштарак;

– ноил шудани ҳар як иштирокчӣ ба самараи мусбат.

Ба шакли  маъмули ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи таҳсилот бояд ҳамчун механизми идоракунӣ-ҷамъиятӣ ва идоракуни-хусусии ҳамкори амалӣ карда шавад.

Идоракунии давлатӣ-ҷамъиятӣ ҳамкории муштаракро дар идоракунии таҳсилот бо субъектҳои давлатӣ (ташкилотҳои ҳокимияти давлатӣ, роҳбарияти ташкилотҳои таҳсилотӣ) ва шахсони ҳавасманд барои рушди таҳсилот, инчунин субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандиро  дар назар дорад.

Ҳамкории давлатӣ-хусусӣ дар асоси принсипи идоракунии муштарак, ки давлат барои иштирок дар соҳибкорӣ барои лоиҳаҳои аҳамияти иҷтимоидошта бо мақсади амалӣ кардани лоиҳаҳои таҳсилотӣ ва таъмини маблағгузории иҷтимоӣ ба ташкилоти соҳибкорӣ шароит муҳайё месозад, ки чунин омилҳоро дарбар мегирад:

– маблағгузори кардан ба рушди муассисаҳои таҳсилотӣ ва программаи таҳсилот;

– маблағгузории иҷтимоӣ, ки такмили бозори меҳнатро таъмин менамояд;

– рушди дастаҷамъии лоиҳаҳои илмӣ-таҳсилотӣ.

Ҳамкории иҷтимоӣ кафолати аз рӯи ихтисос бо кор таъмин намудани ҷавонон мебошад. Чунин шакли ҳамкорӣ маҳдудиятро дар системаи таҳсилот бартараф намуда, онро ба системаи озод барои ҳалли масъалаҳои мубрами иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ табдил медиҳад.

Дар шароити амалӣ кардани таҳсилоти кушод, чӣ аз тарафи аҳолӣ ва чӣ аз тарафи соҳибкорон талабот барои зарурати ҳамкории иҷтимоӣ афзуда, самаранокии ҳалли масъалаҳои молиявии муассисаҳои таҳсилоти ва муассисаҳои таҳсилоти иловагии касбӣ бештар мегардад, ки ба таври мусбат ҳал намудани ин омил, ба афзоиши аҳолӣ дар ҷумҳурӣ мувофиқат мекунад.

Вазъи демографи ва нокифоя будани сатҳи рушди соҳаи иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ боиси он гардид, ки шумораи донишҷӯён сол ба сол кам шуда истодааст. Ҷалб намудани довталабон ба донишгоҳҳои олии муассисаҳои таҳсилотӣ масъалаи муҳим ва аҳамиятнок маҳсуб меёбад. Ва он махсусан муҳим дар солҳои афзудани шумораи аҳолии ҷавон, ҳангоме ки ҳар як донишҷӯ барои донишгоҳҳо арзишнок аст. Илова ба ин ҷойгиршавии ҷуғрофии Донишгоҳҳо низ аҳамияти муҳим дорад. Донишгоҳҳое, ки аз марказҳои маъмури дар вазъияти осебпазир мебошанд, (дар шароити ҷумҳурӣ аксарияти хатмкунандагони мактабҳои маълумоти миёна аз деҳот буда) мактабҳои олӣ дар марказҳо ҷойгиранд. Бинобар ин қисми зиёди абитурентҳо имконияти моливии дар шаҳрҳои маркази давом додани таҳсилро надоранд ва дар вазъияти осебпазир қарор доранд.

Ба масъалаи ҷалб намудани абитурентҳо ба Донишгоҳҳо, чун қоида сохторҳои муайян дар худи макотиби олӣ машғуланд. Таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ дар доираи мавзӯи зикршуда муҳимияти самтҳои интихоби касбро дар давраи

муосир, махсусан дар шароити рақобатпазирии байни макотиби олӣ нишон медиҳад. Бояд зикр кард, ки масъалаи асосии чӣ мактаббачагон ва чӣ макотиби олӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоби касб ва фаъолияти касбӣ бо мақсади муайян намудани самти фаъолияти касбӣ барои худмуайянкунии онҳо дар бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Масалан, дар корҳои илмии С. В. Булганина в Т.Е. Лебедева бо истифода аз методҳо ва алоқаҳои инструментҳои маркетингӣ бо назардошти талаботи донишгоҳҳо ва истеъмолкунандагони доимӣ, ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии он баррасӣ шудааст. Мувофиқи ақидаи онҳо диққати асоси ба амали намудани методҳои алоқаҳои маркетингӣ электронӣ ва инчунин вохуриҳо ва эълон намудани "Рӯзҳои дарҳои кушода" бояд дода шавад. Чунин чорабиниҳо бо гурӯҳҳои дар алоқабуда, бо мақсади ҷалб намудани абитурентҳо ба чораҷӯиҳои Донишгоҳ барои шинос шудан бо ҳаёти муассиса ва пайдо намудани малака ва таҷрибаи нахустин гузаронида мешавад. Ба имкониятҳои асосии бо методи алоқа ҷалб намудани абитурентҳо инҳо дохил мешаванд.

- Ташкил намудан ва гузаронидани мавзӯҳои мактаби дар базаи мактаби олӣ. Бинобар ин дар ҷумҳурӣ ташкил намудани мактаби соҳибкорони ҷавон дар базаи факультети иқтисодии Донишгоҳи милли Тоҷикистон бояд ташкил кард, ки дар онҷо асосҳои иқтисодиёт, соҳибкорӣ ва секторҳои он дар минтақаҳо омӯзонида шавад. Чунин мактабҳо дар назди донишгоҳҳо барои абитурентҳо бояд ташкил карда шавад, ки самтҳои мушахаси соҳибкориро дар шароити ҷумҳурӣ дар давоми соли таҳсил ва ҳатто ҳангоми ба таътили тобистона баромадан низ омӯзанд. Барои амали шудани ин чораҷӯи масъалаҳои зерин бояд дар маддӣ аввал бошад.

- Иштирок намудан дар самтҳои чораҷӯиҳои шаҳрӣ, бо ҷалб намудани диққати хатмкунандагони муассисаҳои

таълимӣ вобаста ба имконияти захираҳои моддии ҷойи истиқомат. Муассисаҳои шаҳрӣ ва таҳсилотии сатҳи гуногун барои хонандагон намоишгоҳ, синфҳои устои ва бюлетнҳои иттилоотӣ тайёр мекунанд.

- Ташкил намудан ва гузаронидани "Рӯзҳои дарҳои кушод". Ба ин программа синфҳои устои дохил мешавад, ки ба он омӯзгорони кафедра бо мақсади дар оянда қабул намудани донишҷӯён ҷалб карда мешаванд.

"Мактаби соҳибкори ҷавон" бо мақсади ҷалб намудани абитуренҳо барои дохил шудан ба донишгоҳҳо бо назардошти базаи моддӣ-техникӣ ва захираҳои кадрии донишгоҳ. Ҳангоми дохил шудан ба донишгоҳ, аз рӯи ихтиссосӣ "иқтисодиёт" хатмкунандагони мактаб нисбати асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ, менеджмент, реклама, тарзи навиштани лоиҳа, тартиб додани нақшаи соҳибкорӣ ва тиҷорат малакаи амалӣ мегиранд. Мактаби соҳибкори ҷавон машғулияти комплектиро барои хатмкунандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти дарбар мегирад. Дар давоми соли таҳсил хонандагон дар машғулиятҳои аудаторӣ, тренингҳои соҳибкорӣ, бо соҳибкорони ҷавон шиносоӣ пайдо мекунанд.

Муассисаи олии таълимӣ дар ярмаркаи интихоби касб, ки ҳар сол дар сатҳи шаҳр мегузарад иштирок менамояд. Мақсади иштироки муассисаи олии таҳсили дар ин чораҷӯи аз васеъ намудани тасавуроти хонандагони мактабҳои шаҳр доир ба намудҳои интихоби касб, ки муассисаҳо касбӣ ва касбӣ техникӣ (литсейҳо) дар шаҳр вуҷуд доранд ва ҷалб намудани абитурентҳо барои дохил шудан ба ин муассисаҳои касбӣ-техникӣ. Барои ба ин мақсад ноил шудан самтҳои зерин бояд амалӣ шаванд:

- таъмин намудани иттилоот барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шакли буклет, иттилоот дар бораи самтҳои

омӯзиш дар муассисаҳои олии таълимӣ ва доир бо ҷойи кор таъмин намудани онҳо;

- намоиши корҳои донишҷӯён, ки аз рӯйи ихтисос натиҷаи корҳои онҳо дар соҳаи таҳрези, расмкаши ва ғайраҳо ба намоиш гузошта мешавад;

- гузаронидани машқҳои психологи-техникӣ барои муайян намудани ҳолати шахсияти хонандагон ва хусусиятҳои сифатии онҳо ва нақши омӯзгорон ба ин вазъият;

- синфҳои-устои, ки омӯзгорон тайёр намудаанд ва самти тайёрии онро донишҷӯён ба зима доранд. Синфҳои устои аз тарафи донишҷӯён-психологҳо ва донишҷӯён-омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ барои шинос шудан бо фаъолияти касбӣ-техникии донишҷӯён ва фаъолияти эҷодии онҳо гузаронида мешавад.

Ҳамаи синфҳои устои ва самтҳои он бояд аз тарафи омӯзгорони болаёқат назорат карда шавад. Дар фаъолияти чунин синфҳо ҳайати омӯзгорон иштирок намуда, аз рӯйи зарурат бояд ба корҳои донишҷӯён тағйирот ворид намоянд.

Бояд зикр кард, ки чунин метод фаъолияти ҳамкории мутақобиларо бо абитурентҳо ба амал бароварда , завқи онҳоро нисбат ба касбҳои барои ҷомеа муҳим беҳтар менамояд. Харҷи маблағи базаи моддӣ-техникӣ барои гузаронидани чунин методҳо на онқадар назаррас аст. Дар ин масъала ба нақши донишҷӯён аҳамият дода мешавад, ки то чӣ андоза дониши устувори предметӣ ва фаъолияти таҷрибаи амалӣ доранд. Пас маълум мешавад, ки зеҳният ва фаъолияти амалии заҳнии касбӣ омиле мебошад, ки рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангиро таъмин менамояд. Нисбати ин масъала суханҳои А.М. Горкий нишонрас аст. "Ҳеҷ чиз ҷуз зеҳният мӯъҷизаовар нест, ҳеҷ чиз бештар ҳайратангез нест, ғайр аз раванди тафакур, ҳеҷ чиз арзишнок нест ғайр аз натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ".

Фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ омили асосии ташаккули рақобатпазирии онҳо маҳсуб меёбад. Чунки дар натиҷаи он фаъолнокии маърифати, тафаккури эҷодӣ, таъмини иҷтимоишавии касбии хонандагон, таъмини пай дар пайии ягонагии мактаби маълумоти умӯмӣ ва тайёрии касбӣ, ҳамчун ҷузъи системаи таҳсилоти бефосила, таъмини иштироки натиҷагиронаи донишҷӯён дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва конкурсҳои натиҷаҳои таҳқиқоти-илмӣ дар оянда рақобатпазирии хатмкунандагонро ташаккул медиҳад.

Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ ва мутахассисони истеҳсолот, ки тахасуси категориявӣ доранд интихобан гирифта мешаванд, сипас кори якҷоя бо донишҷӯён-иштирокчиёни таҳқиқоти кори илмӣ ва гузаронидани конфронсҳои анъанавии илмӣ-амалӣ дар самтҳои зерин:

- гузаронидани эҷоди техникӣ дар шакли конфронсҳои илмӣ-амалӣ бо мақсади фаҳмидани қобилияти таҳқиқотӣ ва шарти худмуайянкунии касбӣ;

- дар фанҳои техникӣ. «Фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун шарти амалӣ кардани тайёрии мутахассисон дар соҳаи техникӣ-технологӣ”;

Шавқи ихтироъкунӣ аз ихтироъ кардани ягон намуди техника пайдо мешавад. Кори илмӣ-таҳқиқотӣ бошад-ин дуруст ташкил намудани системаи таҳсилот барои самаранокии бештари ихтироот мебошад. Бинобар ин вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки донишҷӯёнеро ба кори ихтирооти ҷалб намояд, ки онҳо чунин қобилият дошта бошанд, масъулиятшинос бошанд, фаъолияти худро дар ин соҳа такмил диҳанд ва ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун касбӣ илмӣ завқ дошта бошанд. Омилҳои зикршуда барои тайёр кардани мутахассисони касбӣ дар соҳаи истеҳсолот,

махсусан рушди босуръати саноатикунонии ҷумҳурӣ таъсири мусбат мерасонад.

Вобаста ба ин "Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2026"қабул карда шуд, ки, яке аз ҳадафҳои барномаи мазкур таъмини шуғли аҳолӣ мебошад. Саноатикунонии кишвар яке аз масъалаҳои муҳимӣ ҳаёти ҷомеа буда, раванди он ба тайёр намудани мутахассисони касбии дорои сифати баланди тахассусидошта вобаста мебошад. Ҳоло амали муштараки шабакаҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир ҳамчун соҳаи босамартарини технологияи навовари ба шумор меравад, ки имконият медиҳад мутахассиси рақобатпазирро тайёр намуд[1].

Системаи навоварии омӯзиши касбии мутахассисони оянда дар асоси розигии ҳамкории муштараки ташкилотҳои таҳсилоти ва корфармоён ташкил карда мешавад. Системаи таҳсилот дар шароити муосири ҷумҳурӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки вобаста ба талаботи замон пеш равад. Тағйироти асоси дар ҷамъият ва таъсиррасон ба вазъияти ба амал омада дар таҳсилот-ин рушди устувор ва босуръат мебошад. Пас муассисаҳои таҳсилотии сатҳи гуногун бояд тарбиягирандагони худро вобаста ба талаботи шароити навтарини ҷамъияти иттилооти, техникӣ ва технологӣ тайёр намоянд. Бинобар ин, имрӯз натанҳо ба хонандагон додани дониши сатҳи баланд ва босифат муҳим аст, балки таъмин намудани фарҳангӣ шахсӣ, рушди маърифати шахсӣ, ки тавонанд яклухтии фазои таҳсилотиро дар ҷумҳурӣ таъмин намоянд. Барои ба ин сифатҳо ноил шудани донишҷӯён, равиши нав барои ташкил намудани раванди таҳсилот зарур аст, ки он аз ҷумла ба воситаи рушди ҳамкории муштарак бо ҳамкорони иҷтимоӣ ба амал баровардан имконпазир аст.

Дар шароити муосири захираҳои таҳсилотӣ донишҷӯён ба қайд гирифта мешавад.Чунин омил имконият медиҳад, ки

ҳар як донишҷӯ тавонад саҳифаи электронии худро кушояд ва мустақилона дар озмоишҳои виртуали ва экскурсияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иштирок намоянд ва бо шартҳои дохил шудан ба макотиби олӣ шинос шаванд. Хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ бояд ба курсҳои бепули онлайн дар донишгоҳҳои пешсафи ҷумҳурӣ барои дохил шудан ба курсҳои бакалаври ҳуҷҷатҳои худро супоранд. Бинобар ин чунин курсҳоро дар назди донишгоҳҳо кушодан шарти муҳим мебошад, чунки масъалаи интихоби касб бояд ҳангоми таҳсил дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда шавад.

Интихоби касб масъалаи ҷамъиятӣ мебошад, чунки вазъияти имрӯза ва ояндаи ҷамъият, рушди бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ, имконияти ошкор намудани истеъдодҳо ва самти равона кардани онҳо ба соҳаи фаъолияти зарурии ҷамъиятӣ аз ин омилҳо вобаста аст. Дар шароити муосир рӯ овардан ба гузаштаи мактаб, махсусан тайёр намудани касбҳои ба шароити иқтисодӣ бозоргони ва талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ ҳаётан муҳим мебошад. Аз ин ҷониб ҳоло дар мактаб гузашта бояд (аз ҷиҳати тайёр намудани касб) ояндаро муайян кунад. Пас мактаб бояд ба масъалаи таҳсилоти касбӣ диққати махсус дода имконият диҳад, ки хонанадагон бошуурона фаъолияти касбии худро интихоб намоянд. Бинобар ин вазифа аз он иборат аст, ки синфҳои соҳавӣ ташкил карда шаванд, ки ба интихоби касбҳои соҳавӣ асос мегузорад. Чунин чораҷӯи сабаби рақобатпазирии мутахассисон дар бозори меҳнат гардида, кордонии касбии соҳави дар базаи муассисаҳои беҳтарини таҳсилоти васеътар мешавад.

Ҳар як донишҷӯ метавонад курсҳои фосилавии интихоби касб, семинарҳо, тестикунонии касбҳо, консултатсия, иштирок дар викторинаҳо, марафонҳо, форумҳо, конфронсҳои

телевизиони мустақилона иштирок намуда, сатҳи дониши худро барои ба мансаби касбӣ ноил шудан баланд бардорад.

Барои мувофиқати интихоби касб бо донишҷӯёни имконияти саломатиашон маҳдуд манбаъи интернетии фосилавӣ, ки ба омӯзиши маҷрӯҳон мутобиқ карда шудааст (аз он ҷумла кори фосилавӣ бо онлайн, гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсоли ба воситаи онлайн, иштироки фосилавӣ дар ярмаркаҳои шаҳри) ташкил кардан барои тайёр намудани мутахассисони соҳавӣ аз манфиат холи нест.

Самти нав дар системаи тайёрии мутахассисони баландихтисос-пас аз гирифтани диплом, ин маҷмӯи чораҳои мақсаднок бо назардошти ҳамкории омӯзгорон аз муассисаҳои таҳсилотӣ ва омӯзгор аз ташкилоте, ки дар онҷо мутахассисони ҷавон фаъолият мекунанд, бо мақсади бомуваффақ ворид шудан ба касб, мутобиқ шудан ба муҳити касбӣ ва бартараф намудани душвориҳое, ки дар раванди амалӣ намудани фаъолияти касбӣ ба вуҷуд меоянд.

Интизории натиҷаҳои корие, ки пас аз гирифтан диплом бояд маълум шавад:

- баланд шудани фаъолияти сифати касбӣ;
- ворид гардидан ва мутобиқ шудани мутахассиси ҷавон ба муҳитӣ касбӣ;
- ташаккули худтакмилдиҳии касбӣ;
- пешгири намудани тарк кардани мутахассисӣ ҷавон аз касби интихобкардааш;
- ташаккули сабабҳои устувории касбӣ;
- амали кардани лоиҳаҳои муштараки муассиса ва муассисаҳои таҳсилоти.

Барои ин дар коллеҷҳо, муассисаҳои касбӣ ба роҳ мондани программаи "Омӯзиши мақсаднок" бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбии донишҷӯён ва рушди соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва пеш аз ҳама

саноатикунонии кишвар зарурияти ногузир мебошад. Программаи номбурда гузаштани таҷрибаи истеҳсолиро дар базаи ҳамон муассиса (ё худ муассисаи таҳсилоти), ки донишҷӯ бо шуғл таъмин мегардад дар назар дорад. Бартарии барномаи омӯзиши мақсаднок дар чунин омилҳо инъикос меёбад:

- макони кафолатноки гузаронидани таҷрибаи таълимӣ-истеҳсолӣ;
- имконияти ба кор дохил шудан аз рӯи ихтисосӣ касбӣ;
- зуд мутобиқ шудан дар байни коллективе, ки алакай шинос аст;
- истифодаи технологияҳои муосир барои сохтани модели шарикии иҷтимоӣ ва такмил додани шабакаҳои ҳамкории муштарак дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, дар колеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ вазифаҳои зеринро бояд иҷро намоянд;
- ташаккули имиджи мақсаднок ва нигоҳ доштани эътибори муассисаи таҳсилотӣ;
- афзоиш додан ва ҷалб кардани муассисаи таҳсилотӣ барои абитурентҳое, ки дар синфҳои касбии ҷойи истиқомат ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд;
- зиёд кардани шумораи абитурентҳои боистеъдод бо сатҳи баланди баҳои атестат;
- шуғли бомуваффақи донишҷӯён аз рӯи касбӣ интихобшуда, ҳамчун нишондиҳандаи муҳими сифати таҳсилот дар ҳамагуна муассисаҳои таҳсилотӣ.

Дар ҳалли мусбати омилҳои зикршуда дар доираи стратегияи рушди таҳсилоти сифри бояд лоиҳаҳои ба мақсад мувофиқ нисбат ба интихоби касбӣ хонандагон коркард ва амалӣ карда шаванд. Чунин амал ба кормандони доими ва корфармоён барои самти ояндаи ҳамкори ва амали муштарак

доир ба масъалаи интихоби касб ва бо кор таъмин намудан кӯмак мерасонад.

Илова ба ин, барои гирифтани иттилооти-маърифати экскурсияҳо дар корхонаҳои нави саноати ташкил карда мешавад, то инки хонанадагон бо таҷҳизотҳои навъҳои нави техникӣ ва технологӣ шинос шаванд. Барои дастрас намудани иттиоолот, ҳамкории муштараки шабакаҳои иҷтимоӣ муҳим аст.

Шабакаҳои ҳамкории муштарак – ин намуди махсуси фаъолияти якҷоя дар байни субъекти раванди таҳсилот, ки ба бовари, мақсадҳо ва арзишҳои умуми, ихтиёрӣ ва муносибати дарозмуддат  инчунин масъулиятнокии тарафҳо доир ба натиҷаи рушд ва баланд бардоштани сифати тайёрии мутахассисони баландихтисос мебошад. Танҳо дар натиҷаи ҳамкории муштарак ва якдигарфаҳми натиҷаҳои ба даст даровадаро доир ба тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир, ки ба талаботи ҷомеаи муосир ва бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошад, имконпазир аст.  Мутахассиси ҳозиразамон бояд ҳамавақт ба тағйиротҳое, ки дар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа ба амал меояд, дар қабул намудани қарорҳои муҳим бояд омода бошад ва нисбати қарорҳои қабулкарда шуда, ҷавобгари ҳис намояд.

Мутахассиси асри XXI бояд салоҳиятнок, эҷодкор ва шахси рақобатпазир бошад. Илова ба ин,  вай мутахассиси касбӣ бояд бошад, ки озодона ва бо масъулият ақида ронад, ояндабинии натиҷаи фаъолияти худро дарк намуда, онро бо намунаи раванди таҳсилот пайваст намояд.  Барои ҷамъияти муосир чунин хатмкунандагони муассисаҳо таҳсилоти лозим аст, ки тайёранд ба фаъолияти ояндаи ҳаёти тайёр буда, қобилияти ба таври замонави ва амалӣ ҳал намудани мушкилотҳои ҳаёти ва касбиро дошта бошанд.  Ва ин масъала

аз бисёр ҷиҳат на танҳо аз дониши ба даст овардаи онҳо, аз маҳорат, кордони, малака вобаста аст, инчунин аз сатҳи дар донишҷӯён ташаккул ёфтани салоҳияти умуми ва касбӣ, инчунин моҳияти сифатҳои шахсии касбӣ, ки тавонад мақсадҳои амали муосири таҳсилотро таъмин намояд, вобаста мебошад.

Бо боварии комил метавон зикр кард, ки шабакаҳои мутақобила ё худ амалии муштарак – ин захираҳои муҳим барои баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар системаи таҳсилоти ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

Фаъол гардонидани фаъолияти зеҳнии хонандагон-вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгорон мебошад. Дар назди омӯзгорон аз давраҳои қадим чунин саволи анъанавӣ “Чи тавр омӯзонидан лозим?” вуҷуд дорад, яъне чи тавр сифати баланди таҳсилоти донишҷӯёнро таъмин бояд кард ва имконияти рушди оянда ва ҳавасмандкунии онҳоро нисбат ба таҳсилоти касбӣ бедор бояд кард.

Хулоса, шарикии иҷтимоӣ омили ивазнашаванда ва қувваи таҳрикдиҳандаи рушди идоракунии давлатӣ-ҷамъиятии муассисаҳои таҳсилот дар замони муосири рушди таҳсилот ба шумор меравад. Самтҳои фаъолияти дар боло зикршуда метавонанд асоси нақшаи ҳамкории мутақобилаи шабакавиро дар муассисаҳои таҳсилоти ва ҷомеа бо назардошти фаъолияти ба нақшагири ворид шаванд. Шарикии иҷтимоии дуруст ташкилкардашуда, рақобатпазириро дар ташкилотҳои таҳсилотӣ дар бозори хизмати таҳсилотӣ таъмин намуда, барои сабук кардани оқибатҳои иҷтимоии соҳаи таҳсилот мадад мерасонад. Ғайр аз ин, сабаби беҳтар шудани сифати фаъолияти идоракуни дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва интихоби дурусти тахасусии

хонандагону донишҷӯён гардида, боиси рушди соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодии ҷомеа мегардад.

### Номгӯи адабиёт

1.Кардакова В.М. Социальное партнерство как форма повышения качества профессионального образования / В.М. Кардакова [Электронный ресурс]. – URL:: http://www. informio.ru/publications/id525.

2. Мироненко Е.С. Дополнительное профессиональное образование в научной организации: особенности и перспективы / Е.С. Мироненко, Л.В. Жданова // Социальное пространство. – 2017. – № 3 (10). – С. 5-9.

3. Орехова Е.А., Ларина Е.Б. Институты социального партнерства как фактор инновационного развития в современных условиях / Е.А. Орехова, Е.Б. Ларина // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. – 2018. – №2 (71). – С. 23-27

4. Петровский А.М. Правовые аспекты социального партнерства в сфере образования / А.М. Петровский, О.В. Голубева, Д.В. Седых // КНЖ. – 2017. – №4 (21). – С. 64-67

5. Радостева М.В. Социальное партнерство в сфере образования на современном этапе / Радостева М.В. // Научный журнал Дискурс. – 2017. – № 9 (11). – С. 60-70.

6.Сборник статей Всероссийской заочной научно-практической конференции «Социальное партнерство в современном образовании: от проектирования к практике». – Соликамск: ССПК им. А. П. Раменского. 10-15.12.2018г.

**Рамазон РАҲИМЗОДА**
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ*

# МАФҲУМ ВА ҶУЗЪҲОИ МАЗМУНИИ СИЁСАТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

Дар солҳои охир ба шарофати саъю кӯшишҳои олимони соҳаи назарияи ҳуқуқ сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи назарияи давлат ва ҳуқуқ эътироф гардида, ба сатҳи назарияи илмӣ расид. Дар доираи тадқиқоти умуминазариявӣ асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ, назария ва методологияи он коркард шудаанд. Дар ин бора муаллифони зиёде тадқиқот бурдаанд[1].

Дар баробари ин, новобаста аз он ки сиёсати ҳуқуқӣ ба дастгоҳи мафҳумиву категориявии назарияи давлат ва ҳуқуқ ворид шуда бошад ҳам, лекин он тадқиқоти ҳамаҷониба ва амиқро тақозо мекунад. Чунин изҳоротро шумораи зиёди муаллифон баён намудаанд[2]. Сабаби асосии мавҷуд будани чунин изҳорот (ақидаҳо) дар он аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ мубоҳисаҳо оид ба мавқеи категорияи "сиёсати ҳуқуқӣ" ҷой доранд, ки онҳоро ба се намуд тақсим кардан мумкин аст:

1) сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун метаназария (метатеория)[3] дар таркиби назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ;

---

[1] Ниг.: Кодан С.В. Политико-юридический подход в исследовании государственно-правового развития России (XIX - начало XX вв.) // Проблемы политики и общества. - 2012. - № 2. - С. 88; Рыбаков О.Ю. Методологические проблемы теории правовой политики // Правовая политика как научная теория в историко-правовых исследованиях. - М., 2011. - С. 15.

[2]Ниг.: Федоров Н.В. Правовая политика Советского государства (вопросы истории, теории, практики): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. - М., 1985. - С. 7.

[3]Метаназария (метатеория) – ин назарияе мебошад, ки методҳо ва хосиятҳои дигари назарияро таҳлил мекунад.

2) сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун самти мустақили назарияи давалат ва ҳуқуқ;

3) сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун назарияи алоҳида ва мустақил.

Инчунин ақидаҳое низ мавҷуданд, ки тибқи онҳо категорияи "сиёсати ҳуқуқӣ" хусусияти байнисоҳавӣ дорад ва он беш аз ҳама дар чунин соҳаҳои донишҳои илмӣ, аз қабили ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ ифодаи худро меёбад[4].

Таърихан сиёсати ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дар шакли категорияи «сиёсати муқовимат ба ҷинояткорӣ» пойдор гардидааст[5]. Пас аз он, тадқиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар қарини категорияҳои умуминазариявии «низоми ҳуқуқӣ», «ҳаёти ҳуқуқӣ», «соҳаи давлативу ҳуқуқӣ», «ҳуқуқэҷодкунӣ», «ҳуқуқтатбиққунӣ» ва ғайра фаъолона оғоз гардид.

Дар баробари категорияи умуминазариявии «сиёсати ҳуқуқӣ» категорияҳои илмӣ-соҳавии «сиёсати ҳуқуқии конститутсионӣ», «сиёсати ҳуқуқии маданӣ», «сиёсати ҳуқуқии маъмурӣ», «сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ», «сиёсати ҳуқуқии молиявӣ», «сиёсати ҳуқуқии андоз», «сиёсатиҳуқуқии мунитсипалӣ» ва ғайра фаъолона таҳия карда шуданд.

Инчунин, намудҳои зерини сиёсати ҳуқуқӣ низ таҳия карда шудаанд: «сиёсати ҳуқуқии қонунгузорӣ», «сиёсати ҳуқуқии ҳуқуқэҷодкунӣ», «сиёсати ҳуқуқии ҳуқуқтатбиққунӣ», «сиёсати ҳуқуқии тафсирдиҳӣ» ва ғайра.

---

[4] Ниг.: Богданович М.Г. Правовая политика современного Российского государства: теоретико-методологический анализ: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. - Ростов-на-Дону, 2004. - С. 7.

[5] Барои мисол ниг.: Лист Ф. Задачи уголовной политики. - СПб., 1895; Чубинский М. Очерки уголовной политики. - Харьков, 1905; Ҳамон муаллиф. Курс уголовной политики. - Ярославль, 1909; Гогель С.К. Курс уголовной политики в связи с уголовной социологией. - СПб., 1910.

Дар солҳои охир самтҳои нави сиёсати ҳуқуқӣ ба мисли «сиёсати судӣ»[6], «сиёсати конфессионалӣ(мазҳабӣ)»[7], «сиёсати ҳуқуқии иҷтимоӣ»[8], «сиёсати ҳуқуқии динӣ»[9] ва ғайра таҳия шуда истодаанд.

Дар баробари сиёсати муқовимат ба ҷинояткорӣ сиёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ ва сиёсати криминологӣ ҳамчун самтҳои алоҳида ҷудо карда мешаванд. Ҳамзамон, афзалияти сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ таъкид мегардад[10].

Дигар намуд ва самти алоҳидаи сиёсати ҳуқуқӣ, ки бо сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар алоқаи бевосита қарор дорад, ин сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллифоне, ки сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҳамчун сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ асоснок мекарданд, новобаста аз ин таъкид менамоянд, ки дар солҳои охир як соҳаи нави ҳуқуқ ва қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин замина дар таркиби сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ, сиёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷудо карда мешаванд.

Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун самти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунии давлат ва мақомоти дахлдории давлатӣ бо мақсади таҳия ва татбиқи чораҳои

---

[6] Ниг.: Орешкин С.И. Введение в судебную политику: монография / отв. ред. Ю.Ю. Ветютнев. - Элиста, 2007. - 152 с.

[7] Ниг.: Цыкалов Д.А. Приоритеты правовой политики России в сфере государственно-конфессиональных отношений: дис. ... канд. юрид. наук. - Ростов-на-Дону, 2008. - 147 с.

[8] Ниг.: Кулажников И.А. Социальная правовая политика Российского государства: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. - Ростов-на-Дону, 2005. - 30 с.

[9] Ниг.: Шмакова О.А. Институты религиозной правовой политики в современном светском государстве: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. - Ростов-на-Дону, 2008. - 30 с.

[10] Ниг.: Епифанова Е.В. Уголовно-правовая политика // Правовая политика: учебное пособие / под ред. А.В. Малько, Р.В. Пузикова. - Тамбов, 2012. - С. 339.

оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар раванди мубориза бар зидди ҷиноятҳо маънидод карда мешавад [11].

Андешаи муаллифони зикргардида оид ба мустақилияти сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳатто дар сохтори сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, сазовори таваҷҷуҳ мебошад. Ин далели тасдиқи он аст, ки дар адабиёт ақидаҳо оид ба сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун падидаи мустақили сиёсӣ-ҳуқуқӣ арзёбӣ мегарданд.

Чунин нуктаи назарро С.И. Захартсев, Ю.Ю. Игнашенков, В.П. Салников низ баён месозанд. Муаллифон комилан асоснок қайд мекунанд, ки нигоҳи илмие, ки дар доираи он сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун як ҷузъи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ арзёбӣ мегардад, ин намуди сиёсатро ба маънои маҳдудаш мефаҳмонад. Ба маънои васеъаш бошад, сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ба ақидаи муаллифон, ба унсурҳои номбаршуда тааллуқ надорад, зеро сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ унсурҳои дигар, масалан, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, психологӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Онҳо чор унсури сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҷудо мекунанд: ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, блоки иҷтимоию иқтисодӣ, маърифати ҳуқуқӣ[12].

Мансуб донистани сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба унсурҳои сохтории сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ боиси фаҳмиши маҳдуди мафҳуми он мегардад. Ба маънои васеъаш сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд бо назардошти

---

[11] Ниг.: Теория оперативно-розыскной деятельности: учебник / под ред. К.К. Горяйнова, В.С. ОБНИНСКОГО, Г.К. Синилова. - Изд. 2-е. - М., 2014. - С. 94-95.

[12] Оперативно-розыскная деятельность в XXI веке: монография / С.И. Захарцев, Ю.Ю. Игнащенков, В.П. Сальников. - М.: Норма, 2015. - С. 88, 152.

ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, психологӣ ва маънавии он баён карда шавад.

Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар омилҳову шароитҳои иҷтимоии рушди ҷамъият ба сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъсир мерасонанд. Масалан, дар солҳои 90-уми асри гузашта сиёсати маҳдуд кардани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти милитсия ва мақомоти амнияти миллӣ бо сабабҳои иқтисодӣ, бахусус дар рафти фишори иқтисодӣ, ба роҳ монда шуда буд. Омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба сифати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тавассути ғайрисамаранок ба танзим даровардани музди меҳнати кормандони мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, паст намудани мақоми (статуси) иҷтимоии онҳо, сари вақт андешида нашудани чораҳои бо таҷҳизоти техникӣ таъмин намудани ин мақомот таъсири калон расонда метавонанд. Таъсири омили иқтисодӣ, инчунин, ба дастгирии молиявии давлатӣ дар самти татбиқи барномаи ҳифзи шоҳидон низ таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат зич алоқаманд аст[13].

Дигар ҷузъҳои сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мебошанд. Сифат ва самаранокии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вобаста аст. Ба ҳалли ин масъала раванди таълим, аз ҷумла омӯзиши фанни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар муассисаҳои таълимии ҳуқуқӣ метавонад мусоидат намояд.

Бо назардошти он ки таҳти мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ, аз он ҷумла сиёсати муқовимат ба ҷинояткорӣ ва сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, бояд на танҳо сиёсати давлатӣ дар самти

---

[13] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ. - Нашри 4-ум. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – с.93-94.

муборизa ба ҷинояткорӣ ва на танҳо намуди махсуси фаъолияти иҷтимоӣ оид ба муқовимати фаъолона ба ҷинояткорӣ фаҳмида шавад, балки инчунин, он ҳамзамон чун назарияи илмӣ, ҳамгироии (синтези) донишҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ низ арзёбӣ гардад[14], аз ҷониби муаллифи мақолаи мазкур ба барномаҳои таълимӣ ва раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ихтисоси ҳуқуқӣ ислоҳоти назаррас ворид карда шуданд.

Бинобар ин, ба китоби дарсии "Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ", ки онро муаллифи ҳамин мақола таҳия кардааст, боби махсус таҳти унвони "Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" ворид карда шуд.

Бояд қайд кард, ки дар давлати шуравӣ ва дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон базаи меъёриву ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ташаккул наёфта буд. Дар муассисаҳои таҳсилотии олии ҳуқуқшиносӣ фанни таълимии «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» омӯзонида намешуд. Танҳо муассисаҳои таълимии махсуси ВКД ва КДАМ истисно буданд, ки онҳо ҳам, мутаассифона, дар заминаи мафҳумҳо, истилоҳот ва категорияҳои кӯҳнашудафаъолият мебурданд. Дар ин самт ягон тадқиқоти фаъоли илмӣ гузаронида намешуд. Мутахассисон-назариячиёне мавҷуд набуданд, ки барои такмили раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нуқтаҳои назариявӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва таклифҳо коркард намоянд. Касе набуд, ки ин донишҳоро мураттаб созад.

Хулоса, дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон дар дарккунии илмии назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ камбудиҳои зерин вуҷуд доштанд:

---

[14] См.: Босхолов С.С. Основы уголовной политики. М., 1999. - С. 32.

1. Асосҳои доктриналии назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таҳия нашуда буданд.

2. Фанни таълимии «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба қатори фанҳои ҳатмии ҳуқуқӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ таълим дода мешуданд, дохил карда нашуда буд.

3. Таъминоти илмӣ ва таълимию методии раванди таҳсилот, махсусан ба забони давлатӣ, комилан вуҷуд надошт. Фазои ягонаи иттилоотии таҳсилотӣниз вуҷуд надошт.

Ва умуман, дар системаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун дуюмдараҷа қабул карда мешуд. Албатта, ин ҳолат дар ташаккул ва инкишофи фанни мазкур нақши муайяни манфие бозид, ки натиҷаи муносибати нобоварона ба ин намуди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Ба ҳамаи ин фаҳмиши нокифоя аз моҳияти аслии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дарк накардани нақши пешбарандаи хадамоти оперативӣ ҳамчун кафили воқеии таъмини амнияти шахсият, ҷомеа ва давлат, бахусус дар шароити афзоиши ҷолишҳо ва таҳдидҳои нав, мусоидат намуда буд.

Ҷанбаи мазмунии фанни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар муассисаҳои таълимии на танҳо ВКД ва КДАМ, балки дар донишгоҳҳои шаҳрвандӣ низ ба таври куллӣ тағйир ёфт. Аллакай дар охири солҳои 90-ум ва ибтидои солҳои 2000-ум аз ҷониби муаллифи мақолаи мазкур маҷмуи маводи таълимӣ, таълимӣ-дидактикӣ ва таълимӣ-методӣ (китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, мавзуъҳои тақвимию мавзуӣ, тестҳо, маҷмуаи масъалаҳо ва машқҳо, дастурҳои таълимӣ, маълумотномаҳо, луғати ФОҶ, намунаҳои ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ ва ғайра) коркард шуда буд, ки барои

омӯзонидани курси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешбинӣ шудааст.

Дар байни онҳо китоби дарсии ба забони давлатӣ омодашуда, ки дар таърихи илму маорифи ҳуқуқшиносии ватанӣ аввалин китоб аст, ҷои асосиро ишғол мекунад. Ин нашр бо Қарори Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2011 №25/32 ҳамчун китоби дарсӣ барои таълим дар тамоми мактабҳои олии ҷумҳурӣ тавсия шудааст.

Китоби таълимии мазкур ба ду қисм ҷудо карда шудааст: Қисми умумӣ, ки 5 нашрро дар бар мегирад ва Қисми махсус. Қисми умумӣ хусусияти кушода дошта, барои ҳама муассисаҳои таҳсилоти олии самти ҳуқуқии кишвар пешбинӣ шудааст. Қисми махсус хусуссияти пӯшида дорад. Айни замон он аллакай таҳия шудааст, ки дар натиҷа Қисми махсуси китоби дарсии фанни «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз чоп баромад.

Ҳамин тариқ, айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мактаби илмии соҳавӣ, самти нави илми ҳуқуқшиносии муосири ватанӣ, фанни нави таълимӣ ташаккул ёфтаанд, ки ба таври маҷмуӣ, аз нуқтаи назари як қатор соҳаҳои ҳуқуқ ва илмҳои ҳуқуқшиносӣ (назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, криминалистика ва ғайра) фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро меомӯзанд. Асоси назариявӣ ва методологии ин самти илмиро мафҳумҳо ва категорияҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ ташкил медиҳанд, ки барои асосноккунии консептуалии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намудаанд.

Айни замон мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи зарурии ҳуқуқӣ, илмӣ ва методиву таълимиро доро гардидаанд, ки он барои дуруст ташкил

намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ равона карда шудааст. Бо мақсади васеъ намудани ҳаҷми ин фанни илмӣ, баланд бардоштани дараҷаи азхудкунии мазмуни он на танҳо аз тарафи курсантҳо, шунавандагон, донишҷӯён, балки аз ҷонибикормандони амалӣ, конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии миқёси ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, семинарҳои омӯзишии сайёр якҷоя бо кормандони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ, ки субъектҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошанд, ташкил ва баргузор карда шудаанд.

Бо мақсади мукаммал гардонидани раванди таълим, ҷорӣ намудани мураттабӣ ва якпорчагӣ дар тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2017 дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон факултаи №6 - «Тайёр намудани кадрҳои оперативӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд. Дар факулта се кафедра: «Ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», «Пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ», «Пешгирии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ» фаъолият мекунад.

Ҳамзамон, бо мақсади васеъ намудани раванди таълим курсҳои такмили ихтисос барои ҳамаи категорияҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ба пешбурди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ваколатдор шудаанд, ташкил карда шудааст. Онҳо чанд сол боз бомуваффақият кор мекунанд. Мавзӯъҳои курсҳо гуногунанд: мубориза бо экстремизм ва терроризм; муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии сангҳои қиматбаҳо, металлҳои қиматбаҳо, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо; муқовимат ба ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ;

мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ; мубориза бар зидди дигар ҷиноятҳои иқтисодӣ ва ғайра.

Дар баробари таҳияи лоиҳаҳои нави қонунҳо дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки солҳои 1993, 1998 ва 2011 қабул шуда буданд, инчунин ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни амалкунандаи ФОҶ, дар асоси ақидаҳо ва арзишҳои нави ҳуқуқӣ системаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравии мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро пеш мебаранд, ташкил карда шудааст. Онҳо бағояҳои нави илмии фундаменталии назарияи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ асос ёфтаанд. Ҳамин тариқ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (фармоишҳо, дастурҳо) таҳия ва қабул шудаанд, ки онҳо ташкил ва тартиби амалӣ намуданифаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тартиби пешбурди парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ, пешниҳоди натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд ба танзим медароранд.

Таъмини илмии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо дастовардҳои навини муосир дар самти сиёсати муқовимат ба ҷинояткорӣ, ки яке азҷузъи таркибии он сиёсати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад, дар мадди назари доимии роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣқарор дода шудааст. Маҳз бо ташаббуси муаллиф ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори илмии мақомоти корҳои дохилӣ дар заминаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021 шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи тадқиқоти диссертатсионии номзадӣ ва докторӣ аз рӯи ихтисосҳои 12.00.11. (фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ), 12.00.12. (криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) таъсис дода шуда, фаъолият карда истодаанд.

Ҳамаи ин ташаббусҳо натиҷаи фаъолияти бисёрсолаи муаллиф дар самти бунёди сиёсати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла, баъд аз солҳои зиёди фаъолияти касбӣ ва илмию эҷодӣ соли 2018 муаллиф диссертатсияи докториро дар мавзуи "Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ (таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва умуминазариявӣ)"[15] ҳимоя намуд. Ҳарчанд ки бисёре аз олимони хориҷӣ ва дохили кишвар мавҷуд будани чунин самти тахассусии илмиро зери шубҳа мегузоштанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ инъикоси худро дар шакли васеъ дар монографияи «Оперативно-розыскная политика в сфере обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан»[16] ёфтаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки проблемаҳои амнияти иқтисодӣ ва ҷиноятҳои иқтисодӣ бори нахуст дар асарҳои илмии муаллиф баррасӣ гардидааст. Аз нуқтаи назари илмӣ фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муаллиф проблемаҳои амнияти иқтисодиро ошкор карда, ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт тавсифи оперативӣ-ҷустуҷӯиро пешкаш намуда, чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии муқовимат ба ин гуна ҷиноятҳоро муайян ва тавзеъ кардааст.

Ҷиҳати таъмин намудани фаҳмиши ягонаи категорияҳои илмӣ ва таълимии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар амалигардонии сиёсати

[15] "Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетеоретический анализ)".

[16]Оперативно-розыскная политика в сфере обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан. Монография. Душанбе. «ЭР-граф». 2018. 636 с.

оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мафҳумҳои дар он истифодашаванда то ҳадди имкон бо забони тоҷикӣ ифодаи худро ёбанд. Масалан, калимаи “контроль”, ки ба забони тоҷикӣ чун “назорат” тарҷума шуда буд, фаҳмиши онро аз калимаи “надзор”, ки он низ чун “назорат” тарҷума мешуд, мушкил мекард ва барои ҳам илму таълим ва ҳам ҳуқуқтатбиққунандагон мушкилиро эҷод мекард. Бинобар ин, аз ҷониби муаллиф истифодаи калимаи “назоратбарӣ” чун ифодаи калимаи “контроль” пешниҳод карда шуд, ки ин аз ҷониби мақомоти қонунгузории ҷумҳурӣ бемамоният қабул гардид ва хусусияти меъёрӣ пайдо кард.

Чунин навгониҳои имлоӣ дар дигар самтҳои илм ва қонунгузории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ пешкаш карда шуданд. Масалан, калимаҳои:

- “огоҳонидан” чун ифодаи мафҳуми “предупреждение”, ки қаблан он бо мафҳуми “пешгирӣ” маъмул буд;
- “хилватхона” чун ифодаи мафҳуми “хонаи пинҳонӣ”;
- “махфиёна” ифодаи мафҳуми “конфиденсиалӣ”;
- “падид” ифодаи мафҳуми “открытый”;
- “нопадид” ифодаи мафҳуми “закрытый”;
- ва ғайра.

Ҳоло таклиф ба миён гузошта шудааст, ки калимаи “оперативӣ” ба калимаи “чолокӣ” иваз карда шавад.

Чунин навгониҳо далели он аст, ки дар фарҳанги забони тоҷикӣ захираҳои хело ғанӣ ва бениҳоят нодир мавҷуданд, ки онҳо дар илм, таълим ва қонунгузории ҷумҳурӣ истифода намешаванд ва сабаби асосии ин ҳолат бехабарӣ аз фарҳанг, танг будани донишҳо оид ба захираҳои луғатӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯии давлатӣ ба ғанигардонии мафҳумҳо ва категорияҳои самти мазкур ниёз дорад.

Бо мақсади таъмини иттилоотии консепсияи сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашри маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ ва таҳлилии «НаркоФронт» шуруъ намуд. Татбиқи ин ғоя хеле муҳим ва саривақтӣ аст, зеро пайдоиши маҷаллаи «НаркоФронт» - ин кӯшиши олимону мутахассисони Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ барои муттаҳид намудани саъю кӯшиши намояндагони илму амалия дар ҷустуҷӯи усулҳои самараноки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва пешгирии нашъамандӣ мебошад. Ҳар семоҳа дар саҳифаҳои он натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи андӯхта дар мубориза бо ин офат, дар соҳаи маориф, масъалаҳои ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ инъикос ёфтаанд.

Хислати фарқкунандаи маҷаллаи мазкур хусусияти байнисоҳавии он, даъватинамояндагони созмонҳои гуногун барои муҳокимаи масъалаҳои мубоҳисавӣ, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ, инъикоси васеи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, профилактикӣ ва офиятбахшии рафтори ғайриқонунӣ дар ин самт мебошад. Маҷалла на танҳо ба муҳаққиқон, балки ба намояндагони мақомотиамалие, ки дар сафи пеши мубориза бар зидди ин зуҳуротқарор доранд, нигаронида шудааст. Он ба доираи васеи мутахассисон-ҳуқуқшиносон, табибон, равоншиносон, кормандони иҷтимоӣ, омӯзгорон равонагардидааст, ки ин махсусан муҳим аст, зеро дар профилактика ва мубориза бо гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор танҳо муносибати байниидоравӣ комилан мувофиқ аст.

Дар ин ҷода зикр кардан ҷоиз аст, ки муаллифи ҳамин мақола бо назардошти таҷрибаи калони амалӣ доштан дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин чун

асосгузори илми ватании фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиаз соли 2016 ба ҳайси узви ҳайати таҳририяи (редколлегияи) маҷаллаи "Оперативник ("сыщик") - нашрияи илмӣ-амалии бонуфузи Федератсия Россия фаъолият карда истодааст.

Ҷузъи таркибии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин, ғояву арзишҳои ахлоқӣ, аз ҷумла тарбия намудани кадрҳои касбӣ барои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯидар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии маънавӣ, эҳтиром ба мероси маънавӣ, рад кардани фарҳанги маънавии бегона, муҳофизати анъанаҳои фарҳангии миллӣ мебошад[17].

Дар фарқият аз дигар муаллифон, ки сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро чун ҷузъи сиёсати муқовимат ба ҷинояткорӣ меҳисобанд, ба ақидаи С.И. Захартсев, Ю.Ю. Игнашенков, В.П. Салников сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиқисми таркибии сиёсати дохилии давлат мебошад. Онҳо сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҳамчун назарияи илмии мустақил, ки барои андӯхти тамоми донишҳои марбут ба сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тааллуқдошта равона карда шудааст,арзёбӣ мекунанд[18].

Дар баробари ин, сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро танҳо бо ҳалли масъалаҳои ба сиёсати дохилӣ алоқамандбуда маҳдуд кардан мумкин нест. Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мисли тамоминамудҳои дигари сиёсатҳои ҳуқуқӣ, сатҳи дохилӣ ва байналмилалӣ дорад. Он, пеш аз хама, дар дохили мамлакат, дар асоси санадҳоиқонунгузории миллӣташаккул меёбад. Сониян, сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар муносибатҳои беруна, дар раванди ҳамкориҳои минтақавӣ ва

[17] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ. - Нашри 4-ум. – Душанбе: Эр-граф, 2017. — С. 95.

[18] Ниг.: Оперативно-розыскная деятельность в XXI веке: монография / С.И. Захарцев, Ю.Ю. Игнащенков, В.П. Сальников. - С. 147, 152.

байналмилалии мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, хадамот, воҳидҳо дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ҳуҷҷатҳои (қарорҳо, қонунҳои моделӣ ва ғ.) иттиҳодияҳои байнидавлатӣ (ИДМ, СҲШ ва ғайра)амалӣ карда мешавад.

Ҷузъи ҷудонашавандаи сатҳи байналмилалии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ин таъмини иттилоотии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар фазои ягонаи иттилоотию ҳуқуқии ИДМ мебошад. Масалан, дар ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои дохилии давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ, ки 28 июни соли 2017 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, қарор қабул карда шуд, ки механизми имконпазири табодули иттилоот дар бораи шахсоне, кидар қаламрави мамлакатҳои сеюм дар низоъҳои мусаллаҳонаиштирок менамоянд, коркард карда шавад[19].

Як қатор қарорҳо дар соҳаи ҳамкориҳои байнидавлатии давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ бо ташаббус ё иштироки бевоситаи муаллифи ҳамин мақолақабул карда шудаанд. Масалан, яке аз онҳо, Қарори Шӯрои вазирони корҳои дохилии давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ «Дар бораи таҳияи номгӯи ташкилотҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидоштае, ки фаъолияти онҳо дар қаламрави давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ манъ карда шудааст» мебошад, ки 28 июни соли 2017 дар ш.Душанбе қабул шудааст. Мутобиқи Қарори мазкур, бо мақсади ташкили дастрасии воқеӣ ва саривақтӣ ба маълумот дар бораи ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ, ки фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории миллии давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ манъ шудааст, ба вазирони корҳои дохилӣ пешниҳод карда шуд, ки ба Бюроиҳамоҳангсозии мубориза бар зидди ҷиноятҳои

[19] Ниг.: Патрин В. Трансформация террора в условиях современности // Содружество. Журнал Совета министров внутренних дел государств-участников СНГ. - 2018. - № 2. - С. 14-15.

муташаккил ва дигар намуди ҷиноятҳои хавфнок дар қаламрави кишварҳои ИДМ, маълумоти зикршударо ҷиҳати ворид намудан дар вебсайти Бюро дар шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ“Интернет”ирсол намоянд. Вобаста ба ин, ба БҲМҶМ супориш дода шуд, ки дар асоси маълумоти воридшуда Номгӯиташкилотҳои хусусияти террористиву экстремистидоштаро, ки фаъолияти онҳо дар қаламрави кишварҳои ИДМ манъ карда шудааст, тартиб диҳад.

Дигар ташаббуси муаллиф, ки боиси қабули қарорҳо дар соҳаи ҳамкориҳои байнидавлатии давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ гардидааст, ин силсилаи монографияҳо бахшида ба чорабиниҳои алоҳидаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад. Яке аз онҳо соли 2017 зери унвони «Международная контролируемая поставка» нашр шудааст. Дар китоби мазкур масъалаҳои таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи институти таҳвили назоратшавандаи байналмилалӣ бори аввал дар адабиёти илмии ватанӣ баррасӣ гардид.

Натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар самти мазкур самараи хеле хуб дод. Маҳз, китоби мазкур асос барои қабул намудани қарори махсус дар Шӯрои вазирони корҳои дохилии ИДМ (шаҳри Тошкент, 31 майи соли 2019) гардид, ки тибқи он “Тартиби ягонаи гузаронидани таҳвили назоратшавандаи байналмилалӣ” тасдиқ карда шуд ва ба ҳамаи вазоратҳои корҳои дохилии давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ тавсия дода шуд, то ин ки онро дар фаъолияти амалии худ истифода баранд.

Ҳамзамон, ташаббуси мазкур бо ин хотима наёфт. Вобаста ба хатару таҳдидҳое, ки замони муосирро фаро гирифтааст, зарурият ба миён омад, ки сатҳи ҳуҷҷати мазкур баланд бардошта шуда, доираи татбиқи он васеъ карда шавад. Яъне, чунин хулосабарорӣ карда шуд, ки татбиқи ҳуҷҷати мазкур на танҳо дар доираи фаолияти мақомоти корҳои

дохилии давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ, балки васеътар аз он – дар доираи фаъолияти дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ, аз ҷумла мақомоти давлатии амнияти миллӣ, гумрук, сарҳадот ба роҳ монда шавад.

Бинобар ин, муаллиф ҳамчун вазири корҳои дохилииҶумҳурии Тоҷикистон ташаббус нишон дода, дар ҷаласаи навбатии Шӯрои вазирони корҳои дохилии ИДМ (шаҳри Туркистон, Қазоқистон, 15 сентябри соли 2023) лоиҳаи Шартномаи давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ "Дар бораи тартиби ташкил ва гузаронидани таҳвили назоратшавандаи байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ" пешниҳод намуд.

Лоиҳаи мазкур аз ҷониби вазирони корҳои дохилии давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ пурра дастгирӣ ёфта, он ба Кумитаи иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷиҳати ба имзо расонидан аз ҷониби сарони давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ дар ҷаласаи навбатӣ пешниҳод карда шуд. Санаи 5 декабри соли 2023 дар ҷаласаи гурӯҳи кории экспертон, ки дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Белорус баргузор гардид, лоиҳаи Шартномаи мазкур баррасӣ гардида, пурра дастгирӣ карда шуд.

Дар қарини сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯйкоркард намудани низоми нави ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар қаламрави давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ амри замон аст. Таҳияи ҳуҷҷатҳои дахлдор ва татбиқи воқеии тадбирҳои иловагӣ дар самти такмил додани ҳамкории давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имкон медиҳад, ки бо истифода аз қувваҳои муштаракимақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳо-иштирокчиёниИДМ системаи комилан мувофиқ ва самарабахши мубориза бо ҷинояткоримутамарказ карда шавад.

Иштироки кормандони воҳидҳои оперативӣ дар гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии муштарак дар қаламрави ҳамдигар танзими меъёрии муфассалро талаб мекунад, зеро ин аҳамияти калони амалӣ дорад. Тавсияҳои дар боло зикршуда ва дигар пешниҳодҳо барои васеъю фароғтар гардидани имкониятҳои оперативии мақомоти ҳифзи ҳуқуқмубрам мебошанд.Чунки ин бо эҳтиёҷот оид ба таъмини вазифаҳои (функсияҳои) ҳуқуқҳимоявии давлат алоқаманд аст.

Мутаассифона, бояд гуфт, ки айни замон дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои ИДМҳалли ҳамаҷонибаи ин мушкилот то ҳол ба танзим дароварда нашудааст.

Ҳамин тариқ, сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дороисатҳимиллӣ, байнидавлатӣ ва байналмилалӣбуда, дар заминаиқонунгузории миллӣ, ҳуҷҷатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалие, ки асосҳоиконсептуалӣ ва тадбирҳои дохилидавлатӣ, байнидавлатӣ ва байналмилалии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро муайян мекунанд, ташаккул меёбад.

Бо ташаббуси муаллифи мақолаи мазкуряке азаввалин кӯшишҳои расмӣ гардонидади мафҳуми «сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистонтавассути қабул намуданиҚарори махсуси Мушовараи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июли соли 2018 амалӣ карда шуд. Дар Қарори зикршуда муқаррароtдар бораи он, ки сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷузъи таркибӣ, ва ҳамзамон, мустақили сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад,дар мубориза бо ҷинояткорӣ нақшикалидӣдоштани онқайд карда шудааст. Дар ин Қарор вазифаҳои актуалии зерини сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муайян гардидаанд:татбиқ намудани чораҳои таъсирбахш ва самараноки ҳуқуқии ҷиноятӣнисбатишахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд; таъмини амнияти давлат азтаҳдидҳои

дохилӣ ва хориҷӣ; паст кардани сатҳ ва хавфи ҷинояткории муташаккил, ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, ҷиноятҳои ғаразнок, коррупсионӣ, ҷиноятҳои бо роҳи зӯроварӣ содиршуда, ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон; ҳимояи манфиатҳо ва амнияти ҷабрдидагони ҷиноят. Мутобиқи Қарори мазкур, самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣва сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар асоси сифатнокии коримақомоти корҳои дохилӣ дар самти муқовиматисаривақтӣ ва самарабахшба ҷинояткоримуайян карда мешавад.

Дар як қатор асарҳо дар сохтори сиёсати муқовимат ба ҷинояткорӣ дар баробари сиёсатҳои криминологӣ, ҳуқуқии ҷиноятӣ,мурофиавии ҷиноятӣ, иҷрои ҷазоиҷиноятӣ ва ҳуқуқии маъмурӣ сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ таъкид шудааст[20].

Дар китоби дарсии «Теория оперативно-розыскной деятельности» («Назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»)дар таркиби сиёсати муқовимат ба ҷинояткорӣ сиёсатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қайд гардидааст[21].

Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар баробари сиёсатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ ҷузъи сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ мебошад. Он бо сиёсатҳои ҳуқуқэҷодкунӣ,

[20] Ниг.: Босхолов С.С. Основы уголовной политики. - Изд. 2-е. - М.: Юринфор, 2004. - 303 с.; Гаврилов Б.Я. Современная уголовная политика России: цифры и факты: монография. - М.: Проспект, 2008. - 208 с.; Тимофеев А.Г. Уголовно-правовая политика // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона: в 86 т. - Т. 82. - СПб., 1890-1907; Франц фон Лист. Задачи уголовной политики. Преступление как социально-патологическое явление. - М.: Инфра-М., 2008 - 110 с.

[21] Ниг.: Теория оперативно-розыскной деятельности: учебник / под ред. К.К. Горяйнова, В.С. Овчинского, Г.К. Синилова. - М., 2006.

қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ алоқаманд аст. Амалигардонии он муайян намудани асоснокии иҷтимоии меъёрҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, такмили қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таъмини самаранокии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тадқиқоти илмии воситаҳои мубориза бо ҷиноятқорирodar назар дорад. Асоси меъёрии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ташкил медиҳад, ки меъёрҳои он хусусияти сиёсати мазкурро муайян мекунанд[22].

Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла сиёсатиҳуқуқии ҷиноятӣ буда, бо назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ зич алоқаманд аст. Он матлабидарки назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ташкил дода, дар навбати худ, ба ин назария таъсири мутақобиламерасонад, аз ҷумла, ба фаъол шудани самтҳои нави назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки иқтидори илмии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро ташкил медиҳанд, мусоидат мекунад. Масалан, дар раванди такмили сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ заминаи қонунгузорӣ нав гардида, кори оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қонунӣ гардонида шуда, илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва фанни таълимӣ ташаккул ёфт[23].

---

22 Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ. - Нашри 4-ум. – Душанбе: Эр-граф, 2017. — С.90-91.

23 Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ. - Нашри 4-ум. – Душанбе: Эр-граф, 2017. - 776 саҳ.; Ҳамон муаллиф: Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ. - Нашри 3-юм. – Душанбе: Эр-граф, 2015. - 756 саҳ.; Ҳамон муаллиф: Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми махсус: Китоби дарсӣ. - Душанбе: ЭР-граф, 2017. - 778 саҳ.; Ҳамон муаллиф: Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ. - Душанбе: ЭР-граф, 2012. - 596 саҳ.; Ҳамон муаллиф: Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Барномаи таълимӣ: дастури таълимӣ-методӣ. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 60 саҳ.; Ҳамон муаллиф: Ҳифзи сирри давлатӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: дастури таълимӣ. - Нашри 2-юм. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 104 саҳ.; Ҳамон муаллиф: Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ. - Нашри 2-юм. -

«Сиёсати ҳуқуқии ҷустуҷӯӣ» ҳамчун қисми таркибии сиёсати муқовимат ба ҷинояткорӣ тавассути фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ чун самти фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣдар соҳаи таҳия ва татбиқи усулҳои кушодани ҷиноятҳо ва ҷустуҷӯи шахсоне, ки онҳоро содир кардаанд, арзёбӣ карда мешавад[24].

Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мисли дигар сиёсатҳои ҳуқуқӣ, бояд хусусияти илмӣ-консептуалӣ дошта бошад ва ба назарияи мувофиқе, яъне ҳам ба назарияи умумии сиёсати ҳуқуқӣ, ки аллакай аз ҷиҳати илмӣ асоснок шудааст ва ҳам ба назарияи мушаххаси оперативӣ-ҷустуҷӯӣ асос ёбад. Бояд гуфт, ки дар солҳои охир барои муайян кардани асосҳои илмии назарияи оперативӣ-ҷустуҷӯикӯшишу талошҳои зиёде харҷ карда шудааст.

Ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, ҷузъи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Он муносибатҳои ҷамъиятиро, ки дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба вуҷуд меоянд, танзим мекунад.

---

Душанбе: ЭР-граф, 2014. - 692 саҳ.; Ҳамон муаллиф: Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Кори оперативӣ: китоби дарсӣ. - Нашри 2-юм. - Душанбе: Ирфон, 2015. - 448 саҳ.; Ҳамон муаллиф: Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Ҳуҷҷатноккунӣ: парвандахои баҳисобгирии оперативӣ: дастури таълимӣ. Душанбе: Ирфон, 2017. - 212 саҳ.; Ҳамон муаллиф: Организация и тактика оперативно-розыскной деятельности по борьбе с экономическими преступлениями в кредитно-финансовой системе Республики Таджикистан: монография. - Душанбе, 2006. - 280 с.; Ҳамон муаллиф: Оперативно-розыскные мероприятия: монография. - Душанбе, 2006. - 130 с.; Ҳамон муаллиф: История возникновения и развития сыскной (оперативно-розыскной) деятельности в Таджикистане: монография. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 94 с.; Ҳамон муаллиф: Оперативно-розыскные мероприятия: правовые основы: монография. - Душанбе: ЭР-граф, 2016 - 208 с.; Ҳамон муаллиф: Оперативно-розыскная деятельность: история и современность: монография. - Душанбе: ЭР-граф, 2016. - 320 с. ва ғайра.

24 Ниг.: Александров А.И. Александров А.И. Уголовная политика и уголовный процесс в Российской государственности: история, современность, перспективы, проблемы / под ред. В.З. Лукашевича. - СПб., 2003. -С. 70.

Бинобар ин, илми ҳуқуқшиносии соҳавӣ дар намудиҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мавҷуд аст. Аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқ,ба ҳар як соҳаи ҳуқуқ илми ҳуқуқшиносие, ки ба ин соҳа мувофиқ аст, рост меояд. Мавҷудияти ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун унсури системаи ҳуқуқӣ, мавҷудияти илми ҳуқуқшиносии соҳавиро дар намуди ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тасдиқ мекунад.

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣҳамчун илми мустақил (соҳаи донишҳои илмӣ) дар раванди тафриқаи донишҳои илмии ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла, тафриқаи системаи илмҳои силсилаи криминалӣ ташаккул ёфтааст. Илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ воситаҳо ва усулҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ меомӯзад[25].

Тавре ки қаблан зикр гардид, ташаккули соҳаи нави ҳуқуқ - ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки табиатан ба миён омадааст, ба ташаккули соҳаи нави илми ҳуқуқшиносӣ дар намудиҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат мекунад. Илми ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣдорои объект, предмет(матлаб) ва методологияи дарки илмии худ мебошад.

Тавре ки маълум аст, объекти илм падидаест, ки ин илм онро меомӯзад. Объекти омӯзиши илми ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии воҳидҳои оперативии мақомоти давлатии дар қонунномбаршуда ба вуҷуд меоянд ва инкишоф меёбанд, мебошанд. Зимнан бояд қайд кард, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таври объективӣ, мувофиқи талаботи объективии тараққиёти ҷамъият ба вуҷуд меоянд.

[25] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ. - Нашри 4-ум. - Душанбе: Эр-граф, 2017. - С. 27-28.

Предмети (матлаби) илм аз қонуниятҳои муайяни пайдоиш ва инкишофи падидаи даркшаванда иборат аст[26]. Аз ин нуқтаи назар, предмети илми ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қонуниятҳои пайдоиш ва инкишофи муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба заминаи умумии қонунгузорӣ, назариявӣ, ташкилӣ, молиявӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ (ҳуқуқмуҳофизавӣ, ҳуқуқамалигардонӣ, ҳуқуқтафсиркунӣ, ҳуқуқтатбиққкунӣ) такя мекунад ва дар доираи барпо гардиданисиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умумташаккул меёбад. Дар баробари ин, сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба заминаи доктриналӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, сиёсӣ-директивӣ, ташкилию ҳуқуқӣ,иттилоотӣ, моддӣ,оморӣ ва дигар заминаҳои худ, ки барои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ заруранд, такя мекунад.

Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ зич алоқаманд буда, ҳамзамон бо сиёсати ҳуқуқмуҳофизавӣ робитаи мутақобила дорад. Он мақсаду вазифаҳои худро дорад, ки барои ҳалли вазифаҳои сиёсати ҳуқуқмуҳофизавӣ мусоидат мекунанд.

---

[26] О теоретических проблемах объекта и предмета науки. Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: Китоби дарсӣ. - Ҷ.1. - Душанбе: Империал - групп, 2010. - С. 22-38.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА**
*номзади илмҳои фалсафа*

## ИНСОН ДАР ДОИРАИ БАРНОМАИ СИФАТҲОИ ИРСӢ

Сифатҳои ирсии инсонӣ дар доираи шинохти олами зинда, бахусус анвоъи гуногуни растаниву ҳайвонҳо ҳануз аз замонҳои хеле қадим таваҷҷуҳи инсоҳоро ба худ ҷалб намуда буд. Аз он даврон, ки инсон ба чорводориву кишт намудан барои баровардa кардани ниёзҳои моддии худ шуруъ намуд, ба умумияти ирсии навъи муайяни ҳайвоноту растаниҳо пай бурда, онҳоро ба тарзи мушоҳидаҳои оддию рӯзмарра дарк намуда буд.

Аз ҳамон замон шуруъ намуда, инсонҳо усулҳои гуногунро барои беҳтар кардани ҳайвоноти хонагӣ ва парвариши навъҳои гуногуни растанӣ истифода мебурданд, аммо дар бораи қонунмандиҳое, ки ин раванд ба он асос ёфтааст, фикр намекарданд. Масъалаи мазкур дар доираи илмӣ бори аввал аз тарафи Арасту (384-322 то милод), файласуф ва мутафаккири Юнони Қадим мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ӯ чунин мешуморид, ки ирсият принсипи ғайримоддиест, ки инкишофи организмро муайян мекунад. Арасту исбот кард, ки ҷанбаи моддии мерос аз ҷониби модар ҳамчун принсипи ғайрифаъол таъмин карда мешавад, дар ҳоле ки падар ба принсипи фаъоли руҳонӣ, ки ҳамчун энтелехия маъруф аст, саҳм мегузорад. Мувофики консепсияи ӯ, ин принсипи энергетикӣ дар ташаккул ва инкишофи организм нақши халкунанда мебозад[1].

[1] Дубинин Н. П. Генетика и человек. — М.: Просвещение, 1978. — С. 3—5.

Сифатҳои ирсии инсонро имрӯз дар доираи илми генетика меомӯзанд. Генетика ё геном калимаи фаронсавӣ буда, генетика фарогири барномаҳоест, ки он моҳияти фардро дар ДНК ва ҳастаҳои ҳуҷайравӣ баррасӣ менамояд. Геном фарогири дастурамалҳои ирсӣ буда, барои он сохта шудааст, ки вуҷуди инсон ва тамоми мавҷудро ҳамчун як барномаи мушаххас фаро бигирад ва нигаҳдории як мавҷуди зинда ба он марбут аст. Калимаи геном аз ду калима **gen** ва пасванди **ome** гирифта шудааст. Бадани физиологии инсонро ба таври нисбӣ 50 то 100 млрд ҳуҷайра ташкил медиҳанд, ки дар ҳар ҳуҷайра тамоми дастурамалҳои кодгузоришудаи лозим барои ҳидояти тамоми фаъолиятҳои ҷисм ва сохтории лозим дар он мавҷуд аст. Ба ҳар гуруҳи комиле аз ин дастурамалҳо геном гуфта мешавад.

Ба таърифи дигар, геном зистшиносии молекулиявӣ ва генетикии моддаи генетикии як ҷондор аст, ки он шомили ДНК ё РНК дар сатҳи вирусӣ аст. Геном шомили ҳар ду навъи генҳо, ҳам ДНК ва ҳам РНК аст. Илме, ки хусусияти генҳоро меомӯзад, генетика номида мешавад.

Геноми инсон аз 46 молекулаи ДНК-и фарқкунанда аз ҳам бо номи хромасома ташкил шудааст. Дар бактерияҳо ва шаклҳои соддатари зинда геном танҳо аз як хромосома иборат аст. Хромосомаҳои инсонӣ аз назари андоза ва иттилоот бисёр густурда ва гуногун ҳастанду бештарин теъдоди генҳо, яъне беш аз 50 ҳазор генро доро мебошанд. Хромосомаи Y дар инсон камтарин теъдоди генҳоро, яъне 36 ададро доро мебошад. Геноми инсон беш аз 3 млрд зарраи рамзии ДНК аст, ки дар хромосомаҳо қарор доранд ва ДНК-и онҳо шомили 4 блок аст: 1. (A)-админ, 2. (G) говонин, 3. (C) стузин, 4. (T)тимин аст, ки борҳо дар саросари геноми инсон такрор шудааст. Генҳое, ки аз падару модар ба таври ирсӣ интиқол ба фарзандон мешаванд, генотип ном бурда мешаванд, ки маҳз

ин генотипҳо сифатҳои фарзандон (фенотип)-ро шакл медиҳанд.

Метавон геномҳои инсонро, ки дар ДНК захира шудаанд, ба як китобхонае ба сурати зайл муқоиса кард: 1. Китобхона шомили 46 китоб (хромосома) аст. 2. Китобҳо байни 400 то 3340 саҳифа (ген) доранд. 3. Ҳар китоб ба ҳисоби мобайнӣ дорои 47 то 250 млн ҳарф (нуклоитҳо)-и кучак иборат аст. 4. Як нусхае аз китобхона (тамоми 46 хромосома) тақрибан дар ҳамаи ҳуҷайраҳои бадани инсон қарор доранд.

Барои тасвири андозаи бузурги геноми инсон метавон дар назар гирифт, ки агар ҳамаи 2 ё 3 млрд ҷуфти нуклоитҳо дар як китоб навишта шаванд, теъдоди варақҳои китоб ба 500 ҳазор варақ мерасад ва 40 сол ҳар рӯз рӯзе 8 соат (дар ҳар сония 5 ҷуфти нуклеоитҳо) вақт лозим аст, то тамоми хромосомаҳо навишта шаванд.[2]

Роҷеътарин равиши таъйини дарозии геномҳо дар инсон ба ин сурат аст, ки ибтидо тамоми геноми инсон ба сурати китобхонаи BAC таҳия мешаванд ва сипас бо равишҳои мухталифе аз ин келвинҳои контик таҳия мешавад. Сипас қитъаҳои воридшуда дар ҳар як аз келвинҳои контикӣ таъйин ва афзуда мешавад. Дар ин равиш, ибтидо қитъаҳо аз ДНК, ки теволии номушаххас дорад, таксир (клон) мешавад, сипас ҳазорон нусхаи ба дастомадаи онро, ки ҳар яке таркибан аз 4 нуклетит поя ва 4 занҷираи поёнӣ, ҳар як ба унвони яке аз чаҳор нуклеотит поя дар ДНК нақш дорад, гармо дода мешаванд ва ин сабаб мегардад ду занҷираи ДНК аз якдигар ҷудо шаванд ва синтези решаи мукаммал анҷом бигирад.[3]

Дар соли 1988 муҳандисони генетикаи ИМА нақша ва дарозии генҳои инсониро мушаххас карданд. Ин кашфиёти

[2] Ридли Мэтт. Геном: автобиография вида в 23 главах. — М.: Эксмо, 2008. — 432 с.
[3] Ҳамон ҷо

бузург, ки генетикаи инсон ном гирифт ба суръати тез ба як таҳқиқи ҷаҳонӣ мубаддал шуд ва натиҷаи ҳамкории ҳавзаи геншиносии ИМА ва созмони ҷаҳонӣ тандурустӣ гардид. Лоиҳаи геноми инсон дар ибтидо барномаи 15-сола буд, аммо суръати пешрафти технология сабаби сарфа шудани замон гашт ва дар соли 2003 ин пружа ба поён расид.

Аз ҳадафҳои асосии лоиҳаи геноми инсон метавон ба ин мавридҳо ишора намуд: а) таъйини нақшаи дақиқи генетикии хромосомаҳо. Б) таҳияи нақшаи физикии хромасомаҳои организмҳое, ки ба унвони модел интихоб шудаанд. В) таъйини тулонияти кулли геномҳои инсонӣ. Г) эҷоди шабакаҳои иртиботӣ ва бонкҳои иттилоотӣ дар бораи геномҳо ва донишҳои генетикӣ.

Генетика- омӯзиши ҷомеи маълумот дар бораи генетикаи як ҳуҷайра ва мавҷуди зинда аст. Аз зермаҷмуаҳои ин илм метавон ба бархе мавридҳо ишора намуд. Монанди шинохти вазифаи генҳои хос ва баррасии истифода аз онҳо аз сари генҳо бар рӯи якдигар омӯзиш ва ҷустуҷӯи равишҳои дармонӣ барои бемориҳои генетикӣ ва бемориҳои ирсӣ густариши дониши протомекс ва шинохти беҳтари молекулаҳои ДНК, ки аз миёни афрод метавонанд, мунҷар ба роҳҳои нави инқилобӣ барои шинохти дармон ва ҳатто рӯзи пешгирӣ аз ҳазорон ихтилол, ки бар мо асар мегузорад, шавад. Илова бар фароҳам сохтани маълумот, барои дарки зистшиносии инсон шинохти тулонияти ДНК-и мавҷудоти дигар, метавонад дарки дурустии қобилиятҳои табиии онҳо шавад ва онро дар ҷиҳати ҳалли чолишҳои муроқибатҳои саломатӣ, кишоварзӣ, тавлиди энергия, бозсозӣ ва ҳифзи муҳити зист инчунин ҷудосозии карбон метавон ба кор гирифт.

Гендармонӣ роҳкоре аст, ки барои саҳеҳияти генҳо инчунин дармон намудани генҳое, ки ягон иллат ё айбе доранд, ба кор гирифта мешаванд. пажуҳишгарон мумкин аст,

яке аз чандин руйкардҳои мавҷудро барои тасҳеҳ кардани генҳои бемор истифода намоянд. Гени табиӣ мумкин аст ба даруни як маҳалли ғайриихтисосии геном кошта шавад, то як гени вайроншударо ҷойгузин кунад. Ин равиш як руйкарди роиҷ аст. Равиши дигар, ин гени ғайритабииро метавон аз тариқи ҷаҳиши маъкузи интихобӣ тармим кард, ки боис мешавад ген ба коркарди табииаш бозгардад. Танзими як гени хос (мизонеро, ки як ген хомуш ва равшан мешавад)- ро низ метавон тағйир дод.

Дар бисёр баррасиҳои гендармонӣ гени табиӣ ба даруни геном ворид карда мешавад, то ҷойгузини як гени беморизои ғайритабиӣ шавад. Як молекулаи ҳомил, ки ба он ноқил (вектор) мегӯянд, барои ворид кардани гендармонкунанда ба сулулҳои ҳадафи бемори мавриди истифода қарор мегирад. Дар ҳоли ҳозир, роиҷтарин ноқили мавриди истифода вирусе аст, ки ба таври генетикӣ тағйир дода шудааст, то ДНК-и табиии инсониро ҳамл кунад. Вирусҳо тавре такомул ёфтаанд, то генҳояшонро ба шеваи осебзо ба даруни ҳуҷайраҳои инсонӣ ворид кунанд. Донишмандон кушиш кардаанд, то аз тавоноии ин вирусҳо суд баранд ва геноми вирусҳоро тавре дасткорӣ намоянд, ки генҳои беморизоро аз ҳуҷайра барҳам ва генҳои дармонкунандаро вориди он созанд. Ҳуҷайраҳои ҳадафӣ мисли ҳуҷайраҳои ҷигар ё риёҳи бемор бо ноқили вирусӣ олуда мешаванд. Протоинҳои нави дорои коркард, ки ба василаи гендармонӣ эҷод мешаванду ҳуҷайраҳои вайроншударо ба вазъияти табиӣ бозмегардонанд. Ба ғайр аз вирусҳо гузинаҳои дигаре барои ворид кардани генҳо ба даруни ҳуҷайраҳо вуҷуд дорад. Соддатарин равиши ворид кардани мустақими ДНК- дармонӣ ба даруни ҳуҷайра аст. Ин руйкард аз лиҳози коркард маҳдудият дорад, зеро метавон онро танҳо дар мавриди бофтаҳои муайян ба кор бурд ва ниёзе ба миқдори зиёди ДНК дорад.

Геноми инсон ба сурати 22 ҷуфти хромосомаҳо ба иловаи хромосомаи X (1 адад дар мардон ва 2 адад дар занон) ва танҳо дар мардон 1 хромосомаи Y созмондеҳӣ шудааст. Инҳо ҳама молекулаҳои хаттии бузурги ДНК-и мавҷуд дар ҳастаи ҳуҷайраҳо ҳастанд. Геном ҳамчунин шомили ДНК метахондриоӣ аст, ки молекулаи ҳалқаии нисбати кучаке дар ҳар метахондрияро дорад. Маълумоти ибтидоӣ дар бораи ин молекулаҳо ва муҳтавои гени он бар асоси як пойгоҳи додаҳои марҷаи геном аст, ки тулонияти он марбут ба фарди хосеро дар бар намегирад.

Муҳтавои геноми инсон маъмулан ба дарозии ДНК-и кодкунанда ё рамзгузор ва ё ғайрирамзгузоранда тақсим мешавад. Дарозии ДНК кодкунанда ба он бахши аз дарозиҳое гуфта мешавад, ки метавонанд ба ҳайси РНК-и паёмрасон рӯйнавис ва дар идома ба прутоинҳои тарҷума шаванд. Ин тулониятҳо танҳо бахши кучаке аз геном (тақрибан 2%) ро ишғол мекунанд. ДНК- ғайри кодкунанда берамз дарозии ҳоибе ҳастанд, ки ҳудуди 97 дар 100 дигари геномро пур кардаанд ва аз онҳо барои рамзгузорӣ ва ниҳоятан бозофаринии протеинҳо истифода намешавад. Бархе аз ДНК-ҳои берамз муҳтавои молекулаҳои РНК-ро бо корбурдҳои муҳими биологӣ монанди РНК-ҳои рибузмӣ ва ДНК-ҳои ҳомил ҳастанд. Пайдо кардани амалкард ва маншаи фаргашти ДНК-ҳои берамз як ҳадафи муҳим аз баррасиҳои геном аст, ки шомили проекти рамзгузории онкод (донишномаи ҷувъҳои ДНК) мебошад. Ҳадафи он баррасии ҳамаи геноми инсон бо истифода аз абзорҳои таҷрибии гуногунро дар бар мегирад, ки посуххҳои ба дастомада аз онҳо нишонгири чигунагии фаъолияти молекулавӣ аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки рӯнависии ДНК-и берамз энергияи зиёде масраф мекунад, ин савол пеш меояд, ки нақши зистии ин қисмат аз чи иборат аст? Ба назар мерасад, ки яке аз нақшаҳои ин қисмат танзими рӯнависии

ҷузъҳо аст. Бо афзоиши теъдод ва андозаи ДНК-и берамз рӯнависӣ аз генҳо бештар тул мекашад ва дар натиҷа маҳсули камтаре тавлид мешавад.[4]

Нақши дигари ин навъи ДНК-ҳо эҷоди гуногунӣ дар маҳсул аст, ки якнавохт анҷом мешаванд. Дар баъзе генҳо часпидани рӯйнависҳо ба сурати тасодуфӣ анҷом мешавад. Нақши дигаре, ки барои ин ДНК-ҳо берамз рух медиҳад, ин коҳиши осебҳои муассир ба ДНК-ҳои рамздор аст. Зеро баъзе осебҳо мумкин аст, дар маҳалли ДНК-ҳои берамз рух диҳанд, ки бо ҳазфи онҳо осебҳои асарӣ анҷом меёбанд, аз он ҷо ки ДНК-ҳои берамз аз кодкунандаҳо хеле бештаранд. Мафҳуми тулонияти геном бештар ба як мафҳуми таҳлилии мутамаркизшуда то аз мафҳуми классикии ген барномaнависии ДНК иборат аст.

Бисёре аз ҷамбаҳои зистшиносии инсон шомили ҳар ду омил генетикӣ (ирсӣ) ва ғайригенетикӣ (муҳитӣ) мешаванд. Баъзе аз тафовутҳои муассири мо ирсӣ ҳастанд (ба мисли қомат, ранги чашм, тавоноии чашоии яктаъм ё як бӯйи вижа) ва ғайра. Дар зоти худ беморӣ нестанд ва решаи зистшиносӣ доранд. Илова бар ин, баъзеи дигар аз тафовутҳои генетикӣ танҳо дар таркиб бо омилҳои муҳитии муносиб (монанди режими ғизоӣ) боиси беморӣ мешаванд. Аз ин нигоҳ, ба ниёз ба ин омилҳои зикргардида ин ихтилолоти генетикӣ мумкин аст ба унвони беморӣ таъриф шаванд, ки нишоне аз танавуъи геномӣ тулонии ДНК аст. Дар мавридҳои соддатар ин халалёбӣ метавонад, бо тағйири як гени мунфарид дар иртибот бошад. Ба унвони мисол фибрези систекӣ бар асари ҷаҳиши ген CFTR эҷод мешавад ва шоеътарин ихтилоли

[4] Тарантул В. З. Геном человека. Энциклопедия, написанная четырьмя буквами. — Языки славянской культуры, 2003. — 396 с. — ISBN 5-94457-108-X

мағлуб дар нажоди қафқозӣ бо беш аз 1300 ҷаҳиши мухталиф шинохта шудааст.[5]

Мафҳуми дигаре, ки ифодагари сифатҳои ирсӣ аст, ин ворисият ба ҳисоб меравад. Калимаи ворисият дар ибтидо дар заминаи васеътаре мавриди истифода қарор мегирифт. Зеро дар он замон марзе миёни сифатҳои касбшуда ва сифатҳои генетикӣ вуҷуд надошт ва бештаре аз муҳаққиқион онҳоро яксон меҳисобиданд. Имруз бошад пешрафтҳои илмӣ мушаххасан аз охири саддаи 19 онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд. Имруз мафҳуми ворисият аз баҳсҳои илми генетика ба ҳисоб меравад.

Нахустин бор Иоган Грегорий Мендел ба поягузории қонунмандии ворисият дар қарни 19 моделе барои нишон додани чигунагии интиқоли сифатҳои муайян аз волидайн ба фарзандонро баррасӣ намуд. Дар он замон ба сабаби мушаххас набудани моҳияти моддаи генетикие, ки омили интиқоли хусусиятҳо аст, ин пешниҳод рад карда шуд. Инкишофи таълимот дар бораи конуниятхои ворисият дар биология бо инкишофи чунин сохаи биология, монанди генетика алокаи зич дорад. Эътирофи расмии генетика ҳамчун як фанни алоҳидаи илмӣ соли 1900 ба вуқӯъ пайваст, вақте ки Гюго де Вристи голядиягӣ, Карл Корренс олмонӣ ва Эрих Цермак австриягӣ кори Менделро омӯхта, таҷрибаҳои шахсии худро оид ба гузариши растанӣ гузаронида, натиҷаҳои онро тасдиқ карданд.[6]

---

[5] Тарантул В. З. Геном человека. Энциклопедия, написанная четырьмя буквами. — Языки славянской культуры, 2003. — 396 с. — ISBN 5-94457-108-X

[6] Дубинин Н. П. Генетика и человек. — М.: Просвещение, 1978. — С. 3—5.

Қонунҳои асосии ворисияти Мендел, ки аломатҳои элементарии онро кашф кардааст, то ҳол асоси генетика боқӣ мемонад ва ин қонунҳо иборатанд аз:

1. "Қонуни якхелаи гибридҳои насли аввал" ё "Қонуни ҳукмронӣ". Вақте фардҳо аз рӯи як аломат фарқ мекунанд, насле ба вуҷуд меояд, ки дар он хислати асосии ҳукмронро як ген муайян кардааст, зоҳир мешавад.

2. “Қонуни сегрегатсия" ба убури шахсони гетерозигота дахл дорад. Дар ин ҳолат тақсимшавӣ дар таносуби 3:1 аз рӯи фенотип ва 1:2:1 аз рӯи генотип мушоҳида мешавад

3. “Қонуни покии гаметаҳо” ташаккули гаметаро тавсиф мекунад. Вай таъкид мекунад, ки ҳар як gamete аз бисёр алтернативаҳо танҳо як "унсури ирсият" дорад, ки барои хислати мушаххас масъул аст.[7]

Тибқи қонуни ворисият ҳамаи ҷондорон ва инсонҳо барои ҳар сифати худ 2 сабаб доранд, ки яке аз онҳо аз падар ва дигаре аз модараш дарёфт шудааст. Дар сурате ки ин ду сабаб яксон бошанд фард аз назари он гени ҳамузикут ва агар мутафовит бошанд ҳетрузикут аст. Дар ин сурат фенотипи фард метавонд, чандин ҳолат дошта бошад. Ба таври мисол, агар яке аз сабабҳо сабаби ғолиб бошад (яъне худро ба тарзи комил бруз диҳад) ва дигаре мағлуб бошад (асаре аз худ зоҳир накунад) фенотипи фард марбут ба сабабии ғолиб хоҳад буд. Ба таври мисол фарде ки як олали А ва як олали 0 барои гуруҳи хунии худ дорад гуруҳи хуни А-ро хоҳад дошт. Чаро ки илали 0 нисба ба А мағлуб аст, ва бруз намекунад. Ҳамчунин ду сабабии ноҳамсон метавонанд, ҳамзамон худро бруз диҳанд. Ба ин ҳолат ҳамтавонӣ гуфта мешавад. Дар ин сурат дар

[7]Снигур Г. Л. Основы генетики. Наследственность и изменчивость.. — Волгоград: ВолгГМУ, 2016. — С. 38—70.

генотипи фард ду сифат марбут ба ҳар кадом аз ду илал зоҳир мешавад. ҳамчун фарде ки дорои гурӯҳи хуни A B аст.

Ҳолати дигаре мумкин аст рух диҳад, ки онро метавон ғолиби ноқис ном бурд. Дар ин сурат генотипи фард таркиб ва ҳадди воситае аз ду сифат хоҳад буд. Ҳамчун фарде, ки як сабаб марбут ба мӯйҳои печида ва як сабаб марбут ба муйҳои соф дошта бошад. Дар ин сурат генотипи муйҳои ӯ мавҷдор (ва гоҳо мавҷдору соф) хоҳад буд.[8]

Ирсият ин интиқоли маълумоти генетикӣ (хусусиятҳои) генетикӣ аз як насли организм ба насли дигари он аст. Асоси интиқоли ирсиятро раванди ба ҳаммоӣ ва тақсимшавии маводҳои генетикӣ дар асоси қонунмандии ирсият вобаста аз органнизмҳои гуногун ин раванд сурат мегирад. Вобаста аз фаръишавии генҳо онҳо дар ҳуҷайра аз рӯи ядро ва ситоплазмаҳои ирсӣ фарқ мекунанд. дар навбати худ ядрои ирсӣ ба ду зергурӯҳ тақсим мешавад. Аутосомӣ ва махсус аз рӯи ҷинсият. Дар асоси хислати ба вуҷудоии аломатҳои гетрозигӣ ҳамчунин ирсият ҷудо мешавад ба ирсияти фарогир ва ирсияти ғайрифарогир. Ҳамчунин вобаста аз ҷинсияти ирсиятқабулкунанда (аломатҳои гуногун вобаста аз гуногунӣ ва хусусиятҳои хоси як навъи ҷинсӣ интиқол дода мешаванд) инчунин маҳдудияти ҷинсияти ирсбаранда низ дар назар аст.

Вақтҳои охир инчунин ду навъи ирсиятро тақсим менамоянд, аз ҷумла ирсияти эппигенетикӣ, ки муаянкунандаи он қонунмандии ирсияти имперентуремии генҳо ва аломатҳои он инчунин навъи муаянкунандаи генҳои инактивируэмии X хромасомаҳо махсусан барои ҷинси занона ба ҳисоб мераванд. Барои прокариот ва вирусҳо навъҳои махсуси ирсият бо қонунмандии хос сурат мегирад.

---

[8] Гинтер Е. К. Медицинская генетика. — М.: Медицина, 2003. — 448 с.

Яке аз навъҳои машҳури ирсият ин ирсияти хромасомӣ ба ҳисоб меравад. Бори аввал бобати хусусияти интиқолдиҳии ирсият доштани хромасомаҳо аз тарафи Август Вейсман ошкор карда шуд. Ӯ дар коркарди илмии худаш бо унвони назарияи эволютсионӣ, ки соли 1903 коркард шуд, ба чунин хулоса меояд, ки ирсият тавассути ядрои дохилии плазма ва ҳуҷайраҳои ҷинсӣ тавлид шуда, пасон дар хромасомаҳо ва хромантин хусусиятҳояш сабт мешавад. Вай инро бо он асоснок менамояд, ки хусусиятҳоиситологии хромасомаҳо дар худ нигаҳдорандаи махсусияти ҳолатҳои пешинаи ирсиятро дороянд, аз ҷумла онҳо метавонанд ба ду гурӯҳи баробари ҳуҷайраҳои соматикӣ тақсим шаванд. Ҳамчунин ҳангоми ба вуҷудоии гамметҳо миқдори онҳо ду баробар кам мешавад. Ин пеш аз ҳама дар омезиш ва таъсиргузории омехташавии хусусиятҳои ҷинси зан ва мард ҳангоми дар батн шаклгирии фард аст. Хромасомаҳо ки асоси ядрои ҳуҷайраро ташкил медиҳанд, барандаи асосии моддӣ ва хусусияти аслии ирсиятанд. [9]

Навъи дигари ирсият, ирсияти стоплазмӣ ба ҳисоб меравад. Ин навъи ирсият ба он хотир стоплазмӣ номида мешавад, ки он ба пайвастшавии ду навъи ҳуҷайраҳои аргеналии фардӣ дар ситоплазма иртибот дорад. Яке аз инҳо метохондрия ва дигараш хлоропласт дар растаниҳо ба ҳисоб меравад. Анвои ҳуҷайраҳои хлоропластӣ ва митохондрӣ, ки дар таркиби худ хусуссияти асосии ДНК- ро доранд ва дар онҳо миқдори на он қадар зиёди генҳои муҳими ҳаётии амалкунанда дар ҳуҷайра мавҷуданд.

Генҳои стоплазмӣ аз руйи ҷойгиршавии ядрои ҳуҷайра бо чанд андозагирии худ фарқ мекунад.

[9] Алгазина В. А. Наследственность и её влияние на здоровье // elibrary : Сборник. — 2022. — С. 44—48.

1. Генҳои стоплазмӣ ба миқдори садҳо ва ҳазорон нусха дар ҳар ҳуҷайра мавҷуданд, зеро дар ҳуҷайра миқдори зиёди хусусиятҳои оригиналӣ ҷой доранд, ки ҳар кадоме аз онҳо дорои якчанд молекулаи ДНКанд.

2. Генҳои оригиналӣ ҳангоми дарозшавии ҳуҷайра ба нусхаҳои нав ба тариқи эҳтимолӣ аз рӯи мафҳуми таркиби аллелогӣ тақсим мешавад.

3. Генҳои стоплазмӣ аз руи қоида тавассути гамметҳои яке аз волидайн дар бештарин ҳолат тавассути гамметҳои занона интиқол мегардад.

4. Генҳои стоплазмӣ дар ҳолатҳои ниҳоят кам ҳангоми ҷо ба ҷошавии ҳолатҳои ДНК-и оригиналӣ хусусиятҳои ҳуҷайраҳои соматикиро дар худ инъикос менамояд.

5. Генҳои стоплазмӣ метавонанд дар як гардиши ҳуҷайравӣ якчанд маротиба такрор шавад.

ДНК-и стоплазмӣ метавонад дар таркиби гетроплазма ҷой дошта бошад, ҳангоме, ки яке аз ҳуҷайраҳои оригиналӣ ё узви организм чандин вариантҳои генҳои стоплазмиро дар худ ифода намояд. Инчунин ҳолатҳои гомоплазмӣ, вақте дар гуногунии генҳои стоплазматикӣ низ дида мешавад, ин ҳолат метавонад ифодагари вазъият бошад. Набудани механизми генҳои стоплазматикӣ дар тақсимшавии ҳуҷайраҳои нусхашуда, ки дар худ хислатҳои асосии интиқоли генҳои стоплазматикиро доранд, аз як тараф онҳо аломатҳо, хусусиятҳо ва кодҳои ДНК-и оригиналро ба ҳуҷайраҳои насли баъдӣ дар таркиби митозаи ҳуҷайра интиқол медиҳанд. Инчунин аз ҷониби дигар, махсусияти онҳо дар интиқоли

пайдарпайи маълумот (хусусиятҳои ирсӣ) дар меъёр ба ҳисоб меравад. [10]

Зуҳуроти ирсияти ғайрихромосомӣ (стоплазматикӣ) солҳои 1909- 1910 аз ҷониби муҳаққиқи олмонӣ Карл Коренс ва муҳақиқи рус Эрвин Бауэр сурат гирифтааст. Соли 1909 Коренс дар натиҷаи омӯзиши растаниҳои ороишии Мирабилс Ҷалапа вай ба чунин натиҷа расид, ки чигунагии ранги сабз ё хокистарӣ дар растании баъдӣ вобаста аз генҳои ҳуҷайраи растании модарӣ аст. Дар ҳамон сол Эрвин Баур низ мақолаеро ба нашр расонд, ки дар он хусусиятҳои ирсии баъзе аз растаниҳо махсусан герани пеларгонӣ вобаста аз пластиди модарӣ ва хатти падарии он марбут аст. Дар соли 1910 Эрвин Бауэр натиҷаи тадқиқотӣ дар растаниҳо гузаронидаашро ба нашр расонид ва ба хулосае омад, ки хусусияти зоҳирии ранги онҳо марбут ба интиқоли хусусиятҳои генетикӣ модарӣ аст. Ҳамчунин дар ин таҳқиқот омилҳои аз қабили мутобиқшавӣ, мутатсия, инчунин хусусиятҳои дар митоза ба таври эҳтимолӣ ҳамнишин шудани ҳуҷайраҳои гуногунро мавриди таҳқиқот анҷом дод.[11]

Ирсияти митохондиралӣ навъи дигаре аз ирсият ба ҳисоб меравад. Ирсияти митохондиралӣ, хусусияти асосиаш он аст, ки аксаран хусусиятҳои ирсии интихобшавандаи яке аз волидайн ва дар ҳолати ниҳоят зиёд аз метахондраи модарӣ маншаъ мегирад. Ҳолатҳои ниҳоят зиёде мавҷуданд, ки нишонаҳо амалан аз генҳои падарӣ ба метохондраи фарзандӣ интиқол шудани генҳо барҳам мехуранд. Дар ин ҳолат якчанд истисно дар ин қоида мавҷуд аст. Дар иддае аз растаниҳо ва

[10] Алгазина В. А. Наследственность и её влияние на здоровье // elibrary : Сборник. — 2022. — С. 44—48.

[11]Эрвин Бауэр и теоретическая биология (К 100-летию со дня рождения). / Сб. научных трудов. — Пущино, 1993. — 256 с

занбуруғҳо мушоҳида шудааст, ки метахондраи онҳо ҳам аз тарафи падарӣ ва ҳам аз тарафи модарӣ хусусиятҳоро дар худ инъикос намудааст. Ҳамчунин дар иддае аз навъҳои молюскаҳои дурагашуда ҳуҷайраҳои падарӣ дар ДНК-и митрохондралӣ дида мешавад. Ин ҳолат танҳо дар иддае каме аз растаниҳо ҷой дорад. Дар анвои организмҳои хурд метахондраи онҳо асосан аз рӯи хатти модарӣ хусусиятҳои ирсиро дар худ мегирад. Зеро сперматазоиди мардона пас аз бордор кардани метахондрия аз байн меравад. Дар тухмҳуҷайраи 120 то 200 ҳазор метахондрия ва миқдори ДНК-и метахондрӣ тақрибан мавҷуд аст. Аз ин чунин бармеояд, ки ҳар метахондрия дар ҳуҷайра тухми худ 1 то 2 молекулаи метахондрияи ДНК дорад. Мавҷудияти як ду молекулаи ДНК дар метахондрия таъминкунандаи навъи ошкори фенотип ва мутатсия ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолат тақрибан моро ба хулосае меоварад, ки дар ҳолати аввалияи ташшакулёбии митрохондрия ҳолатҳои дефектӣ ба назар мерасанд, ки сабаби ба вуҷуд омадани мутатсия гардида, иддае аз хусусиятҳои ҳуҷайраи аслӣ вайрон мешаванд ё дар онҳо дефект ба вуҷуд меояд, ки боиси дигаршавии сохторӣ дар ҳуҷайра гардида, он қисмат амалкарди аслӣ ва воқеии худро аз даст дода ба як чизи (ҳуҷайраи) нодаркори (бидуни фаъолияти мушаххас)и партовӣ табдил меёбад.

Муқаррар шудааст, ки дар ҷондорҳои зиндаи худ ҳолати нейтралии мутатсия дар метрохондрияи ДНК ниҳоят зуд ва бодарназардошти гузашти чанд насл ба вуқуъ мепайвандад. Ин ҳолат моро водор мекунад то дар нисбати консепсияи инкишофи метрохондрияи ДНК мтднк ба хулосае биёем, ки он аз як ҳолат ба ҳолати дигари мутатсияшуда хеле зуд табдил меёбад. Махсусияте ҷой дорад, ки ҳангоми имплантатсияи ҳуҷайраҳо дифференсатсияи онҳо ба вуҷуд омада, ҳолати генотсиди хусусиятҳои аввалия мушоҳида мешавад, ки дар ин

ҳолат миқдори метахондрияҳо дар ҳуҷайра то 200 ҳазор дар як ҳуҷайратухм ва то 5 ҳазор дар як бластосити ҳуҷайравӣ ба вуқуъ мепайвандад. Дар чунин ҳолат метахондрае, ки ҳангоми шаклгирии ҷинсияти ҳуҷайраи гузашта мавҷуд буд, он ниҳоят нақши камро анҷом дода танҳо 001% хосияти метахондраи зиготиро анҷом медиҳад. Чунин ҳолати ниҳоят кам шудани метрохондрияи ДНК боиси он мешавад, ки дар навъҳои баъдӣ хусусиятҳои нав ба вуҷуд оянд ва баъзе аз хусусиятҳои куҳна аз байн бираванд. [12]

Геноми инсон ин маҷмуи сифатҳои ирсиест, ки дар ҳуҷайраҳои инсонӣ сабт гардидаанд. Вобаста аз таърифи боло геноми инсон аз 23 ҷуфти хромосомаҳо иборат аст, ки нусхаи онҳо дар митохондраи ДНК ҷой гирифтаанд. Ҳамчунин таърифи дигаре аз геном мавҷуд аст, ки таҳти ин мафҳум маҷмуи маводҳои генетикии дар хоромосома сабт ёфта, фаҳмида мешаванд. вақте сухан дар бораи геноми инсон меравад, пеш аз ҳама варианти мазкури таърифи геном дар назар дошта шудааст. Вобаста ба ин 22 аутсомаҳое ки ба ду ҷинси хромасомаҳо тақсим мешаванд, ки онҳоро X-хромасомаҳо ва Y-хромасомаҳо ташкил дода, ҳамчунин бо митохондряи ДНК инсон дар маҷмуъ 3099734149 ҷуфти асосиро ташкил медиҳанд.

Ҳангоми иҷроиши лоиҳаи геноми инсон муайян карда шуд, ки давомнокии ДНК ва тамоми хромасомаҳои митохонрияи ДНК  дар соли 2003 85% кодҳои генетикии он муайян карда шуданд ва дар соли 2022 тамоми маҷмуи генҳои инсонӣ муаян гардида, харитаи генетикии инсон пурра кашф карда шуд. Дар ин таҳқиқот муайян карда шуд, ки маҷмуи геноми инсон иборат аз 19 969 генҳои фаъол аст, ки онҳо

[12] Краснов М. В. Наследственные болезни у детей // Общество с ограниченной ответственностью «Практика» : Журнал. — 2009. — 7 ноября. — С. 22.

қисмати начандон зиёди геноми инсонро ташкил дода, танҳо 1,5% тамоми маводҳои генетикии инсон дорои рамзҳои сафеда ва РНК-ҳои амалкунандаанд. Дар маҷмуъ 63494 генҳо аз ҷумлаи кодҳои берамзи РНК ба ҳисоб меравaнд, ки гоҳо онҳоро партовҳои ДНК низ меноманд. Новобаста аз ин, онҳо дар ҷобаҷошавии генҳои фаъол нақши ҳалкунанда доранд. Айни ҳол нишондоди чунин пажуҳиш дар саросари ҷаҳон ба тарзи васеъ дар таҳқиқотҳои биопизишкӣ истифода мешаванд.

Дар геном 23 ҷуфти хромосомаҳо вуҷуд дорад, ки аз онҳо 22 ҷуфташ хромасомаҳои аутосомианд. Инчунин ҷуфти хромасомаҳои ҷинсӣ вобаста аз X-хромасомаҳо ва Y-хромасомаҳо мебошанд. Дар инсони ҷинси мард геторогометҳои мавҷуд буди Y хромасомаҳо муайянкунанда мебошанд. Геноми инсон, аз 23 ҷуфти хромасомаҳо (дар мамҷуъ 46 хромасома) ки ҳар кадоме аз онҳо садҳо генро дар бар гирифта, дар фазои байни генҳо тақсим гардидааст, иборат аст. Ҳар навъи ҳуҷайраи маъмулии диплоидии соматикӣ дорои 46 хромасома мебошад.[13]

Геноми инсон аз маҷмуи генҳое иборат аст, ки он муайянкунандаи сохтори берунӣ ва дохилии инсон буда, дар 23 ҷуфти хромасомаҳо ҷобаҷо гардидаанд. Хромасомаҳо аз рӯи тартиби рақамгузорӣ аз хурд ба бузургшавӣ яъне аз (1)то хурдтарини он (22) ҷуфтро ташкил медиҳад. Аз байни инҳо ду ҷуфт хромасомае аст, ки ҷинсияти инсонро муайян месозад. Масалан барои занон ду хромасомаи калони X ва барои мардон як хромасомаи X ва як хромасомаи хурди Y мавҷуд аст. Аз руи ҳаҷм хромасомаи X байни хромасомаҳои 7, 8

---

[13] Тарантул В. З. Геном человека. Энциклопедия, написанная четырьмя буквами. — Языки славянской культуры, 2003. — 396 с.

ҷойгир буда, хромосомаи Y аз ҳама хурдтарин дар геноми инсон ба ҳисоб меравад.

Организми инсон тақрибан аз 100 триллион ҳуҷайра иборат аст, ки диаметри калонтарини он аз 10 мм зиёд нест. Дар дохили ҳар ҳуҷайра ҷисми сиёҳи ба он часпида вуҷуд дорад, ки ядро ном бурда мешавад. тартиби ҷо ба ҷошавии генҳоро геном ном мебаранд. Дар ядро ду ген вуҷуд дорад, ки яке аз тарафи модарӣ ва дигарое аз тарафи падарианд. Дар ҳар геном тақрибан 60, 80 ҳазор генҳо мавҷуданд, ки онҳо дар хромасомаҳои гуногун ҷамъ омадаанд, (тавре дар боло ишорат шуд ҳар инсон дорои 23 хромасома аст) дар ҳақиқат байни генҳои модарӣ ва падарии геномҳо ҳамеша баъзе аз тафовутҳо мавҷуд аст, ки дар натиҷаи он чашми як инсон кабуд мешавад ва аз дигаре ҷигарӣ. Аз падару модар ба фарзанд танҳо як геном мегузарад, аммо то ба ин ҳолат байни хромасомаҳои падарию модарӣ табодули гуногун яъне рекомбинатсия сурат мегирад.[14]

Тасаввур кунед, ки геном китоби таббохӣ аст, ки аз 23 боб иборат аст, ки онро ҳамчун хромасома ном мебаранд. Ҳар як боби он фарогири ҳазор ресепти сафеда аст, ки он ҳамчун ген ном бурда мешавад. Матни ҳар ресепт аз сархатҳо иборат аст, ки онҳо экзономия ном бурда мешаванд ва онҳо ба ҳайси ангораи рекламавӣ дар ресепт хизмат намуда, ҳамчун интром хизмат мекунад. Матни "ресептҳо" ба воситаи "калима"-ҳо навишта мешаванд, ки онҳо кодон ном доранд. Ҳар "калима" аз ҳарфҳо иборат аст, ки нуклеотит ном бурда мешавад. Дар китоби геноми инсон миллиард "калима"вуҷуд дорад. Агар геноми инсон дар як сатр ҳарф ба ҳарф навишта шавад ва ҳар кадоми он 1 мимлиметрро ташкил диҳад, пас дарозии ҳамаи

[14] Дубинин Н. П. Генетика и человек. — М.: Просвещение, 1978. — 144 с

онҳо баробари дарозии дарёи Дунай аст. Ин ҳуҷҷати ниҳоят азим ва боварнакарданӣ ба ҳаҷми худи китоби ретсептҳое аст, ки дар организми мо ҷойгир шудааст. Вале бо ҳамаи ин нигоҳ накарда, геноми инсон он қадар хурд аст, ки ҳуҷайраи ядроии он озодона дар нуки сузан ҷой мегирад ва онро танҳо тавассути микроскоп мушоҳида кардан имкон дорад.

Тасаввур кардани геном дар шакли китоб ин танҳо як тасаввуроти содда нест, балки байни онҳо умумиятҳои бисёре мавҷуд аст. Китоб ин маҷмуи иттилоотест, ки ба воситаи аломатҳои махсус навишта шуда, дорои самти хониш аст. Иттилоот дар он тавассути комбинатсияи аломатҳои алфавитӣ сурат мегирад, ки дар натиҷаи он маҷмуи ниҳоят зиёди калимаҳо дар шакли лексикон ба вуҷуд меоянд. Дар геном низ айнан ҳамин тавр аст. танҳо тфовут дар он аст, ки агар дар иддае аз забонҳо матн аз як самт ба самти дигар хонда шавад, дар геном бошад дар ҳар гуна самт хонда мешавад, аммо ба ду самт якбора имкон надорад. Тафовути дигар дар он аст, ки калимаҳо дар китоб метавонанд дарозии гуногун дошта бошанд, аммо дар китоби геном ҳар калима аз 3 нуклеотит иборат аст, ки онҳо бо ҳарфҳои a: (аденин), c: (ситозин) g (гуанин) ва T (тимин). Ғайр аз ин геном навишта мешавад на ба воситаи варақ балки инъикос меёбад дар занҷираи полимерии боқимондаи шакарӣ ва кислотаи фосфорӣ ки ҳамчун ДНК (дезоксирибонуклеиновая кислота) машҳур аст. Ҳар як хромасома дар худ ҷуфти (ниҳоят тулонии) занҷираи спиралии риштаҳои ДНК дар худ дорад, ки дар он ҳарфҳои нуклеотидӣ, ки худро ҳамчун канораи ба ҳам мурoҷиаткунандаи ба ҳам таъсиррасонанда ва мурoҷиаткунанда метавон дарк намуд.

Геном ин китоби ниҳоят "пурмаъност". Дар шароити мусоид онро метавон мустақилона нусхабардорӣ ё бе ширкати дигарон хонд. Ҳамнишинии онҳо бештар аз таркибу хосияти

нуклеотидҳо вобаста аст ки аз ин қобилият ҷуфтҳое ба вуҷуд меоянд. Аз ҷумла А ва Т якдигарро такя медиҳанд. Ҳамчунин Ҷ ва С ба ҳамин тариқа ба ҳам меоянд. Дар натиҷа молекулаи якзанҷирагии днк метавонад сабаби ба вуҷуд омадани нусхаи дигари худ гарад. Дар ин ҳолат ба нуклеотиди А нуклеотиди Т пайваст мешавад ва Т -А, G -C, C –G. Пас аз ин ҷуфти дигари нуклеотидҳо занҷираи нави днк мебофанд. Аслан дар шакли спирали дугона занҷираи ДНК дар хромасомаҳо ҷойгир мешавад. Нусхаи занҷираи ДНК бармегардад ба ҳолати аввалияи ба вуҷуд омадани нуклеотидҳо. Масалан натиҷаи ACGT дар шакли нусхаи TGCA ба вуҷуд омада, ҳангоми аз нав нусхабардорӣ шудан дар шакли ACGT. Дар асоси ин қонунмандии ДНК вай аз насл ба насл дар шакли тағйирнаёбанда мегузарад ва дар худ маълумоти сабт шударо нигоҳ медорад.[15]

Гузариши хусусиятҳои ДНК-вӣ аз насл ба насл раванди бисёр мураккаб аст. Саравввал дар асоси принсипҳои ҳамнишинии нуклеотидҳо нусхабардории қисмати ДНК сурат мегирад, ки он дар молекулаи РНК аст. Аз назари кимиёвӣ РНК бо андаке аз ДНК фарқ дорад. Танҳо тафовут дар он аст, ки ин ҳам ҳамон хатти ба ҳам омадани нуклеотидҳо буда, танҳо ба ҷойи ҳарфи Т (тимина) дар он истифода мешавад ҳарфи У (урасил). Занҷираи як хаттаи молекулаи РНК нусхабародорӣ мешавад ба воситаи ДНК, ки онро РНК-и иттилоотӣ ном мебаранд. Ин молекула дар худ тағйирёбии ферментивии мураккабро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷаи он интронҳо бурида шуда, экзонҳо дар хатти нав бофта мешаванд.

Пас аз ин РНК иттилоотӣ дар ҳуҷайраҳои микроскопии ҷисми рибосомҳо, ки худи онҳо қисман аз РНК сохта шудаанд,

[15] Ридли Мэтт. Геном: автобиография вида в 23 главах. — М.: Эксмо, 2008. — 432 с.

ба худ мегирад. Рибосомаҳо ба воситаи омехташавӣ ба РНК-и иттилоотӣ пешравӣ мекунанд як қадам аз кодонҳо, ки ин табдил меёбад ба кодҳои генетикӣ ва ҳарфҳои дигари ин алифбо аз 20 аминокислотаҳои гуногун иборат аст. Аминокислотаҳо ба воситаи интиқоли худ ҳамроҳи молекуллаҳои кашонандаи РНК дар як мавзеъ ҷамъ меоянд (барои ҳар аминокислота РНК-и барранда мавҷуд аст). Ҳангоми ҳаракату интиқоли рибосомаҳо аз нав РНК-и иттилоотӣ рушд карда, занҷираи ба ҳампайвасти аминокислотаҳоро ба вуҷуд меоранд, ки натиҷаи он айнан мутобиқ аст ба ҳамнишинии кодонҳо ва генҳои мавҷуда. Пас аз анҷомёбии интиқоли РНК-и иттилоотӣ занҷираи аминокислотаҳо дар сохтори сеченака шакл мегирад, ки таркиби онро пурра натиҷаи омезиши аминокислотаҳо ташкил мекунанд. Ҳамин тавр, ба ҳам пайвастшавии навъи сафедаву протеинҳо ба вуҷуд меоянд.[16]

Амалан ҳамаи аъзои организми мо аз муй сар карда, то ҳормонҳо ин сафеда ва маҳсулоти кимиёии он аст. Дар навбати худ, ҳар як сафеда ин гени интиқолдиҳанда ба ҳисоб меравад. Тамоми реаксияҳои биокимиявӣ дар организм зери назорати сафедаҳои махсус, ферментҳо ба вуҷуд меояд. Ҳатто раванди нусхабардорӣ ва ҷамъоварии молекулаҳои ДНК ва РНК ҳамнишинию хониши онҳо, инчунин таҳти назорати сафедаҳо сурат мегиранд. Сафедаҳо ҳамчунин ҳангоми назорати хондани генҳо низ аз он вобаста аст. Дар ҳар моводи бадани инсон генҳои мушаххас ширкат менамоянд. Ҳангоми ҳамнишинии генҳо гоҳо хатоҳое содир мешаванд, ки ҳарфҳои

[16] Генетика: энциклопедический словарь / Картель Н. А., Макеева Е. Н., Мезенко А. М.. — Минск: Тэхналогія, 1999. — 448 с.

нуклеотид гоҳо меафтанд ва якдигарро иваз месозанд. Дар баъзе ҳолат қисме аз ДНК дубора такрор мешавад ё партофта мешавад ё баръакс ба 180 дараҷа иваз мешавад, ки ин ҳодисаро мутатсия меноманд. Қисмате аз зиёди мутатсияҳо худро зоҳир намекунанд. Масалан ҳангоми ба вуҷуд омадани ивазшавии як кодон ба дигараш кодҳои пайвастшавандаи ҳамон аминокислотаанд. (4 нуклеотид бо 3 дар ҳар кодон ба вуҷудорандаи 64 комбинатсияе ҳастанд, ки кодбандии 20 аминокислотаро ба вуҷуд меоранд, аз ин рӯ бисёре аз аминокислотаҳо кодбандӣ мешаванд ба тариқи якчанд кодон)

Инсоният дар ҳар насл тақрибан ба сад наъи мутатсияи нав дар як насл дучор мешавад. Аз як тараф чунин ба назар менамояд, ки ин он қадар бисёр нест, зеро дар геноми инсон зиёда аз миллион кодонҳо мавҷуданд. Бо ҳамаи ин нигоҳ накарда, як мутатсия дар ҷойи нозарур ҳолати ба марг дучоршавиро ба миён меорад.

На ҳамаи генҳои инсоният дар таркиби 23 хромасомаанд. Қисме аз онҳо дар таркиби ҳуҷайраҳои микроскопӣ ҷойгиранд, ки онҳоро митахондрия меноманд. Ин генҳо интиқол мешаванд ба насли баъдӣ ҳануз аз замони ин ки метахондрия ҳамчун микроорганизми мустақили зинда амал мекунад.

На ҳамаи генҳоро метавон қисми молекулаи ДНК ҳисобид. Генҳои баъзе аз вирусҳо дар таркиби молекулаи РНК навишта шудаанд.

Кодгузории на ҳамаи генҳо ба тариқи сафедаҳо сурат мегирад. Маводи охирини баъзе аз генҳоро молекулаи РНК ва махсусан рибосомаҳо ва интиқолдиҳандаҳои РНК ташкил медиҳанд.

На ҳамаи реаксияҳои биокимиявиро сафедаҳо идора мекунанд. Дар баъзе аз реаксияҳо ба сифати котолизатор молекулаҳои РНК баромад мекунад.

На ҳамаи сафедаҳо дар як ген кодгузорӣ мешаванд. Ҳангоми сохтмони баъзе аз сафедаҳо якчанд ген метавонанд ширкат намоянд, ё баръакс як ген метавонад дар якчанд сафеда кодгузорӣ шавад, ки дар натиҷаи он спайсингҳои алтернативии РНК-и иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд.

На ҳамаи 64 кодонро аминокислотаҳо муайян мекунанд. Сетои онҳоро, ки кодони боздор меноманд, маънии онро дорад, ки интиқол ба охир расидааст.

На ҳамаи ҷузвҳои ДНК-ро метавон қисми генҳо ҳисобид. Баръакс қисмати бештари ДНК дар хромасомаҳо – натиҷаи тасодуфии нуклеотидҳо ё борҳо такроршавии онҳо, ки гоҳо бознавиштану такрор мешаванд, дар РНК иттилоотӣ ё ҳеҷ гоҳ интиқол намеёбанд, ташкил медиҳад. Ин гуна ДНК-ро ДНК-и бемаъно ё эгоистона меноманд.

Он чи оварда шуд, камтарин маълумоте аст, ки ба тарзи умумӣ бояд дар бораи генетика ва сфатҳои ирсии инсон донист. Ҳоло бояд дар бораи 23 ҷуфти хромасомаҳо маълумот дод, ки дар ҳар кадоме аз онҳо махсусиятҳои андомии инсон навиҳта шудаанд.[17]

Яке аз вижагиҳои ирсият дар он ифода меёбад, ки дар баробари интиқоли баъзе аз хусусиятҳо инчунин баъзе аз бемориҳо ба тарзи ирсӣ аз як насл ба насли дигар интиқол мешаванд. Ин ҷо бояд сараввал фаҳмиши бемориҳои ирсиро муайян намуд. Бемориҳои ирсӣ инҳо навъе аз бемориҳоянд, ки вобаста аз хромосомаҳо ва мутатсияи генҳо ба вуҷуд меоянд. Вақте ки сухан дар бораи бемориҳои ирсӣ меравад, мо ҷойивазкунӣ ё иштибоҳеро дар сохтори ҳуҷайраҳои ДНК мебинем (Аввалин сабаби иштибоҳи сохтории ДНК дар ҳуҷайраҳои ҷинсӣ ба амал меояд).

[17] Ридли Мэтт. Геном: автобиография вида в 23 главах. — М.: Эксмо, 2008. — 432 с.

Гоҳо иштибоҳан мафҳуми бемориҳои ирсӣ ба бемориҳои модарзодӣ ҳамчун синоним қабул карда мешавад. Ҳол он ки бемориҳои тавлидӣ метавонанд бо чанд омили дигар ки ҳангоми дар батни модар будан таъсир гирифтаанд, ба миён оянд. Аз ҷумла таъсири нурҳои гуногун ба кӯдак, анвои доруворӣ, хӯрока, пайвастагиҳои химиявӣ, инчунин афтодани ин ё он навъи инфексия дар дохили батни модар, метавонанд таъсиргузор бошанд.

Дар таснифоти бемориҳои инсон вобаста аз нақши ирсият ва омилҳои экзогению этиологӣ ва патогенезӣ метавонанд сабабгори бемориҳои гуногун шаванд, тамоми бемориҳои инсонро вобаста ба ин метавон дар се даста тасниф намоянд. [18]

Дастаи аввал, бемориҳои махсуси ирсӣ инҳо бемориҳоеанд, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани мутатсияи патологӣ ҳамчун омили этиологӣ, ки амалан аз муҳити атроф вобаста нестанд, ба вуҷуд меоянд. Ба ин гуруҳи бемориҳо тамоми анвои бемориҳое метавонанд дохил шаванд, ки онҳо дар хромасомаҳо ва генҳо ҷой дошта, ба тарзи ирсӣ аз насл ба насл мегузаранд ва зуҳур менамоянд ба мисли бемории дауна ва гемофилия.

Ба дастаи дуюм бемориҳое дохил мешаванд, ки онҳоро бемориҳои мултифакториалӣ ном мебаранд ва асоси онҳоро ба ҳамтаъсиррасонии генҳо ва муҳити атроф сабабгоранд. Ба ин навъи бемориҳо, бемориҳои гипертонӣ, атеросклероз, бемориҳои узвҳои ҳозима, бемориҳои захми меъда ва рудаи 12 ангушта, диабети қанд, бемориҳои аллергетикӣ, бемориҳои гуногуни сактавӣ, навъҳои муайяни фарбеҳшавӣ.

Дар ин ҳолат омилҳои генетикӣ дорои махсусиятҳо ва низоми полигение ҳастанд, ки онҳо дар ҳолатҳои таъсири

[18] Гинтер Е. К. Медицинская генетика. — М.: Медицина, 2003. — 448 с.

номусоид ва зараровари муҳити атроф ҳолату вазъияти худро дигар мекунанд (хасташавии ҷисмӣ ва руҳӣ, вайроншавии режими хӯрока). Дар ин навъи бемориҳо барои баъзеашон муҳити атроф метавонад таъсири бештар ё барои иддаи дигар таъсир камтар дошта бошад. Дар бемориҳои мултифакторалӣ низ метавонад ҳолат ва нақши омилҳои генетикӣ нақш бозад. Масалан як гени мутаншуда дар шароити муайян ба он метавонад таъсиргузор бошад. Чунин ҳолатро метавон дар камбуди глюкозаи шашфосфата муайян намуд, ки онро дегидроген низ меноманд.

Ба гурӯҳи сеюм маҷмуи бемориҳое дохил мешаванд, ки онҳо вобаста аз омилҳои зараровари муҳити атроф ба вуҷудомада, дар онҳо ирсият амалан таъсир надорад. Ба ин навъи бемориҳо осеббардоштан, сухтагӣ ва олуда шудан ба ин ё он навъи инфексия дохил мешавад. Вале бо ин нигоҳ накарда омилҳои генетикӣ низ метавонанд таъсири муайянеро дар раванди патологияи барқароршавӣ ва гузариш аз ҳолати музмм ба ҳолати мутобиқшудаву доимӣ, инчунин рушди ҷуброннопазири функсияҳои узвҳои зарардида таъсири худро гузоранд.[19]

Принсипи таснифоти бемориҳои ирсӣ асосан аз рӯи тааллуқияти онҳо ба ин ё он гурӯҳ вобаста аз низом ё аъзои бадан ва раванди патологии он тасниф карда мешавад. Ҳамин гуна бемориҳои ирсиро фарқ мекунонад: асабӣ, асаби мушакӣ (нейрогенетика), эндокренӣ, пустӣ, чашмӣ (офталмогенетика), узвҳои такякунанда ва ҳаракаткунанда, узвҳои нафасгирӣ, системаи дилу рагҳои хунгард (кардиогенетика), ҷигар, меъда ва узвҳои ҳозима, хун, психика, узвҳои нафасгирӣ, низоми пешобдон ва узвҳои ҷинсӣ.

---

[19] Гинтер Е. К. Медицинская генетика. — М.: Медицина, 2003. — 448 с.

Таснифот аз рӯи принсипи мутаносибияти ирсият ва муҳит дар паҳншавии бемориҳо[20]:

1. Бемориҳои ирсии хусусиро ба ду навъ тақсим менамоянд:

а) бемориҳои якгена (моногены). Дар ин навъи бемориҳо нақши ҳалкунандаро як ген анҷом медиҳад. Муҳит танҳо дар як ген метавонад таъсир расонад. Пенетрансност ба вуҷуд омадани навъи ген ва популятсияи махсуси он, ки вобастаи ин ген аст, се навъи пенетранстност болоӣ, смиён ва поёнро ба вуҷуд меорад. Экспрессивност дараҷаи таъсиргузории ген ба бемории мушаххас аст. Б) Бемориҳои хромосомавӣ. Патологияи ин навъи бемориҳо вобаста аз генҳо ва хромасомаҳои мутатсия шудааст.

2. Бемориҳои ирсӣ (шартан онро метавон мутатсияҳои патологӣ ном дод). Нақши ҳалкунандаро дар ин навъи бенморӣ омилҳои генетикӣ доранд. барои фаъол гардидани навъи ген омилҳои муҳитии муаян таъсир мегузорад (масалан хусусияти хурока ҳангоми сар задани бемории подагра).

3. Бемориҳои ирсии аз гузаштагонмондашуда (мултифакторӣ). Ин навъи бемориҳо ҳангоми ба миён омадани омилҳои номатлуби муҳит ба вуҷуд меоянд ва фаъолшавии онҳо аз генотипи фарди алоҳида вобаста аст (бемориҳои гипертонӣ, бемориҳои рудаву узвҳои ҳозима, бемориҳои аллергетикӣ ва бештаре аз омозҳои бадсифати навбунёд аз ин қабиланд).

4. Бемориҳои ки аз омилҳои зарравӣ вобастагӣ доранд (махсусан инфексияҳои хатарнок). Дар ин ҳолат

[20] Ю. Е. Вельтищев, Б. В. Конюхов (ген.). «Наследственные болезни». // «Большая медицинская энциклопедия» под редакцией Петровского Б. В., 3-е издание. — М., 1974—1989

омилҳои генетикӣ дар тулонияти вазнинӣ ва гузариши беморӣ таъсиргузоранд.

Бемориҳои ирсиро метавон ҳамчунин аз руи гуруҳҳои зерин тасниф кард: а) бемориҳои генетикӣ, б) хромосомӣ, в) бемории ирсии аз пешҷойдошта, г) бемориҳои генетикӣ дорои ҳуҷайраҳои соматикӣ, ғ) бемориҳои генетикии ба ҳам наомадани модар ва кудаки дар батнбуда. [21]

Таснифоти бемориҳои генетикӣ ва сабабҳои онҳо.

1. Бемориҳои якгенаи ирсӣ (то 1500 номгуйро дар бар мегирад) инҳо бемориҳое ҳастанд, ки аз вайрон шудани фаъолияти як гени муаян сурат мегирад (генҳои мутатсияшуда). Ин навъи бемориҳо дар генҳои гуногун сурат гирифта, (тақрибан дорои 3 ҳазор шакл) ки аз мутатсияи генҳо маншаъ мегирад. Бемориҳои генетикиро метавон чунин тасниф кард.

1. Аз рӯи принсипи генетикӣ вобаста аз навъи ирсият. А) аутосомӣ. Б) X- махсус. В) Y- махсус. Г) метохондриалӣ.

2. Дар асоси принсипи патогенетикӣ бемориҳои ирсиро чунин дастабандӣ менамоянд:

1. Бемориҳои ирсие, ки аз табодули моддаҳо ба ин навъи бемориҳо шартан метавон бемориҳоеро ном бурд, ки аз норасоии ферментҳо, дар раванди метаболизми моддаҳо ширкат мекунанд, инчунин норасоии сафедаҳои кашонанда, маҷрои сафедаҳо ва ресепторҳои онҳо, инчунин сафедаҳои дар системаи эминӣ ҷой дошта, ки онҳоро метавон ба чунин навъҳо тасниф намуд: А) Норасоӣ ва вайроншавии таъмини аминокислотаҳо ба тарзи ирсӣ (финилектонурия). В).

---

[21] Ю. Е. Вельтищев, Б. В. Конюхов (ген.). «Наследственные болезни». // «Большая медицинская энциклопедия» под редакцией Петровского Б. В., 3-е издание. — М., 1974—1989

Норасоии табодули ангиштобҳо ба тарзи ирсӣ (бемориҳои гликогенӣ ва галактоземия). С) Бемориҳои норасоӣ ва вайроншавии ирсӣ липидҳо (касалии нимана, пика, гоше ва ғайра) Д) Вайрншавии ирсӣ ва табодули стереоидҳо (андреногениталный синдром). 5. Вайроншавии ирсӣ дар табодули пурнифҳо ва пирмидинҳо (Синдром леша наяна ва ғайра). Е) Вайроншавии ирсӣ дар табодули маводҳои пайвасткунанда. (Мукополи сахаридоз ва синдроми марфана) F) Норасоии ирсии ҷаббандагӣ дар системаи ҳозима (муковиситсидоз, селиакая ҳолати лактоз ногузарӣ ва ғайра).

Навъи дуюми принсипи патогении бемориҳои ирсиро шакли ирсии гиреҳхурдагии гушҳо ташкил медиҳанд. Шакли гиреҳхурдагии гушҳо дар 80 дар сади шаклгирии андоми инсонҳо мушоҳида карда мешавад, ки онҳо ба воситаи генҳои аутосомӣ интиқол меёбад.

3. Ирсияти остеохондроз. Ин навъи бемориҳо дар шакли ғайри маъмурии сохтори баданӣ, аз ҷумла деформатсия шудан, кузпуштӣ, қад накашидан, қаҷшавии устухонҳо ва амсоли ин ба назар мерасад.

4. Бемориҳои ирсии вобаста ба системаи асаб ба мисли миодистфорияи Дюшина, ки нишонаҳои он паст шудани мушакҳои тонусӣ. Беҷошавии буғумҳо, даридани мушакҳои байни онҳо, паст будани мушакҳои нафасгирӣ анвои гуногуни бемориҳоро ба вуҷуд меоварад.

5. Бемориҳои ирсии чашм. Онҳо дар шакли вайроншавӣ дар эмбрионаи чашм ба вуҷуд меояд ва навъҳои аз микрофаталния анофаталния, каҷшавии оинаи чашм, парда гирифтани чашм, катаракта инчунин камқувватӣ ё заифии асабҳои биниш ташкил медиҳад.

6. Хусусиятҳои клиникии хоси зоҳиршавии бемориҳои генетикӣ дар он иборат меёбад ки: 1. Дар раванди патологӣ аъзоҳо ва низоми узвҳо ҷалб мешаванд. 2.

Давомнокии беморӣ бо афзоишёбӣ ва бадшавии ҳолати бемор замони тулониро фаро мегирад. 3. Аломатҳои беморӣ метавонанд дар давраҳои гуногуни ташаккулёбии фард: аз замони дар ҷанин будан то даврони калонсолиро дар бар мегирад. 4. Дар баъзе мавридҳо ба миён омадани бозмондагии ақлӣ ва ё камақлӣ рух медиҳанд. 5. Беморон аз рӯи қоида қобилияти меҳнатиашонро гум карда давомнокии руҳи онҳо кам мешавад.

Навъҳои аломатҳои бемориҳои ирсӣ дар инсон. Бемориҳои генетикӣ бештар ба назар мерасанд назар ба бемориҳои хромосомӣ. Муаян кардани ин навъи бемориҳо оғоз меёбад аз таҳлилҳои клиникӣ, нишондодҳои биохимиявӣ, баъзе хусусиятҳои монандии авлодӣ ва ирсиро дар бар мегирад. Бемориҳои якгена метавонанд аутосомӣ ва уатосомирететсивии икс типи махсуси ирсият ба ҳисоб раванд, ки онҳоро аз рӯи чунин хислату аломатҳояшон шинохтан мумкин аст.

- Такроршавии беморӣ дар ҳар насл.
- Фарзанди бемор аз волидайни бемор.
- Беморӣ дар дараҷаи якхела ҳам барои мард ва ҳам барои зан.
- Зуҳури беморӣ ҳам ба тариқи вертикалӣ ва ҳам ба тариқи горизонталӣ мушоҳида карда мешавад.
- Эҳтимолияти ба тарзи ирсият интиқоли беморӣ 100% аст, агар (яке аз волидайн) дорои гомозиготенӣ дошта бошад, 75% такроршавияш мавҷуд аст ва агар ҳардуяш дорои гомозиготен бошанд, дар он ҳолат 50% такроршавии беморӣ ҷой дорад. Бемориҳои ирсӣ бо зуҳурот, оғозёбӣ ва давомнокии беморӣ аз навъи дигари беморон фарқ мекунанд. Барои бисёре аз бемориҳои ин навъ чунин вазъи патологии хос аст, ки метавонанд зарари ҷиддӣ ба саломатии он фард наоваранд ва дар бисёр ҳолатҳо ба қобилиятҳои ӯ таъсир расонида

наметавонанд. Ба мисли 6 ангушт будан, холзадагӣ дар пуст, муйҳои ҷингала, нейрофиброматоз, ахондроплазия, синдром марфана ва ғайра. Аломати аутосомии навъи ирсият метавонад на дар ҳамаи наслҳо такрор шавад. ирсияти аутосомирететсивӣ аз рӯи чунин хислатҳо фарқ мекунад:

- Беморӣ на дар ҳамаи наслҳо зоҳир мешавад.
- Кӯдаки бемор (гомозегота) аз тарафи волидайни солим таваллуд мешавад (гетерозигот).
- Беморӣ дар дараҷаи баробар ҳам аз тарафи мард ва ҳам аз тарафи зан зоҳир мешавад.
- Зуҳуршавии беморӣ танҳо ба шакли амудӣ мушоҳида карда мешавад.
- Эҳтимолияти ирсият 25% (агар волидайн ҳарду гетрозеготнӣ бошанд), 50 % (агар яке аз волидайн гетрозеготен ва дигаре гомозиготен аз рӯи аломатҳои рететсивӣ бошанд).
- 100% агар ҳарду волидайн аз назари рететсивӣ гомозеготӣ бошанд.

Эҳтимолияти ирсияти бемориҳои аутосомирететсивӣ 25% ро ташкил медиҳад, вобаста аз вазнинии беморӣ ки дар ин ҳолат бештаре аз беморон ба балоғат нарасида ва ҷуфт нашуда мефавтанд. Ташхиси дурусти ин навъи ирсият аз никоҳҳои хешу таборӣ ба вуҷуд меоянд, ки додашудаҳои биохимиявӣ ва пажуҳишҳои табодули моддаҳо инро нишон медиҳад. Ба чунин навъи ирсият бемориҳое аз қабили фениликентрония анемияи ҳуҷайравӣ, муковисидоз, галактоземия, бемории вилсон конавлова, мукополисахаридоз ва дигарҳо дохил мешаванд.

Бемориҳои ирсии дорои хусусияти Х рететсивӣ. Онҳоро аз рӯи чунин аломатҳо муаян кардан мумкин аст. Беморӣ на дар ҳамаи наслҳо зоҳир намешавад. Кӯдаки бемор аз падару модари солим тавлид мешавад. Одатан беморшавӣ дар ҷинсияти мардон мушоҳида карда мешавад. Зоҳиршавии

беморӣ одатан ба тариқи амудӣ мушоҳида мешавад. Эҳтимолияти ирсият дар 25% дар тамоми кудакон аз ҷумла 50% дар писарбачаҳо мушоҳида мешавад. Мардони солим бемориро интиқол намедиҳад. Ба ин навъи бемориҳои ирсӣ дохил мешаванд гемофилия далтонизм, бозмондагии ақлӣ бо норасоии иукс хромасомаҳо, дистофорияи мушакии навъи Дюшина, синдроми навъи леша найхана. Махсусияти бемориҳои ирсии навъи бандиши иксӣ дар он зоҳир мегарданд, ки танҳо ба истисноии ин ки мардон баъзе аз аломатҳои бемориро ба духтарҳояшон интиқол медиҳанд. Масалан шакли махсуси бемории рахит ки табобати он тавассути витамини Д сурат мегирад.

Ирсияти навъи голандрии (бандиши игрикӣ) хусусияти онҳо аз рӯи аломатҳои зерин муаян карда мешавад:

1. Беморӣ дар ҳамаи наслҳо такрор мешавад.
2. Танҳо мардон гирифтори беморӣ мешаванд.
3. Аз мардҳои бемор тамоми писарони бемор ба дунё меоянд. Эҳтимолияти ирсият дар писарҳо 100% вуҷуд дорад.

Ба тарзи ирсӣ баъзе аз навъҳои бемориҳои ихтитозӣ печидагиҳо дар беруни гушҳо ва мобайни панҷаҳо ва баъзе аз шаклҳои часпидагии панҷаҳои пой ва ғайра метавон ҳисобид.

Бемориҳои бисёргенӣ: сабаби рушди бемориҳои бисёргенӣ одатан шикаста шудани маводҳои генетикӣ дар сатҳи молекулаҳои ДНК ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи онҳо яке аз генҳо осеб мебинад. Ба бемориҳои якгена бемориҳои ирсӣ, табодулӣ дохил мешавад. Ба мисли фенилкетонурия, галактоземия, муковитситсоз, синдроми адреногенеталӣ ва дигарон. Бемориҳои якгена ирсияткунонида мешаванд дар асоси қонуни Менделӣ ва аз рӯи типи ирсият вобаста аз ҷудошавӣ дар сатҳи аутосомӣ ва махсусияти Х хромасомаҳо аст. Бемориҳои ирсии ин навъ дар

пеш ҷойгиршавӣ ҳамчун бисёргенианд ва барои зуҳури онҳо иддае аз омилҳои берунӣ мусоидат менамоянд. Аломатҳои бемориҳои мултифакториалӣ инҳоянд:

1. Дар як фазо омадани аҳолӣ.
2. Ба миён омадани ҳолатҳои клиникии бисёршаклӣ.
3. Ба ҳам омадани зуҳуроти клиникӣ дар пайвастшавии генҳои хешутаборӣ.
4. Тафовути синусолӣ
5. Тафовути ҷинсӣ
6. Гуногунии самаранокии терапевтӣ.
7. Ба қонунмандии ирсии модели менделӣ мувофиқат накардани баҳамоии генҳо.

Бемориҳои генетикӣ ва хромосомӣ ҳамеша муайянкунандаи ирсият ва патология дар ҳамагуна равандҳои мутатсиониҳанд. Вобаста ба ин гуруҳи бисёре аз касалиҳо муайян шудаанд, ба мисли бемориҳои гипертоникӣ баъзе аз навъҳои бемориҳои диабети қанд, бемориҳои узвҳои нафаскашӣ аз ҷумла асма, бемориҳои захми меъда ва рӯда, атеросклероз, жизофрения, сактаҳои модарзодӣ, ки аксари онҳо дар баробари омилҳои генетикӣ, инчунин аз омилҳои муҳити беруна низ вобастагӣ доранд, ба вуҷуд омадан ва паҳншавии аксари ин бемориҳо метавонад ба маъюб шудан ва марги аҳолӣ оварда расонад, ки онҳо бо таъсири ҳам омилҳои ирсӣ ва ҳам омилҳои муҳити берунӣ сахт иртибот доранд. Ин гурӯҳи бемориҳои гуногунафъолро бемориҳое меноманд, ки ба ирсияти пешҷойгиршуда ва патологияи мултифакториалӣ вобастагӣ доранд. Дар асоси гуногуншаклии (генетикӣ ва бисёршаклӣ) навъҳои ферментҳои инсонӣ, сохтор ва интиқоли сафедаҳо дар низоми умумии организми инсон вобастагӣ дорад. Омӯзишҳо ва додашудаҳо бозгукунандаи онанд, ки нақши ирсият дар ба вуҷуд омадани чунин навъи бемориҳо хос аст.

Методҳои омӯзиши бемориҳои мултифакториал асосан чунин аст:

1. Омӯзиши оилавӣ. Барои кормандони соҳаи тиб ин далел маълум аст, ки аксар аз бемориҳои ирсӣ дар сарҳади як авлод вуҷуд доранд. Вобаста ба ин масалан истилоҳи оилаи (саратонӣ) мавҷуд аст. Яъне ҳолати такроршавии саратони бадафъол дар хешутаборони ба ин беморӣ гирифтор шуда. Вақте беморӣ дар меъёри муаяншаванда аз далелҳои ирсӣ вобастагӣ дорад. Дар ин ҳолат мушоҳида мешавад, ки вақте сар задани ин навъи беморӣ ба нафароне, ки дар гузашта ҳеҷ авлоди гирифторӣ ба ин беморӣ надоранд.

2. Омӯзиши дугоникҳо. Методи омӯзиши дугоникҳо имкон медиҳад, то маълумоти дақиқ дар бораи мавҷудияти чунин навъи беморӣ дар сатҳи генетикӣ муайян карда шавад ва дар ин ҳолат умумияти беморие, ки дар сатҳи генҳои ҳарду аз дугоникҳо вуҷуд доранд ва аломатҳои якхелаи онҳо бозгӯкунандаи ин ҳолатанд.

3. Омӯзиши беморӣ вобаста аз низоми генетикӣ. Мушоҳида карда мешавад, ки ба ҳамоии ғайритасодуфӣ баъзе аз бемориҳо вобаста аз низоми генетикӣ баъзе аз организмҳоянд. Масалан (гурӯҳҳои муаяни низоми хунӣ АВО) аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нақши омилҳои генетикӣ дар ба вуҷудоии чунин навъи бемориҳо ниҳоят зиёд аст. нишондоди ҳолати бемории рудаи 12 ангушта дар мавҷи гуруҳи хунҳои 0 (1) мушоҳида мешавад.

4. Натиҷаи таҷрибаҳо дар моделҳои зинда. Дар баъзе аз анвои зинда бемориҳое мушоҳида мешавад, ки онҳо ба мисли бемориҳои инсонианд. Ин навъи таҳлилҳои генетикии бемориҳо аз он дарак медиҳад, ки баъзе аз бемориҳое дар инсон ҷой дошта, ба авлоди баъдии онҳо бо роҳи ирсият интиқол мешавад.

Хусусиятҳои хоси бемориҳои ирсии азпешҷойгиршуда чунин аст:

1. Бо тафовут аз бемориҳои якгенаи ирсӣ имкон надорад, ки бемориҳои ирсии азпешҷойгиршударо ташхис намуд.

2. Ҳангоми бемориҳои ирсии азпешҷойгиршударо дар таносуби бемориҳои ирсӣ ба ғайриирсӣ онро наметавон аз рӯи қонунияти менделӣ муаяйн намуд. Ин ба он алоқаманд аст, ки барои ба вуҷуд омадани бемориҳои навъи мултифакторӣи ирсӣ омилҳои муҳитӣ низ ниҳоят зарур ва таъсиргузор мебошанд.

3. Тааҷҷубовар ин аст, ки маъюбони гуногун дар доираи як авлод метавонанд аз муҳитҳои гуногуни табии ба тарзҳои гуногун осебпазир шаванд.

4. Барои бемориҳои мултифакторӣ эҳтимолияти рушди беморӣ бештар аст ба пайвандони ин бемор нисбат ба навъи дигари ба ин намуд марбут буда.

5. Ирсияти аз пеш ҷойгиршуда дар анвои гуногуни касалиҳо метавонад асосоҳои генетикии гуногун дошта бошад. Дар баъзе аз ҳолатҳо вай метавонад аз пеш ҷойгир шудани худро ба воситаи яке аз генҳои мутатсия шуда, маълум намояд. Дар ҳолати дигар шаклгирии баъзе аз ҳолатҳои ирсият ҳангоми омехташавии якчанд генҳо ба вуҷуд меоянд. Дар ҳолати аввал гуфта мешавад, дар бораи аз пеш ҷойгиршавии як ген ва дар ҳолати дуюм гуфта мешавад, дар бораи навъи бемории ба вуҷуд омада, аз норасоии якчанд ген.

6. Бемориҳои ирсии аз пеш ҷойгиршавандаро хислатҳои зерине муайян мекунад, ки онҳо аз пеш дар як ген ҷойгир шуда, аз ба ҳолати мутатсия омадани танҳо як навъи ген вобастагӣ доранд. барои муаян кардани патологияи ин навъи бемориҳо бояд бештар омӯзиши мутатсияи генҳо бо таъсири омилҳои муҳитӣ ки дар афзоиши он таъсиргузоранд, муаян карда шавад. ин гуна таъсиргузорӣ метавонад ё алоқаманд аст

ба ҳолатҳои физикӣ, химиявӣ, инчунин таъсиррасонии анвои таркиби доруворӣ ба он хос аст.

**Феҳристи сарчашмаҳои истифодагардида:**


*1.* Тарантул В. З. Геном человека. Энциклопедия, написанная четырьмя буквами. — Языки славянской культуры, 2003. — 396 с. .

1. Ридли Мэтт. Геном: автобиография вида в 23 главах. — М.: Эксмо, 2008. — 432 с.

2. A Dictionary of genetics (англ.) / R.C. King, W.D. Stansfield, P.K. Mulligan. — 7th. — Oxford University Press, 2006.

3. Генетика: энциклопедический словарь / Картель Н. А., Макеева Е. Н., Мезенко А. М.. — Минск: Тэхналогія, 1999. — 448 с.

4. Sergey Nurk and etc. The complete sequence of a human genome (англ.) // Science. — 2022. — Vol. 376, iss. 6588. — P. 44–53.

5. Tjio J. H., Levan A. The chromosome number of man (англ.) // Hereditas (англ.)рус.. — 1956. — Vol. 42. — P. 1—6

6. Nei M., Xu P., Glazko G. Estimation of divergence times from multiprotein sequences for a few mammalian species and several distantly related organisms. (англ.) // Proceedings of the National Academy of Sciences of the United States of America. — 2001. — Vol. 98, no. 5. — P. 2497—2502.

7. Loots G., Locksley R., Blankespoor C., Wang Z., Miller W., Rubin E., Frazer K. Identification of a coordinate regulator of interleukins 4, 13, and 5 by cross-species sequence comparisons. (англ.) // Science. — 2000. — Vol. 288, no. 5463. — P. 136—140.

8. Claverie J. Fewer genes, more noncoding RNA. (англ.) // Science. — 2005. — Vol. 309, no. 5740. — P. 1529—1530

9. Eugene D. Sverdlov. Retroviruses and primate evolution // BioEssays. — Vol. 22, № 2. — P. 161—171.

10. Anders L Kjeldbjerg, Palle Villesen, Lars Aagaard, Finn Skou Pedersen. Gene conversion and purifying selection of a placenta-specific ERV-V envelope gene during simian evolution // BMC Evolutionary Biology. — 2008. — Vol. 8. — P. 266.

11. Деньгуб В. М., Смирнов В. Г. Единицы величин. Словарь-справочник. — М.: Издательство стандартов, 1990. — С. 25. — 240 с.

12. Ю. Е. Вельтищев, Б. В. Конюхов (ген.). «Наследственные болезни». // «Большая медицинская энциклопедия» под редакцией Петровского Б. В., 3-е издание. — М., 1974—1989

13. Гинтер Е. К. Медицинская генетика. — М.: Медицина, 2003. — 448 с.

14. Генетика: энциклопедический словарь / Картель Н. А., Макеева Е. Н., Мезенко А. М.. — Минск: Тэхналогія, 1999. — 448 с.

15. Краснов М. В. Наследственные болезни у детей // Общество с ограниченной ответственностью «Практика» : Журнал. — 2009. — 7 ноября. — С. 22.

**Нозим НУРЗОДА**
*пажуҳишгар*

## НАВРӮЗИ БОСТОНӢ – ҲАҚИҚАТИ ТАЪРИХӢ

Наврӯзи бостонӣ ойинаи тамомнамои миллат, фарҳанги созандаи иззат ва дар маҷмуъ, ҳақиқати таърихии мост. Аз тариқи ойину суннат ва расму маросимоти Наврӯзӣ ниёкони мутамаддини мо ҳазорон сол қабл ба башар муждаю паёми бедорӣ, худҷӯшӣ, худафрӯзӣ, доноӣ, огоҳӣ, навсозӣ, навгаройӣ, хирадпешагӣ, инсонсолорӣ, фарҳангустарӣ, ҳамбастагӣ ва баҳамойӣ расонида, таърихсозӣ кардаанд. Ин аст, ки Наврӯзи бостонӣ, пеш аз ҳама, ҳақиқати таърихии мост ва ин ҳақиқат тайи таърих ҳувияти моро шакл дода, ифтихор ато фармудааст. Аз инҷост, ки Наврӯзи бостонӣ минҳайси ҳақиқати таърихӣ ва пружаи ифтихорофаринии миллӣ ҳазорсолаҳо боз аз вуҷуду ҳузури миллати сарафроз дар арсаи зиндагӣ дарак медиҳад ва асбоби тадовуму абадияти миллатро фароҳам меоварад. Дар робита бо ин ҷашни бузурги миллию фаромиллӣ чанд мулоҳизаи худро иҷмолан ироа медорам.

**Якум.** Суннату ойинҳо нигаҳдоранда ва муҳофизу пайвандгари мо бо пешинаву гузаштаи таърихӣ мебошанд. Дар ин миён Наврӯз ва маросимоти Наврӯзӣ аз қидмати деринаи таърихӣ бархурдор аст ва моро бо гузаштаву собиқаи таърихӣ, суннатӣ, ойинӣ, ахлоқӣ, ҳувиятӣ ва фарҳангӣ пайванд медиҳад. Ба назари донишмандон, аз ҷумла ҷомеашинос Алии Шариатӣ, ҷашну идҳои мутааддиде дорем, ки моро аз берун ба солонҳо, толорҳо, ҳуҷраҳои бузург ва фазои дохилӣ мекашанд ва дар маҳдудаҳо нигоҳ медоранд. Аммо Наврӯз ва чанде аз ҷашнҳои куҳану бостонии аҷдодӣ (ба шумули Сада, Ялдо ва Меҳргон) аз ин қоида истисноанд ва бо

шукӯҳу таҷамулоте, ки доранд, мардумро аз маҳдудаҳои танг ба берун – ба кӯҳу пушта ва дашту водиҳо мекашанд ва аз маҳдудаҳои танг наҷот мебахшанд. Ба ин маъно, Наврӯз бо маросимоту ойину суннатҳои дерину пешин мардумро ба табиат ва ҳолу ҳавои табиӣ фаро мехонад ва аз ташвишоти зиндагӣ мунсариф месозад.

**Дувум.** Наврӯз бо он шукӯҳу таҷаммулоте, ки дошту дорад, аз доираи як ҷашн-пружаи миллӣ ба як фарҳангу тамаддуни миллию фаромиллӣ табдил ёфт ва густараи бузурги ҷуғрофиро фаро гирифт. Ба ин маъност, ки:

*Ки Наврӯз эътидол асту тавозун,*
*Бурузи расму ойину таовун.*
*Ба он шӯру шукӯҳи ҷовидонӣ*
*Расида то ба сатҳи як тамаддун.*

**Севум.** Наврӯз, пеш аз ҳама, ҷашни бедории табиат ва инсон аст, ки ҷузъи ҷудонопазири ин табиати бузург мебошад. Такроршавӣ ва раванди тавлиду бозтавлидӣ махсуси табиат, эҳсос ва ҷамъият аст. Ҳарчанд ки такрор дар илму адабиёт ва фарҳанг ҷоиз нест, аммо табиат, эҳсос ва ҷамъият онро дӯст доранд.

**Чаҳорум.** Наврӯз корти муҷаввиз (визитная карточка)-и мост ва бо ин, ба истилоҳ, корти ҳувиятӣ, суннатӣ, ҷашнӣ ва фарҳангӣ мо худ ва миллатамонро дар ҷаҳон муаррифӣ мекунем ва бо маросимот, ойинот, суннат ва одатҳои Наврӯзӣ дар миёни соири ақвому милал тайи таърих муаррифӣ шудаем. Аз тарафи дигар, миллати мо тайи таърих тавассути Наврӯз муқобила ва мубориза кардааст ва имрӯз низ бо хатароти минтақавию ҷаҳонӣ аз тариқи ин ҷашни дерини аҷдодӣ таҳоҷумоти сиёсӣ-мафкуравии дохилию хориҷиро маҳор мекунад. Ҳарчанд ки муқовимат бо афкори аҷнабӣ хеле мушкил шудааст, аммо тавассути таҷлили саросарии маросимоти наврӯзӣ имкони пирӯзӣ бар неруи ҷоҳилону

мутаассибони бегонапарасти дохилию хориҷӣ, ки солҳост таҳти пуштибонии моддию маънавӣ тарҳҳои шуми худро амалӣ мекунанд, ҳаст. Аз сӯйи дигар, тайи таърих миллати мо ҷабру зулми зиёдеро мутаҳаммил шуда, бо ҷуръату ҷасорати фавқулода худро аз нав шинохта, бозсозӣ карда, манзумаи Наврӯзро сохта, дар партави маросимоти Наврӯзӣ созу оҳанги пирӯзӣ навохтааст. Яъне Наврӯз бо шинохт, дониш, биниш, ҷаҳоншиносӣ ва тафаккури миллат пайванд дорад ва мафҳумҳои "шинохт" ва "сохт" (сохтан) ба сатҳи ақлонӣ, тафаккурӣ, биншӣ ва илмии мардум тааллуқ мегирад. Ба ин маъност, ки:

*Аҷнабӣ бар ин замин гарчи ҳазорон сол тохт,*
*Ҷабру зулму хешро бар курсии давлат нишохт,*
*Гарчи миллат борҳо дору надорашро бибохт,*
*Ҳамчу оҳан хеш андар оташи тафсон гудохт,*
*Бо ҷасорат хешро аз нав шинохт,*
*Бо хирад манзумаи Наврӯз сохт,*
*Сози пирӯзӣ навохт!*

Аз ин ҷост, ки Наврӯз ҷашну иду расму суннату маросими сода нест, балки мартабаи ҳувияти озодагии мост. Ин аст, ки:

*Пас, яқин Наврӯз ҷашну иду расми сода нест,*
*Базми шодию нишоту айшу нӯши бода нест,*
*Ибтикори одамони пешипоуфтода нест,*
*Достону қиссаву афсонаву сарвода нест,*
*Ҷуз паёми мардуми озода нест,*
*Ҷуз ризои хотири дилдода нест,*
*Ғайри некуҷода нест!*

Дар зимн, манобеъи гузашта ҳокӣ аз онанд, ки Наврӯз дар зиндагии инфиродию ҷамъӣ ва сиёсию иҷтимоию маданӣ ончунон таъсир ва нуфузи зиёде доштааст, ки дар баробари

исми Офаридгор ба номи ин ҷашн низ савганд ёд мекардаанд. Дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ аз забони қаҳрамонон мехонем:

*Ба Яздону номи ту, ай шаҳриёр,*
*Ба Наврӯзу Меҳру ба хуррам баҳор.*

Ё ин ки ҳангоми ҷангу набардҳо бохтану мағлуб шудан бо аз байн рафтани Наврӯз баробар дониста мешудааст:

*Гар эдун, ки гӯйӣ, ки пирӯз нест,*
*Аз ин пас варо низ Наврӯз нест.*

**Панҷум.** Наврӯз бузургтарин ҷашни миллист, ки комилан ҳолу ҳавои дунявӣ дорад. Ба сухани дигар, мардуми мо ба воситаи таҷлилоти Наврӯзӣ аз ҳавою фазои табиати ватанӣ нафас мекашанд, оҳангу нағмаҳои идона менавозанд, овозхонӣ мекунанд, шеъру тарона месароянд, аз неъматҳои дунёйӣ лаззат мебаранд ва ҳамин тур, кулли рӯзро ба хушҳолӣ сипарӣ менамоянд. Аз хона баромадан ва худро ба домани талу теппа, кӯҳу пушта ва сабзаву майсазор задан ва дар ҳавои баҳору Наврӯзи оламафрӯз бо шӯру шавқ рақсу бозӣ кардан аз ҷумлаи талаботи маросимоти Наврӯзӣ будааст, ки шукӯҳи идонаи Наврӯзӣ дар "Шарафнома"-и Низомӣ хеле хуб ба риштаи тасвир баркашида шудааст:

*Рух ороста, дастҳо пурнигор,*
*Ба шодӣ давидандӣ аз ҳар канор.*
*Мугона майи лаъл бардошта,*
*Ба ёди мугон гардан афрошта.*
***Ҳама корашон шӯхию дилбарӣ,***
***Гаҳ афсонагӯйӣ, гаҳ афсунгарӣ.***
*Ҷуз афсун чароге наяфрӯхтанд,*
***Ҷуз афсона чизе наёмӯхтанд.***
*Фурӯҳишта гесӯ шикан дар шикан,*
***Яке пойкӯбу яке дастзан.***
*Чу сарви сиҳӣ дастае гул ба даст,*
*Сиҳисарви зебо бувад гулпараст.*

*Сари сол, к-аз гунбади тезрав*
*Шумори ҷаҳонро шудӣ рӯзи нав,*
*Яке рӯзашон будӣ аз кӯйю кох*
*Ба коми дили хеш майдон фарох.*
*Ҷудо ҳар яке базме оростӣ*
*В-аз он ҷо басе фитна бархостӣ...*
(ниг.: Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса. Шарафнома. –Душанбе: “Адиб”, 2012. С.128)

**Шашум.** Наврӯз бо қаҳрамони устуравӣ ва ниматаърихии мо Ҷамшеди Пешдодӣ иртибот дорад ва маҳз тавассути ин шаҳриёри иронитабор марсуму машруъ шуд. Аз ин ҷост, ки Наврӯзро ба шахсияти нимустуравӣ ва ниматаърихӣ Ҷамшед тавъам медонанд ва ин тавъамӣ ё пайвастагӣ бедалел нест, чаро ки Ҷамшед нахустин шаҳриёри донишманди ҷуғрофиёи фарҳангию сиёсии ориётаборон аст, ки тавассути илму хирад сохтани ҷаҳони навро шурӯъ намудааст. Ба сухани дигар, Ҷамшед бо овардани Наврӯз марҳилаи аввалини худшиносии миллиро дар ҷаҳони маърифати иронитаборон оғоз бахшида, таҷлили онро ҳамчун тантанаи хирад ва адолат (ду бахши муҳимми ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ) саросарӣ намудааст. Дар зимн, мушкилоти ҷомеаи инсонӣ аз замони зуҳури инсонӣ то имрӯз як аст – марг ва ҳамин мушкили аввалиндараҷа ва ба истилоҳ, калидӣ дигар мушкилотро ба дунбол дорад. Ин мушкилот (дард, ранҷ, беморӣ, сардӣ бадбинӣ ва танаффур, дурӯғгӯйӣ ва амсоли инҳо) пайваста ҳамқадами инсонанд ва ба гумони устурасозони пешин, рафъи мушкилоти фавқ аз ҷониби Ҷамшед ба вуқуъ пайвастааст ва нахустин бор дар таърихи фарҳанги мо (албатта, дар қолаби устура ва боварҳои ибтидоӣ) инсон намиранда мегардад. Дар “Авасто” ин масъала, яъне масъалаи ба дасти Ҷамшед рафъ шудани мушкилоти маргу беморию пирию ранҷу зиён мавриди баррасӣ қарор

гирифтааст (ба фаргарди Вандидод руҷуъ шавад) ва Ҳаким Фирдавсӣ дар достони Ҷам зуҳури Наврӯз ва ба ин восита аз ранҷурӣ раҳо гардидани ҷаҳонро таври зайл тасвир намудааст:

*Сари соли нав ҳурмузи фарвадин,*
***Баросуда аз ранҷ рӯйи замин.***
*Бузургон ба шодӣ биоростанд,*
*Маю ҷому ромишгарон хостанд.*

**Ҳафтум**. Наврӯз ҷашни созандагӣ, офарандагӣ, ва ҳувиятсозист ва аслан, бо ҷаҳлу нодонӣ даргир аст. Чун Ҷамшеди пешдодӣ бо илму хиради зинда мусаллаҳ буд, рӯзи хирадсолориро Наврӯз унвон карда, ба сифати ҷашни ҳамагир ва фарогир миёни мардум ва табақоти гуногуни иҷтимоӣ интишор дод. Ҷамшед оварандаи Наврӯз ва ситоишгари хиради инсонист, кинахустин маротиба фазои ҳамбастагӣ, ҳамгиройӣ ва баҳамоии мардумиро новобаста аз таааллуқоти динӣ, мазҳабӣ, миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ, ахлоқӣ, қавмӣ, табақотӣ-каставӣ заминагузорӣ карда буд ва ҳамин иқдоми наҷибона ва инсонсолорона умри Наврӯзро бардавом сохта, аз маҳдудаю марзҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ гузаронида, то ба замони мо овардааст. Махсусияти калидии Наврӯз ба сифати ҷашни фарогир ва ҳамагир дар воқеиятгаройӣ, инсонсозӣ ва таъйини таодул ва баробарӣ миёни инсонҳо зоҳир мегардад ва ин вижагӣ тайи асрҳои тӯлонӣ ойини миллиро на танҳо тарк накард, балки таҳкиму тақвият бахшид. Ин аст, ки Наврӯз пайванди наслҳои инсониро дар имтидоди тӯлонии замонӣ нигаҳ дошта, ин риштаро, бо ҷаҳонӣ шуданаш ба дарозо мекашад ва ҷуғрофиёи ҷаҳонӣ ва башариро фаро мегирад. Ба сухани равшантар, Наврӯз, воқеан, ҷашни ҳамсипосӣ, ҳамбастагӣ, худшиносӣ ва ҳамзистӣ аст:

*Наврӯз, ки ҷашни ҳамсипосӣ бошад,*
*Дар силсилаи русум асосӣ бошад,*
*Ҷашне, ки на динӣ, на сиёсӣ бошад,*
*Дар сархатти ҷадвали қиёсӣ бошад,*
*Чун зубдаи осори ҳамосӣ бошад,*
*Фарҳанги шукӯҳу худшиносӣ бошад!*

**Ҳаштум.** Айёми наврӯзӣ ва баҳорӣ замони бедоршавӣ, эҳёи табиат, эҳсос, отифат ва фикру андешаи инсонҳост. Воқеан, замони фарорасии Наврӯз як навъ гармония ё симфонияи табиӣ дар олами вуҷудӣ ба амал меояд. Маҳз ҳамин ҳолат ва вазъи хуби равонӣ (настроение) аст, ки мардум вуҷуди худро аз ғаму ғусса, кину адоват, бадию бадандешӣ, зулму ситам, ҷаҳлу разолат пок намуда, танҳо аз покии вуҷуд ва андеша дам мезананд ва ин гуна фазоро то Наврӯзи дигар ба якдигар орзу мекунанд:

*Наврӯз даррасиду гам аз дил бурун шавад,*
*Шодии мардумӣ ҳамагонӣ фузун шавад,*
*Аз покии вуҷуд бигӯ з-он, ки бегумон,*
*Нопокию палидию дун сарнагун шавад.*

**Нуҳум.** Ҷашни Наврӯз, ки руҳиясозию хушҳолиро меъёр қарор медиҳад ва кулли мардумро новобаста аз тааллуқоти хунӣ, наждӣ, рангӣ, пустӣ, маҳаллӣ, миллӣ, қавмӣ, қабилаӣ, табақотӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ, мазҳабӣ, ақидатӣ, ҳувиятӣ ва амсоли инҳо ба ҳам фаро мехонад, барои тоқиқоку тоҷикистониён, дар маҷмуъ, тамоми мардуми ҳавзаи Наврӯз ва башари тараққипарвар фархундаву хуҷаста бод! Аз ҷониби дигар, Руҳияи Наврӯзӣ аз фоли Наврӯзӣ, ки аз хотири ҷамъи инсонӣ дарак медиҳад, сарчашма мегирад. Бигзор, ки оромишу амният, сулҳу субот, хираду дониш фазои Тоҷикистони азизро тарк накунад ва миллати тоҷик бо ойини Наврӯзи истиқлол ба сӯйи пеш – ҷониби рушду тараққӣ ва фатҳи қуллаҳои мурод қадамҳои устувор бардорад.

*Бо лутфу эҳсону шараф, эй дил, ба истиқболи мо,*
*Хуш бош, меояд кунун Наврӯзи истиқлоли мо.*
*Фоли наку Наврӯзро бошад ҳамеша ҳамсафар,*
*Поянда бодо то абад Наврӯзи некуфоли мо!*

**Нодир ЗИЁЗОДА**
*ходими илмии шуъбаи масоили*
*сиёсии муносибатҳои*
*байналмилалии ИФСҲ АМИТ*

## НАҚШИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАЪМИНИ СУЛҲИ ҶАҲОНӢ

Ташкилотҳои байналмилалӣ ду намуди созмонҳои тамоман гуногунро дар бар мегиранд: навъи якум ба созмонҳои байналмилалии давлатӣ марбут аст, ки аз ҷониби ҳукуматҳои миллӣ ташкил ва идора карда мешаванд. Навъи дуюм ба созмонҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ марбут аст, ки ҳукуматҳои миллӣ дар ташаккул ва идоракунии онҳо нақши мустақим надоранд. Имрӯз теъдоди созмонҳои давлатии байналмилалӣ аз 300 то 400 нафар тахмин зада мешавад. Дар ин пажуҳиш саъй шудааст масъалаи мазкурро баррасӣ кунад, ки созмонҳои байналмилалӣ пас аз анҷоми ҷанги сард чӣ гуна метавонанд дар таъмини сулҳи ҷаҳон муассир бошанд. Фарзияе, ки дар ин мақола оварда шудааст, ин аст, ки сарфи назар аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки созмонҳои байналмилалӣ дар чаҳорчӯби қонунҳои худ, ки барои давлатҳо барпо карда шудаанд, дар таъмини сулҳу осоиши тамоми ҷаҳон нақши ҳалкунанда доранд.

Сулҳ фарзияи асосии пайдоиши соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ буд. Аз замони таъсиси созмонҳои байналмиллалӣ масъалаи назорати сулҳ ва ҷанг яке аз сабабҳои асосии баҳсу мунозираҳои назариявӣ ва амалӣ дар ҷаҳон буд ва то имрӯз дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ назарияҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд. Барои ба вуҷуд овардани сулҳу осоиш ва пойдор гардондани амнияти ҷаҳон ва дар

соҳаҳои амалӣ барои вусъати сулҳ дар арсаи ҷаҳон бисёр ташкилотҳо ташкил карда шудаанд. Хусусан, баъди ҷанги дуюми ҷаҳон дар соҳаи ба вуҷуд овардани сулҳи тамоми ҷаҳон, чи аз ҷиҳати назарӣ ва чи аз ҷиҳати амалӣ бисёр ҷидду ҷаҳд карда шуд. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки созмонҳои байналмилалӣ, бахусус пас аз ҷанги сард, ба сулҳи ҷаҳон ва амнияти байналмилалӣ чӣ таъсир расонидаанд. Аз ҳамин сабаб дар таҳқиқоти мазкур кӯшиши ба ҳалли ин масъала пардохта мешавад.

Яке аз омилҳои асосии ба вуҷуд овардани дигаргуниҳо дар муносибатҳои байни ҳукуматҳо ин ваҳшати ҷанг аст, ки боиси ҳамкории байналмилалӣ барои ноил шудан ба сулҳи тамоми ҷаҳон табдил ёфтааст. Сабабҳои пайдоиши созмонҳои байналмилалӣ пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ пойдор гардидани сулҳу амният буд. Ба ин муносибат амалиёти созмонҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли баҳсҳо аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад. Зеро аксари ин созмонҳо ҳамчун ниҳодҳои фаромиллӣ қобилият ва қонуният доранд, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши муассир ва қобили қабул дошта бошанд. Сулҳро метавон моҳияти аслии мавҷудияти ин созмонҳо арзёбӣ кард.

Аз ҳамин сабаб мақсади асосӣ таҳқиқи самаранокии ташкилотҳои байналмилалӣ дар таъмини сулҳи ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин тадқиқ сайъ шудааст чигуна созмонҳои байналмилалӣ дар таъмини сулҳи ҷаҳонӣ метавонанд таъсиргузор бошанд бипардозад. Фарзияи пешниҳодшуда дар ин тадқиқот ин аст, ки сарфи назар аз ҳуқуқ ва вазифаҳои ки созмонҳои байналмилалӣ барои давлатҳо дар чаҳорчӯби қонунҳои худ муқаррар кардаанд, дар таъмини сулҳи ҷаҳонӣ нақши ҳалкунанда дорад [1, С. 12].

Имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ созмонҳои байналмилалӣ на танҳо ҷомеаи байналмилалиро дар соҳаҳои техникӣ, тиҷоратӣ ва саноатӣ, балки дар корҳои давлатӣ, аз қабили ҳифзи сулҳ,

халъи силоҳ ва назорати аслиҳа низ идора мекунанд. Бар асоси ин созмонҳои байналмилалӣ, ки аслан ниҳодҳои ғайридавлатӣ ҳастанд, бо мувофиқаи давлатҳо ба иҷрои салоҳиятҳои мухталифи давлатӣ шуруъ мекунанд. Дар ин водӣ ташкилоти байналхалқӣ, ҷамъияти ҳукуматҳо амал мекунад. Ҷойгиршавии қудрат аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ тағйирёбанда аст, вале ҳар он чизе, ки ба корҳои дохилии кишвар пешомадаро метавонад зери таъсири ин созмонҳо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ баррасӣ шавад [1, С. 14].

Институтсионалистҳои либералӣ низ одатан ба нақши ниҳодҳои байналмилалӣ дар эҷод ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва дар натиҷа сулҳ назари некбинона доранд. Онҳо чунин мешуморанд, ки созмонҳои байналмилалӣ ва имкониятҳое, ки онҳо дорандро метавон барои мустаҳкам намудани сулҳ ба монанди вобастагии иқтисодӣ ва коҳиш додани хароҷоти ҷанг бо роҳи ҷазои дастаҷамъонаи таҷовузкорро истифода бурдан мумкин аст [3, С. 59].

Яке аз масъалаҳо ва ҳадафҳои аслии созмонҳои байналмилалӣ дар ин аср расидан ба сулҳи ҷаҳон ва амнияти дастаҷамъӣ буд, ки дар оинномаи муҳимтарин созмони байналмиллалии аср, Созмони Милали Муттаҳид ифода ёфтааст. Дар воқеъ, ҷанги сард боиси халалдор шудани раванди системаи амнияти байналмилалӣ гардид. Пас аз ба охир расидани «ҷанги сард» ҷаҳон ба давраи гузариш ворид шуд ва ин вазъият заминаеро фароҳам овард, ки бештари давлатҳо ба ҳалли баъзе масъалаҳо наздик шаванд ва дар натиҷа, ташкилотхои байналхалқӣ тамоми мақсадҳои худро ба ин масъала гузоштанд.

Имрӯз ҳаёти байналмилалиро бидуни созмонҳои байналмилалӣ умуман тасаввур карда намешавад, яъне ҳеҷ ҳукуматеро бе истисно пайдо кардан мумкин нест, ки узви як ё якчанд созмон набошад ва ин ҳам муҳимтар аз барқарор

намудани муносибатҳо ва ҳамкорӣ барои расидан ба ризоияти назар ва якдилии байни давлатҳоро нишон медиҳад. Бинобар ин дидан мумкин аст, ки ташкилотҳои байналмилалӣ то чӣ андоза дар ҳаёти байналхалқии сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мавқеи муҳим доранд. Созмонҳои байналмилалӣ кайҳо боз дар муқаррар намудан ва пойдор гардондани сулҳу амният таъсиргузоранд ва аз равишҳои пинҳонӣ барои ҳаллу фасл намудани ихтилофот, ки дарбаргирандаи равишҳои сиёсӣ монанди гуфтушунид, миёнаравӣ, муросо кардан ва ё равишҳои ҳуқуқӣ ба монанди ҳакамӣ ва мурофиаи судро дар бар мегиранд, истифода мебаранд [1, С. 4].

Тибқи таҳаввулоти имрӯза дар ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши созмонҳои байналмилалии ғайридавлатӣ рӯз то рӯз муҳимтар шуда, ҳузури ин созмонҳо ҷанбаҳои васеътар касб мекунад ва сабаб он аст, ки таъсиси ин созмонҳо нисбат ба созмонҳои байналмиллалӣ хеле содатар аст ва дар баррасии сулҳ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ созмонҳои ғайридавлатӣ нисбат ба созмонҳои давлатӣ ба категорияи сулҳ аҳаммияти бештар додаанд. Қаламрави фаъолияти ин созмонҳо аз ҳуқуқи башар то даргириҳои мусаллаҳона ва муҳити зист мебошад, ки ҳамаи онҳо ба ҳар роҳ сулҳ ва оромиши ҷаҳонро ҳадафи худ қарор доранд [2, С. 24].

Фаҳмиши дурусти мафҳумҳои сулҳ ва амният на танҳо дар робита бо созмонҳои байналмилалӣ муҳим аст, зеро ин созмонҳо ба таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири хеле муҳим гузоштаанд ва аҳамияти онҳо бо мурури замон меафзояд, бисёр фарзияҳо вуҷуд доранд, ки бо максади эътирофи нақш ва ин созмонҳо сохта шудааст, бе ин эътироф ба самаранокии ин созмонҳо доварӣ кардан мумкин нест.

Пас аз «чанги сард» дар шакл ва характери муносибатҳои байналхалқӣ дигаргуниҳои зиёде ба амал омад. Муҳимтарин ҳодисаҳое, ки боиси мураккаб шудани муносибатҳо

гардиданд, дар ҷаҳон пароканда шудани марказҳои қувваҳо, ба вучуд омадани илму техника, таъсис ва пурзӯр намудани нақши созмонҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ ва ҳолатҳои дигарро дар бар мегирад. Пайдоиши технологияи мураккаби ҳарбӣ ҳамчун воситаи хидматрасонӣ ба сиёсати хориҷии давлатҳо ва нуфузпазир шудани сарҳади кишварҳо боис шуд, ки нақши созмонҳои байнулмилалӣ барои афзоиши ҳамкориҳои байни давлатҳо афзоиш ёбад. Мушкилӣ дар он аст, ки давлатҳо айни замон аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва ҳатто аз ҷиҳати сиёсӣ ва низомӣ осебпазир шудаанд ва наметавонанд худро аз тамоюлҳои ҷаҳонӣ ҳимоя ва барои ҳифзи амнияти сарҳадии худ дар танҳоӣ муҳофизат ва талош кунанд.

Созмонҳои байналмилалӣ бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва ҳамкорӣ байни ҳукуматҳо дар соҳаҳои гуногун, аз қабили: табодули иттилоот, кашфиёт ва таҷрибаи ҳамдигар барои кӯмак ба ҳукуматҳо дар вокуниш ба ниёзҳои асосӣ ва пешниҳоди хидматҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ таъсис дода шудаанд. Созмони Милали Муттаҳид ядрои марказии ин созмонҳо буда, нақши он ҳамоҳангсозии тамоми ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад.

Созмони Милали Муттаҳид дар давоми фаъолияти худ аксар вакт ҳар ду тарафи ҷангро ба кор фармудани усулҳои дипломатӣ, масалан, иштирок кардан дар гуфтушунид, ярокпартоӣ, барои пешгирӣ кардани вазъияти хавфноки байналхалқие, ки боиси сар задани ҷанг мешуд, ташвиқ мекард. Бинобар ин, Созмони Милали Муттаҳид дар бисёр баҳсҳои байналмилалӣ нақши нисбатан муътадил ё оромкунанда бозидааст. Ин нақш махсусан дар буҳронҳои Берлин (1948-1949) ва Куба (1962) муҳим буд [4, С. 27].

Ҳарчанд ки ҷомеаи ҷаҳонӣ даҳаи дуюми асри 21-ро сипарӣ карда истодааст, ҳанӯз ҳам барои ноил шудан ба сулҳу

адолати иқтисодӣ ва амнияти башар бо мушкилоти ҷиддие рӯбарӯ аст. Сулҳ ба маънои нави худ маънои ҳамоҳангӣ дар фаъолияти инсониро дорад, ки ҳамзистии осоишта ва шарафнок буда, яке аз арзишмандтарин ва бунёдии ниёзҳои инсонист, ки дар он ҳаёти иҷтимоӣ дар мувозинат қарор дорад. Имрӯз ҳамзистии осоишта ҳуқуқ ва вазифа буда, тарғиби фарҳанги ҷаҳонии бидуни зӯроварӣ, сулҳ ва баробарӣ вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Дар хулоса таклиф карда мешавад, ки сулҳи байналхалқӣ на танҳо сулҳу осоиш дар муносибатҳои байни ҳукуматҳо, балки вазъияти оптималии муносибатҳои байни ҳукуматхо ва давлатҳо, инчунин дар муносибатҳои байни одамонро дарбар мегирад. Бар замми ин, сулҳи ҳамаҷонибаи байналмилалӣ на танҳо минтақавӣ, балки умумиҷаҳонӣ аст, сулҳе, ки тамоми фаъолони байналмилалӣ ва давлатҳо ва тамаддунҳои ҷомеаи башариро фаро мегирад. Башарият ва ҷомеаи башариро бояд шохиси муайянкунандаи доираи сулҳ донист.

Инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ, созмонҳои ғайриҳукуматии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аз бозигарони нав дар арсаи байналмилалӣ мебошанд. Гурӯҳи созмонҳои байналмиллалӣ, ки дар бахшҳои ҳуқуқи башар, ҷанг ва сулҳ ва ғайра фаъоланд, ба таҳаввулоти консепсияи сулҳ таъсири бештар ва амиқтар мегузоранд. Фаъолони фаромиллӣ, хоҳ давлатӣ ва хоҳ ғайрилавлатӣ, ба сулҳ ва тағир додани роҳи таъмини он, ки тавассути фаъолияти онҳо дар истиқрори сулҳ ва амният дар ҷаҳон анҷом дода мешавад, таъсири бузург доранд.

**Руйхати адабиёт**

1. Бегзода И. Созмонҳои байналмилалӣ. [текст] / И. Бегзода – Теҳрон: Донишгоҳи Шаҳиди Беҳиштӣ., 1390. – С. 12 - 960 с.

2. Ғафурӣ М. Фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи муносибатҳои муосири байналмилалӣ [текст] / М. Ғафурӣ - Равишҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ ҳар семоҳа. Техрон: Дафтари тадкикоти сиёсии байналхалкӣ., 2013. – С. 24 – 507 с.
3. Маширзода Ҳ. Таҳаввул дар назарияҳои равобити байналмилалӣ. [текст] / Ҳ. Маширзода - Теҳрон: Нашри сеюм., 1388. – С. 59 – 385 с.
4. Саъд. Н Ҳаққи сулҳи одилона. [текст] / Н. Саъд - Теҳрон: Интишори Анҷумани ҷаҳонии сулҳи исломӣ., 1389. – С. 27 – 379 с.

**Интернет ресурсҳо**

1. Поддержание международного мира и безопасности [текст] / https://www.un.org/ru/our-work/maintain-international-peace-and-security
2. Место и роль международных организаций в обеспечении региональной безопасности в центральноазиатском регионе [текст] / https://www.academia.edu/16260765
3. Роль международных организаций в поддержании мира и обеспечении международной безопасности [текст] / https://jurisprudence.club/teoriya-gosudarstva-prava-uchebnik/215-rol-mejdunarodnyih-organizatsiy.html
4. Роль международных организаций в поддержании мира и обеспечении международной безопасности [текст] / https://studme.org/68400/pravo/rol_mezhdunarodnyh_organizatsiy_podderzhanii_mira_obespechenii_mezhdunarodnoy_bezopasnosti

## РӮШАНГАРӢ ВА ФАЗОИ АҚИДАТӢ

**Комил БЕКЗОДА**
*доктори илмҳои фалсафа*

# БАРХУРДИ АБДУРРАҲМОН БАДАВӢ (1917-2002) БО МУХОЛИФОНИ АҚИДАВИИ ХУД

### Робитаи Бадавӣ бо Иброҳим Шукрӣ

**Хабарнигори мисрӣ Саъид Ловандӣ мегӯяд:**

–Муҳандис Иброҳим Шукрӣ раиси ҳукумат ва роҳбари оппозитсияи Миср буд. Солҳои 1970 намоянда дар Шарбин (минтақаи Саъид Ловандӣ) буда, ва ӯро ба ёд гирифтааст. Дар ин зиёрати навбатии Париж аз Бадавӣ фаҳмидааст, ки Саъид Ловандӣ ҳаминҷо таҳсил дорад. Он хотиротро ба ёд оварда омадааст, ки ӯро бубинад. Хонаводаи Бадавиҳо ва Шукриҳо аз дер боз бо ҳам робитаи дӯстӣ доштаанд. Ва ин ду оилаи феодал аз пеш заминҳои фаровон доштанд. Яке аз бародарони Бадавӣ (шояд Сарват Бадавӣ) аз Шукрӣ хоҳиш кардааст, ки ҳангоми бозгашт аз Конгресс дар сентябри 1989 дар Париж бародараш Абдурраҳмон Бадавиро зиёрат кунад ва аз аҳволаш бохабар шавад.

–"Бештар аз 10 франк барои чопи як варақ намедиҳам" – гуфт Бадавӣ ба дӯсташ Саъид Ловандӣ! Дар ҳоле, ки он замон барои чопи компютерии як варақ 50 франк медоданд [24,с.46].

–Баъди чопи ду китоби охиринаш: 1) Дифоъ аз Қуръон ва 2) Дифоъ аз Муҳаммад, хостам ки бо ӯ мусоҳиба кунам. Ӯро дар кӯча дучор шудам. Бадоҳатан гуфт: Агар мусоҳиба мехоҳӣ, ҳаққи маро пеш аз мусоҳиба бидеҳ. Ман

бо ханда гуфтам, ки кадом ҳақ? Ҳаққи ман бо чопи мусоҳиба ҷуброн мешавад. Мо шумо бузургонро ба мардум мешиносонем, ки шумо намунаи ибрат ҳастед. Бояд мардум аз шумо зиндагиро омӯзанд ва ғайра. Бадавӣ гуфт: Гапи зиёдатӣ нагӯй 5000 франк медиҳӣ. Ин як таҷрибаи одӣ аст. Тавриқ-ул-Ҳаким ҳамеша чунин мекард. Тамом, гапи дигар нест. Саъид: Боре Т. Ҳаким бо як хабарнигор ба муддати як соат қарордоди мусоҳибавӣ мебанданд. Ҳангоми суҳбат Т. Ҳаким аз сухан гуфтан боз мемонад. Хабарнигор бо ҳайрат аз ӯ мепурсад, ки устод чӣ шуд? Тавфиқ-ул-Ҳаким мегӯяд: Вақти қарордодии яксоатаи мо тамом шуд! Бадавӣ гуфт: Дар вақташ файласуф Жан Пол Сартр низ чунин музди худашро аз мусоҳибагар мегирифт. Яке аз муассисаҳои тарғиботӣ барои чанд мусоҳиба ба Сартр ним миллион франк пардохтааст!

**Ҷору ҷанҷолҳои лафзии Бадавӣ.** Сарлавҳа: "Ман ки бад мегӯям ва дашном медиҳам, пас ман мавҷудам!"

Аввалан Бадавӣ, мутафаккиреро туҳмат мекунад ва он маҷбур аст, ки аз худ дифоъ кунад.

**Баъзе таҳқирҳои Бадавӣ нисбат ба дигарон чунинанд:**

– Ин мард аз шогирдони шарқшиноси Урупоист. Ҳамин Муҳаммад Аркун парвои ватани худаш-Алҷазоирро надорад.

– Ин мунаққид дар лексияҳои ман дар Донишгоҳ ширкат намекард. Дипломи лисонсашро бо сад ҷонканӣ ба даст овард.

–Ин донишманд ватани худро тарк карда, дар Париж зиндагӣ мекунад. Зани мисриашро талоқ дода, ҳоло бо як зани фаронсавӣ издивоҷ кардааст. Он зан барояш хона харидааст ва дар хонаи ҳамин занаш зиндагӣ мекунад[24,с.51].

– Ин нависандаи овозадор дар асл як мунофиқи бузург аст. Ҳодисоти неку бади гузаштаро тавре нақл мекунад, ки гӯё дирӯз ба амал омадаанд[24,с.52].

– Аббос Маҳмуди Аққодро бардавом бад мегуфт. Боре дар қаҳвахонаи машҳуру калони дар кӯчаи Сан Мишел бо ӯ дучор шудам, ба ман гуфт: Шуморо чӣ шудааст эй бачаҳо! Ту дар Сорбонна доир ба Аққод рисолаи докторӣ менависӣ ва нафареро дар Мадрид дидам, ки доир ба шеъри Аққод рисолаи докторӣ омода намудааст. Ва изофа кард: Аққод ҳеҷ вақт мутафаккир ва шоир набуд. Сухани ҳақро Содиқ ар-Рофеӣ гуфтааст, ки Аққод ҳамеша аз почтаи адабии Англия илҳом мегирад, ки бо шарҳи онҳо мақолаҳо эҷод менамояд [24,с.53].

–Мавқеи Бадавӣ нисбат ба Аққод мавқеи ғайриахлоқӣ буд. Садоқат ва амонати илмӣ ва инсонӣ надошт. Камбуд ва нуқси асосии Анис Мансур ба ақидаи Бадавӣ он буд, ки аз пайи Аққод мерафт.

– Ба ақидаи Бадавӣ: Риҷоъ ан-Наққош бо навиштани китоби “ Аббос ал- Аққод дар байни ростҳо ва чапҳо” сабаби баста шудани маҷаллаи “ад - Давҳа” гардид. Чаро, ки маҷмӯаи мақолоти Ҳусейн Аҳмад Аминро чоп кард ва қатариҳо ранҷиданд. Бадавӣ доир ба Аққод ва шогирдонаш ҳамеша бад мегуфт ва хурда мегирифт[24,с.53].

**Кору пайкор ва мубориза ҳои А. Бадавӣ:**

**Аввалан**: Мубориза и Бадавӣ бо Муҳаммад Аркуни Алҷазоирӣ. Бадавӣ дар бораи Аркун гуфта: 10 сол дар Париж дини масеҳиро қабул кард. Шабу рӯз дар дайр (калисо) хоб мекард: Доир ба шахсе дигар: Ин шахс мусибати фикру фарҳанг аст. Зеро бар ин ақидааст, ки гӯё омӯзиши андешаи равшангарии Имом Муҳаммад Абду моро аз омӯзиши таърихи фалсафаи муосири Урупо бениёз мегардонад [24,с.54].

–Боре Бадавиро доир ба Муҳаммад Абду пурсидам. Гуфт: (Ба ғазаб:) Ман шахсияти ин мардро дӯст надорам!! Бадавӣ: Аркун шогирди мадрасаи шарқшиносии истеъморӣ аст. Исломро таҳриф мекунад ва ба Қуръон ва пайғамбари ислом таъна ва буҳтон мезанад. Касе намедонад, ки Аркун чи ихтисосе дорад. Нисбат ба фарҳанг ва фикри исломӣ ҷинояти нобахшиданӣ содир кардааст. Ба тарҷумаи Қуръон-и Козимский муқаддима навишта, ки саропо пур аз ғалатҳои фоҳиш мебошад [24,с.55].

**Ҷавоби Аркун**: Ман ҳамеша аллома Бадавиро эҳтиром дорам. Хизматҳояшро қадр мекунам. Вале бар ин назарам, ки аз солҳои шастум ва ҳафтодуми асри XX дар Урупо ва ҷаҳон соҳаҳои гуногуни илмие ба вуҷуд омад, ки бо худии худ инқилоби илмӣ буд. Вале доктор Бадавӣ ба ин инқилобҳо таваҷҷуҳ накард. Дар ҳамон қолабҳои матншиносии филологии асри XIX Германия боқӣ монд. Мо мебоист аз рӯйи ин ҷараёнҳои нав арзиши тамаддуни арабиро дар шакли мусбат ба мардуми араб пешкаш мекардем. Бисёриҳо ин корро карданд. Вале устод Бадавӣ дар ин кӯшишҳои нави илмӣ иштирок накард. Дар қолабҳои илмии пешинаи худ боқӣ монд. Ман ин илмҳои навро дар назар дорам: Нашриёти даврагии яксолаи антропология, илми забоншиносӣ (лисониёт), илми симиёӣ. Методологияҳои илмии дар солҳои 60-70 ба вуҷуд омада, бисёре аз ҷанбаҳои илмии пешинаро дигаргун кард. Акнун пинҳон шудан дар тобутҳои матнҳои куҳна маъное надорад!! Касе ки мехоҳад илми арабиро бозсозӣ кунад, бояд ба ин инқилобҳо ҳамроҳ шавад. Аммо устод Бадавӣ ба ин ташаббусҳо ҳамроҳ нашуд. Ва бояд ҳамроҳ мешуд. Танҳо ба ин басанда кард, ки ба илми қадим фахр бифрӯшад! Ташаббусҳои зарурӣ ва ҷиддии муосирони худро нодида

гирифт. Ахиран донишгоҳи Сорбонна ин ду мутафаккирро оштӣ дод.

**Мушоҷираҳои Бадавӣ бо Донишгоҳи Сорбонна**

–Бадавӣ ба арабҳои омада ба Донишгоҳ мегуфт, ки инҷо умри худро барбод медиҳед. Баргардед ба кишварҳои худатон. Баъди шарқшиноси маъруфи фаронсавӣ Мосинён ва дӯстонаш дар Сорбонна устоди лоиқи дигаре намондааст. Дар "Энсиклопедияи файласуфон" ба забони фаронсавӣ номе аз файласуфони араб нест. Ҳамааш дар бораи шахсиятҳои урупоӣ аст.

**Дифои Сорбонна:** [Ноиби раиси таҳқиқотҳои исломӣ дар Донишгоҳи Сорбоннаи ҷадид доктор Муҳаммад Риқоя.] Туҳматҳои доктор Бадавӣ бар зидди Муҳаммад Аркун ва донишгоҳи Сорбонна ҳамагӣ туҳматҳои ғаразнок мебошанд. Донишгоҳи Сорбоннаи нав (Париж 3) дорои 800 донишҷӯӣ буд. 60 % онҳо донишҷуёни араб буданд [24,с.60].

–Мубоҳисаи Бадавӣ бо Абдулло Нуъмон – муаллифи китоби "Секуляризм (дунявият) дар кишварҳои арабӣ" (Байрут-1990) бахшида шуда буданд. Нуъмон нависандаи муосири Лубнон аст. Бадавӣ мегуфт: Нуъмон як дуруғгӯй ва ҳиллагар аст.

–Доктор Муҳаммад Ғуллоб мисли Тоҳо Ҳусайн нобино буд. Дар Париж хонд ва дар фалсафа доктор шуд. Он нобиноёне, ки он солҳо дар Париж таҳсил мекарданд, кам набуданд. Доктори ироқӣ  Маҳдӣ Басир дар адабиёт, соли 1933 соҳибунвон гардид. Нафаре (ҳоло дар Бағдод) соли 1949 доктори ҳуқуқ шуд. Шахси сеюм Фатҳӣ Абдумунъим даҳ сол дар Париж таҳсил кард, вале ба унвоне нарасид...[24,с.65].

Тоҳо Ҳусейн (1889 - 1973), Муҳаммад Ғуллоб (1899 – 1984) Сузон – зани Тоҳо Ҳусейн (1895-1989) низ дар Париж таҳсил намуда буданд [24,с.66].

**Робитаи Бадавӣ бо Фуод Закариё. Шогирди Бадавӣ дар фалсафа**

Бадавӣ ва Фуод Закариё дар Кувайт дар як қисм бо ҳам кор мекарданд. Бисёриҳо мегуфтанд, ки Бадавӣ ба Фуод Закариё бо чашми мувофиқат нигоҳ намекард. Зоҳиран Фуод Закариё масеҳӣ буд.

**Сабаби хилоф:** Як шарқшинос мақолаи чанд муҳаққиқи арабро (аз ҷумла Фуод Закариёро) ба фаронсавӣ тарҷума кардааст.

Ба андешаи А. Бадавӣ ин мақолаҳо заҳрҳое зидди исломӣ доштаанд! [24,с.69].

**Назари Фуод:** Устод Бадавӣ ба секуляристҳо (дунявиҳо) гумони бад дорад. Чун ба ақидаи ӯ гӯё илмониҳо (секуляристҳо) ҳатман исломро танқид мекунанд. Ва сабаб ин аст, ки Ғарб аз ислом метарсад. Илмониҳо (секулярҳо) ба ислом ҳуҷум намекунанд. Дар ин мақолоти тарҷимашуда калимае бар зидди ислом гуфта нашудааст. Ҳақиқат ин аст, ки дар ватани мо баъзе шахсон ва гурӯҳҳои ифротӣ аз мавқеи исломи сиёсӣ кор мегиранд. Барои ба ҳокимият расидан дар кишварҳои худашон [24,с.70].

– Пул барои ман муҳим аст, на қадршиносӣ!

А. Бадавӣ: Шогирдони фаровоне дар олами арабӣ дорам, вале якеи онҳо аз ман ёде намекунад. Ба тариқи истисно як шогирд дорам, ки ҳамеша маро ёд мекунад. Ӯ Анис Мансур аст. Сомеҳ Курайим ҳам баъзан аз ман ёд мекунад.

Бадавӣ мегуфт: Ҳатто онҳое, ки аз ин дунё рафтаанд, сазовори мукофот шудаанд; Вале Бадавии зинда, ҳатто дар

синну соли пирӣ ҳам ба мукофот ва ифтихорномаҳо сазовор намегардад [24,с.74].

–Сомеҳ Курайим – хабарнигори маъруф ва мухлиси Бадавӣ мегӯяд: Бадавӣ соҳибмактаб дар таърихи фикри муосири инсонӣ буда, дар фарҳанги арабӣ ва дар тарҷума аст.

**Ҷабҳаҳои ҷангии зидди Бадавӣ аз нигоҳи Сомеҳ Курайим**: Бар зидди китоби "Замони вуҷудӣ", ва ҷараёне, ки Тоҳо Ҳусейн онро "нав" ва "муфид" номида буд. Дар бораи Бадавӣ мегуфтанд: Дар фиқҳи исломӣ саҳме надорад; Навиштаҳои ӯ аз музахрафоте беш нестанд; дар ҳамдастӣ бо гурӯҳи фикрии ростҳо мерақсид; Ин нағмаҳо – нағмаҳои ҷанозаие буданд, ки дар марги тамаддуни арабӣ – исломӣ иҷро карда мешуданд. Дар сурате, ки доир ба фарҳанги исломӣ зиёда аз 50 китоб навиштааст. Нағмаи ин китобҳоро – нағмаи музахрафи мотамӣ меҳисобиданд. Яъне, ҷараёни фикриаш ақибмонда аст (Чи хел ақибмонда, ки Бадавӣ пайрави фалсафаи вуҷудӣ аст. Фалсафаи вуҷудӣ авҷи баланди фикри башарӣ аст, ки то имруз расидааст)!!!

–А. Бадавӣ аз М. Ҳайдеггер тақлид мекард. М. Ҳайдеггер аз тасаввуфи масеҳӣ тақлид карда буд. Вақте, ки А. Бадавӣ байни вуҷудия ва фикри исломӣ пайвастагӣ меҷуст, фикри вуҷудия кайҳо дар фикри исломӣ дохил шуда буд [24,с.75].

– А. Бадавӣ худро ба илми академӣ бахшид ва аз ҳаёти иҷтимоӣ худро ба дур гирифт.

– Душманони Бадавӣ туҳмат, овозаҳо ва васвасаҳо паҳн мекунанд, ки Бадавӣ ба инқилоби моҳи июли (1952) мухолиф аст. Бо Носир ва ҳукумати ӯ мушкилӣ дорад.

Ҷавоби Сомеҳ Курайим: А. Бадавӣ ҳеҷ гоҳ ба инқилоб мухолифат накарда буд. Дар рӯзҳои аввали инқилоб ӯро ба хориҷ (Олмон) фиристоданд. Таълифи

Конститутсияи навро ба ухдаи ӯ гузоштанд. Тоҳо Ҳусейн пуштибони ӯ буд. Инқилоб Бадавиро эътироф кард, ҳарчанд, ки ӯ ҳуқуқшинос набуд. Вале дар раҳбарии 50 ҳуқуқшинос барои таълифи конститутсияи нав талош варзид. Ҳукумати инқилоб ӯро соли 1956 ба сифати маслиҳатчии фарҳангӣ ба муддати се сол ба Шветсария фиристод. Ин боварии ҳукуматро нисбат ба шахсияти иҷтимоии А. Бадавӣ нишон медиҳад. Чаҳорум: Заминҳои хонаводаи Бадавиро ҳукумат ғасб накард, балки шахсоне пой дар миён доштанд, ки баъди чанд моҳе он заминҳоро ба соҳибашон баргардонданд.

Анвари Содот бо шунидани он, ки дар Либия нисбат ба Бадавӣ бадрафторӣ карданд, фавран ӯро ба Миср баргардонд. Бадавӣ ин хизмат ва эҳтиромро ҳамеша дар хотир дошт. Ин ҳам нишонаи эҳтироми ҳукумати инқилоб нисбат ба Бадавӣ буд. Соли 1992 Ҳусни Муборак дар мулоқот бо олимон ба вазири маданият фармоиш дод, ки ба Бадавӣ изҳори эҳтиром намоянд. Яъне ҳукумати инқилоб нисбат ба Бадавӣ ҳамеша ҳусни ният дошт. Ин масъала ба баҳсу ҷадал ҳоҷат надорад (Сомеҳ Курайим). (Барояш гуфтанд, ки зиёиён ва академикҳои араб аз шунидани хабари он, ки шумо тарҷумаи китоби "Сирати Пайғамбар"-и Ибни Ҳишомро бо забони франсавӣ ба охир расондаед, сахт шод шуданд.) Доктор Бадавӣ бо лаҳҷае омехта бо тундӣ гуфт: "Ман борҳо ва борҳо ба ту гуфта будам, ки ман аз касе ситоиш ва мукофотро чашмдор нестам. Ман ин китобро ба хотири он тарҷума намудам, ки нисбат ба дигар китобҳо дар бораи саргузашти Муҳаммад (с) маълумоти объективонатар медиҳад. Дуюм ин, ки зиндагии Муҳаммад имрӯзҳо мавриди баҳси ҳамагон аст. Вале ин баҳсҳо пуч ва беҳудаанд. Нависандагони Ғарб бештар ба ин баҳсҳои пуч даст мезананд. Ман хостам, ки

дар рад ва инкори назари онҳо ҳуҷҷате ҷиддӣ пешниҳод намоям.”

Сеюм: Хостам ки силсилаи таҳқиқотҳоямро, ки ба ислом бахшидаам, такмил намоям. Аз ҷумла ду китобе, ки ба франсавӣ навиштам, ки муҳимтаринаш инҳо мебошанд: “Дифоъ аз Қуръон бар зидди мунаққидони он” ва китоби “Дифоъ аз ҳаёти Муҳаммад бар зидди туҳматгарони он”. Ва баъд доктор Бадавӣ илова намуд: тарҷумаи фаронсавии китоби “Сирти Ибни Ҳишом” ба забони фаронсавӣ солҳо ба таъхир афтод. Масалан, олмониҳо ин китобро соли 1866 ба олмонӣ тарҷума намуда буданд. Англисҳо соли 1955. Маълум аст, ки олмониҳо нисбат ба тамаддуни исломӣ назар ба англисҳо таваҷҷуҳи бештаре доранд [24,с.79].

Бадавӣ доир ба тарҷумаи Қуръоне, ки шарқшинос Шурокӣ анҷом додааст, мегӯяд: “То ҳол бар ин ақидаам, ки ин тарҷумаи Қуръон аст, ки то ҳол навишта шудааст. Аксарият низ бар ин ақидаанд”. Дар даромадгоҳи боғи “Люксембург” доктор Бадавӣ гуфт: “Агар маро дар китобхонаҳо пайдо накунӣ, ба яқин ман дар ин боғ ҳастам. Дар ин боғ ба ёди устодон ва дӯстонам меафтам. Тоҳо Ҳусейн ҳам баъзан ба ин боғ меомад. Сӯзонро соли 1976 дар ин боғ дидам, ки дар тӯйи издивоҷи наберааш омода буд. Духтари Муънис Ҳусейн. Чун ба назди ҳавзи фавворадор расидам, Бадавӣ гуфт: “Ҳаргоҳ ба ин ҷо биёям, одатан ба ёди чеҳраи Шайх Мустафо Абдурраззоқ меафтам, ки соли 1915 дар Лион фанни шариати исломиро дарс медод. Дар ин сол буд, ки “Рисолаи Тавҳид”-и Муҳаммад Абду ба фаронсавӣ тарҷума шуд... Шайх Абдурраззоқ Парижро дӯст медошт. Доктор Бадавӣ афзуд: “Бисёр вақтҳо дар ин ҷо бо Тавфиқ-ул-Ҳаким мулоқот мекардам. Ӯ аз мухлистарин дӯстони ман буд. Дӯстии мо аз хеле барвақт оғоз шуда буд. Гӯё мо ҳарруз нӯҳ соатро бо ҳам мегузарондем. Ин рӯзҳо ба

давраи ҷанги дуюми ҷаҳон рост меоянд. Ва табассум карда афзуд: “Дар наздикии ин боғ театри “Одион” қарор дошт. Маъшуқаи Т. Ҳаким дар он билет мефурӯхт. Т. Ҳаким аз ӯ сахт мутаассир ва ранҷидахотир гардид. Хост ки он занро баргардонад. Зан баргаштан нахост, чун ошиқи дигаре ёфта буд. Т. Ҳаким чораро дар он дид, ки барои ёрӣ ба яке аз авбошони Қоҳира бо номи Юсуф Шаҳдӣ муроҷиат намояд. Юсуф Шаҳдӣ ин пешниҳодро рад карда ба ӯ гуфт, ки ҷиноятҳои дар Қоҳира анҷом додаам, барои тамоми умрам басандаанд... Мегӯянд, ки Т. Ҳаким бахил ва хасис буд. Ин назар дуруст нест. Оё касе ки намехоҳад барои дигарон пул сарф кунад, бахил аст![24, с.82].

–Бадавиро гуфтем, ки дар Миср мехоҳанд, ки туро ба мукофоти Нобел пешниҳод намоянд. Гуфт: “Ин як кори аз ҳама осон аст, вале фаромӯш накун ки аҳли ҳаллу ақд (масъулини ин кор) ҳама аъзои академияи Швейтсария ҳастанд. Ба андешаи ман онҳо ин ҷоизаро ба шахси арабии дигар ҳеҷ гоҳ намедиҳанд ва агар диҳанд ҳам баъди даҳҳо сол баъд. Зеро ки Наҷиб Маҳфуз ба наздикӣ ин ҷоизаро гирифта буд”. Баъд табассум кард ва гуфт: Ин ҷоиза ҳоло арзиши адабӣ надорад. Он чи ки дорад, арзиши пулии он аст. Арзиши моддии он ҳоло 650 ҳазор доллар аст. Оқибат номи доктор Бадавӣ дар рӯйхати шахсони пешниҳодшуда ба ҷоизаи Муборак ба нашр расид [24,с.88].

**Ду гувоҳӣ**:

**1**. Доктор Сарват Бадавӣ: Қаззофӣ бародарам (доктор Бадавӣ)-ро ба туҳмати куфр(ерес-илҳод) ва фосид намудани ҷавонон ба зиндон маҳкум кард.

**2**. Фуод Закариё: устоди мо Бадавӣ дили моро аз ғам ва дард моломол намуд ва даҳони моро аз талхӣ! [24, с.89].

Доктор Сарват Бадавӣ мегӯяд:

–Бародарам Абдурраҳмон дари ҳуҷраашро қуфл мекард, то ошпазҳо китобҳояшро надузданд.

–Хабарчиниҳо ва ғайбатҳои вазир Камолиддин Ҳусейн сабаби ғазаби бародарам гардид, ки нисбат ба инқилоб ва сарварони он бадгумон гардад ва ахиран вазифаи советникӣ-мушовириро дар Швейтсария тарк кунад. Аз тарафи дигар таълифу ситоиши устодам Тоҳо Ҳусейн ба ин маъно ки ман аввалин файласуфи Мисриро мебинам (яъне Абдурраҳмон Бадавиро) адади ҳосидон ва бахилонро зиёд кард ва инчунин дар вақти фароғат луғатномаи бузурги фаронсавии "Лорус"–ро ҳифз ва аз ёд мекард. Ману бародарам Абдурраҳмон дар сини даҳсолагӣ аз Шарбос ба Қоҳира омадем. Он вақт шаҳодатномаи ибтидоиро дар даст доштам, ки аз мадрасаи Фарску буд. Ва дар Қоҳира ба мадрасаи миёнаи "Саъидия" пайвастам. Мо бо баъзе бародарон ва хоҳарон дар кӯчаи Ҳамдон зиндагӣ мекардем. Бародарам сарвар ва бузурги мо буд. Вақти ба Қоҳира расидан соҳиби Лесонс дар адабиёт шуд. Нисбат ба мо сахтгирӣ мекард ва ноинсофӣ ва зулм раво медид. Мо ҳама аз ӯ метарсидем, зеро ки сахтгирии аз ҳад ва андоза берун мекард. Ҳуҷраи шахсии худашро қуфл мекард ва берун мерафт. Ба ин хотир ки ошпазҳо китобҳои ӯро надузданд. Соли 1945 буд. Масъули ҳукуматӣ ба хонаи мо омада аз бародарам пурсиданд. Ӯ дар хона набуд. Ду соат интизор шуданд. Наомад. Он ду қуфли хонаро шикаста ҳамаи варақҳояшро дуру дароз тафтиш намуданд, ки оё вай ба масъалаи террори Аҳмад Моҳирпошо робитае дорад ё не. Чизе наёфтанд. Ба ҷузъ даъватнома ба ёдбуди Мустафо Камол. Он ду бо қаҳр ба ман фармон доданд, ки он даъватномаро пора-пора карда, партоям. Ман чунин кардам. То исбот шавад, ки Абдурраҳмон аъзои ҳизби ватанӣ нест. Вале дар ҳақиқат аъзои ин ҳизб буд [24,с.92].

Соли 1938 Лесонс гирифт. Бисёр менавишт. Китобҳои муҳими ӯ харидорон ва ҳаводорони бисёр дошт. Хусусан китобҳои "Нитше", "Шопенгауер" ва "Ташвишҳои ҷавонӣ" сахт мавриди писандашон афтоданд. Бародарони маро бо осори Манфалутӣ ва навиштани шеър ошно кард. Ҳамчунин таваҷҷуҳи маро ба ватандустии Мустафо Камол ва Муҳаммад Фарид барангехт. Ба воситаи ташвиқи ӯ ман Олмонро дӯст доштам ва Англисро нафрат кардам. Вақте, ки институти таббиро рад карда, ба куллияи (факултети) ҳуқуқ гузаштам, нисбат ба ман бадрафторӣ мекард: Ба сарам дод мезад, масхара мекард ва масъулияти нобарориҳои зиндагонии хонаамонро ба гардани ман бор мекард. Мо ҳама вақт аз ӯ метарсидем. Номашро ва ё лақаби "доктор"-ро аз тарс ба забон намеовардем. Муддати панҷ сол, ки дар мактаби миёна мехондем, телевизор тамошо накардем ва ҳар рӯз пеш аз намози шом ба хона медаромадем. Ин сахтгириро аз падарамон ба мерос гирифта буд, ки падарам ҳамеша ба ман ва дигар бародаронам хеле сахтгирӣ мекард. Аз ёдам намеравад, ки боре Абдурраҳмон як шабонаруз пулҳои фиристодаи падарамро ба ман надод. Бародарам муҳандис Муҳаммад Абдулмунъим дар муддати дар деҳаи Шарбос буданаш, аз тарси падарам аз сигоркашӣ маҳрум буд. Аммо Абдурраҳмон тамоми вақт ба мутолиа ва фикру андеша банд буд. Ҳамеша гирифтори андеша сари омузиши забонҳо буд ва дар асл хотираи оҳанин дошт. Дар бораааш мегуфтанд, ки даҳ забонро ба хубӣ фаро гирифтааст. Шабу рӯз китоб мехонд. Ҳатто дар мавсимҳои ид ҳам китобҳояшро ба деҳаи мо Шарбос бо худ меовард. Кор бо зироатро хело дуст медошт [24,с.94].

– Ба инқилоб наздикӣ дошт. Оё намешавад фикр кард, ки бадрафтории ҳукумат нисбат ба замини хонаводагии мо

сабаб шавад, ки ӯ нисбат ба ҳукумат душман шавад? Ва ин масъаларо дар китоби "Саргузашт"-аш низ зикр кунад? Вале ӯро душмани Инқилоби июлӣ ҳисобидан, хато аст. Баръакс, ӯ ҳамеша аз ин инқилоб дифоъ мекард. Аз ин инқилоб умедҳои калон дошт. Ба ин маъно, ки барои пешрафти ҳамаи кишвари Миср зарурӣ аст [24,с.94]. Мисолаш ин, ки ҳодисаи дар Искандария рӯй додаро бо телевизион дидам ва рафта ба бародарам гуфтам. Ранги рӯяш парид ва гуфт ин хабар бояд дурӯғ бошад. Ту ҳақиқати масъаларо нафаҳмидӣ!. Ӯ солҳо бо ман қаҳрӣ буд, гап намезад ва моро бо истеҳзо нигоҳ мекард. Танҳо вақте, ки рисолаи докториамро дар Париж ба муҳокима гирифтанд, ба наздам омад... Ёд дорам ки хонаводаи мо Абдунносирро дар хонаи худамон дар Шарбос ба таври сазовор пешвоз намуда будем. Бадавӣ узви комитаи таълифи Конститутсияи Миср буд. Дар асл сабаби мушкилот боварӣ байни ӯ ва сиёсатмадорони Инқилоб, тухматҳо ва ғайбатҳои Миср шуд, ки он замон хеле баргу бор дошт. Ин кори ноҷавонмардон, бахилон ва ҳосидони замон буд. Аз ин гузашта, ҳосидон ба дараҷаи докторӣ расидани бародарамро бо теғу найза пешвоз гирифтанд. Махсусан, сухани ситоишомези устодаш Тоҳо Ҳусейн доир ба ӯ ҳамаро ба шӯр овард: " Ман аввалин файласуфи мисриро дар симои ӯ мебинам!" Боре доктор Муҳаммад аш-Шофеӣ ба ман гуфт, ки Сарват маро гӯш кун. Тоҳо Ҳусейн дар ҳаққи бародарат ҷинояти набахшиданӣ кард. Зеро, ки ба ӯ унвони "Файласуф" дод. Ва ҳамаи дӯстонашро бо ӯ душман кард. Дар воқеъ дӯстоне ҳастанд, ки худ коре намекунанд, вале аз кардаи шахси дигар ба ғазаб меоянд!!! Иштибоҳи ҷиддии дигари Абдурраҳмон ин буд, ки дар Швейтсария ҳар ҳафта бо забонҳои фаронсавӣ, англисӣ ва немисӣ дар Донишгоҳҳои ин кишвар суханрониҳо мекард

ва ба вазорати корҳои хориҷии Миср маълумотҳо мефиристод, дар ин боб, ки дар Швейтсария фаъолиятҳои сионистӣ рӯз то рӯз авҷ мегирад. Ва ректори донишгоҳ Аҳмад Бадавиро (ки аз оилаи Бадавиҳо нест), барои ғайбатгарӣ аз рӯи курсиаш ба замин партофтааст [24,с.96].

Ҳодисаи дигар: Вазир Камолиддин Ҳусайн бо ҳавопаймо равонаи Асувон будааст. Ҳангоми сафар доктор Аҳмад Бадавӣ дар гӯши вазир мегӯяд, ки вуҷуди Бадавӣ бо сифати мушовир ба Миср хатар дорад. Барои он ки Абдурраҳмон Бадавӣ “мулҳид” ва “зиндиқ” аст. Ва дар Донишгоҳҳои Швейтсария ақидаҳои мулҳидонаи худро тарғиб мекунад!. Ҳақиқат ин аст, ки ин вазир дар асл дустдори шунидани ғайбату бадгӯиҳо буда, баъди бозгашташ аз Асувон ба Қоҳира бародарамро аз Швейтсария ба сифати мушовири фарҳангӣ боз мехонад. Бародарам марди баландпарвоз ва ватандусти эҳсосотӣ буд. Аз Инқилоб чашмдор буд, ки ватанро (Мисрро) аз фасод ва истеъмор наҷот медиҳад. Ӯ дар сиёсат таҷрибаи амалӣ надошт. Барои ҳамин ин дасисаҳо ӯро мефирефтанд! Дар Швейтсария аз соли 1956 то охири 1958 кор кард. Дар хотироташ он чи дар бораи Зағлул ва Нуҳос навишта, сад дар сад саҳеҳ ва дуруст буданд. Саъд Зағлул як хидматгори сарсупурдаи ҳукумати Англия буд. Шавҳари духтари Мустафопошо Фаҳмӣ буд. Яке аз бузургтарин шахсиятҳои ҳамкор бо истеъморгарони Англия, Зағлул буд, ки аслан савори мавҷи Инқилоб буду бас. Инқилоби соли 1919. Тухмаи аввалияи ин инқилобро Мустафо Комил ва Муҳаммад Фарид дар дили мардуми Миср кошта буданд. Ҳосидони баъдина ва ҷадид бори дигар кӯшиш намуданд, ки бо таҳрифи андешаҳои бародарам дар “Зиндагинома” – аш шахсияти ӯро хадшадор намоянд. Доир ба Тоҳо Ҳусейн аслан дуруст навиштааст.

Ба ибораи дигар, ман ба назароти ӯ мувофиқ нестам. Лекин ҳуҷумҳои бадхоҳон бо сабаби таълифи ин хотирот аз ҳар боб ва назар ҳуҷумҳои сангдилона ва бераҳмона буданд [24,с.98].

Яке аз одатҳои бародарам баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ин буд, ки се моҳи ҳар солро дар Урупо ва Париж мегузаронид. Махсусан дар Голландия ва Испания барои шиносоӣ бо дастхатҳо бародарам гӯё мири шаҳри Париж буд. Соати ҳашту ним аз меҳмонхонаи Лутсия мебаромад ва дар маҳаллаи Лотинӣ ифтор мекард (ба таври дақиқ дар қаҳвахонаи Маркизун, ки дар кӯчаи Сан-Мишел воқеъ аст. Дар ин вақт бо шогирдон ва мухлисонаш мулоқот мекард. Баъди ду соат равонаи китобхонаи миллӣ гардида, ва то соати 5-и бегоҳӣ ба мутолиа ва таълиф машғул мешуд. То соати ҳафтуним бо шогирдонаш мулоқот мекард ва дар яке аз қаҳвахонаҳо хуроки шом мехӯрд. Ва баъди он шабро бо тамошои театр,опера ва нишаст дар қаҳвахонаи Сан-Жерман бо олимон ва мутафаккирон мегузаронд. Соли 1949 барои омода намудани рисолаи илмиам ба Париж рафтам. Ҳамаҷо шогирдони ӯро медидам, ки омодаи хидмат ва ёрӣ барои ман буданд. Албатта ба хотири бародарам Абдурраҳмон. Бародарам дар зиндагии шахсиаш аз рӯйи барномаи дақиқ ва мукаммале фаъолият менамуд ва онро бо ҷиддият риоя мекард [24,с.99-100].

Бародарам хотираи оҳанин дошт. Ҳамаи хурду бузурги рӯзгорашро ба хотир дошт. Соли 1954 шунидам, ки бародарам ҳамон Энсиклопедияи Лорусро аз ёд мекард. Шахсан худам ӯро имтиҳон кардам. Ба ҳама саволҳои ман ҷавоби саҳеҳ дод. Баъди солҳо аввалин шуда, маънои дурусти калимаи Урупоии "Donnes"-ро ба калимаи арабии "додаҳо" тарҷума кард. Масъалаи заминҳои деҳаи Шарбос барои ӯ муҳим набуданд. Вале ӯ аз ин дар ташвиш буд, ки

мабодо роҳи сафари ӯро ба хориҷа бубанданд! Ҳангоми дар зиндонҳои Либия будан, чанд боре ба ҳолати афсурдагӣ рӯ ба рӯ шуда буд. Барои ӯ туҳмат карданд, ки " еретик" ("мулҳид") ва аз фосидкунандагони ҷавонон аст. Ва бо дахолати Ашраф Марвон аз зиндони Қаззофӣ ва Либия озод гардид. Зери таъсири ин зиндагии зиндонӣ ҳолатҳои наверо амалӣ кард: Ба қадри вақт расидан; Тарс аз одамизодагон; Нобоварӣ нисбат ба инсонҳо; Риояи худкифоӣ дар молу дороии шахсӣ ва як навъ сарфакорӣ ва бахилии дарднок ва ғайра. Падар ва модарам ҳамеша сухан ба миён мегузоштанд, ки бояд Абдурраҳмонро хонадор кунем. Вале бародарам бо хатми донишгоҳ ба хулосаи шахсӣ расид, ки ҳеҷ гоҳ хонадор намешавад! Ҳамеша бояд муҷаррад монад [24,с.101]. Ӯ дар ин ақида буд, ки созмон додани оила, хона, фарзанд ба кори илму таҳқиқ сахт халал эҷод мекунад! Ӯ ҳеҷ гоҳ аз ин тасмимаш пушаймон набуд ва нашуд. Мо ҳамагӣ ӯро ташвиқ мекардем ва ӯ дар ҷавоби мо танҳо табассум мекарду бас. Дар синни 35 солагӣ вонамуд мекард, ки гӯё аз муҷаррад буданаш пушаймон шудааст. Вале дар ҳақиқат ин "вонамуди пушаймонӣ" аз як муҷомала ва дипломатияе беш набудааст! Аз солҳои 50-уми асри XX дар меҳмонхонаи Лутсияи маҳаллаи Лотинии шаҳри Париж иқомат мекард. Гуё ин меҳмонхона ҳама шароитҳоро барои иқоматкунандагон доштааст. Ӯ дар як ҳуҷраи хоксоронае зиндагӣ мекард, ки то сақфаш пур аз китоб буд! Ҳаммоми хурде дошт. Дар кунҷи дигараш тахти хоб воқеъ буд. Китобҳо тартиб надоштанд. Вале бародарам бо хотираи оҳанинаш дар куҷо будани ҳар китобро медонист! [24,с.102].

Шабҳо ҳеҷ гоҳ ба кӯча намебаромад, бо вуҷуди ин ки солҳои 40-50-ум "марди шабгарде" буд! Вақте дар ҳуҷраи худ дар меҳмонхонаи Лутсия маро пешвоз гирифт, ман ба

ҳуҷрааш нигоҳ кардам, ба назарам намуд, ки ин ҳуҷра бо ҳуҷраи кӯчаи Ҳамдони дар ал – Ҷиза доштамон хеле шабеҳ ва монанд аст. Танҳо қуфлҳои дарҳо фарқ мекарданду бас! [24,с.103].

**Шогирди аввалини ӯ:**
**Фуод Закариё**

Доктор Фуод Закариё доир ба устодаш Бадавӣ чунин мегӯяд: (Сарват Бадавӣ дар ҷавоби суоли Саъид чунин гуфт): "Шогирдони бародарам дар олами арабӣ фаровонанд. Вале дӯстдоштатаринаш устоди маъруфи фалсафа, Фуод Закариё аст.

Сарват Бадавӣ: ба донишгоҳи Корнилияи США рафта, дар китобхонаи он ҳуҷраи боҳавояшро дидам, ки пуропури осори Бадавӣ буд. Ҳайрон шудам. Таълифоти ӯро бо забони англисӣ то ин вақт ман намедонистам ки бародарам бо англисӣ ҳам китоб менависад. Атрофиён фаҳмиданд, ки бародари Бадавӣ ҳастам, хеле эҳтиром карданд.

Саъид: Дар бораи бахилии ӯ чӣ назар доред?

Сарват: Дар баъзе масъалаҳо шояд бахил буд. Масалан, ба сару либосаш диққат намедод. Ҳеҷ гоҳ дар хонаи дар Ҷиза доштаи мо ягон меҳмон даъват намекард. Ин бахилӣ сабаби моддӣ надорад. Ӯ дар фикри истифодаи вақт буд, то зоеъ нашавад. Аз давраи донишҷӯияш дар донишгоҳ ду ранг либос мепӯшид: кабуд ва рамодӣ (хокистарранг) костюмаш ҳамеша кабуд буду шимаш доимо хокистарӣ. Рафтан ба мағозаҳои либосфурушиpo қабул надошт. Боре ба ман гуфт: Бародар, охир чаро вақти худро сарфи як кори беарзиш намоем?! Вақтро бояд дар ҷойҳои тамошобоби Париж бояд гузаронд. Хӯроки дӯстдоштаи ӯ ал – кискис буд, ки дар як ошпазхонаи марди Лубнонӣ фурухта мешуд. Занаш аз минтақаи Элзас буд. Саъид: Доир ба ҳодисаи зиндонӣ шуданаш дар Либия чӣ?

Сарват Бадавӣ: Ин ҳодисаро ба таври тасодуфӣ фаҳмидем. Бародарам Сидқӣ Бадавӣ ба Либия рафт. Худи ӯ он замон дар ҳайати Канали Суэс кор мекард то Абдурраҳмонро бубинад. Вале ӯро наёфт. Ҳамсояҳо гуфтанд, ки ӯ ҳоло дар зиндон аст! Ман ба зудӣ ба вазири хориҷа Муҳаммад Ҳасан аз-Заёт занг задам, ки ӯ дӯсти Абдурраҳмон буд. Ҳамкурсаш дар Донишгоҳ ва аз аҳли деҳаи Шарбос буд, шавҳари духтари Тоҳо Ҳусейн. Вазир ба Анвари Содот занг зад (дар Бурҷи Араб)- Содот ҳам яке аз мухлисони бародарам буд. Ба Қаззофӣ занг заданд. Қаззофӣ ваъда дод, ки ӯро аз зиндон озод мекунам, вале ба ваъдааш вафо накард. Ба чандин шахсиятҳо ки бо Либия иртибот доштанд, занг заданд, вале натиҷае ҳосил нашуд. Оқибат ба Ашраф Марвон муроҷиат намудам. Ӯ дӯсти Қаззофӣ буд. Се соат баъд ба ман занг зад, ки Абдурраҳмон равонаи Қоҳира гардид. Сабабро пурсидам. Гуфт: Ба коммунист будан туҳматаш карданд ва боз гуфтанд, ки аз "Ихвон-ул-муслимин" аст. Ин ду туҳмат аз назари равонӣ ба ӯ сахт таъсир карда буд. Асрори ҳодисаи зиндонӣ шудан: Ақид (полковник) Қаззофӣ ба зиёрати Донишгоҳи Банғозӣ рафта буд. Бо баъзе аз донишҷуёне, ки мулоқот кард дар саволу ҷавоби онҳо ба табъи дилаш чизе наёфт. Фармон дод, ки онҳоро ҳабс кунанд. Нафаре ба Қаззофӣ мегӯяд, ки инҳо шогирдони А. Бадавӣ ҳастанд ва андешаҳои устодашонро гуфтанд. Фармон медиҳад, ки Абдурраҳмонро низ ҳабс кунанд. Ҳабс карда шуд. Вале нисбат ба ӯ бадрафторӣ накарданд. Танҳо шароити сахти зиндон ӯро аз назари равонӣ ранҷур кард ва гирифтори ҳолатҳои афсурдагӣ гардид. Дар сурате, ки Қаззофӣ худро яке аз мухлисони доктор Бадавӣ меҳисобид. Баъдтар маълум гардид, ки ин ҳодиса кори як донишҷӯйи аз имтиҳон афтода будааст. Ин кас аз фанни фалсафа дар имтиҳон

афтод. Устоди имтиҳон Бадавӣ буд. Ва аз Бадавӣ қасос гирифт [24,с.106].

Ин буд шаммае аз ҳодисаҳое, ки мухолифон ва ҳосидони доктор А. Бадавӣ дар зиндагии ӯ қасдан эҷод намуда буданд.

**Хулосаҳо**

Ҳангоми баррасии ин мавзуъ ба хулосаҳои зерин расидем:

1.Доктор Абдурраҳмон Бадавӣ як шахсияти асили мисрӣ ва арабӣ мебошад.

2.Хонаводаи ӯ аз табақаи заминдорони Миср буд.

3.А.Бадавӣ ва бародаронаш аз таҳсилоти ҷолиб ва арзандае бархурдор буданд.

4. Ҳангоми дифои рисолаи докторӣ (29 майи соли 1944) адиби маъруфи Миср доктор Тоҳо Ҳусайн дар ситоиши ӯ гуфт: "Ман хеле шодам, ки мо ҳамагӣ аввалин файласуфи асили Мисрро муборакбод мегӯем".

5.Доктор Абдурраҳмон Бадавӣ аз нигоҳи фалсафӣ муҳимтарин ва ҷолибтарин мавзуи илмӣ ва фалсафиро мавриди таҳлил қарор дода буд. Мавзуи рисолаи доктириаш чунин ном дошт: "Масъалаи марг дар фалсафаи вуҷудӣ ва замони вуҷудӣ". Ин мавзуъ дар он замон ва ҳоло ҳам мавриди таваҷҷуҳи файласуфони Шарқ ва Ғарб мебошад.

6.. Баъзеҳо ӯро аввалин файласуфи Миср баҳо дода, дигарон ӯро пайрави Марин Хейдеггери мулҳид ба ҳисоб овардаанд.

**САРЧАШМАҲО:**

1. Абдулқодир ибни Муҳаммад ал-Ғомидӣ. Абдурраҳмон Бадавӣ: ҷараёни фалсафӣ ва методологияи он дар омӯзиши мазҳабҳои исломӣ. Баён ва нақд. Нашри дуюм: 1438ҳ.қ=2017м, 607с; 1328ҳ.қ.= 2005м,-Маккаи мукаррама.

2. Абдурраҳмон Бадавӣ. Афлотун дар ҷаҳони ислом. (Таҳқиқ). Теҳрон-1974.
3. Абдурраҳмон Бадавӣ. Муқаддимаи ҷадид дар фалсафа. Кувайт-1975.
4. Абдурраҳмон Бадавӣ. Расвоиҳои ботиниён. Таълифи Абуҳомиди Ғаззолӣ. (Таҳқиқ) Қоҳира-1964.
5. Абдурраҳмон Бадавӣ. Таърихи тасаввуфи исломӣ. (Дар се ҷилд) Кувайт-1975.
6. Абдурраҳмон Бадавӣ. Фалсафаи тамаддун. Асари Алберт Швейтсер. (Тарҷума ва муқаддима). Бейрут-1980.
7. Абдурраҳмон Бадавӣ. Хавориҷ ва шиа. Таълифи Юлиус Велҳаузен. (Тарҷума ва таҳқиқ). Қоҳира-1959.
8. Абдурраҳмон Бадавӣ. Ҷустуҷуҳое дар таҳқиқи фалсафаи вуҷудӣ (экзистенсиалистӣ). Қоҳира-1961.
9. Абдурраҳмон Бадавӣ. Аз таърихи илҳод дар ислом. Қоҳира-1945.
10. Абдурраҳмон Бадавӣ. Артур Шопенгауэр. Қоҳира-1942.
11. Абдурраҳмон Бадавӣ. Гуманизм ва экзистенсиализм дар фикри арабӣ. Қоҳира-1947.
12. Абдурраҳмон Бадавӣ. Густохиҳои сӯфиён. Қоҳира-1949.
13. Абдурраҳмон Бадавӣ. Замони вуҷудӣ. Қоҳира-1945.
14. Абдурраҳмон Бадавӣ. Зиндагии ман. Ҷилди аввал. Муассисаи арабӣ доир ба таҳқиқот ва нашр. Бейрут. 2000. 382с. (Ба забони арабӣ).
15. Абдурраҳмон Бадавӣ. Зиндагии ман. Ҷилди дуюм. Муассисаи арабӣ доир ба таҳқиқот ва нашр. Бейрут. Нашри аввали арабӣ, 2000. 383 с. (Ба забони арабӣ).
16. Абдурраҳмон Бадавӣ. Инсони комил дар ислом. (Тарҷума ва таҳқиқи матнҳо). Қоҳира-1950.

17. Абдурраҳмон Бадавӣ. Мазҳабҳои исломӣ. Ҷилди аввал, Бейрут-1971; Ҷилди дуюм, Бейрут-1973.
18. Абдурраҳмон Бадавӣ. Мероси юнонӣ дар тамаддуни исломӣ. Қоҳира-1941.
19. Абдурраҳмон Бадавӣ. Нитше. Қоҳира-1939. (Осори ин фехраст нашри аввали арабии китобҳои А. Бадавиро дар бар мегирад).
20. Абдурраҳмон Бадавӣ. Освалд Шпенглер. Қоҳира-1941.
21. Абдурраҳмон Бадавӣ. Шахсиятҳои дигарандеш дар ислом. (Тарҷума ва таҳлил). Қоҳира-1947.
22. Абдурраҳмон Бадавӣ. Энсиклопедияи фалсафӣ. Ҷилди аввал ва дуюм, нашри "Муассисаи арабӣ доир ба таҳқиқ ва нашр". Бейрут-1984. 593с.
23. Бобак Аҳмадӣ. Ҳайдеггер ва таърихи ҳастӣ. Нашри марказ. Теҳрон: Чопи аввал 1381-2002. Чопи панҷум: 1389-2010, 888с. (Нақд ва тафсир).
24. Доктор Саъид Ловандӣ. "Абдурраҳмон Бадавӣ файласуфи экзистенсиалисте, ки ба сӯйи дини Ислом гурехт". Қоҳира-2001. Нашри аввали арабӣ, 179с.
25. Моҳир Шафиқ Фарид. Абдурраҳмон Бадавӣ дар ойинаи муосиронаш. Бейрут-2009.
26. Ситорае дар осмони фалсафа: Абдурраҳмон Бадавӣ. (Маҷмуаи мақолот). Зери назари доктор Аҳмад Абдуҳалим Атия ва Фикрӣ ан-Наққош. Нашри дуюм. Ҳайати умумӣ доир ба Қасрҳои фарҳангӣ. Қоҳира-2002.

**Олимҷон ҲОҶАМУРОДОВ**
*доктори илми филология,*
*профессор, сарходими илмии*
*Маркази Мероси хаттии назди*
*Раёсати АМИТ*

# МАҲБУБТАРИН ШОИРИ ДАВРОНИ МАШРУТАИ ЭРОН

Дар адабиёти қарни XX Эрон адиберо суроғ надорем, ки мисли Саид Ашрафиддини Гелонӣ дар даврони зиндагиаш, бо вуҷуди ба авҷи шуҳрат расидан, аз ҳама анҷуману маҳфилҳо канора гирифта, зиндагии фақирона ба сар бурда, билохира дар тангдастиву фақр рӯзҳои вопасини умри худро дар бемористони бемориҳои руҳӣ, дар гумномӣ ба поён расонида бошад. Воқеан, чунин зиндагӣ танҳо насиби шоиру рӯзноманигори аҳди Машрута (1905-1911), Саид Ашрафиддини Ҳусайнӣ маъруф ба Гелонӣ гардидааст. Ӯ сухансарое буд, ки ба қавли устод Ҳабиб Яғмоӣ, "дар замони хеш овозаи шуҳраташ саросари Эронро фаро гирифта буд ва ҳар гурӯҳ, аз орифу омӣ, бо саводу бесавод, хурду бузург ӯро мешинохтанд ва рӯзномаашро даст ба даст мегардониданд ва шеърашро аз бар мекарданд. Аммо дар охири умр чунон ба сахтӣ ва бадбахтӣ афтод ва чунон ба гӯшанишиниву гумномӣ зист, ки на касе ҳолашро пурсид ва на дастгириву тафаққуде дид, то дар ниҳояти тангдастиву бенавоӣ ҷон дод. Ва акнун аз мазораш ҷуз дар синаҳои мардуми ориф нишон наметавон ёфт" [4,26].

Ин сарнавишти аксари инқилобиён аст, ки ҳосили дастоварди онҳо насиби дигарон гардида, худашон дар гирдоби фаромӯшӣ аз байн рафтаанд.

Хидмати Саид Ашрафиддини Ҳусайнӣ (Гелонӣ) ва рӯзномаи ӯ "Насими Шимол" дар густариши ҷунбиши машрутахоҳӣ ва инъикосу интиқоди воқеоти сиёсӣ ва иҷтимоии он даврони Эрон басо бузург аст. Ӯ тавассути рӯзномаи "Насими Шимол"-аш дар бедории афкори тӯдаҳо ва раванди инқилоби Машрута саҳми босазо гузоштааст.

Ба қавли аксари адибону муҳаққиқони эроние, ки бо Саид Ашрафиддин мулоқот кардаанд ва ё ӯро мешинохтаанд, фурӯтанӣ, бепарво ба ҷоҳу моли дунё будан ва канорагирии ӯро аз ҳар гуна маҳфилу нишастҳо хотирнишон мекунанд. Аз ин рӯ, аз зиндагиномаи ӯ иттилои кофие дар даст нест. Ягона сарчашмаи муътамади зиндагиномаи шоир рӯзномаи "Насими Шимол" ва куллиёти шоир аст, ки солҳои ахир бо саъю кӯшиши Ҳусайни Яминӣ дар Теҳрон чанд дафъа таҷдиди чоп шудааст. Хидмати Ҳусайни Яминӣ дар он аст, ки дар қисмати аввали куллиёти шоир мақолоту ёддоштҳои донишмандони эрониву хориҷиро перомуни зиндагӣ ва эҷодиёти Саид Ашрафиддин ҷой дода, онро бо номи "Куллиёти ҷовидонаи Насими Шимол" бори нахуст дар соли 1371 ҳ.ш/1993 м ба табъ расонидааст.

Соли таваллуди Ашрафиддинро 1287 ҳ.қ. (1870 м.) меҳисобанд. Ӯ дар Қазвин ба дунё омадааст. Аз шарҳи ҳоли манзуме, ки худи шоир навиштааст, маълум мегардад, ки дар 6-моҳагӣ аз падару модар ятим монда, дар кӯдакиаш хонаву ҷои аз волидон ба мерос мондаашро хешовандонаш ғасб кардаанд ва ӯ дар тангдастиву фақр ба воя расидааст. Дар айёми наврасиву ҷавонӣ 5 сол дар Карбалову Наҷаф зиндагӣ мекунад, аммо ҳубби Ватан ӯро дубора ба Эрон бармегардонад. Чанд муддат дар Қазвин зиндагӣ карда, дар синни 22 -солагӣ ба Табрез меравад ва бо пири равшанзамире ошно мешавад, ки худ ин мулоқотро чунин ба қалам додааст:

*Дар раҳи Табрез бо сӯзу тааб,*

*Хидмати пире расидам нимашаб.*
*Он қаландар чун маро девона дид,*
*Маст аз ҷоми майи ҷонона дид.*
*Кард таълимам ҳама асрори Ҳақ*
*Гашт рӯшан рӯҳам аз анвори Ҳақ.*

Дар Табрез Саид Ашрафиддин ба омӯзиши сарфу наҳви арабӣ, илмҳои ҳайат, ҷуғрофия, мантиқу ҳандаса ва дигар илмҳои мутадовили замон мепардозад. Баъд аз муддате ба вилояти Гелон меравад ва дар Рашт иқомат ихтиёр мекунад. Маҳз дар Рашт ба эҷоди шеър ва интишори рӯзномаи "Насими Шимол" мепардозад. Дар бораи таъсиси рӯзномаи "Насими Шимол" чунин гуфтааст:

*Дар ҳазору сесаду бисту чаҳор*
*Чун шуд Машрута ин шаҳру диёр*
*Кардам эҷод ин насими нағзро.*
*Атр бахшидам зи бӯяш мағзро.*

Рӯзнома дар Рашт таъсис ва шумораи нахустини он 2 шаъбони 1325ҳ.қ. (20.09.1907м) дар он шаҳр аз чоп баромада ва баъд аз соли 1912 дар Теҳрон интишор ёфт ва чун дар ҳаҷми чаҳор саҳифаи кӯчак буд, танҳо худи Саид Ашрафиддин мебаровард. Ва матолби рӯзномаро бо номҳои мухталиф, аз ҷумла Лотулут, Фақир, Харобалӣ Мирзо, Ҳӯп-Ҳӯп, Маҳрум-ул-ҳуқуқ ва амсоли он имзо мекард. Тамоми мақолоту маводи рӯзномаро худаш менавишт ва бештари мазомин ба назм таълиф шуда буд. Воқеаҳои рӯз ва ҳаводиси даврон бо ашъори соддаву равону ширин анбошта бо ҳаҷви зарифонаву дилчасп баён мешуданд, ки аз он беҳтар гуфтан амри маҳол буд. Ба қавли Ҳабиби Яғмоӣ "киноёти латифу муассири рӯзномаи "Насими Шимол"-ро дар ҳеч як аз ҷароиди он аср наметавон ёфт" (4,28).

Аз он ҷо, ки Саид Ашрафиддин ба ҳеч кадом гурӯҳҳои сиёсӣ шомил набуд, дар миёни тӯдаҳои мардум маҳбубияти

зиёде дошт ва ашъораш низ зарбаи кӯбандае бар мухолифини инқилобу мардум буд. Аз ин рӯ, ашъораш шӯре дар миёни тӯдаҳо меангехт. Ин марди ростгӯву беғалуғаш ва фарзонаи далер сеҳре дар суханаш дошт, ки дар ҳеч як аз шоирони замонаш набуд.

Ба қавли устод Саид Нафисӣ, "Ин мард ҷодугаре буд, ки бо арвоҳи мардуми табақаи сеюми ин кишвар, ин мардуме, ки ҳанӯз зиндаанд ва ҳаргиз нахоҳанд мурд, бозӣ мекард. Рӯҳи мардум зери дасти ӯ хамирмояе буд, ки ҳаргуна ки мехост, онро дармеовард. Ҳар шакле, ки мехост ба он медод" [4,12].

Аз ин рӯ, ҳар як шумораи рӯзномаи "Насими Шимол"-ро мардуми Теҳрону вилоёт бесаброна мунтазир буданд.

Бояд ёдовар шуд, ки агарчи Саид Ашрафиддини Гелонӣ ба тайиди муосиронаш ба ҳеҷ аз гурӯҳҳои сиёсӣ шомил набуд, мунтаҳо дар ибтидои ҷунбиши машрутахоҳӣ дар Рашт дар ҳаёти иҷтимоӣ ва афкори сиёсии ӯ таҳаввули бунёдие сурат гирифт. Маҳз дар Рашт Ашрафиддини Ҳусайнӣ бо роҳбарони машрутахои Гелон ошно шуд ва бо рӯзноманигорӣ даст зада шумораи нахустини ҳафтаномаи хешро мунташир сохт ва дар давраи "истибдоди сағир" [ниг: 7, 8 - 10] ба узвияти "Кумитаи Саттор", ки дар он 46 нафар машрутахоҳони гелонӣ ва ғайри гелонии дар он замон дар Рашт буда ба хотири барқарорни Машрутият ташкил карда буданд, шомил гардид. Шояд бо ҳузур дар ин маҳфил андешаҳои иҷтимоӣ ва самтгирии сиёсии ӯ пайрезӣ шуда бошад. Зеро дар ин давра Саид Ашрафиддин рӯзномаашро ба нашри афкори "Кумитаи Саттор" ихтисос дод [6, 88]. Аммо баъд аз нақли макон карданаш ба Теҳрон, аз ҳама гуна гурӯҳҳои сиёсӣ канорагирӣ кардааст. Дар мавриди номгузории ҳафтаномааш "Насими Шимол" гирифта шуда аз шеъри Ҳофизи бузург мебошад, ки гуфтааст:

*Хушхабар бошӣ эй насими шимол,*
*Ки ба мо мерасад замони висол.*

Тибқи шоҳидии устод Саид Нафисӣ, Саид Ашрафиддин ҳар рӯзу шаб шеър мегуфт ва ашъори ҳафтаро, ки ҳама ба мавзуи рӯз буд, дар саҳафоти "Насими Шимол" чоп мекард ва дар ихтиёри мардум мегузошт. Ӯ наздик ба бист сол рӯзномаашро дар матбааи бисёр хурди яҳудиёни Теҳрон дар чаҳор саҳифаи кӯчак ба чоп мерасонид, ки дар пойтахт ва дигар шаҳристонҳои кишвар паҳн мешуд ва рӯзе набуд, ки матолиби ин рӯзнома валвалае дар кишвар насозад. Ҳукуматҳо мукаррар аз дасти ӯ ба сутӯҳ омада буданд. "Зану мард, пиру ҷавон, босаводу бесавод ин рӯзномаро даст ба даст мегардониданд. Босаводҳо барои бесаводҳо мехонданд ва мардум ҳалқа мезадanду рӯи хок менишастанду гӯш мекарданд"[4,13]

Бо вуҷуди ин ҳама шухрат ӯ бисёр марди муаддаб, фурӯтан, афтодаву меҳрубон, некӯкор, ватанпараст ва беэътино ба мансабу моли дунё будааст. Саид Ашрафиддини Гелонӣ ба таъйиди Саид Нафисӣ "аз миёни мардум берун омад, бо мардум зист ва дар миёни мардум фурӯ рафт... Ӯ на вазир шуд, на раиси идора шуд, на пуле ба ҳам зад, на хона сохт, на мулк харид, на моли касеро бо худ бурд, на хуни касеро ба гардан гирифт. Шояд рӯзи валодати ӯ ҳам касе ҷашн нагирифт ва... дар марги ӯ ҳам хатм нагузоштанд" [4,15].

Тавре ки зикр шуд, бо ин ҳама Саид Ашрафиддин фақирона мезист, сарпаноҳи муайяне надошт ва бештари вақтҳо дар ҳуҷраҳои мадрасаҳо зиндагӣ карда, тақрибан тамоми умр муҷаррад будааст (муддате чанд бо бевазане издивоҷ мекунад ва он зан ба зудӣ вафот мекунад). Чунон ки Яҳёи Оринпур менависад, "соли 1345 ҳ.қ. (1926) шоеъ шуд, ки Саид Ашрафиддини Гелонӣ ба бемории ҷунун мубтало

шудааст ва ӯро ба темористони (бемористони – О.Х.) рӯҳӣ бурдаанд" [5,64].

Ба иртиботи хилоли рӯҳии Саид Ашрафиддин Ҳабиб Яғмоӣ дар ёддошти хеш роҷеъ ба дидораш бо Саид Ашрафиддин хотирнишон месозад, ки дар ҳудуди соли 1309 ҳ.ш. (1930-31) яке аз эроншиносони маъруфи Ҳиндустон, профессор Муҳаммад Исҳоқ, ки дар он айём тазкираи маъруфи хеш "Суханварони Эрони асри ҳозир"-ро дар дасти таълиф дошт, барои чанд моҳе ба Теҳрон меоянд ва дар қатори дигар адибони маъруф, мехоҳад бо Саид Ашрафиддин низ мулоқот кунад. Бад-ин робита профессор Муҳаммад Исҳоқ аз Ҳабиб Яғмоии ҷавон хоҳиш мекунад, ки мулоқот ӯро ҳамроҳӣ кунад. Устод Ҳабиб Яғмоӣ ин дидорро чунин ба қалам додааст: "Пас аз пурсишҳо ва ҷустуҷӯҳо маълум шуд, ки манзили Саид Ашрафиддин дар интиҳои хиёбони Ноибуссалтана (Гуте), ҷануби сарбозхонаи қадимист. Пурсон-пурсон ба он ҷо рафтем ва хонае буд, ҳақир аз гилу хишт ва тақрибан бе асосот (мебелҳо – О.Х.) ва бе фарш. Шахси кӯтоҳқаду фарбеҳ, ки мӯйи сару сураташ сапеду нопироста буд, бо сари бараҳна ва либоси жанда ба девораи коҳгилини хона такя дода буд. Ин шахс ҳамон шоири машҳури Эрон Саид Ашрафиддин буд.

Мо ду тан низ дар канори девор паҳлӯи ӯ нишастем ва қариб як соат бо Саид ҳарф задем. Ҳарчанд ҷавобҳое, ки ба пурсишҳои мо медод оддиву маъмулӣ ва марбут буд, аммо маълум мешуд, таровиши андешааш ошуфтаву парешон аст. Аз ӯ дархост кардем, шеъре ба ёдгори ин мулоқот бигӯяд. Қитъа қоғазе гирифт ва бетааммул чанд байте сохту навишт. Ин ёдгорро банда дорам ва тасаввур мекунам, охирин шеъраш бошад, чӣ пас аз ин мулоқот ба муддате кӯтоҳ даргузашт[4, 27 - 28].

Мавзуи бемории рӯҳии Саид Ашрафиддинро Саид Нафисӣ мармуз медонад, зеро аз назари ӯ ҳеч гуна нишонаи ҷунун дар вай дида намешуд. Саид Нафисӣ менависад: "Ӯро ба темористони шаҳри нав бурданд ва утоқе дар ҳаёти ақиби темористон ба ӯ ихтисос доданд... Ман намефаҳмидам чӣ нишонаи ҷунун дар ин марди бузург буд! Ҳамон буд, ки ҳамеша буд. Мақсуд аз ин кор чӣ буд? Ин яке аз бузургтарин муаммоҳои ҳаводиси ин даврони зиндагии мост! Хабари марги ӯро ҳам ба касе надоданд. Оё ростӣ мурд? [4; 14]".

Ба ҳар тавре буд, Саид Ашрафиддини Гелонӣ дар ҳоли бемориву фақру тангдастӣ ва гумномӣ моҳи зилҳиҷҷаи 1352 ҳ.қ. (марти 1934) зиндагиро падруд гуфт.

Аз Саид Ашрафиддин Гелонӣ беш аз 20 ҳазор байт боқӣ мондааст. Маҷмуаи ашъори хешро Саид Ашрафиддин ҳангоме ки ҳоло хилоли димоғ надоштааст, дар ду ҷилд дар матбааи яҳудиёни Теҳрон (он ҷо ки рӯзномаашро ба чоп мерасонид) ба табъ мерасонад, ки бинобар гуфтаи Саид Нафисӣ "бо суръати аҷиб нусхаҳои он тамом мешавад". Ҳамчунин он зери унвони "Насими Шимол" ду мартаба дар Бомбей низ ба чоп мерасад. Гарчанде ағлаби навиштаҳои Саид Ашрафиддин асосан дар сафаҳоти "Насими Шимол" дарҷ гардидаанд, аммо ҳаминро ҳам бояд ёдовар шуд, ки ӯ як асари ишқӣ-ахлоқии мансури музайян бо шеър бо номи "Азизу Ғизол" таълиф карда, соли 1309 ҳ.ш. (1930 м.) дар Теҳрон ба табъ расонидааст. Ва ҳамчунин як китоби таълимӣ-тарбиявие ба номи "Гулзори адабӣ" низ тартиб дода, ки аз тарафи вазорати маорифи вақт ба ҳайси китоби дарсии қироат барои синфҳои 2 ва сеи мактабҳои ибтидоӣ пешниҳод шуда буд ва дар замони шоир ду дафъа аз тарафи идораи маорифи Гелон дар Теҳрон мунташир гаштааст. Дар пешгуфтори мухтасари ин манзумаи тамсилӣ, муаллиф дар бораи ҳадафи китоби мазкур чунин нигоштааст:

“Соҳибони илму маърифат медонанд, ки яке аз лавозими таълимоти мадориси ҷадида, хусусан, мубтадиён ҳифзи ашъоре аст, ки на танҳо боиси издиёди қувваи ҳофизаи шогирдон аст, балки ин қабил ашъор ҳовии матолиби ахлоқӣ мебошад. Як дарси ахлоқии хеле саҳлу сода ба атфол таълим менамояд, ки ҳаргиз фаромӯш намешавад ва ҳамеша дар зеҳну хотир аст”. Сипас муаллиф бо таассуф зикр мекунад, ки то ба имрӯз “китобе, ки ҷомеи ҳикоёти манзума ва ашъори осон бошад, дастраси шогирдони мадорис” нест ва онҳо аз ин таълим бебаҳра мондаанд. Ба ин мулоҳиза, зикр мекунад шоир, ба тартиби ин китоб даст задам. Ҳамчунин таъкид кардааст, ки ҳикоёти он ҳама аз забони ҳайвонот баён шуда, зеро барои атфол бештар қобили дарк ва ҷанбаи тарбиявии бештаре дорад. Ва муаллиф иқрор шуда, ки қитъаҳои манзуме, ки аз забони ҳайвонот оварда шуда, тарҷумаи манзуме аз навиштаҳои адибони фаронсавии қарни XVII мебошанд. Дар ин бора Саид Ашрафиддин чунин гуфтааст: “Умедворам, ки муҳаққиқини аҳли назару соҳибони манзар қабул фармоянд. Ағлаби ин ҳикоёт аз қиссаи Лофонтен ва Фонтонел, ки аз қитъанависони фаронсавӣ ва машҳури ҷомеи фарангистон мебошанд, истихроҷ шуда ва ба форсӣ манзум кардам”[4,797].“Гулзори адабӣ” аз сиюсе ҳикоёти манзуми ибратомӯзу ахлоқӣ иборат буда, ҳар як ҳикоят аз номи як ҳайвон ё дар бораи он ривоят шудааст.

Мутаассифона, то ҷое, ки мо иттилоъ дорем, перомуни ин ду асари Саид Ашрафиддин ҳам дар Эрон ва ҳам дар эроншиносии ҷаҳон ба ҷуз ёдоварӣ аз “Азизу Ғизол” ҳамчун асари ишқӣ дар ёддоштҳои Ҳабиб Яғмоӣ чизи дигаре гуфта нашудааст. Ҳол он ки асари Саид Ашрафиддин “Азизу Ғизол” як асари лирикӣ-романтикиест, аз ишқи поки ду дилдодае, ки хонаводаҳояшон ба ҳам адовати чандинасра дошта, моҷарои достон низ дар перомуни ин зиддиятҳо тору пуд метанад, эҷод

шудааст. Дар асари адовати чандинасраи хонаводагӣ ишқи ин ду дилдода ба фоҷиа меанҷомад ва ба ивази ин талафоти бузург, билохира ин тоифаҳо бо ҳам сулҳу созиш мекунанд. Ҳарчанд ин асар аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва қиммати бадеӣ дар адабиёти форсӣ ва ҷаҳон тозагие надорад, аммо аз нигоҳи сабки насри соддаву равонаш, ки омзише ба назм асту андешаҳои равшангароёна дорад, дархури таваҷҷуҳ аст. Дар ин асар насри биёр зебову бепироям Саид Ашрафиддин бо сабки хоси шеъри омиёнааш, ки ҳамон сбки ашъори "Насими Шимол" аст, чанге ба дил мезанад. Барои ошноӣ аз ин сабки Саид Ашрафиддин мисоле аз достон оварда мешавад:

"Ҳамон ки қоғази Ғизол расид, Азиз қоғазро бӯсид ва даври коғаз гардид. Зоҳиди коркушо ва Азиз ҳар ду моту ҳайрон аз илму маърифату шеъру хати Ғизол шуда буданд.

Зоҳид гуфто: воқеан агар духтарҳои дунё ҳама дорои хату маърифату илм шаванд, бар ҳусну ҷамолашон як бар ҳазор меафзояд" [4,660].

Тавре ки зикр шуд, эҷодиёти Саид Ашрафиддин ва ҳунари шоириву рӯзноманигории ӯ бо ҷаридаи "Насими Шимол" сахт бастагӣ дорад. Зеро аксари маводи рӯзномаи мазкурро бо назм таҳия ва худаш саҳифабандӣ ва ба чоп мерасонид. Аз ин рӯ, мундариҷаи аслии рӯзномаи "Насими Шимол", ки хидмати босазое дар пешрафти инқилоби Машрута кардааст, иборат аз ашъори интиқодӣ, факоҳӣ, равшангароӣ ва таблиғотие буданд, ки ҳама аз хомаи Саид Ашрафиддин таровиш кардаанд.

Ин рӯзнома бо матолиби ҷолибу ифшогаронаи хеш беш аз бист сол аз шуҳраташ накоста, яке аз пурхонандатарин (албатта, бештар дар миёни қишри поинии ҷомеа) рӯзномаи Эрон будааст. Шухрати беандозаи Саид Ашрафиддин ва "Насими Шимол"-аш, ки дар замонаш аксари мардум ӯро ба номи оқои Насими шимол ном мебурданд, дар чӣ будааст?

Шояд дар рӯҳияи мардумӣ ва шакли фолклории ашъору матолиби ҷолибу занандаи рӯзнома бошад, ки "на чашмпуркунбуду на хушчоп", аммо "мардум онро меписандиданду номаш ба сари забонҳо буд" ва ашъори мундариҷаи он "валвалае дар Теҳрон меандохт". Ва ё шояд ин шуҳрат ба поктинативу беэътиноии шоир бо молу мансаби дунё буд, ки ӯро маҳбуби ҳама гардонида буд. Ба ҳар ҳол Саид Ашрафиддин яке аз чеҳраҳои асосии ҷунбиши машрутахоҳии Эрон буда "Насими Шимол" оинаи тамомнамоӣ ин инқилоб маҳсуб мешавад [1,205].

Аз ин нигоҳ омӯзиши ҳаёту эҷодиёти Саид Ашрафиддини Гелонӣ, ҳамчун чеҳраи намоёни адибони аҳди машрута, ба вижа мубаллиғини он муҳим аст. Ашъори "Насими Шимол"-и Саид Ашрафиддин дар адабу фарҳанги қарни XX Эрон, қабл аз ҳама, аз нигоҳи таърихӣ, яъне инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии ибтидои қарни XX, махсусан ҳаводиси даврони Машрута, бо ҷузъитарин воқеиёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихии он ва ҳатто, дар баъзе аз ашъораш аз лиҳози арзиши бадеӣ низ, қобили таваҷҷӯҳ аст.

Пуршӯртарин ва интиқодитарин сурудаҳои шоир, ки ӯро ба авҷи шуҳрат расонидааст, дар садри Машрута ба миён омада, дар пирӯзии инқилоб ва танвири афкори тӯдаҳо мусоидат кардаанд. Масалан, мустазоди, "Эй вой, Ватан вой"-и шоир, ки дар №9, 27 зиқадаи 1325 ҳ.қ. (6.12.1907) "Насими Шимол" мунташир шудааст, саршор аз рӯҳияи ватанпарастӣ буда, тӯдаҳои мардумро ба бедории миллӣ ва наҷоти Ватан аз вартаи ҷаҳолату ҳалокат даъват менамояд. Оё мешавад, ки ин мисраъҳоро хонду ба вазъияти кишвар бетафовут буд:

*Гардида Ватан гарқаи андӯҳу миҳан*[1] *вой,*
*Эй вой Ватан, вой,*

[1] Миҳан – азобҳо; шакли ҷамъи вожаи меҳнат.

*Хезед, равед аз паи тобуту кафан вой,*
*Эй вой Ватан, вой...*
*Ку ҳиммату ку ғайрату ку ҷӯшу футувват?*
*Ку ҷунбиши миллат?*
*Дардо, ки расид аз ду тараф сели фитан[2] вой,*
*Эй вой Ватан, вой!*

Дар зимн, бояд ёдовар шуд, ки бештари ашъори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳаҷвӣ-интиқодии Саид Ашрафиддин бо сурудаҳои туркии шоири маъруфи озарбойҷонии замони шоир, Собир (1882-1911) аз нигоҳи шаклу мазмун қаробату ҳамоҳангие дорад. Дар ин бора муҳаққиқи пуркор Яҳё Оринпур [2,36-60] таҳқиқоти васеъ анҷом дода, ба муқоисаи густардаи осори Собир ва Саид Ашрафиддин ба натиҷае расидааст, ки бештари сурудҳои дар даврони садри Машрута гуфтаи Саид Ашрафиддин тарҷумаи озоду бадеии ашъори туркии Собир будааст, ки дар саҳафоти рӯзномаи "Мулло Насриддин" бо имзои мустаори "Ҳуп-ҳуп" мунташир мешуд. Ба ин нукта Маликушшуаро Муҳаммадтақии Баҳор низ дар зимни номаи манзумаш ба Содиқ Сарманд, бо эътирофи шеваи тозаву марғуби Саид Ашрафиддин, ба интиҳол ё сирқати адабии ӯ ишорати малеҳ кардааст:

*«Аҳмадо»-и Саид Ашраф хуб буд,*
*Аҳмадо гуфтан аз ӯ матлуб буд.*
*Шевааш марғуб буд.*
*Сабки Ашраф тоза буду бебадал,*
*Лек "Ҳуп-ҳупнома" будаш дар бағал.*
*Буд шеъраш мунтаҳал[3] [2,237].*

Албатта, илҳомпазирии Саид Ашрафиддин аз матолиби рӯзномаи ҳаҷвӣ-интиқодии "Мулло Насриддин", ки

[2] Фитан – фитнаҳо; шакли ҷамъи вожаи фитна.
[3] Мунтаҳал – асари дуздӣ

аз соли 1906 дар Тифлис ба забони туркӣ ба чоп мерасид, ҷои тардиде нест. Зеро Саид Ашрафиддин забони туркӣ-озарбойҷониро хуб медонист. Ба назари мо ин ҳамоҳангии ашъор ва ё илҳомпазирии Саид Ашрафиддини Гелонӣ аз шеърҳои мундариҷ дар рӯзномаи "Мулло Насриддин"-ро, пеш аз ҳама, дар ваҳдати мавзуъ бояд ҷустуҷӯ намуд. Зеро "Мулло Насриддин", бар асоси таҳқиқоти Яҳё Оринпур дар саҳафоти хеш ба масоили иҷтимоӣ-сиёсии Эрон бештар таваҷҷӯҳ зоҳир мекард. Ва ҳам Собир ва ҳам мудири рӯзномаи "Мулло Насриддин" Ҷалил Муҳаммадқулизода (1869 -1932) ба раванди Инқилоби Машрута ва умуман масоили Эрон ҳусни таваҷҷӯҳи зиёд доштанд.

Воқеаи ба тӯп бастани Маҷлиси Миллӣ ва пароканда сохтани он аз тарафи Муҳаммадалишоҳ қаҳру ғазаби озодихоҳону машрутахоҳонро барангехт. Дар мазамати ин кирдори ноҷавонмардонаи ӯ шеъру мақолаҳои зиёде ба чоп расидаанд. Саид Ашрафиддин низ ба иртиботи ин воқеаи нанговари таърихӣ 12 июли соли 1909 дар №45 рӯзномаи "Насими Шимол" дар жанри мусаддас шеъри ҳаҷвӣ-интиқодиеро ба номи "Ҳароҷ" ба табъ мерасонад.

Тавре ки Яҳё Оринпур дар асараш "Аз Сабо то Нимо" овардааст, дар маҷаллаи "Мулло Насриддин" як моҳ қабл аз он, яъне 7 июни соли 1909 шеъри туркие зери унвони "Сотирам (мефурӯшам)" бо имзои мустаори Ҳуп-ҳуп ба чоп расидааст. Дар шеъри Собир аз номи шоҳ Эрон ба фурӯш гузошта шуда, дар шеъри Саид Ашрафиддин Эрон аз номи шайх Фазлулоҳи Нурӣ, аз рӯҳониёни саршиноси мухолифини Машрутаи Эрон ба ҳароҷ монда шудааст. Ба назари мо ин як навъи шеъри назира ва ё ҷавобия аст, на duздӣ. Зеро мавзӯъ ва ҳодиса ҳама заминаи эронӣ дошта, ба замми он шеъри мазкур дар рӯзҳои фатҳи Теҳрон аз тарафи машрутахоҳон бо роҳбарии Сипаҳдор гуфта шуда, аз нигоҳи ҳунари шеърӣ ва

мӯҳтавиёти бадеӣ аз шеъри Собир болотар меистад. Чун заминаи шеър эронист, аз он ҳеч бӯю рӯҳи тарҷума намеояд. Инак, барои ошноӣ ва қазоват он шеър бо ихтисор оварда мешавад:

*Ҳоҷӣ, бозор ривоҷ аст, ривоҷ,*
*Ку харидор! Ҳароҷ аст, ҳароҷ!*
*Мефурӯшам ҳамаи Эронро*
*Арзу номуси мусулмононро*
*Рашту Қазвину Қуму Кошонро*
*Бихаред ин Ватани арзонро*
*Язду Хонсор ҳароҷ аст, ҳароҷ!*
*Ку харидор? Ҳароҷ аст ҳароҷ.*
*Душмани фирқаи аҳрор манам*
*Қотили зумраи аброр манам.*
*Шайх Фазлуллоҳи Самсор манам,*
*Динфурӯшанда ба бозор манам.*
*Моли мурдор ҳароҷ аст, ҳароҷ!*
*Ку харидор? Ҳароҷ аст, ҳароҷ!*
*Бо ҳама халқ адоват дорам,*
*Душманӣ бо ҳама миллат дорам.*
*Аз худи шоҳ ваколат дорам*
*Ба ҳароҷ аз ҳама даъват дорам.*
*Вақти ифтор ҳароҷ аст, ҳароҷ!*
*Ку харидор? Ҳароҷ аст, ҳароҷ!...*
*Ҷадди маҳруми шаҳ аз меҳру видод,*
*Ҳафдаҳ шаҳр зи Қафқозия дод.*
*Он чӣ аз моли падар монда зиёд*
*Мефурӯшад ҳамаро бодо бод!...*
*Гургу кафтор, ҳароҷ аст, ҳароҷ!*
*Ку харидор? Ҳароҷ аст, ҳароҷ!*

Албатта, дар ин шеър ғояи аслӣ аз Собир аст, тавре ки гуфта шуд, аммо он сад дар сад эҷоди худи Саид Ашрафиддин

ва агар тарҷума ҳисобем, тарҷумаи хело озоду моҳиронае маҳсуб мешавад.

Бо вуҷуди он ки Яҳё Оринпур ҳама ҷо аз таъсирпазирии Саид Ашрафиддин аз афкору андеша ва ашъори танзӣ-факоҳии Собир ҳарф мезанад, аммо хушбахтона ин қабил ашъор дар эҷодиёти шоир андак аст. Аксари сурудҳои шоир натиҷаи таровиши андешаи хоси ӯст ва дар онҳо бештар рӯҳи инқилобии мардум ва шӯру шаафи созандагиву равшангароии қишри мубориза озодихоҳ ва ватанпарастии Эрони он давра, ки аз Инқилоби Машрута умеди зиёде доштанд, эҳсос мегардад. Дар ин қабил ашъор истеъдоди шоири мубаллиғ ва рӯзноманигори оташинсухан будани Ашрафиддини Гелонӣ баръало ба чашм мехӯрад. Намунаи беҳтарини ин гуна сурудаҳо мустазоди маъруфи ӯ "Дарди Эрон бедавост", ки дар №10 "Насими Шимол" аз таърихи 16 зилҳиҷҷаи 1325 ҳ.қ. (Браун ин таърихро 20.01.1908 нишон додааст) мунташир шудааст. Дар ин шеър воқеаҳои моҳи декабри соли 1907 ва январи соли 1908 мунъакис шудааст, ки Э.Браун онро "кудетои ақим" номида буд. Ин шеър[4] дар давраи ҳассоси Инқилоби Машрута, яъне кашмакашиҳои шоҳу машрутахоҳон, эҷод шуда, ки ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии он давраро хело хуб ба қалам додааст:

*Дӯш мегуфт ин сухан девонае бебозхост*
*Дарди Эрон бедавост.*
*Оқиле гуфто, ки аз девона бишнав ҳарфи рост*
*Дарди Эрон бедавост.*
*Мамлакат аз чор сӯ дар ҳоли буҳрону хатар,*
*Чун маризи мухтасар.*
*Бо чунин дастур ин ранҷур маҳҷур аз шифост*

[4] М.Баҳор низ дар ин давра ба ҳамин вазну оҳанг мустазодеро ба номи " Кори Эрон бо Худост" эҷод кардааст, муқоисаи он аз маҷоли ин баҳс хориҷ аст.

*Дарди Эрон бедавост.*
*Подшоҳ бар зидди миллат, миллат андар зидди шоҳ,*
*З-ин мусибат оҳ-оҳ!*
*Чун ҳақиқат бингарӣ, ҳам ин хатост, ҳам он хатост*
*Дарди Эрон бедавост.*
*Ҳар касе бо ҳар касе хасм асту бадхоҳ асту зид(д).*
*Гӯяд ӯро мустабид.*
*Бо чунин шакл эй басо хунҳо ҳадар, ҷонҳо ҳубост*
*Дарди Эрон бедавост.*
*"Сури Исрофил" зад субҳи "Саодат" дардамид.*
*"Мулло Насриддин" расид.*
*"Маҷлис"-у "Ҳаблул матин" сӯйи "Адолат" раҳнамост*
*Дарди Эрон бедавост.*
*Бо вуҷуди ин ҷароид хуфтае бедор нест*
*Як раге ҳушёр нест.*
*Ин ҷароид ҳамчу шайпуру нафиру карност*
*Дарди Эрон бедавост.*
*Шукр мекардем ҷамъе корҳо мазбута шуд.*
*Мамлакат машрута шуд.*
*Боз мебинем, он коса асту он ош асту мост.*
*Дарди Эрон бедавост.*

Ин мустазод 26 мисраъ буда, ҳама воқеоту кашмакашиҳои машрутахоҳону мустабидон, ба вижа мавзеъгириҳои шайх Омуливу шайх Фазлуллоҳи Нурӣ хело устодона бо танзи малеҳ баён шудааст.

Ашъори дар саҳафоти "Насими Шимол" сурудаи Саид Ашрафиддини Гелонӣ мубайини талошҳои машрутахоҳону озодандешон, интиқоди дастгоҳи давлативу намояндагони дурӯяву мунофиқи Маҷлиси Миллӣ, ҳаҷву мазоқи кишварҳои хориҷии Аврупову ҷаҳлу ҳуруфоту ақибмондагии иқтисодиву маънавии кишвараш мебошад. Тавре ки қаблан зикр шуд, чун Саид Ашрафиддин ба ҳеч ҷиноҳу дору дастаҳои сиёсӣ ҳамроҳ

набуд ва эҳтиёҷе ҳам ба пуштибониву кӯмкаки қудратҳои сиёсиву давлатӣ надошт, сухани худро бепарда ва назарашро ошкоро баён мекард, аз ин сабаб дар шеъри “Як арбадаи мастона” гуфтааст:

*На боке аз қазо дорам, на аз тақдир метарсам.*
*На хавфе аз фалак дорам, на аз таъсир метарсам.*
*На аз олам, на аз одам, на аз тағйир метарсам.*
*На аз куштан, на аз бастан, на аз занҷир метарсам...*

Аз ин ба чапу рост тозиёнаи интиқод заданҳояш буд, ки ҳукуматҳои вақт аз дасти ӯ ва рӯзномааш ба дод омада буданд, зеро дар саҳафоти рӯзномааш ҳафтае набуд, ки парда аз рӯи расвоиву хоинии вакилу вазир бардошта нашавад. Аз ин рӯ, дар номаи таҳдиде, ки шоир аз номи хонандаи “эҳтиёткор” дар сабку шеваи сурудҳои оммиёна дар рӯзнома мунташир кардааст, хитоб ба “ба Насими Шимол” мегӯяд:

*Оҳой-оҳой “Насими Шимол” мисоли шери аржана*
*Гоҳе зани ба майсара, гоҳе занӣ ба маймана.*
*Зилзилаҳо фикандаӣ ба кӯҳу дашту домана*
*Оҳиста биё, оҳиста бирав, ки гурба шохат назана.*

*Аввал бигӯ барои ман ту кистӣ, чӣ кораӣ?*
*Муқобили суханварон ту тифли ширхораӣ.*
*Ба пеши офтобу маҳтоб камтар аз ситораӣ*
*Эй боракалло, марҳабо, ба ин қиёфаву тана*
*Оҳиста биё, оҳиста бирав, ки гурба шохат назана.*

*Зи зореини ранҷбор боз ҳам ҳимоят мекунӣ*
*Зи золимони муфтхӯр боз ҳам шикоят мекунӣ.*
*Зи аҳди шоҳи виз-визак боз ҳам ҳикоят мекунӣ*
*Таънаи шеъри худ занӣ ба соҳибони тантана*
*Оҳиста биё, оҳиста бирав, ки гурба шохат назана...*

*Мадраса чӣ, улум чӣ? Мактаби духтарона чӣ?*
*Ин кураи замин бувад ба шакли ҳиндувона чӣ?*
*Миёни рӯзнома ин гуфтугӯйи занона чӣ?*
*Пураст рӯзномаат зи қавли холаву нана*
*Оҳиста биё, оҳиста бирав, ки гурба шохат назана...*

Аз ин намунаи андак тавре ки мулоҳиза шуд, шеъри Ашрафиддин ҳамеша бо тору пуди танзу ҳаҷвии намакин омехтааст. Тозиёнаи танзи шоир ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии кишвар, ашхоси ҷудогона, ҷаҳолату ҳуруфотпарастӣ ва амсоли он, фурӯкаш аст. Масалан, дар шеъри “Хитоб ба Фарангиён” танбалию танпарварӣ, ҷаҳолату бесаводии мардуми мусулмон бо як танзи зарифона ба мазоқ гирифта, пешравию тараққиёти аврӯпоиён ба рухашон кашида мешавад:

*Эй фарангӣ, мо мусулмонем, ҷаннат моли мост.*
*Дар қиёмат ҳуру гилмон, нозу неъмат моли мост.*
*Эй фарангӣ иттифоқу илму санъат моли ту,*
*Адлу қонуну мусовоту адолат моли ту,*
*Нақли оламгириву ҷангу ҷалодат моли ту,*
*Ҳирсу бухлу кинаву бугзу адоват моли мост.*
*Хоби роҳат, айшу ишрат, нозу неъмат моли мост...*

*Ихтирооти ҷадиду илму санъат з-они ту*
*Аз замин бар осмон рафтан зи ҳиммат з-они ту.*
*Мактабу ташвиш бар атфоли миллат з-они ту*
*Ғӯта хурдан андарин дарёи зиллат моли мост.*
*Хоби роҳат, истироҳат, ҷаҳлу гафлат моли мост...*

Ин шеър дар зеҳни хонандаи тоҷик, пеш аз ҳама ғазали маъруфи “Тақсими мерос”-и Абдураҳмон Мушфиқиро ҷилвагар месозад. Ин талхгӯйиҳои шоир ҳама ба дард ва ин ҳама мазоқи ӯ аз пушти пардаи ашки андуҳу ҳасрат аст, ки

чаро дар хоби ғафлату дар дарёи зиллат ғарқаем?! Аз ин ҷост, ки ба сутуҳ омада фарёд мезанад:

*Имрӯз чу мо ҳеч кас ангуштнамо нест,*
*Зеро, ки касе ҷоҳилу бе илм чу мо нест.*
*Дар илму саноеъ ҳамагӣ оҷизу лангем,*
*Дар маглатаву фитнаву ошӯб зарангем.*
*Бар ҷони ҳам афтода шабу рӯз ба ҷангем*
*Шарме зи Каломуллоҳу тарсе зи Худо нест.*

Аз мутолиаи дақиқи куллиёти Саид Ашрафиддини Гелонӣ чунин андешае даст медиҳад, ки гарчанде шоир яке аз мунодиёни сарсупурдаи садри Инқилоби Машрута буд, аммо ҳеч гоҳ тарафдори ғасби иҷбории қудрати сиёсӣ, ки паёмади он ҷангҳои шаҳрвандист, набудааст. Ӯ мехостааст, ки ҷомеаи Эронӣ ва миллати Эрон аз тариқи фарогирии илму маърифат, худогоҳии миллӣ, кӯшишу талоши созанда ба ҷодаи тамаддуни башарӣ ворид шуда, кишвари ободу босаодат бошад. Аз ин рӯ, орзу мекунад:

*Миллати мо гар шавад доно, шавад кораш дуруст,*
*Оҳ, аз он нодонии ин миллати меҳнатқарин.*

Аксари ашъори Ашрафиддини Гелонӣ дар қолаби мусаммат, мустазод, тарҷеъбанду таркиббанд, ки ҳама то ҳадде жанрҳои ба фарҳанги омма наздику дорои авзони сабук ва оҳангҳои халқианд, эҷод шудаанд. Забони назми Саид Ашрафиддин низ содаву омиёна буда, ҳадафи шоир бештар тӯдаҳои аввом ва мардуми заҳматкашу ҷафокаши бесаводи эронӣ будааст. Аз ин рӯ, аксари ашъори ӯ бо забони омиёна эҷод шуда, ташбеҳоту истиороте, ки корбаст шудаанд, омиёна ва наздик ба зеҳни тӯдаҳост.

Ба таври хулоса бояд зикр кард, ки ашъори Саид Ашрафиддини Гелонӣ, агарчи аз нигоҳи маҳорати шоирӣ ва сухансанҷӣ ба пояи шеъри классикии форсӣ намерасад, аммо аз нигоҳи шоирона ва сабки баён аз бисёри ашъори ҳаҷвӣ,

сиёсӣ ва таблиғиву шиории он замон, ки ба пайравии Эдвард Браун мо онро “шеъри матбуотӣ” номидем, боло меистад. Илова бар он, бо вуҷуди он ки Саид Ашрафиддин инқилобӣ ва сиёсатмадори касбӣ набуд, аммо дар ашъори хеш мудофеи истиқлоли Эрон, интиқодгари душмани таҷовузкорони он ва вассофи Инқилоби Машрута ба шумор мерафт. Ӯ рисолати шоирӣ ва рӯзноманигории худро дар бармало сохтани нуқси ҷомеа, фисқу фуҷури дастгоҳи давлатӣ, бедор сохтани азҳони мардум дар амри худогоҳии миллӣ ва созандагии ҷомеаи шукуфон медонист. Аз ин рӯ, дар ашъори хеш, ки пур аз танзи малеҳу дар айни ҳол кӯбанда буд, ватанфурӯшон, душманони озодӣ ва куллияи касони фосиқу дурӯя, ки дар фикри кишвару мардум набуданд, ба банди истеҳзову тамасхур гирифтааст.

**Адабиёти истифодашуда**


**1.** Абдурраҳим, Зокир Ҳусайн. Адабиёти сиёсии Эрон дар асри Машрутият. Аз истиқрори Машрутият то халъи Қоҷор. (1285-1304 ҳ.ш.) (Матн). Абдурраҳим Зокир Ҳусайн. Ҷилди аввал. Теҳрон, 1377ҳ.ш.

**2.** Баҳор, Муҳаммадтақӣ, Маликушшуаро. Девони ашъор (матн). Баҳор, Муҳаммадтақӣ, Маликушшуаро. Ҷ.2.Чопи сеюм, 1345 ҳ.ш.

**3.** Браун Эдвард.Таърихи матбуот ва адабиёти Эрон дар даврони Машрутият. (Матн). Браун Эдвард. Ҷилди аввал. Теҳрон; Конуни маърифат. 1957.

**4.** Гелонӣ Саид Ашрафиддин. Куллиёти ҷовидонаи Насими шимол. (Матн). Гелонӣ Саид Ашрафиддин. Ба кӯшиши Ҳусайн Яминӣ, Теҳрон, чопи дувум, 1371 ҳ.ш.

**5.** Оринпур Яҳё. Аз Сабо то Нимо (таърихи 150 сол адаби форсӣ). (Матн). Оринпур Яҳё. Ҷилди 2. Теҳрон, чопи аввал. 1350 ҳ.ш.

**6.** Фахроӣ Иброҳим. Гелон дар ҷунбиши Машрутият. (Матн). Фахроӣ Иброҳим. Теҳрон, 1356ҳ.ш.

**7.** Хоҷамуродов Олим. Адабиёти аҳди Машрутаи Эрон. (Матн).Хоҷамуродов Олим. Дафтари аввал. –Душанбе, 2002.

**Ғиёсиддин ҚОДИРОВ**
*номзади илмҳои филологӣ*

## ЧАНД СУХАН ДАР БОБИ РОБИТАҲОИ АДАБӢ

Тоҷикистони ҷавон ва мардуми куҳансоли он аз ворисони фарҳангу тамаддуни шукуҳманди бостонӣ ва бахши як миллати мутамаддину некноми дунён қадим мебошанд, ки ватани онҳо сарзаминҳои паҳновари як хитаи бузурги оламро фаро мегирифт.

Дар тули умри дарози таърихӣ ва фарҳангии хеш ин мардум бо васфи сарнавишту саргузашти ноҳамвор ва замонаҳое тираву фоҷеабор ҳамбастагии таърихӣ, ягонагии фарҳангиву маънавӣ ва шукуҳу азамати фарҳангу тамаддуни ҳудро нигоҳ дошта меоянд.

Мо ба ин ҳақиқат хӯ гирифтаем ва ифтихор мекунем, ки аҷдодони мо офарандагони асосии яке аз зеботарин шеъру адаби дунё мебошанд, то ҷое, ки ҷомеаи фарҳангии ҷаҳон дар бисёр маврид моро тавассути ҳамин адабиёт ва фарзандони номдори он мешиносад. Ин адабиёт ҳамон оинаи тамомнамоест, ки ҳалкҳои дигар дар он чеҳраи фарҳангӣ ва сирату сурати маънавии моро, бидуни ороишҳои дурӯғин, ошкору равшан мебинанд ва дар хоҳанд ёфт, ки ниёкони хушному хушкори мо дар тули таърихи дуру дарози зиндагии хеш, чи нақши фарҳангие дар минтақа бозиданд, чи доду гирифте бо ҳамсоягон доштанд, ба онҳо чӣ доданд, аз онҳо чӣ гирифтанд ва монанди он, ки барои шиноти миллати мо бисёр арзишманд аст.

Шояд муболиға набошад агар гуем, ки сиришти маънавӣ ва сохтори фикрии мардуми мо чунон нарму латиф ва хаёлангезу бадеӣ бофта шудааст, ки ҳеч ангезаву эҳсосоти

дигари отифӣ дар рӯҳи ӯ ба андозаи шеър нуфузу таъсир надорад. Ба қавли Зебуннисои нозукхаёл: "Ҳар ки дорад майли дидан, дар сухан бинад маро".

Ингуна суҳанпарастӣ ва қадри он бисёр сухансанҷу фарҳангшиносонро ба шигифт оварда ва онҳо дар ҳайратанд, ки ин чи миллатест, ки фарзандони вай аз сухан мӯҷиза сохтанд?

Дар бораи чойгоҳи тоҷикон ва Тоҷикистони кунунӣ дар ин чуғрофиёи фарҳангӣ ва таърихи тӯлонӣ кофист суханони устод Саид Нафисиро ба ёд биёрем, ки гуфтааст:

"Бад - ин гуна ҳаргоҳ Тоҷикистон бигӯянд, мақсуд ҳамон сарзаминест, ки аз оғоз ориёиёни эронӣ ва порсизабонон дар он ҷо зистанд ва сарзамини аслии забони дарӣ, яъне форсии адабии имрӯз аст.

Тоҷикон ва Тоҷикистон то оғози қарни даҳуми ҳиҷри (XVII), ки узбекон дар Осиёи Марказӣ мусаллат шуданд, ҳамеша бо тарихи Эрон шарик буданд ва таърихи Эрон ва Тоҷикистонро наметавон аз ҳам чудо кард".[5]

Аммо тайи ду-се садсолаи ахир, чунон ки болотар шунидем, қаламрави интишори ин забону адабиёт коҳиш ёфта ва имрӯз дар он чанд давлати хурду калони ба ҳам дӯсти ором ва баъзеъҳо, мутаассифона ноором ҷойгир аст.

Бино ба муносибатҳои неки ҳамсоягӣ миёни Тоҷикистон ва Эрону Афғонистон дар замони шуравӣ, аз солҳои 1950 - ум ба ин тараф омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти муосири ин кишварҳо дар Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ оғоз шуд ва ба тадриҷ дар адабиётшиносии тоҷик мактаби наве ба номи шаркшиносӣ, бо риштаҳои эроншиносӣ ва

[5] Саид Нафисӣ. Таърихи халки тоҷик, маҷ. Паёми навин, давраи 6, № 11-12, Теҳрон, 1343. С. 136.

афғонистоншиносӣ боз гардида, осору намунаҳои шеъри баъзе шоирони муосири ин кишварҳо ба чоп расид. Аз ин рӯ ҳонандагони тоҷик бо намунаҳои ин девони нави шери ҳамсоя ва бисёр гуяндагони номдори он аз дер боз ошно буда, суруду таронаҳои дилкаши онро мехонад ва меписандад.

Аммо бо кушоиши боби Истиклол дар таърихи навини Тоҷикистон муносибатҳои байни ин кишварҳо мазмуну маънои сиёсии ба куллӣ нав гирифта, ба робитаҳои бевоситаи давлатҳои мустақили арсаи байналмилалӣ  табдил ёфт.

Бино бар ин таҳаввулоти нави сиёсӣ ва густариши муносибатҳои мустақими сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ заминаҳо барои таҳкими робитаҳои адабӣ миёни адабиёти ин мамлакатҳои ҳамфарҳанг фарохтар ва дарвозаҳо барои ҳамкорӣ калонтар боз гардид.

Дар натиҷа, дар андак замон тедоди зиёди китобу рисолаҳои илмӣ дар заминаи адабиёти муосири ин мамлакатҳо ва намояндагони барҷаста ва намунаи ашъори онҳо дар саҳфаи рузномаву маҷаллот ва дар шакли китобҳои мустақил пешкаши хонандагон гардид, ки зикри номи ҳамаи онҳо бемуболиға дафтаре  ҳоҳад шуд. Аммо ҷои ташвишу нигаронист, ки хатароту таҳдидҳои сиёсӣ ва фарҳангии асри нав барои кишварҳои ҳавзаи фарҳанг ва забону адабиёти мо на танҳо идома дорад, балки печидатар шуда истодааст.

Мисоли равшани он сарнавишти сиёсии ҳамсояи ҳамфарҳангу ҳамзабони мо Афғонистон аст. Ҷангу лашкаркашиҳои маълуми абарқудратҳои дирузу имруз, низоъҳои тӯлонии дохилӣ, фирори фавҷ-фавҷи мардум, муҳоҷирати фарҳангиён ва оқибатҳои он, роҳи нашри ҳар гуна илму донишҳои ҷадид, офариниши шеъру ҳунар ва навҷӯиву навгӯиро дар миёни сокинони ин диёри адабпарвару фарҳангзо заиф сохтааст. Ва ё ҷангҳои хунини эълоншудаву эьлоннашуда, бо номҳои мухталифу ҳадафҳои мушаххас, авҷи

ҷунбишҳои ифротгароиву террористӣ аз ҳар ҷониб, ки аз оғози садаи XXI дар Шарқи Наздик, ҷараён дорад, на танҳо оромиши сиёсӣ ва истиқлолияти мамлакатҳои минтақаро таҳдид мекунад, балки аллакай ҷони одамони бешумор, ҳаёти давлатҳо ва бисёр мероси таърихӣ ва фарҳангии миллатҳоро фуру бурдааст ва монанди он.

Дар чунин авзои мураккабу хатарзои сиёсӣ ва фарҳангии минтақа, дар баробари ҳифз ва пойдору устувор нигаҳдоштани истиклолияти ватан ва ваҳдати миллӣ, фарҳанг ва забону адабиёти мо низ барон муқовимат бо ин гирдбодҳои нави таърих ниёз ба ҳамкорӣ ва таҳкими робитаҳои адабӣ бо кишварҳои ҳамзабон ва муаррифии бештари чеҳраи худ дар ин ҳавзаи васеи адабӣ дорад.

Гомҳои ислоҳпазири зерин дар ин роҳ шояд беҷо набошанд:

Якум, ин матлаб низ ногуфта намонад, ки агар мо дар 60-70 соли гузашта муваффақиятҳое дар шинохти адабиёти муосири кишварҳои ҳамзабон дошта будем, вале дар мавриди омузиши шеъру адаби тоҷикии наздиктарин ҳамсоягони Мовароуннаҳри хеш - Ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, ки таърихи фарҳангу тамаддуни ҳудро бо ҳам оғоз карда ва дар як киштии фарҳанги равон гаштем, кори назаррасе тақрибан сурат нагирифтааст. Бинобар ин хуб мебуд, агар осори адибони тоҷики ин мамлакатҳо бештар чоп ва ба хонандагони мо муаррифӣ мешуд, то он ки ҳам ҳамкории адабӣ бошад ва ҳам мояи ташвиқу руҳбаландии онҳо гардад.

Дувум, ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки тоҷикон бо ҳамзабонони хеш асрҳо боз дар кишварҳои гуногуни минтақа, дар шароити иҷтимоиву иқтисодӣ ва муҳити фарҳангии гуногун ва ҳатто низомҳои сиёсии мухалиф зиндагӣ карда, роҳҳои ноҳамгуни таърихиро паймудаанд.

Вобаста ба ин дар шеъру адаби онон, махсусан аз оғози садаи XX ба ин тараф, таҳаввулоту дигаргуниҳои зиёде рух додааст. Мактабҳои нав адабӣ, сабку шеваҳои бесобиқа падид омаданд ва суханварони барҷаста, зуҳур карда, осори гаронқадре ба адабиёти кишварҳои замони худ ва дар маҷмуъ ба ганҷинаи умумии шеъри даврони нави форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ афзудаанд.

Севум, бинобар ин таърихи нави адабӣ ва ин девони ҷавони рангоранг бояд баррасӣ ва намунаҳои он пешкаши ҳонандагони тоҷик гардад, то он ки ҷавонони шеърсарои мо аз дастоварду бозёфтҳои адабии онон баҳра бардоранд. Чунин доду гирифтҳои адабӣ ва ё таъсирпазирӣ дар таърихи адабиёти муштараки мо ҳамеша вуҷуд доштааст. Сухансароёни гузаштаи мо аз ҳар шаҳру деҳоти ин ҳавзаи адабӣ, ки барнахоста бошанд, барои ҳамаи мардуми ин сарзамини васеъ яксон азизу муҳтарам буданд, аз ашъори якдигар илҳом гирифта, ҳамдигарро тақлиду пайравӣ мекарданд, ки ин ҳам як навъ эҳтирому ихлос буд ва гоҳе ҳам майдони кувваозмоӣ.

Чаҳорум, ин огаҳиҳову ошноиҳо дар маҷмуь, манбаи илҳом, сайқали маҳорати ҳунарӣ, сабқату мусобиқа, ва кӯшишҳои баробархоҳиву бартариҷӯӣ дар байни шорони ҷавон гардида, дар маҷмӯъ боиси навҷӯиву навоварӣ хоҳанд шуд.

Аз сӯи дигар, дар сурати ҷамъ омадани чунин маводу маълумот, шинохти амиқтар, муқоисаву муқобилаи ашъори муосирони суханвари ҳамзабон, чеҳраи воқеъи шеъри нави тоҷикӣ, вазъи кунунӣ, вижагиҳо ва дар маҷмӯъ ҷойгоҳи он дар ҷуғрофиёи имрӯз ҳам васеи адабиёти форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ равшантар намоён ҳоҳад шуд.

Панҷум, дар ҷараёни сохтмони ин "ҷабҳаи дифоъ" албатта, ҳимоят ва ташвиқу муаррифии дастовардҳои

адабиёти нави тоҷикӣ ва пешсафони он набояд фаромӯш шавад. Инҷониб бо камбуди азими дониши худ дар ин замина, дохили баҳсу доварӣ дар ин фан нашуда, ин ҳақиқатро гуфта метавонем, ки ин фасли нави китоби куҳан аз нигоҳи вусъати андеша, сабку шеваҳои адабӣ, зуҳури истеъдодҳо ва осори зебо аз фаслҳои дурахшони таърихи адабиёти мо буда, комёбиҳои зиёди ҳунарӣ, нававариҳои солим ва суҳансароёни тавоно дорад.

Шашум, мавзуи дигаре, ки барои адабиёти мо аҳамияти амалӣ дорад, он аст, ки шеъру адаби мо, бо вуҷуди коҳиши ҷугрофиёи он, ки болотар ёд шуд, ҳануз ҳам дар минтақа бозори гарми серхаридор дорад. Бино ба тахминҳо хеле бештар аз сад миллион одамони руи замин бо мо ҳамзабонанд ва теъдоди зиёди дигаре аз дустдорони шеъру адаби мо мебошанд.

Ҳафтум, бино ба чунин бозори гарм, адабиёти мо бояд ба ин бозор колои ба истилоҳ, "рақобатпазир", ки хушбахтона, дар ганҷинаи он чунин бори нафисаи бозоргир бисёр ҷамъ шудааст, пешниҳод намояд. Бо доштани чунин сервату доройи мо ба ин бозори пурмуштарӣ бояд ба ҷуръат дохил шуда, маҳсулоти тару тозаи адабии худро ба намоиш гузорем ва дар ин дунёи паҳновар, қадам бебоктар гузорем, зеро ки мо ҳам дар ин куҳандиёр аз соҳибхонаҳоем.

**Меҳр СОБИРИЁН**
*ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*

## МУҲИТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ШАРОИТИ ИҚТИСОДӢ

*(мулоҳизоте куллӣ дар заминаи пешрафтҳои Кореяи Ҷанубӣ)*

Дар заминаи омӯзиши таҷрибаи муваффақи рушди иқтисодии кишварҳои пешрафта, муаллиф раванди ислоҳот ва рушди Ҷумҳурии Корея дар давраи муосирро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҷиддияту сахткӯшӣ ва ҳадафмандии раҳбарони ин кишвар, аз аввали солҳои шастуми асри гузашта то имрӯз, ба омили асосии рушду пешрафти он табдил ёфтааст, ки барои дигар кишварҳои рӯ ба рушд намуна буда метавонад. Гузоштани ҳадафҳои мушаххас ва маҳдуд, ки имкони амалӣ кардани онҳо вуҷуд дорад, дуруст интихоб кардани шарикон аз бахши хусусӣ ва пайваста ислоҳот ворид кардан дар сиёсат, ҷиҳати мутобиқ сохтани шароити дохилӣ бо тағйирот дар сатҳи ҷаҳонӣ, аз вижагиҳои ҳукуматҳои ин кишвар дар давраи мавриди назар будааст. Онҳо тавонистанд муҳити кору сармоягузории хуберо нахуст барои ширкатҳои дохилӣ муҳайё созанд ва баъдан аз аввали солҳои 80-уми асри гузашта батадриҷ онро барои ширкатҳои хориҷӣ низ таъмин намоянд. Ин сиёсат рушди устувори Кореяи Ҷанубиро барои чанд даҳсола таъмин карда, онро ба гурӯҳи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ворид намуд.

Расидан ба рушди баландсуръату устувор дар як кишвар ба тағйирёбандаҳои зиёд вобаста мебошад. Дар якҷоягӣ

ислоҳот ворид кардан дар ҳамаи соҳаҳои вобаста ба рушди иқтисодӣ муҳитеро ба миён меоварад, ки руҳияи соҳибкорӣ боло гирифта, сармоягузорӣ бештар мегардад. Ин муҳит даромади давлат ва аҳолиро зиёд намуда, боиси кам гаштани камбизоатӣ ва бартараф шудани мушкилоти зиёде дар ҷомеа мегардад.

Дар дусад соли охир кишварҳои зиёде тавонистанд муҳити дурусти сармоягузориро ба вуҷуд биёранд, ки дар натиҷа ба рушди иқтисодии баландсуръат даст ёфтанд ва ба гурӯҳи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ворид гарданд. Барои як кишвари рӯ ба рушд омӯхтани таҷрибаи онҳо, ҷиҳати дури ҷустан аз хатоҳо ва истифодаи таҷрибаҳои дурусти ин кишварҳо, шарт ва зарур мебошад. Ҳамчунин, дарки дурусти ҷойгоҳи кишвари худ, гузоштани ҳадафҳои мушаххас ҷиҳати ислоҳи вазъ, таҳия ва амалисозии сиёсати дуруст барои ба вуҷуд овардани як муҳити созандаи иқтисодӣ, вазифаи ҳар як ҳукумати амалкунанда мебошад. Бе дарки ҷойгоҳи воқеии кишвар дар ҷаҳони муосир, эътирофи мавқеи аслии давлат дар сатҳи байналмилалӣ, шинохти омилҳои боздорандаи рушд ва барномарезиҳои илмбунёди давлатӣ аз ҷониби тасмимгирандагони аслии давлат, ислоҳоти бунёдии таҳкимбахши муҳити сармоягузорӣ ғайримумкин аст.

Ҷумҳурии Корея ё Кореяи Ҷанубӣ аз ҷумлаи кишварҳое мебошад, ки таҷрибаи ибратомӯзе дар ростои ислоҳот ва рушдро дорад. Ин кишвар тавонистааст дар се даҳсола аз як давлати ҷангзада ва ақибмондаи кишоварзӣ ба як кишвари пешрафтаи саноатӣ ва дорои технологияҳои муосир табдил ёбад. Ин равандро дар адабиёти илмӣ "Муъҷизаи дарёи Ҳан" унвон гузоштаанд. Онҳо дар пайравӣ аз "Муъҷизаи Рейн"-и Олмон мехостанд ислоҳоти ҷиддӣ гузаронида дар як давраи кутоҳ аз бухрон бароянд. Ҳангоми суханронии худ дар остонаи соли нави 1961 нахуствазири вақти Кореяи Ҷанубӣ Чанг Мён

мегӯяд: “Барои расидан ба ”Муъҷизаи дарёи Ҳан” ба мисли Олмон, мо бояд ҷиддият ва сахткӯшии монанд ба олмониҳоро дошта бошем”. Онҳо дар солҳои баъдӣ ин ҳадафҳои худро тавонистанд бо ҳамон ҷиддияту сахткӯшӣ ва ҳадафмандӣ амалӣ созанд. Дар воқеъ, гузариши як кишвар аз фақру ақибмондагӣ ба иқтисоди пешрафтаву дорои технологияҳои мураккаб дар як муддати нисбатан кутоҳ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ хеле кам ба назар мерасад. Саноатикунонӣ дар ин кишвар ҳамагӣ 19 сол тул кашидааст, ки барои мисол ин давра дар Олмон 68 сол ва дар Нидерландия 98 сол давом кардааст (2). Даҳҳо кишвари дигаре дар ҷаҳон вуҷуд дорад, ки даҳсолаҳо ҳадафҳои саноатикунонӣ ба миён мегузоранд, вале дар амал аз суръати ҷараёни дарёи рушди ҷаҳонӣ як зарра ҳам натавонистаанд суръати рушди бештаре дошта бошанд.

Кореяи Ҷанубӣ ҳамчун як кишвари шарқии ҳудудан бо Тоҷикистон наздик метавонад барои кишвари мо намуна бошад. Ин кишвар дар замони муосир бо қонуну қоидаҳои иқтисодии ҷорӣ дар ҷаҳони имрӯз тавонистааст ба рушди босуръат даст ёбад. Омӯзиши таҷрибаи ин кишвар ва истифодаи роҳу усулҳои истифодашуда дар он метавонад моро барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ “Саноатикунонии босуръати кишвар” кумак кунад. Аҳамияти омӯзиши таҷрибаи ин кишвар барои ҳар кишвари рӯ ба рушд муҳим мебошад. Дар пайроҳаи расидан ба рушди устувору баландсуръат донишҳои дастрасшуда аз ин омӯзишҳо хеле зарур мебошад. Ин донишҳо имкон медиҳанд, ки бо такрор накардани хатогиҳо ва истифодаи таҷрибаи коршоями ин кишвар, муҳлати амалӣ сохтани ҳадафҳои бузургӣ иқтисодӣ ба маротиб кам карда шавад.

Ҳарчанд решаҳои асосии рушду пешрафти иқтисодиву иҷтимоии Кореяи Ҷануби ба авалли асри 20-ум бармегардад, вале ислоҳоти ҷиддӣ ва натиҷагирӣ аз он аз солҳои 60-уми

асри гузашта шуруъ шудааст. Баъди ба даст овардани истиқлолият пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ Корея вориди фоҷеаи дигар шуд. Ҷанги дохилӣ дар ин кишвар, ки боиси ду пора гардидани он шуд, онро ба харобазор табдил дод. Гузашта аз ин, қисмати зиёди корхонаҳои саноатӣ, ки аз ҷопониҳо монда буданд, дар ҳудуди Кореяи Шимолӣ монданд. Он замон Кореяи Ҷанубӣ як кишвари кишварзӣ буд, ки аз ҷиҳати рушди саноат аз Кореяи Шимолӣ ақиб монда буд. Пас аз ҷанги солҳои 1950-1953 Кореяи Ҷанубӣ кӯшиш мекард ислоҳот кунад ва кишварро ба пайроҳаи рушд ворид намояд. Вале мавҷудияи фасоду ришвахории густарда монеи амалӣ сохтани ин аҳдоф мегардид. Илова бар ин, муборизаи сиёсии ҳизбҳои гуногун иҷрои ҳадафҳои стратегии бузургро мушкил месохт. Кишвар ба як ҳукумати сахтгир ва ҳадафманд эҳтиёҷ дошт.

16-уми майи соли 1961 дар Кореяи Ҷанубӣ табодулоте ба вуқуъ пайваст, ки вазъиятро дар ин кишвар бакуллӣ дигар сохт. Ин табодулотро генерал Парк Чунг-Ҳӣ раҳбарӣ мекард, ки баъдан барои зиёда аз ду сол ҳукумати муваққатиро сарварӣ менамуд. Вай як низоми нисбатан сахтгирро ҷорӣ карда, салоҳиятҳои президенро зиёд намуд. 15-уми октябри соли 1963 интихоботи президентӣ гузаронида шуд, ки Парк Чунг-Ҳӣ дар он ғалабаро ба даст овард.(4) Бо ба даст овардани қудрати бештар Парк Чунг-Ҳӣ тавонист ҳадафҳои бузургро дар пеш гузошта, тамоми манбаъҳои миллиро барои амалӣ сохтани онҳо равона созад.

Дар мубориза бо фасоду ришвахорӣ ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ бо сарварии Парк Чунг-Ҳӣ хеле қадамҳои ҷиддӣ бардошт. Онҳо ин мушкилро ҳам дар низоми давлатдорӣ медиданд, ҳам дар соҳибкорон. Ин буд, ки "раҳбарони ширкатҳои бузург ба ҳабс гирифта мешуданд, кормандони давлатии зинаи раҳбарикунанда ҳама ихроҷ карда шуданд ва

боқимонда кормандони давлатӣ ба бозомӯзии дуҳафтаина равон карда шуда буданд. Баъдан тибқи созишномаи нав раҳбарони ширкатҳои бузург ба ин шарт аз зиндон озод карда шуданд, ки аз ин пас манфиатҳои миллиро болотар аз манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳии худ мегузоранд. Ҳамчунин кормандони нави давлатии дар сатҳи раҳбарикунанда буда, ба таври систематикӣ, дар ҳар шаш моҳ иваз мешуданд, то аз пайвандҳои нави фасодкорӣ миёни онҳо ва ширкатҳои хусусӣ пешгирӣ шавад."(3). Дар баробари ин давлат ҳадафҳои бузурги стратегии худро муайян карда, дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ба амалӣ сохтани онҳо шуруъ кард.

Солҳои аввали истиқлолият дар Кореяи Ҷанубӣ ислоҳоти замин гузаронида шуда буд ва ин то ҷойе заминаи рушди фарогирро ба вуҷуд оварда буд(1). Ҳукумати нав дар солҳои 1960-ум ба рушди соҳаи саноати сабук, ки дар он бартарии нисбӣ, бо шарофати қувваи кории арзон, доштанд, таваҷҷуҳи бештар намуда, манбаъҳои дар дастдоштаи худро ба он равон кард. Сиёсати давлат ба содироти ин маҳсулоти осонтавлиде, ки қувваи кории зиёдро талаб мекунанд, нигаронида шуда, ба ширкатҳои содироткунанда сабукиҳои зиёд дода мешуд. "Ин амалан ба ин далел буд, ки тибқи қонунҳои назарияи иқтисодӣ, тиҷорати озод манбаи муҳими рушди иқтисодӣ аст ва даромаднокии он, дар ҳоли тахассус ёфтан ба истеҳсоли маҳсулоте, ки дар он кишвар бартарии нисбӣ дорад, устувор боқӣ мемонад"(3). Ин сиёсат барои чанд сол тавонист муваффақ бошад ва иқтисоди Кореяи Ҷанубӣ рушди баландсуръат дошта бошад. Вале, бо боло рафтани арзиши қувваи корӣ дар ин кишвар ва ворид шудани кишварҳои дигари минтақа ба бозори маҳсулоти саноати сабук, ки қувваи арзонтари корӣ доштанд, ояндаи ин сиёсатро зери суол мебурд. Аз ин ҷост, ки ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ нақшаҳои навро рӯи даст гирифта, ба саноати вазнин ва кимиёвӣ

таваҷҷуҳ кард. "Шаш соҳа (филизот, оҳангудозӣ, кимиёвӣ, электроника, мошинолот ва киштисозӣ) барои дастгирӣ муайян шуда, имконоти лозима фароҳам оварда шуданд ва ширкатҳои бузурги хусусӣ барои кор дар онҳо равона карда шуданд"(3).

Ширкатҳои бузурге, ки зери раҳбарии давлат даст ба сохтани корхонаҳои саноати вазнин ва кимиёвӣ заданд, аз ҷониби ҳукумат дастгирии зиёд медиданд. Дар солҳои 70-уми асри гузашта ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ ниҳодҳои муайянеро барои амалӣ сохтани ҳадафи нави худ таъсис дод. Фонди миллии саноатикунонӣ, Шӯрои банақшагирии иқтисодӣ, Пажуҳишгоҳи илму фановарии навини Корея аз ҷумлаи ниҳодҳое мебшанд, ки давлат барои амалӣ кардани нақшаи саноатикунонии худ таъсис дода буд.

Ҳамчунин сабукиҳои андоз ва қарзгириро давлат ба ширкатҳои ба саноати вазнину кимиёвӣ равонашуда пешкаш карда буд. "Сар аз соли 1973 ширкатҳои мазкурро аз андозҳои дохилӣ ба монанди андоз аз даромад барои се сол баъди таъсисёбӣ озод намуда, барои ду соли дигар аз нисфи андозҳо озод карда буд" (3). Давлат ҳамаи ниҳодҳои молиявиро дар даст дошт ва ин қудратро барои дастгирии ширкатҳои мазкур истифода бурда, самти ҳаракати онҳоро муайян менамуд. "Дар авоили солҳои 1970-ум молики асосии панҷ бонки тиҷоратии бузург ва шаш бонки махсуси кишвар давлат буд (3)". Ин воқеият имкон медод, ки ба ширкатҳои дастбакор дар саноати вазнин ва кимиёвӣ қарзҳо бо фоизи пасттарин дода шавад. Ҳатто фоизи ин қарзҳо манфӣ мешуд, агар сатҳи таваррум дар назар гирифта шавад. Дар баъзе маврид давлат аз бозори молиявии ҷаҳонӣ қарзҳоро бо фоизи муайян гирифта, ба ширкатҳои мавриди назар ба фоизи пасттар медод. Фоизи боқимонда аз буҷаи давлат супорида мешуд. Ин ба ширкатҳо имкон медод, ки воситаҳои молиявиро осонтар

ба даст оварда, ҳама нерӯи худро барои пешрафти кор ва дастрасӣ ба технологияҳои нав равона созад.

Дар солҳои 1960-ум бо пешрафти саноати сабук иқтисоди Кореяи Ҷанубӣ камбудии қувваи кориро ҳис намекард. Дар он давра мутахассисони баландкасб камтар лозим буданд. Вале бо пеш гирифтани ҳадафи рушди саноати вазнин ва кимиёвӣ талабот ба чунин мутахассисон зиёд шуд. Ҳарчанд ҳукумати ин кишвар ислоҳоти соҳаи илму маорифро пештар оғоз карда буд, дар ин давра ба он таваҷҷуҳи бештар мекард. "Муваффақияти иқтисодии Корея натиҷаи дунболагирии беҳтарсозии имконоти технологӣ, боло бурдани самаранокӣ ва афзоиши рақобатпазирии ҷаҳонӣ буд. Таҷрибаи Корея нишон медиҳад, ки кишварҳои дар роҳи рушд метавонанд аз сармоягузории саривақтӣ, устувор ва ҳадафнок ба навоварӣ ва технологияҳо манфиати бузург гиранд. Муваффақияти Корея дар беҳтарсозии босуръати имконоти технологӣ дар заминаи ба вуҷуд овардани инфрасохтори дуруст, тавсеаи сармояи инсонӣ, ва суботи макроиқтисодӣ, ҳамчунин аз худ кардани ва паҳн кардани фановариҳои мавҷудаи ҷаҳонӣ, ба даст омадааст. Густариши муассисаҳои олии омӯзишӣ боиси пайдо шудани мутахассисони дорои касбияти баланд ва нерӯи кории лозимӣ барои пешбурди корҳои илмӣ-пажуҳишӣ ва ворид сохтани технологияҳои нав ба соҳаи саноат гардиданд. Давлат Пажуҳишгоҳҳои илмии давлатиро таъсис дод, ки онҳо технологияҳои калидӣ барои соҳаи телекоммуникатсия ва нимноқилҳо(semiconductors)-ро рушд доданд. Ин дар замоне буд, ки бахши хусуси имкони сармоягузории лозима ба корҳои илмӣ-тадқиқотиро надошт"(1, саҳ. lviii). Дар ин раванд саҳми илму маориф зиёд мебошад ва бе сармоягузории саривақтӣ, устувор ва ҳадафнок ба ин соҳа иқтисод бо камбудӣ мутахассисони баландкасб рӯ ба рӯ мегардад, ки амалӣ сохтани саноатикунониро номумкин мегардонад. Чунки бе

доштани чунин мутахасисон тавлиди маҳсулоти бозоргир дар сатҳи ҷаҳонӣ ғайримумкин аст. Ҷумҳурии Корея тавонист вазъиятро дуруст шиносад ва дар баробари сарфи маблағҳои зиёд барои саноатикунонӣ соҳаи илму маорифро низ тақвият диҳад ва мутахассисони лозимаро сари вақт омода намояд. Дар ин ҷо нақши Пажуҳишгоҳҳои илмии давлатӣ дар баробари мактабу донишгоҳҳо хеле баланд буд. Таҷрибаи ин кишвар дар ҷодаи ба ҳам овардани илму истеҳсолот барои кишварҳои рӯ ба рушд омӯзанда мебошад. Махсусан, таҷрибаи кории Пажуҳишгоҳҳои илмии давлатии Корея, ки ҳадафнок кор карда, натиҷаҳои бузургеро ба даст овардаанд. Ҳар кишваре, ки чунин ҳадаф мегузорад, бояд ҷиддият, ҳадафмандӣ ва сахткӯшии корегиҳоро дошта бошад. Вагарна, даҳсолаҳо дар забон ибораи ба ҳам овардани илму истеҳсолот чарх мезанаду натиҷа ба сифр наздик боқӣ мемонад.

Як вижагии ҳукуматҳои Кореяи Ҷанубӣ сар аз давраи генерал Парк Чунг-Ҳӣ ин аст, ки онҳо вазъияти кишвари худ ва ҷаҳонро пайваста арзёбиҳои нав мекарданд. Ин имкон медод, ки камбудиҳо ошкор гардида, сари вақт ислоҳ шаванд ва ояндаи наздик пешбинӣ гардад. Дар асоси ин азрёбиҳо онҳо ҳадафҳои стратегии худро ҳар даҳсола иваз мекарданд. Агар солҳои 60-уми асри гузашта ҳадафи асосӣ рушди саноати сабук ва бофандагӣ буд, дар аввали солҳои 70-ум маълум шуд, ки дар бозори ҷаҳонӣ кишварҳои дигар бо бартарии нисбии хубтар ворид шуда истодаанд. Ҳукумати Корея сари вақт вокуниш карда, ҳадафҳои стратегии худро дигар намуд ва рушди саноати вазнин ва кимиёвиро мавриди таваҷҷуҳи асосии худ қарор дод. Бештари манбаъҳои миллии худро барои расидан ба ин ҳадаф равона сохтанд. Дар ин давра бо ба миён омадани ду бухрони энергетикӣ (солҳои 1973 ва 1979) дар сатҳи ҷаҳонӣ маҳдудиятҳои тиҷоратӣ миёни кишварҳо бештар шуда буданд. Ин воқеият ба Корея имкон дод, ки воридшавии

маҳсулоти рақобаткунандаро аз хориҷ маҳдуд кунад ва ба ширкатҳои худ имкони қавӣ шуданро диҳад. Аммо дар оғози солҳои 80-ум вазъият тағйир ёфт ва ҳукумати ин кишвар маҷбур шуд, маҳдудиятҳоро кам кунад ва бозори дохилии худро ба рӯйи ширкатҳои хориҷӣ кушояд. Ин ширкатҳои дохилиро маҷбур мекард қавӣ шуда, бо ширкатҳои хориҷӣ дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир бошанд.

"Эътилофи давлат бо соҳибкорони бузург бомуваффақият боиси рушди Корея дар тули се даҳсола (1960-1990) гардид. Мудохилаи мустақими давлат ба бозор ва муносибати мутақобилан судманди давлат бо ширкатҳои бузург "ширеш"-и пайвасткунандае буд, ки ин эътилофро қавӣ мекард ва боиси рушди кишвар мегардид. Аммо идораи ин эътилоф дар баробари васеъшавӣ, мураккабшавӣ ва ҷаҳонишавии иқтисоди Корея торафт мушкил мешуд. Дар қадами баъдӣ барои рушди худ Корея маҷбур шуд сиёсати худро дигар карда, аз дастгирии зиёди ширкатҳои бузург даст кашад ва қоидаҳои иқтисоди бозориро бештар риоя кунад, то иқтидори иқтисодиву иҷтимоии пурраи худро амалӣ созад" (1, саҳ. xxxvi). Бо кушода шудан ва боло рафтани ҳамгироии иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ дар солҳои 80-уми асри гузашта Ҷумҳурии Корея маҷбур шуд раванди демократишавии ҳукуматро тезонад. Дар ин давра дар баробари рушди иқтисодӣ ин кишвар ниҳодҳои демократии худро низ беҳтар карда, соли 1987 интихоботи сирф демократиро гузаронд ва раҳбари ғайринизомӣ сари кор омад. Дар охири ҳамон солҳои 80-ум маълум гардид, ки имконоти рушд дар доираи низоми пешин маҳдуд шудаанд. Зарурати ислоҳоти нав ба миён омада буд.

Дар солҳои 1990-уми асри гузашта тағйироти ҷиддӣ дар муносибати давлат бо соҳибкорон ба миён омад. Дар ин давра соҳибкории хурду миёна дастгирии бештар меёфт ва кишвар

дигар раванди аз худ кардани технологияҳои мавҷуди ҷаҳониро ба поён расонида, худ ба навоварӣ ва эҷоди технологияҳои нав машғул буд. Давлат дар сиёсати худ тағйирот ворид карда, барои рушди корхонаву ширкатҳо муҳити хубтар месохт. Бухрони иқтисодии Осиё тайи солҳои 1997-1998 камбудиҳои зиёдеро дар Корея ошкор кард ва имконияти дигаре шуд барои ислоҳоти бештар ворид кардан ба низоми иқтисодиву иҷтимоии ин кишвар. Ҳамин тариқ, дар солҳои баъди низ ислоҳот идома меёфт ва давлат тавонист як муҳити сармоягузорие созад, ки иқтисоди он бо ҳама тағйиротҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқ шуда, рушди устувор дошта бошад.

Ислоҳоти пайваста дар баробари тағйирёбии шароити бозори ҷаҳонӣ яке аз вижагиҳои Корея мебошад. "Ислоҳот як амали яквақта набуда, як раванди давомнок мебошад. Чандин кишвари дигар низ ҳамин таҷрибаи ислоҳоти Кореяро дар солҳои 90-ум ва баъд такрор кардаанд. Афзоиши ҳамгироии иқтисодии минтақавиву ҷаҳонии онҳо ҳамроҳ бо тағйироти технологӣ, нишон медиҳад, ки сиёсатҳо бояд ба таври давомнок дар баробари тағйироти вазъият иваз шуда, иқтисодро ба муҳити нав мутобиқ гардонанд"(6, саҳ. 5). Аммо ин ислоҳот ба осонӣ ба даст намеомад. Чуноне ки қайд карда шуд ҳукумат аз солҳои 1960-ум барои амалӣ сохтани ҳадафҳои худ бо ширкатҳои бузург, ки онҳоро "чаебол" (chaebol) меномиданд ва маъмулан ба як оила тааллуқ доштанд, ҳамкории зич мекард. Ин конгломератҳо (ширкатҳое, ки аз чандин корхонаи бо ҳам алоқаманд набуда иборат мебошанд) аз кумакҳои давлат истифода бурда дар се даҳсола хеле бузург шуда, мустақил шуданд. "Дар марҳилаи аввали рушди иқтисодии Корея дар солҳои 60-ум ва 70-ум, ширкатҳои бузург аз ҳимоят ва дастгирии истисноии давлат бархурдор буданд ва аз тариқи дастрасии инҳисории худ ба манбаъҳо ба рушди

босуръати иқтисодии кишвар кумак расониданд. Давлат ба онҳо иҷозат дод то дар соҳаҳои муайян фаъолияти иқтисодӣ дошта бошанд ва ба таври доимӣ ба онҳо кумакҳои молӣ, қарзҳо бо фоизи паст, сабукиҳо дар андозҳо, дастрасӣ ба арзи хориҷӣ, иҷозатномаҳо барои воридоту содирот медод. То охири ҳукумати низомиён дар соли 1987 давлат ва чаеболҳо фазои иқтисодии Кореяро дар даст доштанд ва бо ҳам ҳамкории мутақобилан судманд мекарданд. Бо дар даст доштани сармоя давлат дар мавқее буд, ки метавонист фаъолияти чаеболҳоро ҳамоҳанг кунад. Дар айни ҳол, давлат барои дастёбӣ ба ҳадафҳои худ, яъне таҳаввул ва рушди саноат, ба чаеболҳо эҳтиёҷ дошт"(6, саҳ. 32). Ин ширкатҳои бузург дар бештар маврид монеи ислоҳоти бунёдӣ мешуданд ва намехостанд, ки мақоми хоси худро аз даст диҳанд.

Бо бештар ворид шудан ба бозори ҷаҳонӣ чаеболҳо аз ҷиҳати молиявӣ мустақилтар шуда, заминаи мустаҳками эҷоди технологияҳои навинро доро шуданд. "Дар давраи солҳои 1987-1997 системаи Кореяро метавон ҳамчун капитализми чаеболӣ тавсиф кард. Чаеболҳо батадриҷ аз ҳимоя, дастгирӣ ва раҳнамоии давлат мустақил шуданд" (6, саҳ. 32). Чаеболҳо хеле бузург шуда, дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир буданд. Барои давлат ҳам дигар идораи ин ширкатҳо мушкил шуда буд. Ин буд, ки дар солҳои аввали 90-ум, вақте Кореяи Ҷанубӣ ислоҳоти лозимаро барои ворид шудан ба Созмони ҳамкорӣ ва тавсеаи иқтисодӣ (ҷамъи кишварҳои пешрафта аз ҷиҳати иқтисодӣ ва рушди демократӣ) пайгирӣ мекард, дар баъзе ҳолат бо муқобилияти ин ширкатҳо дучор мешуд. Аммо Бухрони иқтисодии Осиё дар солҳои 1997-1998 вазъиятро барои ислоҳот ворид кардан мувофиқтар сохт. Дар ин бухрон аз нисф зиёди чаеболҳо варшикаста гардида, дар ҷомеа зарурати ислоҳот ворид кардан аз ҷониби аксарият дарк карда шуд. Ин фурсатро

ҳукумат дуруст истифода карда, ислоҳоти лозимаро сари вақт роҳандозӣ намуд, ки бо шарофати он ислоҳоти саривақтӣ яке аз аввалинҳо шуда буҳрони мазкурро паси сар кард. Баъд аз рафъ шудани ин буҳрон чаеболҳои боқимонда ва ширкатҳои дигари хурду миёна дар шароити нав рушд мекарданд, ки то имрӯз дар бозори ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро мустаҳкам нумуда истодаанд.

Ҳамин тариқ, Кореяи Ҷанубӣ дар раванди рушди иқтисодии босуръати худ ҳамеша вазъиятро арзёбӣ карда, сиёсатҳои худро иваз мекард. Агар дар ду даҳсолаи аввал худи давлат ҳамчун сармоягузори асосӣ амал мекард, дар даҳсолаҳои баъдӣ тадриҷан муҳитро барои сармоягузорони дигари дохиливу хориҷӣ беҳтар сохт. Воридоти Сармояи мустақими хориҷӣ баъд аз Буҳрони иқтисодии Осиё ва ислоҳоти бароҳмондаи давлат бамаротиб зиёд шуд. Инро дар намояи зерин дидан мумкин аст.




Муҳити сармоягузорие, ки танҳо барои ширкатҳои миллии Корея мувоффиқ буд дигар наметавонист рушди минбаъдаи иқтисоди ин кишварро таъмин намояд. Ин буд, ки ислоҳот дар он сурат гирифт ва воридоти сармояи мустақими

хориҷӣ афзоиш ёфт, ки то имрӯз яке аз сарчашмаҳои рушд барои Корея Ҷанубӣ маҳсуб меёбад.

Дар хулоса метавон гуфт, ки сад дарсад нусхабардорӣ кардани таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, дигар имконпазир нест. Чунки имрӯз вазъияти дохилии кишварҳо ва шароит дар бозори ҷаҳонӣ дигар шудаанд. Вале қисман омӯхтани сиёсатҳои муваффақи ин кишвар ва пиёда сохтани онҳо дар дигар кишварҳо имконпазир буда, метавонад боиси ҷаҳиши иқтисодии онҳо гардад. Дар воқеъ, ҷиддият, ҳадафмандӣ ва сахткӯшии давлатмардони ин кишвар метавонад намунаи ибрат бошад. Гузоштани ҳадафҳои мушаххас ва маҳдуд, ки имкони амалӣ кардани онҳо вуҷуд дорад, дуруст интихоб кардани шарикон аз бахши хусусӣ ва пайваста ислоҳот ворид кардан дар сиёсат, ҷиҳати мутобиқ сохтани шароити дохилӣ бо тағйирот дар сатҳи ҷаҳонӣ, метавонад ҳар кишвари дигареро ба пайраҳаи рушди устувор ворид созад.

Таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ нишон медиҳад, ки ислоҳот ин кори яквақте нест, балки як раванди доимӣ мебошад. Дар сатҳи баланди давлатӣ ҳамоҳанг кардани фаъолияти ширкатҳои гуногун, дастгирӣ ва кумак кардани онҳо ва истифодаи онҳо барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ имрӯз ҳам имконпазир аст. Ин ҷо пеш аз ҳама дуруст шинохтани вазъият дар бозори ҷаҳонӣ ва дуруст муайян кардани бахшҳое, ки дар он кишвар бартарии нисбӣ дорад, нақши калидӣ доранд. Бе дуруст шинохтани ин масъалаҳо ва пешбинӣ кардани ояндаи наздик наметавон ҳадафҳои амалишавандаро пеш гузошт ва ба онҳо расид. Баъдан интихоби холисонаи шарикон аз бахши хусусӣ ва қатъи ҳама намуди ҳамкорӣ бо он ширкатҳое, ки дар иҷрои масъулияти худ саҳлангорӣ мекунанд, рақобати солимро дар ин ҷода ба вуҷуд мерад, ки он боиси сахткӯшии масъулон аз бахши хусусӣ гашта,

иқтисоди кишварро дар сатҳи ҷаҳонӣ рақобатпазир мегардонад. Ворид шудани ширкатҳое, ки ба давлатмардон ва ё аҳли оилаи онҳо тааллуқ доранд, бояд пешгирӣ шавад, чунки ин худ омили сар задани фасодкорӣ дар ин соҳа шуда, муҳитро носолим месозад ва боиси заиф шудани иқтисодӣ миллӣ мегардад.

Як вижагии дигари Кореяи Ҷанубӣ ин буд, ки онҳо бештар ширкатҳоеро кумак, ҳимоя ва пуштибонӣ мекарданд, ки маҳсулоти содиротӣ истеҳсол мекарданд. Онҳо намегузоштанд, ки ин ширкатҳои бузург бозори дохилиро ба монополияи худ табдил дода, аз ҳисоби мардум даромади зиёд ба даст оваранд. Ин паҳлуҳои раванди рушди устувори иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ низ бояд аз ҷониби кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, ба инобат гирифта шавад. Умуман, таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ метавонад барои ҳар кишвари рӯ ба рушд як сарчашмаи дониши дар амал татбиқшуда, барои ислоҳоти густарда, ҷиҳати ба даст овардани рушди устувору баландсуръат, бошад. Тоҷикистон низ метавонад аз таҷрибаи он истифода кунад ва нисбатан зудтару осонтар ҳадафи чоруми стратегии худ - “Саноатикунонии босуръати кишвар”-ро дар амал татбиқ намояд.

**Сарчашмаҳо**


1. Hoon Sahib Soh, Youngsun Koh, and Anwar Aridi, Innovative Korea (Leveraging Innovation and Technology for Development), 2023 International Bank for Reconstruction and Development / The World Bank, 1818 H Street NW, Washington, DC 20433;
2. The Miracle on the Han: Economic Currents https://www.koreasociety.org/images/pdf/KoreanStudies/Monographs_LessonPlans/High_School/4%20The%20Miracle%20on%20the%20Han.pdf

3. Zeynullah Gider, "The Miracle of Han River" The Big Push of Korea: HCI Drive Policy
https://www.academia.edu/30692690/_The_Miracle_of_Han_River_The_Big_Push_of_South_Korea_HCI_Drive_Policy
4. Miracle on the Han River,
https://en.wikipedia.org/wiki/Miracle_on_the_Han_River#:~:text=Miracle%20of%20the%20Han%20River,country%20to%20a%20developed%20country.
5. Донишномаи "Britannica", History of South Korea
https://www.britannica.com/place/South-Korea/History
6. Nicolas, F., S. Thomsen and M. Bang (2013), "Lessons from Investment Policy Reform in Korea", OECD Working Papers on International Investment, 2013/02, OECD Publishing. http://dx.doi.org/10.1787/5k4376zqcpf1-en

**Комрон ФАЙЗЗОДА**
*пажуҳишгар*

## КАМОЛ ОН АСТ, КИ АЗ ХУД БОШӢ ОГОҲ...

Дар табиат ва ҷамъият чизҳои мутлақо якхела мавҷуд нест. Ҳама чиз нисбӣ аст. Сифати ҳодисаҳо ва ҳолати маҷудот бозгӯйи он аст, ки онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳатто ду барги шохи як дарахт ва ду пораи як себ бо хусусияти хос аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Фард – маҷмуи хислатҳои шахсӣ ва такрорнашавандае мебошад, ки ба инсони ҷудогона мансуб аст ва онро аз дигар афрод фарқ мекунонад. Агар инсон дорои хислатҳои индивидуалии такрорнашаванда бошад, пас шуури ҷамъиятӣ чист ва чӣ гуна ташаккул меёбад?

«**Шахс берун аз он робитае, ки ба сӯйи ҷамъият мебарад, вуҷуд надорад. Ҷамъият ҳамеша дар алоҳида ба воситаи алоҳида вуҷуд дошта метавонад. Ҳар кадом ҷамъият ҳисса ё моҳияти алоҳида аст. Ҳар кадом ҷамъ ҳамаи предметҳои алоҳидаро тахминан дар бар мегирад. Ҳар кадом алоҳида ба ҷамъият нопурра медарояд**».[1]

Шуури ҷамъиятӣ – ҳаёти маънавии ҷамъият аст, ки дар он ба ғайр аз хӯрдану хуфтан тамоми ҳаракатҳои фардӣ дохил мешавад. Ба монанди идея, ақида ва назарҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, илмӣ, фарҳангӣ, фалсафӣ, этикӣ, ҳамчунин тасаввуроти динӣ, ҳиссиёт, руҳия, одатҳо ва хислатҳои этникии одамон, ки дар он ҳастии ҷамъияӣ инъикос меёбад.

Тавре зикраш дар боло рафт, шуури ҷамъиятӣ аз шуури одамони алоҳида ҷудо нест. Ҷамъият аз ашхоси алоҳида

[1] В.И. Ленин. Асарҳо. Ҷилди 38. С. 381

иборат мебошад, ки онҳо ба табақаҳои муайян ё гурӯҳҳои ҷамъиятӣ мансубанд. Ин бозгӯйи он аст, ки шуури фардӣ аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво ифодакунандаи шуури ҷамъиятӣ мебошад. Пас зинаи аввалини худшиносӣ чист ва чӣ гуна ташаккул меёбад?

Бояд таъкид намуд, ки худшиносӣ ин посухи огоҳонаи шахс, пеш аз ҳама, ба як суоли муҳим ҳаст, ки ман кистам, барои чӣ ба дунё омадаам ва чӣ росолат дорам? Ба ин савол Расул Ғамзатов -- нависандаи Доғистонӣ ҷавоби қонеъкунанда додааст, ки мегӯяд: «... **одам бояд аз хурдӣ донад, ӯ барои он ба дунё омадааст, ки намояндаи халқи хеш ва миллаташ бошад. Барои ба зимма гирифтани бори чунин масъулият аз ҳеҷ чиз ҳарос надошта бошад**».[2]

Тоҷик бояд аз хурдӣ донад, ӯ намояндаи қавм - миллати бузургест, ки таърихашро шамшеру ханҷар ва шебу фарози зиёде дар хотир дорад. Ва ӯ барои он ба дунё омадааст, ки намояндаи халқи худ ва миллати хеш бошад ва барои ба зимма гирифтани масъулияти давлатдорӣ, миллатдорӣ, ҳимояи арзишҳои он аз ҳеҷ чиз ҳарос надошта бошад.

Вақте ки дар бораи миллат сухан меронем, мо як ҷомеаи муайяни иҷтимоии одамонро дар назар дорем, ки дар заминаҳои забонӣ, фарҳангӣ, таърихӣ аз дигарон тафовут дорад. Ба ибораи дигар, миллат як ҷомеаи муайяни муттаҳиди одамонро ифода мекунад, ки бо ягонагии қаламрав, забон, фарҳанг, хусусиятҳои психикаи миллӣ, умумияти идеологӣ, истиқлоли сиёсӣ ва ғайра тавсиф карда мешавад. Ҷавҳари худшиносии миллиро мансубият ба миллат (национальный идентичность) тавассути ифтихори миллӣ, ҳувияти миллӣ ташкил медиҳад. Тавре профессор Ятимов С.С. дар мақолааш «Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат»

[2] Р. Ғамзатов. Доғистони ман. С. 17

иброз медорад: «...**Дар фалсафаи пешқадами Ғарб, вақте мафҳуми миллатро таъриф мекунанд, қисмати муҳим ва аввалини онро «existence of common ideology» (умумияти идеологӣ) – вуҷуд доштани арзишмандӣ, ормон ва самтгирии маънавии ягона медонанд. Худи мафҳуми халқ (миллат) бо аломатҳои номбаршуда маънии дунявиятро ҳамчун ҷузъиёти муайянкунанда дар худ таҷассум мекунад. Хулоса, зуҳуроти миллат воқеияти худкифо (selfsufishient) ва падидаи ҷамъиятӣ аст**». Ба ин маънӣ, шоир хуб фармудааст:

*Камол он аст, ки аз худ бошӣ огоҳ,*
*Чи дар саҳро, чи дар хилват, чи дар роҳ.*

Тамоми ҳодисаҳое, ки дар табиат ва ҷамъият ба вуҷуд меоянд, натиҷаи инъикоси шуури ҷамъиятӣ мебошанд. Маврид ба зикр аст, ки «буҳрони худшиносӣ» дар Тоҷикистони тозаистиқлол, дар нопадид шудани мақомҳо, идеалҳо, арзишҳо ва пайдо гардидани манфиатҳои давлатҳои алоҳида, гурӯҳҳо ва қавму қавмгароҳо пайдо гардида, сабаби сар задани низоъи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардида буд.

Ба ҳамин хотир, вақте ки як қишри муайяни адибон, шоирон ва зиёиёни мо ба воситаи мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ бояд таҳкурсии ҳувияти нави миллии тоҷиконро мегузоштанд, онҳо бо диндорону динзадагон, исломгароён иттиҳод бастанд ва бештар бо таҳкими ҳувияти динӣ, эҳёи арзишҳои иртиҷоии динӣ машғул шудаанд, ки он бевосита роҳ ба сӯи давлати теократӣ буд. Ба қавли шоир:

*Фигон, к-ин ҳарифони кинозмой,*
*Ба «меҳр» андар оранд халқе зи пой.*
*Дар ин дом оқил наяфтад ба хост,*
*Чу афтад, маҷоли тапидан куҷост?*[3]

---

[3] С. Айнӣ. Намунаи адабиёт и тоҷик. С. 368-369

Имрӯз низ дар ҷомеаи муосири тоҷик аломатҳои осебпазирӣ маҳз дар динзадагии қишрҳои муайяни ҷомеа, паҳншавии таассуби динӣ дар муҳити ҷавонон ва басуръат ҳоҷишавии ҷомеа инъикоси худро пайдо кардааст. Дар навбати худ динзадагӣ ва таассуб заминаи мусоид барои паҳншавии идеологияи экстремистии динӣ мебошад, ки онро баъзе гурӯҳҳои манфиатдори хориҷӣ ба воситаҳои нави иртиботӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ дар интернет ба ҷомеаи мо интиқол медиҳанд ва баъзан ҳамчун фишор барои пиёда кардани манфиатҳои худ истифода менамоянд. Онҳое, ки қурбонии идеологияи динӣ мегарданд, худшиносиашон ба сифр баробар гашта, мавҷудияти миллат ва давлатро пурра инкор мекунанд. Ҳол он ки ҳадафи фарзандони миллат бояд дар баробари душманону бегонагони кинахоҳ далерона воистодан ва шуҷоатмандона ҷангидан аст. Ба қавли шоир:

*Маро марг беҳтар аз зиндагӣ,*
*Ки солор бошам, кунам бандагӣ.*

Фаҳмишу омӯзиши шуури ҷамъиятӣ ва робитаи мутақобилаи он бо шахси алоҳида ҷиҳати баҳои воқеӣ додан ба воқеият хеле муҳим аст.

**Гуфтан бамаврид аст, ки хурофазадагӣ дар муҳлатҳои муайяни таърихӣ бо ҷой гардидани шахсони тасодуфӣ дар шохаҳои муҳими давлатӣ ба заиф гардидани пояҳои давлат меоварад ва саранҷом миллатро то ба сатҳи бардагию ғуломӣ мерасонад.**

Даст задани гурӯҳҳои муайян ба амалҳои террористӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки хурофазадагӣ, боварҳои бепояву беасоси динӣ натиҷаи паст будани шуурнокӣ, камранг будани донишҳо ва тасаввуроти хеле содаю инкишофнаёфтаи қисми муайяни ҷомеа ва муҳити иҳотанамуда аст. Дар ин маврид шоир хуб фармудааст:

*Муллое, ки рамзи фалак гуфт нек,*

*Ба маҷлис кунад мадҳи кафлесу дег.*[4]

Донишманди анлис Френсис Бекон донишро ба фонусе баробар мекунад, ки он дар торикӣ роҳро равшан месозад. Ӯ иброз медорад, ки ҳатто одами ланги бо роҳи рост раванда аз шахси дар бероҳа тозон ҳаракаткунанда пеш мегузарад.

**Дарк намудани моҳияти воқеаҳои мавҷуда дар саросари ҷаҳон ва дар қиёс ба воқеаҳои рӯзмарраи кишвар, дуруст сарфаҳм рафтан ба воқеаҳо ва таърихи гузашта, назари суботкорона андохтан ба оянда – хоҳиши ҳар як фарди ватандӯст ва худогоҳ мебошад. Барои дарки воқеъбинонаи ҳаёти рузмарраи Тоҷикистон ва ҷаҳон, баҳои воқеӣ дода тавонистан ба раванди ҳодисаҳо, оянданигарии дурандешона ва самарабахш донишҳои ҳамаҷонибаи қавӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ даркор аст.**

Ҳар як миллати тамаддунофар, ба мисли тоҷикон дар шароити ҷаҳонишавӣ кӯшиш мекунад, ки худшиносиии миллиро таҳким бахшад. Мо дар заминаи ташаккули ғоя ё идеяи миллӣ, ки дар моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, метавонем, ин унсури калидии миллатро мустаҳкам намоем. Қишри зиёди зиёиён ва ҷомеаи имрӯзаи мо дар мавриди иделогияи миллӣ баҳс намуда, таъкид месозанд, ки ғояи миллӣ бояд дорои иқтидори ваҳдатгароиву ваҳдатофарӣ дошта, ба воридшавии сазовори Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамзамон, иштироки ҳамаҷонибаи Ҳукумат ва ҳимояи манфиатҳои онро дар равандҳои мураккаби ҷаҳонӣ таъмин намояд. Бешак, моддаи 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бозгӯкунандаи манфиатҳои саросарии кишвар ва ҳар як фарди Тоҷикистон мебошад.

---

[4] А. Дониш. Наводир –ул- вақоеъ. С. 182

**Дар ҷомеаи дунявӣ беҳбудӣ ва пешрафт худ аз худ пайдо намешавад. Ҷаҳду талош ва муборизаи шабонарӯзиро талаб мекунад. Ин мубориза муборизаи синфҳои алоҳида набуда, талоши аксарияти халқи шарифи Тоҷикистон бар муқобили ифротгароӣ, хурофазадагӣ ва ғояҳои догматикӣ аст.**

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо барои рушди минбаъда тамоми шароит мавҷуд аст, танҳо талошу кӯшиши насли наврасу ҷавон зарурат дорад. Аз тарафи дигар, барои ҳифзи амну субот ва муҳимтар аз ҳама, манофеи миллӣ моро зарур аст, ки дониш ва ҷаҳонбинии илмӣ дошта бошем. Танҳо аз ин тариқ метавонем бо хатарҳои имрӯза муқовимат намоем ва рушду тараққии мамлакатро таъмин созем. Шоир дуруст фармудааст, ки: «Имрӯз бикун чу метавони коре...».

Бузурге дар хотираҳои худ гуфтааст, «Агар аз оянда наандешед, оянда нахохед дошт». Мо замоне бонги худшиносӣ мезанем, ки имрӯз қисмати зиёде аз ҷавонони кишвар ба сӯи хурофоту таассуби динӣ қадам бармедоранд. Мутаассифона, қисме аз онҳо тарафдори сохти давлатдории динӣ мебошанд. Ҳамчунин, баъзе аз олимону устодони макотиби олии кишвар бар асоси мафкураи динӣ-мазҳабӣ меандешанд ва тасмим мегиранд, ки ин вазъи ноҷур осебпазирии иҷтимоиро ба дунбол дорад. Ин аст, ки дар ин шабу рӯзе, ки аз ҳар тараф борони тундравию хурофапароканӣ мерезад, ҳушёру зирак бояд буд ва барои бароварда сохтани ниёзҳои воқеии давлату миллат набояд ғафлат кард, то фардо дер нашавад.

**Қутбинисо БАҲРОМЗОД**
*магистранти курси дуюми*
*ихтисоси психологияи*
*МДТ ДДХ ба номи академик*
*Бобоҷон Ғафуров*

## ТАДҚИҚИ ХУСУСИЯТҲОИ СЕПАРАТСИЯИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ҶАВОНОН

Ба даст овардани сепаратсияи психологӣ аз волидайн яке аз вазифаҳои меҳварӣ дар инкишофи ҷавонон мебошад (R.Havighurst). Ҷомеаи муосири Тоҷикистон нисбат ба ҷавондухтарону ҷавонписарони баркамолшудаистода талаботҳои баланд мегузорад: махсусан, мустақилият, худтаъминкунии шахсият, инкишофи доимии худ, қобилияти мустақилона гузоштани мақсадҳои ҳаётӣ, «такя ба худ», интихоби озодона, қадр карда мешавад.

Сепаратсияи психологӣ аз волидайн дар давраи ҷавонӣ - ин раванди тағйир додани муносибат бо падару модар ба тарафи баробарҳуқуқии бештар аст. Раванди таҷдиди сохтори тамоми системаи оилавии оилаи волидайнӣ мебошад, ки боиси ноил шудан ба мустақилияти шахсӣ аз ҷониби писарон/духтарон дар қисматҳои маърифатӣ, аффективӣ ва рафторӣ мебошад; раванде, ки тағйироти худшиносии писарон/духтаронро дар бар мегирад, ки дар тағйирёбии образи МАН, рушди дарки худ ҳамчун фарди алоҳидаи нотакрор, ки аз образҳои сохтаи волидайн фарқ мекунад, инъикос меёбад ( «индвидуатсия»), тағйирёбии образи волидайн ба тарафи реалистӣ («деидеализатсияи волидайн»). Аз ҷиҳати генетикӣ мафҳуми «сепаратсия аз падару модар» бо назарияи М. Малер алоқаманд аст, ки дар он ҷудошавии

кӯдакони хурдсол аз волидон ҳамчун тафриқаи психикии (ҷудошавии) кӯдак аз модар барои мустақилияти бештарро ба даст оварданаш муайян карда шудааст. Марҳилаи «сепаратсия дуюмдараҷа - индивидуатсия», ба ақидаи П. Блос (1962, 1967) давраи наврасӣ ва аввали ҷавониро дар бар мегирад. Сепаратсия дар тарҷума аз забони лотинӣ (лот. separatio) маънои ҷудошавиро дорад. Сепаратсияи психологӣ - ин истилоҳ соли 1955 аз тарафи М. Малер барои шарҳи ду раванди бо ҳам пайваст ва тадриҷан мутақобилашаванда дар рафти инкишофи психикӣ пешниҳод шудааст: аз объект рафтан ва ё қатъ кардани ягон муносибат бо он [3, с-27-34]. Маънои психоаналитикии сепаратсия ин раванди интрапсихикии ба сохтори сепаратсия дохилшаванда-индвидуатсия, ки бо ёрии он индивид ҳисси мустақилӣ ва озодиро аз объекти яклухт ба даст меорад, шарҳ дода мешавад [2,с.71]. Маҳорат ба сепаратсия унсури муҳими Сепаратсияи психологӣ - масъалаи мубрам на танҳо барои илми психология дар умум, инчунин барои соҳаҳои амалии он машварати психологӣ ва психотерапия низ мебошад.

Тадқиқотҳои олимонро доир ба муносибатҳои байнишахсӣ таҳлил намуда ба хулосае омадан мумкин, ки инсон ба дунё меояд ва дар байни системаи мураккаби муносибатҳои шахсиву ҷамъиятӣ инкишоф меёбад. Муносибатҳои аввалин бо ҳама хусусиятҳои шаклгирӣ ва инкишофаш интериоризатсия мешавад ва таъсири муҳимро ба ҳаёти минбаъдаи шахс мегузорад. Бо ҳамин роҳ гузашта дар ҳозира инъикос меёбад (зинда мешавад) ва бисёр вақт предмети кори на танҳо тадқиқотҳои корҳои илмӣ инчуни ҳуҷраҳои психологҳои амалӣ мешавад. Дар баробари ин аҳамияти махсусро на танҳо хусусиятҳои шаклгирии ин муносибатҳо, балки ҷудошавии онҳо низ, ки ба кандашавии қатъии алоқа оварда мерасонад, доро мебошад. Зуҳуроти

сепаратсияи психологӣ феномени муҳими муносибатҳои байнишахсӣ ба ҳисоб меравад, ки тағйирёбии онҳоро дар раванди инкишофи табиӣ ифода мекунад.

Нақши оила дар раванди сепаратсияи писарон/духтарон аз волидайн аҳамияти калон дорад. Типи боэътимоди дилбастагӣ ба волидайн, фаъолияти мутаносиби оила ҳамчун як система, хислатҳои мусоиди оила, аз қабили аз тарафи волидайн қабул намудани калонсолии фарзандон, наздикии эмотсионалӣ, муошırати боваринок ба гузаштани оптималии сепаратсияи психологӣ мусоидат мекунад.

Ҷ. Хоффман дар асоси ақидаҳои психоаналитикӣ дар бораи сепаратсия (М. Малер, П. Блос) модели сохтории сепаратсияи психологӣ аз волидонро дар давраи навҷавонӣ таҳия кардааст (Хоффман, 1984), ки шакли сепаратсия, инчунин қисматҳои когнитивӣ, аффективӣ ва рафтории сепаратсияро дар бар мегирад. Шакли сепаратсия дараҷаи ифодаи ҳиссиёти манфӣ ва/ё амбивалентии писарон/духтаронро дар вазъияти ихтилоф бо волидайн дар доираи васеъ - аз манфии аниқ (биёед, ин қутбро - «шакли ихтилофноки сепаратсия » меномем) то набудани ҳиссиёти пурраи манфӣ ва/ё амбивалентии писарон/духтарон инъикос мекунад, (ин қутбро - «шакли мувофиқи сепаратсия (неконфликтный, гармоничный стиль сепарации) меномем). Хусусияти «шакли сепаратсия», дар асл, хусусияти аффективӣ дорад. Қисмати маърифатии сепаратсия дараҷаи фарқияти ақидаҳо ва нигоҳ ба олами писарон/духтарон ва волидонро инъикос мекунад. Қисмати аффективӣ сатҳи талаботи ҷавононро ба дастгирии эмотсионалӣ ва ризоияти волидайн арзёбӣ мекунад. Қисмати рафтории сепаратсия қобилияти писар/духтарро барои мустақилона қабул кардани қарорҳо ва интихоби пурмазмун тавсиф мекунад. Дар тадқиқоти худ мо модели Ҷ. Ҳоффманро истифода бурдем, ки он на танҳо ба

таври васеъ маълум аст, балки дар тадқиқоти сепаратсияи психологӣ аз волидайн дар давраи ҷавонӣ дар фарҳангҳои гуногун дар давоми се даҳсолаи охир исбот шудааст.

Зарурати омӯзиши сепаратсияи психологӣ аз волидайн дар давраи ҷавонӣ бо талаботи амалӣ будану, нокифоя будани маводҳои назариявии масъала хусусан Ватанӣ ва инчунин дар давлатҳои собиқ иттиҳоди Шӯравӣ мебошад. Тадқиқотҳои дохилӣ, ки ба омӯзиши хусусиятҳои сепаратсияи психологӣ аз волидайн дар марҳилаи ҷавонӣ равона шудаанд, ба мо маълум нест. Вобаста ба ин, мавзӯи тадқиқоти мо хусусиятҳои сепаратсияи психологӣ аз волидон дар давраи ҷавонӣ ва омилҳои оилавӣ (муносибат бо волидон; хусусиятҳои фаъолияти оилаи волидайн ҳамчун система) ва таъсири он ба мустақилияти ҷавонон мебошад.

Бо мақсади муайян намудани дараҷаи сепаратсия аз волидайн дар ҷавонон мо тадқиқоти худро бо ҷавонони хоҳишманди шаҳри Душанбе, ки дар донишгоҳҳои гуногун таҳсил мекунанд гузаронидем ва хостем фарзияи тадқиқотамонро санҷида бароем. Дар тадқиқоти мо ҳамагӣ 36 нафар 18 нафар ҷавондухтарон ва 18 нафар ҷавонписарони синну соли 18-22 сола иштирок карданд. Бо сабаби характери шахсӣ доштани саволҳо ва инчунин барои объективияти ҷавобҳои озмудашавандагон, қайд кардани ному насаби онҳоро муҳим нашуморидем. Озмудашавандагон саволномаҳоро бе қайди ному насабашон пур карданд. Вақти масрафшуда барои пур кардани саволномаҳо 1-1,5 соатро ташкил кард.

Дар тадқиқот аз методҳои зерин истифода бурда шуд: таҳлили назариявӣ, методологӣ ва муқоисавии мафҳумҳои илмӣ ва сарчашмаҳои илмӣ; методи пурсиш, ки бо он маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ мувофиқи мақсадҳои тадқиқот ҷамъоварӣ карда шуд ва инчунин саволнома барои чен

кардани сепаратсияи психологӣ аз волидайн Psychological Separation Inventory (PSI; Hoffman, 1984) [6, с-170-177] истифода бурда шуд.

Саволномаи PSI баҳоҳои тафриқавии муносибат бо модар (N=) ва муносибат бо падар (N=)-ро медиҳад. Бояд гуфт, ки 1 нафар дар бораи муносибаташон бо падарашон посух надоданд, ки аз оилаи нопурра (ҷудошуда) мебошад. Ду роҳи таҳлили маълумоте, ки бо истифода аз саволномаи PSI гирифта шудааст, вуҷуд дорад, ки муаллифи саволнома Ҷ.Ҳоффман пешниҳод кардааст. Роҳи аввал таҳлили маълумот оид ба чор шкалаи сепаратсия (СТ, А, К, Р), яъне,  дар чор ҷадвали PSI, ки хусусияти сепаратсияи писарону духтаронро аз волидони худ дар якҷоягӣ инъикос мекунад. Тарзи дуюми таҳлил таҳқиқи сепаратсия дар муносибат бо модар (чаҳор шкала) ва таҳқиқи сепаратсия дар муносибат бо падар (СТ, А, К, П) мебошад. Дар таҳлили маълумоти тадқиқот, мо варианти таҳлили сепаратсияи донишҷӯён аз волидони онҳоро ҳамчун ҷуфт интихоб кардем.

Таҳлили маълумотҳои бадастовардашуда имкон дод, ки тағйироти васеъи сепаратсияи психологии донишҷуёнро аз волидонашон дида шавад. Барои омӯзиши вариантҳои гуногуни сепаратсияи психологии писарону духтарон аз волидон, мо бо истифода аз таҳлили кластерӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои сепаратсияи психологи аз волидайн PSI донишҷӯёнро ба 5 гурӯҳ  тақсим кардем [1, с-35-40].

Гурӯҳи якум - (бо волидайн пайванд) 8 нафар. (22%) - писарону духтаронеро дар бар гирифтааст, ки ҷавобҳояшон аз монанд будани ҷаҳонбиниашон бо ҷаҳонбинии волидонашон шаҳодат медиҳад. Нафарони ба ин гурӯҳ шомилшуда ба муносибатҳои аз ҷиҳати эмотсионалӣ наздик ва дастгирии волидонашон эҳтиёҷи зиёд доранд. Онҳо волидони худро дӯсти беҳтарини худ меҳисобанд. Онҳо дар худашон шубҳа

доранд, ки оё метавонанд дар вазъиятҳои душвор бе кӯмаки модар ва ё падарашон мубориза бурда тавонанд. Донишҷӯёни ин гурӯҳ, ба ҳисоби миёна, хеле кам барои мустақилона қарор қабул кардан ҷуръат мекунанд, аз ин рӯ онҳо зуд-зуд барои маслиҳат ба волидонашон муроҷиат мекунанд. Иштирокчиёне, ки ба ин гурӯҳ дохил карда шуданд, дар муносибат бо волидайни худ ҳангоми гуногунии фикру ақидаҳо хеле кам ҳиссиёти манфӣ ва/ё амбивалентиро ҳис мекунанд. Намунаи якумро "ба волидайн пайванд" номидем.

2) Гурӯҳи дуюм - (бо роҳнамои волидайн амалкунанда) 7 нафар. (20%) - аз донишҷуёне иборат аст, ки фикру ақидаашон аз ақида ва эътиқоди волидайнашон хеле фарқ мекунад. Дар ҷараёни сепаратсияи психологӣ аз волидайн писарон ва духтарон дар ҳолатҳои норозигӣ бо волидонашон хеле кам ҳиси гунаҳкорӣ, шарм ва хашмро ҳис мекунанд. Ҳамзамон дар ҳолатҳои душвор онҳо нисбат ба гурӯҳҳои сеюм, чорум ва панҷум ба дастгирӣ ва таҳсини эмотсионалӣ бештар ва нисбат ба гурӯҳи якум бошад камтар ниёз доранд. Онҳо ҳангоми қабули қарорҳои масъулиятнок, интихоби муҳим ба андешаи модар ва падар такя мекунанд. Намунаи дуюмро «бо роҳнамоии волидайн амалкунанда» меномем.

3) Гурӯҳи сеюм - (бо волидайн исёнкунанда) 9 нафар. (25%) - донишҷӯёне дохил карда шуданд, ки ҷавобҳои онҳо дар муқоиса бо намояндагони гурӯҳҳои якум, дуюм, чорум ва панҷум бо волидайн дар раванди муносибатҳои зидду низоъдор қарор доранд. Ин озмудашавандагон нисбат ба писарону духтарони гуруҳҳои якум ва дуюм дар вазъиятҳои душвор бештар ба захираҳои худ такя мекунанд. Онҳо дар муқоиса бо донишҷуёни гурӯҳҳои якум ва чорум фарқияти ақидаҳои худ ва ақидаҳои волидони худро бештар тасдиқ мекунанд. Дар муқоиса бо иштирокчиёни гурӯҳҳои якум ва дуюм, дар соҳаи рафтор, озмудашавандагон мустақиланд ва ба

маслиҳати волидайн эҳтиёҷ надоранд. Намунаи сеюми сепаратсияи психологӣ аз волидон дар ҷавонон "бо волидайн исёнкунанда (исёнгарон)" номида мешавад.

4) Гурӯҳи чорум, - (худқаноатмандбуда) 6 нафар, (16,5%) - донишҷӯёне буданд, ки дар муносибат бо волидайни худ дар ҳолҳои ихтилофи ақидаҳо хеле кам ҳиссиёти манфӣ ва/ё амбивалентиро ҳис мекунанд. Афкору нуқтаҳои назари пурсидашудагон то андозае ба ақидаҳои волидайн монандӣ доранд, аммо дар баъзе ҷиҳатҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин донишҷӯён нисбат ба писарон ва духтарони гурўҳҳои якум, дуюм ва сеюм дар вазъиятҳои душвор бештар ба захираҳои худ такя карда метавонанд (ба таври назаррас ба дастгирии эмотсионалӣ ва ризоияти падару модари худ ниёз надоранд). Ин озмудашавандагон нисбат ба донишҷуёни гуруҳҳои якум, дуюм ва сеюм бештар мустақилона қарорҳои муҳим қабул мекунанд ва интихоби озод мекунанд. Намунаи чорум «худқаноатмандбуда» номида шуд.

5) Гурӯҳи панҷум - (аз волидайн дурбуда) 6 нафар. (16,5%) - озмудашавандагонеро дар бар мегирад, ки ҷавобҳои онҳо дар муқоиса бо дигар гурӯҳҳо дараҷаи хеле баланди сепаратсияи психологиро аз волидайн аз рӯи шкалаи «қисмати аффективии сепарастсия», «қисмати маърифатии сепарасия» ва «қисмати рафтории сепарастсия»-ро ба даст овардааст. Натиҷаи бадастомада аз дараҷаи баланди мустақилияти озмудашавандагон дар қабули қарорҳои масъулиятнок, қабули интихоби оқилона шаҳодат медиҳад. Ҷаҳонбинии донишҷуён нисбат ба гурӯҳҳои дигар аз ақида ва нуқтаи назари волидонашон фарқ мекунад. Донишҷӯёни гурӯҳи 5 розӣ ҳастанд, ки ба муносибатҳои эмотсионалии наздик ва дастгирии волидонашон эҳтиёҷ надоранд. Дар вазъияти душвор ба худ, ба захирахои худ такья мекунанд. Писарон ва духтарони пурсидашуда дар ҷараёни сепаратсияи психологӣ аз волидонашон ҳиссиёти манфӣ ва/ё амбивалентиро хеле кам ҳис мекунанд, ки бо зуҳуроти эҳтимолии назорати аз ҳад

зиёди волидон алоаманд бошад. Намунаи панҷумро «аз волидайн дурбуда» номидем.

Рӯй овардан ба ин масъала аз сабаби набудани маводҳо доир ба ин масъала ва мавриди барраси қарор нагирифтани сепаратсияи психологӣ аз волидайн аз ҷониби олимони соҳаи психологияи кишварамон мебошад. Дар ҳоле ки дар психологияи хориҷӣ ин масъала дар тӯли зиёда аз сӣ сол ба таври васеъ омӯхта мешавад. Маълумотҳои ба дастовардашуда гетерохронияро дар татбиқи қисмати аффективӣ, когнитивӣ ва рафтории сепаратсия аз волидон дар ҷавонон нишон дод. Қисмати рафтории сепаратсия пеш аз вақт ба амал меояд, дар ҳоле ки қисмати аффективиаш дер ба амал меояд.

Дар тадқиқоти мо аз руи саволномаи PSI панҷ шакли сепаратсия аз волидайн: «бо волидайн пайванд», «бо роҳнамои волидайн амалкунанда», «бо волидайн исёнкунанда», «худқаноатмандбуда», «аз волидайн дурбуда» муайян карда шуд, ки ин навгонӣ дар кори мо буд. Аз нуқтаи назари мо, тақрибан 17% -и донишҷӯён нишондиҳандаи оптималии варианти сепаратсия («худқаноатмандбуда»)-ро доранд, ки ин мураккабии объективи доштани сепаратсияи психологи аз падару модарро дар давраи ҷавонӣ тасдиқ мекунад. Барои муайян кардани он, ки намунаҳои ҷудокардаи мо устувор ҳастанд ё не бояд омӯзиши лонгитюди гузаронд, ки ин метавонад яке аз самтҳои имконпазари тақиқотҳои оянда гардад.

Муносибат бо волидон дар раванди сепаратсияи психологӣ аз модар ва падар дар давраи ҷавонӣ нақши муҳим мебозад. Ҳамин тавр, мо нишон додем, ки муносибати наздики эмотсионалӣ, муоширати кушоду, боварибахш бо волидон, («навъи наздики муносибат») ба бомуваффақият гузаронидани раванди сеапаратсияи психологии писарону духтарон аз волидон мусоидат мекунад.

Дар кори психотерапевтҳои оилавӣ, мисолҳои таҷрибаи психотерапевтии инфиродие мавҷуданд, ки таъсири сеапаратсияи нопурра аз волидонро ба фаъолият ва ҳаёти

оилавӣ меомӯзад. Яке аз самтҳои эҳтимолии тадқиқот метавонад омӯзиши вижагиҳои сепаратсияи калонсолон аз волидони онҳо бошад, ки фаҳмиши омилҳо ва шароитҳои ба ҳалли мушкилот мусоидат кунандаро васеъ мекунад.

Ҳамчунин як набудани раванди гузаштани ҳамаи қисматҳои сепаратсияи психологӣ аз волидон дар раванди тадқиқот исбот шуд: қисмати рафтории сепаратсия бо хусусияти пешбаранда фарқ мекунад, қисмати аффективии сепаратсия бошад, дер ба даст оварда мешавад.

**Рӯйхати адабиёт**


1. Дзукаева В.П. Паттерны психологической сепарации от матери у студентов колледжей в связи с функционированием родительской семьи / В.П. Дзукаева // Среднее профессиональное образование, 2015. -№5. -С. 35-40.
2. Дзукаева В.П. Психологическая сепарация от родителей в юношеском возрасте: эволюция теоретических представлений и примеры современных исследований / В.П. Дзукаева // Вестник Северо-Осетинского государственного университета имени К.Л. Хетагурова. Общественные науки, 2015. -№2. -С. 71-76.
3. Малер, М. Процесс сепарации-индивидуации и формирование идентичности / М. Малер, Дж. Б. Мак-Девитт // Журнал практической пси- хологии и психоанализа. - 2005. - № 2. - htpp://psyjournal.ru/j3p/20050209/
4. Bowen, M. The Emotional System in Family Evaluation / M. Bowen, M. Kerr. - M.E.N-Y: Norton & Company, 1988.
5. Hoffman J. A., Weiss B. Family dynamics and presenting problems in col- lege students // Journal of Counseling Psychology. 1987. Apr. V. 34 (2). P. 157-163.
6. Hoffman, J.A. Psychological separation of late adolescents from their parents / J.A. Hoffman // Journal of Counseling Psychology. - 1984. - 31. - P. 170 -178.

**Дидавар БЕКЗОДА**
*ходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

## ХИДМАТИ МОДАР
### (Ҳикоя)

Дӯстон дар қаҳвахона нишастаанд ва дӯсташонро интизоранд. Қаҳвахона дар маркази шаҳр ҷойгир аст. Ҳар рӯз ба ин қаҳвахона одамон аз гирду атрофи маркази шаҳр меоянд. Ин қаҳвахона бо қаҳваҳояш дар кишвар машҳур гаштааст. Аз ин сабаб дӯстон барои қаҳванушӣ ба инҷо омаданд. Онҳо як дӯсташонро, ки дер карда буд, интизор буданд.  Яке аз онҳо, ки Фарангис ном дошт, дӯсти деромадаашонро дида гуфт:

–Шариф чаро дер кардӣ? Мо туро аз дер боз интизорем?

–Ростӣ, як масъалаи муҳим пеш омад, -- гуфт Шариф.

Ёсуман ба Шариф нигариста гуфт:

Тинҷӣ буд?

Дар ин лаҳза, пешхизмат -- духтари ҷавоне, ки чашмону мӯйҳои сиёҳ дошт, ба назди онҳо омаду ба суҳбаташон музоҳим шуда, бо тамкини ба худ хос гуфт:

-Шумо чи мефармоед? Лутфан, арз доред?

–Барои мо чаҳорто  оби мева биёред, -- гуфт Фарангис.

Пешхизмат фармоишро дар дафтарчааш сабт карда оромона идома дод:

–Чизи дигаре майл надоред?

–Ташаккур, ҳангоми зарурат ҳатман шуморо фаро мехонем, -- гуфт Ёсуман.

Шариф оҳи сарде кашиду дар мақоми як қиссапардоз ба сухан даромад:

–Ман дирӯз ва имрӯз ба дидори як бемор рафта будам. Ӯ дар зиндагии ман таъсиргузор буд. Он кас як зани миёнаумр буд. Дар мактабе, ки мо мехондем, кор мекард. Он зани зебои қадбаланди сафед бо чашмони кабуд Лола ном дошт. Лола бисёр ҳам инсони мулоим ва ботаҳаммул буд. Вай дар ошхонаи мактабамон барои талабаҳо ва устодон хурок мепухт ва мо ҳамагӣ ӯро мисли модарамон эҳтиром мекардем, чунки ҳар синфе, ки мактабро хатм мекард, ҳамеша нону намаки ин занро хурда буд. Ман 8 сол мешавад, ки мактабро хатм намудаам ва хабардор гаштам, ки ин зан бемор шудааст. Ба хабаргирии ӯ рафтам. Дар беморхона бистарӣ буд. Ҳангоме ки дари утоқи ӯро кушода, ба утоқ даромадам, ӯро дар зери асбобҳои нафасдиҳии тиббӣ хобида дидам. Аз манзараи ҳазин дилам таҳ кашид ва саргаранг шудам. Хайрият ки маро духтур ҳамроҳӣ мекард вагарна ҳолатам ба ҳам мехурду мувозинатро гум карда, меафтидам. Сипас бо духтур каме суҳбат кардем, ки ногаҳон ин зан чашмонашро оҳиста-оҳиста кушодан гирифт ва аз хоб бедор шуд. Чашмонашро кушод ва ман ба наздаш рафтам. Худамро шинос кардам ва ӯ маро шинохт. Дар лабонаш табассум ҳувайдо гашт. Баъди чанд лаҳзае ашк дар чашмонаш ҷорӣ гашт.

Худро дошта натавониста, дар ҳоле ки оби даҳон гулӯгирам мекард, гуфтам:

--Холаҷон, салом, Шумо хуб ҳастед?!

Ӯ бошад ба ман менигаристу ашки чашмонаш аз рухсораҳояш ҷорӣ мешуданд. Ман дасташро гирифта садо дардодам:

---Модар, ман ба дидани ту омадаам..

Дар симои модари хаставу бемор асари шодию нишотро эҳсос кардам ва ӯ ба сухан даромад:

–Ман шодам, ки туро мебинам. Аз ин ки ба назди ман омадӣ, миннатдор ҳастам, писарам. Писарам ҳолам хуб нест. Намедонам, чанд рӯзи дигар зинда мемонам. Ман ба назди писарам меравам. Ҳар оғозеро анҷомест ва ман фикр мекунам, вақти рафтан расидааст.

Ман, ки аз ҳолати ноҷури бемор ғамзада шуда будам, афзудам:

–Хола, Шумо қавӣ ва солим ҳастед ва имрӯзу пагоҳ шуморо ҷавоб медиҳанд, ба хона бармегардед.

–Не писарам, ҳар чиз вақти худро дорад ва ман фикр мекунам, ки имрӯз вақти рафтанам расидааст, -- оҳи сарде баркашида гуфт Лола.

Дасти модарро гирифта, самимона ламс кардам ва базӯр ғаму андуҳи худро пинҳон дошта, гуфтам:

--Эй холаҷон, ин тавр нагӯед, Шумо хуб мешавед. Шумо ҳоло ҷавонед ва ҳамааш хуб мешавад.

–Туро дидам, Амин писарам, ба ёдам омад. Ёд дорам, ки Шумо чи гуна ҳамроҳ дар саҳни мактаб бозӣ мекардед. Хотироти кӯдакии Шумо пеши назарам меояд, ки шумо синфи якум мехондед ва ман дар ошёнаи дуюм хурок мепухтам ва аз тиреза шуморо нигоҳ мекардам, ки дар саҳни мактаб бо туп бозӣ мекардед. Ҳоло ки туро дидам, дубора он хотираҳо дар зеҳнам зинда шуданд, -- гуфт модари хаставу бемор Лола.

–Бале, холаҷон. Амин, воқеан писари нотакрор буд, ҷасур, далер ва нотарс. Бояд иқрор шавам, Амин, аз ҳамаи мо дӯстон дида шиновари моҳир буд. Ҳеҷ кас аз мо ҳамсинфон ба андозаи ӯ шиновар набудем. Дӯстии мо ҳамеша пойдор монд. То охир мо дӯст будем ва ҳеҷ гоҳ бо ҳам даъвое низ надоштем. Аммо ростӣ, ҳодисае, ки Амин дар садама ба ҳалокат расид, ҳамаи моро маҳзун гардонд. Холаҷон, шумо барои мо

талабаҳои мактаб мисли модар будед ва ҳастед. Мо ҳамеша нону намаки Шуморо хурдаем. Он нону намаке, ки Шумо барои мо додаед, ҳамеша пос медорем. Ман аз ҷониби худам ба Шумо ташаккур мегӯям, бобати ҳамаи заҳматҳоие, ки Шумо дар ин ёздаҳ сол барои ман ва ҳамсинфонамон кашидаед, миннатдорам.

–Ҳеҷ гап нест, писарам. Шумо ҳамаатон барои ман мисли фарзандонам будед ва ҳастед. Ман ягон маротиба Шуморо аз фарзандони худ кам надонистам. Ман аз омадани ту хурсанд шудам. Ту имрӯз нагузоштӣ, ки ман набудани Аминро ҳис кунам. Орзуи ман ин аст, ки ҳамеша тансиҳат ва муваффақ бошӣ, -- гуфт Лола.

Дар ҳоле ки гиря гулӯгирам мекард, рӯйи худро аз модари маҳзуну бемор пинҳон дошта, дилбардорӣ кардам:

–Ташаккур холаҷон, Шумо барои мо мисли модар ҳастед. Ман дар симои Шумо модари худро мебинам. Агар орзуи Шумо нисбати ман ин бошад, чунин меҳисобам, ки орзуи модарам низ ин аст.

Дар ин лаҳза буд, ки дуто ҳамшираҳои шафқат омаданд ва гуфтанд, ки мебахшед, ҳоло вақти гузаронидани дору аст. Агар иҷозат бошад, моро танҳо гузоред, то беморро дору гузаронем.

–Хуб, хола майлаш, ман ҳамин наздикиҳо ҳастам ва Шуморо мебинам,- гуфтам.

–Саломат бошӣ, писарам, миннатдорам ки омадӣ, -- гуфт Лола.

Сипас ман аз утоқ ба берун баромадам ва духтурон ба доругузаронӣ оғоз карданд.

Қиссаи Шариф ба ин ҷо расида буд, ки ҳамнишинаш Ёсуман пурсид:

–Имрӯз он зан чи ҳол доранд?

–Ҳоло ман аз беморхона меоям. Имрӯз ба дидани холаи Лола рафтам, ки гуфтанд, имшаб ногаҳон фишораш баланд шуда, дар давоми ним соат вафот кардааст. Мо ба утоқи духтур рафтем ва суҳбат доштем, аз ин сабаб, каме дер кардам, -- гуфт Шариф.

–Духтур дар ин масъала чи гуфт? – илова намуд Фарангис.

Шариф андаке сукут варзид ва пасон ба сухан идома дод:

–Духтур дар бораи бемории ин зан суҳбат кард ва гуфт, ки фишор сабаби марги ин зан гаштааст. Ва суҳбати мо дар бораи марг рафт ва ман аз духтур пурсидам, ки Шумо дар бораи марги ин зан сухан гуфтед, фаҳмо, аммо дар бораи худи мафҳуми марг чи мегӯед. Марг, ба назари шумо чист?

Духтур аз ин навъ суолгузорӣ, аввал як кам дасту по хурд, баъдан ба худ омада, аз чунин ранг гирифтани суҳбат қаноатманд гардида, мутафаккирона ба илман асоснок кардани ҷавоби худ шуруъ кард:

–Мебинам, Шумо ба масъалаҳои тиббӣ шавқ доред аз ин сабаб ба Шумо кушоду равшантар мегӯям. Марг ин қатъшавӣ ё қатъи пурраи равандҳои биологӣ ва физиологии бадани инсон аст. Дар тиб маргро илми танатология меомӯзад. Дар тиб аксар вақт дар бораи ду шакли марг суҳбат мекунанд, ки яке марги клиникӣ ва дигаре марги биологӣ аст.

Якум, марги клиникӣ чунин шакли марг аст, ки тамоми фаъолияти узвҳо қатъ мегардад, аммо дар ин ҷо як имтиёз ҳаст ва ба зиндагӣ баргардонидани бемор вуҷуд дорад. Агар ин марҳиларо бо дақиқа чен кунем, ин марҳила аз 5 то 7 дақиқаро дар бар мегирад ва пас аз ин марҳила марги ҳақиқӣ ё марги биологӣ ба вуҷуд меояд. Ҳангоми марги клиникӣ фаъолияти дил ва нафаскашӣ қатъ мегардад ва бемор ба комаи амиқ меравад. Шуури инсон қариб як лаҳза хомуш мешавад. Чунки дар ин ҳолат майнаи сари инсон оксиген намегирад ва норасоии оксиген ба вуҷуд меояд. Бояд гуфт, ки дар ин ҳолат

инсон ҳанӯз ҳам зинда аст. Баъди аз кор мондани дил, 2-7 сония ба табибон имкон медиҳад, ки инсонро аз марг наҷот диҳанд. Тақрибан баъди 3 дақиқа пас аз қатъ шудани нафас, марги ҳуҷайраҳо дар кортеки мағзи сар оғоз мешавад, ки онро мо табибон декортикатсия меномем. Декортикатсия, яъне аз байн рафтани пурра ё қисмани мағзи сарро меноманд. Мухтасар бигӯям, ки кортекси мағзи сар аз қабати тунуки моддаи хокистаранг иборат аст, ки сатҳи мағзро мепӯшонад. Қишри мағз, маркази бисёре аз иттилооти иродии бадан ва маркази фаъолияти иттилоотӣ-ҳиссӣ дар мағз аст. Баъди якчанд дақиқа ҳуҷайраҳо дар таламус [5] (thalamus), гиппокамп [6] ва нимкураи мағзи сар ба мурдан шуруъ мекунанд. Бояд гуфт, ҳолате ки майна нейронҳои кориро комилан аз даст медиҳад, десеребратсия номида мешавад ва онро метавон бо марги биологӣ муқоиса кард. Бояд қайд кунам, ки ба зиндагӣ баргардонидани инсон баъди десеребратсия мумкин аст, аммо инсон бояд тамоми умр дар зери вентелятсияи сунъии шуш ва дигар корҳои ба ин монанд боқӣ монад.

Метавон гуфт, ки дар айни замон бо ёрии гипотермия, яъне сардкунии сунъии бадан, давомнокии марги клиникиро то 2 соат зиёд кардан мумкин аст. Аммо аз 3 то 4 дарсади бемороне, ки марги клиникиро аз сар гузаронидаанд, ба зиндагии маъмулӣ бармегарданд ва аз ягон ихтилоли равонӣ ранҷ намебаранд. Боқимондаҳое, ки эҳё мегарданд,

[5] Таламус-органи марказиест, ки барои паҳн намудани ҷараёни иттилоот масъул аст. Ё агар ба таври дигар гӯем, вазифаи асосии таламус интиқол додани сигналҳои моторӣ ва сенсорӣ-ҳиссӣ ба кортекси мағзи сар аст. Барои мисол, дар кӯдакон, таламус дар қисми марказии майнаи сари инсон ҷойгир аст ва аз бадани инсон паёмҳои ҳиссӣ, ба монанди ламс карданро қабул мекунад ва паёмҳоро ба қисми мувофиқи майнаи сар мефиристад то тафсир шаванд.

[6] Гиппокамп-дар муттаҳидсозии иттилоот аз хотираи кӯтоҳмуддат то хотираи дарозмуддат...нақши муҳим дорад.

ҷароҳатҳои гуногуни майна пайдо мекунанд. Аммо аксарияти кулли беморон дар ин ҳол мемиранд, -- гуфт духтур.

–Воқеан, ин тааҷҷубовар аст. Ман то ҳол дар бораи ин чизҳо фикр накардаам,-- ба духтур гуфтам ман.

Шариф як кам сукути маънидорона кард ва дар ин дам Фарангис ба гап ҳамроҳ шуд:

–Ман низ дар бораи он ки ҳангоми марги инсон дар бадани ӯ чи протсессҳо мегузаранд, намедонистам.

–Ҳар инсоне, дар зиндагиаш ба як шуъле пайваст аст. Ва дар он роҳ меравад. Аммо ин зан тамоми зиндагии худро сарфи пухтани хурокҳо баҳри талабагон, устодон ва кормандони мактаби миёна намуда буд. Ман борҳо ба наздашон ҳамроҳи дӯстонам мерафтам. Ӯ бисёр хурокҳои болаззат пепухт. Боре ёдам аст, ки мо хатмкунанда будем, яъне синфи 11. Рафтем ба ошхонаи мактаб. Холаи Лола барои мо хурок овард. Чун маълум буд, ки мо ҷавон будем, парвои ҳеҷ чизро надоштем. Бо ҳам нишаста суҳбат мекардем, механдидем ва намедонистем, ки зиндагӣ печутобҳои гуногун дорад, -- давом дод Шариф.

Дар ин лаҳза дар болои миз рӯзномае гузошта шуда буд ва Шариф чашмаш ба он бархурд, ки дар салавҳаи яке аз мақолаҳои ин рӯзнома навишта шуда буд: "Бурд чист ва бохт чист?"

Шариф гуфт:

–Дӯстон медонед, сарлавҳаи ин мақоларо дидам, як сухани ин зан ба ёдам омад, ки лаҳзае дар мавқеи бозӣ кардан писараш ғамгин шуд ва гуфт: модар ман дар бозӣ бохтам. Ҳамон лаҳза ман ҳамроҳи Амин будам ва модараш ба Амин гуфт:

–Шикаст аз касоне аст, ки бетафовут иҷоза медиҳанд зеҳнияти шикаст дар онҳо нуфуз кунад. Аз ин сабаб, ҳеҷ гоҳ

иҷозат надеҳ, ки афкори шикастхурдагӣ дар зеҳни ту ҷой гирад.

Сипас ба дӯстон, пешхизмат обмева ва хурок оварду онҳо нишаста дар бораи аҷоиботи зиндагӣ бо ҳам суҳбат карданд.

Ин буд қиссаи як зани пок, ки қалби беолоиш дошт. Зане буд, ки танҳо ба ҷуз аз некӣ ба толибилмони мактаби миёна коре накарда буд. Аз суханҳояш меҳру муҳаббати модарӣ meборид. Талабагон ҳузури ин занро дар мактаб фоли нек медонистанд. Садҳо инсонҳо мемиранд, танҳо номи касоне дар зиндагӣ боқӣ мемонад, ки некӣ пешаи онҳо будааст ва барои мардум як умр некӣ кардаанд. Хулоса, ин буд яке аз қиссаҳои мактабии мо, ки гумонам, ҳеҷ толибилми мактаб онро фаромӯш накардааст.

## ПАЁМИ МАНЗУМ

**Комил БЕКЗОДА**
*шоир*

# ШОИРИ БЕДОР МЕОЯД!



Азизон, муждагонӣ, шоири бедор меояд,
Дар иқлими сухан як фарди нотакрор меояд.
Ба лутфе навбаҳорӣ номи ӯ пурсидам аз тундар,
Ба бонге оташин гуфто: "Магар Бозор меояд?!"
Саволи хеш пурсидам зи дарё, гуфт бо тамкин:
"Савори мавҷи шуҳрат ҷониби дилдор меояд".
Уқобон парфишон гуфтанд дар посух ба ин пурсиш:
"Чу анбоз аст ӯ бо мо, сӯйи кӯҳсор меояд".
Замини мардхези Тоҷикистон бо таҳаммул гуфт:
"Бари ёрони ҳаммеҳан бародарвор меояд".
Мусофир гашт шоир, муддате аз мулки аҷдодӣ,
Кунун аз кишвари ғурбат ба сад озор меояд.
Мазористони Файзобод гуфто: "Шоядо Устод,
Пайи як каф дуову охирин дидор меояд".
Шунида ин хабарро аршиён гуфтанд бо тардид:
"Ба ҳар сурат зи кори хокиён безор меояд?!"

**Алии Муҳаммадии ХУРОСОНӢ**
*шоир*

## АЗ ДАФТАРИ РУБОИЁТ

Аз роҳи вафою дӯстӣ меоем,
Бар дӯст, агар расид, дил бикшоем.
Дар ваҳдату дар ҳамраҳию якҷоӣ,
Дӣ қатра ба ман гуфт, ки мо дарёем!

Дар зиндагӣ якраҳию як рӯ дорӣ,
Бо луқмаи поки худ такопӯ дорӣ.
Ҳам душману ҳам дӯст ба овози баланд
Гӯянд: – Хушо, ки об дар ҷӯ дорӣ!

Аз киштаи ман агар маро суде ҳаст,
Бо сад ҳавасу ба дилкушодӣ даравам.
Аз ҳосили заҳматам агар хор расад,
Чун шод бихезаму ба шодӣ даравам!

Ин зиндагӣ аз ҷӯшу хурӯши ману туст,
Ҳар зарбаи чаккушаш ба гӯши ману туст.
Аз кардаи рафтагон агар баҳраварем,
Нокардаи рафтагон ба дӯши ману туст!

Огоҳ шавам то зи димоғи дили ту,
Оҳиста баромадам суроғи дили ту.
Пеш ову намо ҳусну ҷамоли малакӣ,
Ман сайр кунам даруни боғи дили ту!

Гӯем, ки ин маҳфили мо беҳамтост,
Дар ҳастии худ кирои ҳар ду дунёст.
Ғофил, ки ду кӯча дуртар з-ин кӯча
Як базми нишоти дар шаҳомат болост!

Чун ғофили қавму ҷамъи авлоди худӣ,
Ғофил зи худ астию зи бунёди худӣ.
Оре, дуҳазор бор ғофилтар ту,
Аз додаву нододи Худододи худӣ!

Рав, соати вақтро бикун садпора,
Ин даври куҳан вале-к гардон монад.
Дар кӯраи сина номаамро сӯзӣ,
Хокистари он ҳамеша сӯзон монад!

Гӯянд ҳама ситорагон меафтанд,
Бо рафтани тан, рафтани ҷон меафтанд.
Не, не, на ҳама ситорагон меафтанд,
Танҳо, танҳо зи нокасон меафтанд!

Аз ақл нагирӣ кор, пайдо сӯзад,
Имрӯз агар на, дон, ки фардо сӯзад.
Дон, шир биҷӯшад ба замин модари дахр,
Дарё хушкад, хоки ду дунё сӯзад!

Ман софии пок мемакам, медонам,
Аз синаи ток мемакам, медонам.
То хуни маро хок макад охири кор,
Хуни дили хок мемакам, медонам!

З-ангур надонам чӣ қадар охтаанд,
Бар хумми танам шароб андохтаанд.

То колбади касон ба май н-олоям,
Аз тахтаи ток тобутам сохтаанд!

Ҳарчанд, ки дар замона бозорам нест,
Садбарг кучо, дастагули хорам нест.
Бо шаҳдзабонон шабу рӯзам бедор,
Бо туршравон маҷоли гуфторам нест!

Дидам, ки аҳори рӯйи ҷонон рафта-ст,
Сабзинабаҳори рӯйи ҷонон рафта-ст.
Худ хеста сӯйи ойина раҳ бурдам,
Аз дида хумори рӯйи ҷонон  рафта-ст!

Ай дилбари дерина, чӣ мегӯйӣ ба ман,
Ай маскуни дар сина, чӣ мегӯйӣ ба ман?!
Дӣ рафтӣ, дигар ҳазор солам нарасӣ,
Ай тақвими порина, чӣ мегӯйӣ ба ман?!

То даст зи фитнаю дағо барнагирӣ,
Аз хӯрдани моли дигаро барнагирӣ.
Аз ғорати кисаи гадо барнагирӣ,
Аз марҳамату меҳри Худо бар  нагирӣ!

Як зумра сари кору вале бекоранд,
Дар паҳлуи моянду ба мо сарборанд.
Гӯянд ҳама ситора доранд, афсус
Дар зиндагӣ бефурӯғашон бисёранд!

Ин ғунчаи навшукуфта кошонаи гул,
Ин сабзаи навдамида парвонаи гул.
Дунё  зи замин то ба само гулборон,
Гулбонги баҳор дар сари шонаи гул!

Доно гӯяд, ки роҳ бар роҳ барад,
Бо азму субот то бари моҳ барад.
Ай бехиради кӯрдили шӯрмизоҷ,
Нодонии ту роҳи ту бар чоҳ барад!

Ман ҳақ гӯям, ту туҳматам бор кунӣ,
Ғавғову маҒал ба ҳадди бозор кунӣ.
Ман ҳақ гӯям, ту мушти каҷ бардорӣ,
Худро ба миёни ҷамъият хор кунӣ!

Дар даҳр аз он ки бас хато афтода-ст,
Дар баҳр ҳама ба нохудо афтода-ст.
Дӣ рӯбаҳакон чӣ корҳое карданд?
Имрӯз гунаҳ ба дӯши мо афтода-ст!

Як зумра пайи нафсу пайи дуллоранд,
Даллоли сари роҳу бари бозоранд.
Шарм аз худу аз Худо надоранд асло,
Ҷав киштаву гардуми дарав бардоранд!

Дӣ ҷон ба сари танам ҳамегашт давон,
Имрӯз танам ба дӯши ҷон бори гарон.
Аз шаст гузаштаму надонистам ман,
Аз шасти ҷавониям намонда-ст нишон!

Дар аҳду вафо касе ба мо менарасад,
Ҳар қадр давад басе, ба мо менарасад.
Хоҳам, ки касон баробари мо бошанд,
Аз нокасакон хасе ба мо менарасад!

Моем, ки коргоҳи даврон дидем,

Чарху дуки коргоҳ гардон дидем.
Ҳар кас зи барои худ ба чарх афтода,
Бар манфиате дастугиребон дидем!

Имрӯз, ки нокасон фузун аз пешанд,
Наздик ба бегонаву дур аз хешанд.
Аз рафтани умри кӯтаҳи худ ҳаргиз
Ёде накунанду низ ҳам н-андешанд!

Бо хидмати ҳақ ному нишон бояд дошт,
Бо заҳмати покиза забон бояд дошт.
Дар мулки касон ғарибу бечора машин,
То рафтан аз ин ҷаҳон ҷаҳон бояд дошт!

То зиндагӣ зинда дорадам аз ину он,
То ҳастаму дил метападу дорам ҷон,
Ман  гавҳари покизаи даргоҳамро
Ҳаргиз надиҳам бадавлати ҳар ду  ҷаҳон!

Бо бахилу лаим машин, ай дил,
Дона аз хонашон мачин, ай дил.
Рӯйи эшон зи хӯяшон бадтар,
Рӯйи ин зумраро мабин, ай дил!

Пухтаӣ, пухтатар бибояд буд,
Беҳтар аз пештар бибояд буд.
Дар миёни кулоҳдоронӣ,
Байнашон тоҷи сар бибояд буд!

Боло биравам, баланд бояд ҷоям,
Сар бар сари қуллаҳо гузорам поям.
Валлаҳ, ки баландпоя буд обоям,

Тақлиди баландпоягон бинмоям!

Оҳиста,  зи лашкаре шабехун хезад,
Оҳиста, агар  сел чу Ҷайҳун хезад.
Ҳаргиз зи кафат ба кас мадеҳ хокеро,
К-он ҷо ду ҳазор дона берун хезад!

Боло биравам зи абрҳои сари кӯҳ,
Бикшода шавад ба рӯйи роҳам дари кӯҳ.
Бар нафъи диёр – Тоҷикистони азиз
Сад халта бурун кашам зару зевари кӯҳ!

Ин чашмаю кӯҳ рӯду дарёи ман аст,
Ин гавҳари кӯҳ буду пайдои ман аст.
Олам бишавад сар зи сари кӯҳи баланд,
Ин кӯҳи баланд, гӯйӣ, дунёи ман аст!

Чун дар бағали ту зод модарҷонам,
Шодию ғамам ба гӯши ту мехонам,
Андар шумари бародарони ҷонӣ,
Ай кӯҳ, бародарӣ, бародарҷонам!

Дар кӯҳи баланд чукрию торон шав,
Дар паҳнаи дашт лолаи хандон шав.
Рав, сабза бишав, ҳусни Замин оройӣ,
Сабза нашавӣ, ба сабзаҳо борон шав!

Аз нокасии ду-се каси худ ноком,
Бар гӯши ҳушам расонд бегаҳ қосид.
Дарёчаи деҳа рӯзу шаб мехонад,
Мардони Худо, мард шавед, на ҳосид!

Аз нағмаву оҳанги замон панд бигир,
Аз сабзаву аз барги хазон панд бигир,
Аз нокасиҳои нокасон панд бигир,
Аз санги мазори рафтагон панд бигир!

Шодоб мабош ҳаргиз аз оби гила,
Бедор макун, азизи ҷон, хоби гила.
Бар дӯст, ки рафтаву фаромӯшат кард,
Ҳаргиз накушоӣ дари меҳроби гила!

З-ангур надонам чӣ қадар охтаанд,
Бар ҷоми танам шароб андохтаанд.
То тобути дигарон ба май н-олоям,
Аз тахтаи ток тобутам сохтаанд!

Гар дил бибарад, гузор дилдода барад,
Аз хонаи қуфли сина бикшода барад.
Ман бандаи ишқи пок он дам гардам,
Озоданигоҳе дили озода барад!

Гӯянд: – Ҳар он-ч аз ину он бояд гуфт,
Бо сӯзи дилу қимати ҷон бояд гуфт.
Лабрезтар аз ҷоми мусаффои шароб,
Ширинтар аз шаҳди забон бояд гуфт!

Ай дил, ба хаёли гулу сунбул ҳамаӣ,
Чун шона ғуломи зулфу кокул ҳамаӣ.
Аз бандаи ҳақпарасти ҳақгӯ бишунав:
– Дар банди тараққию таназзул ҳамаӣ!

Аз рафта зи даст ҳарфи «боз о» накунӣ,

Бо бехабарон баҳси дарозо накунӣ,
Чун дар дили худ надорӣ як оташаке,
Аз ҳеч касе варо тақозо накунӣ!

Маҳбуба баҳори рӯзгори дили мост,
Армоншикани бӯсу канори дили мост.
Дармону давобахши хумори дили мост,
Гарчи ҳама умр дар шикори дили мост!

Аз рӯзи азал ёр насибам будаӣ,
Ҳамқисмату ҳамдаму ҳабибам будаӣ.
Гар теғи аҷал ту бар рақибам будаӣ,
Ҳошо, ки ба ҷону дил табибам будаӣ!

Ҳаргиз, ки нигор кай туро ранҷонам,
Бероҳа куҷо зи аҳди худ по монам.
Ҳар гаҳ ба ту рӯ ба рӯ шавам, ай ҷонам,
Қонуни муҳаббат аз нигоҳат хонам!

Гар шом, ду зулфи анбарафшон-т бас аст,
Гар субҳ, ду рухсораи хандон-т бас аст.
Гар ахтари хандон, рахи дандон-т бас аст,
Гар боғи Ирам, тани гулистон-т бас аст!

Маҳбуба, ба ҷону дил гирифтори туам,
Гармии дилу дидаи бедори туам.
Ман ёри туам, ёри туам, ёри туам,
Гирдам ду ҳазор ёр, ман зори туам!

Дил гарчи ғуломи бандаи Аллоҳ аст,
Аз рӯзи ҷазои бандагон огоҳ аст,
Донам ҳамаро, вале маро як роҳ аст,

Дар ҳар суханам номи ту Бисмиллоҳ аст!

Афтода сари кӯйи ту бошад дили ман,
Сармасти гули рӯйи ту бошад дили ман,
Як умр чу бар бӯйи ту бошад дили ман,
Куфр аст, ки бадгӯйи ту бошад, дили ман!

То ҷому шароби инҷаҳонӣ бошад,
То бӯсу канори навҷавонӣ бошад,
Бо ҳамчу ту ишқу зиндагонӣ бошад,
Майлам ба ҳаёти ҷовидонӣ бошад!

Бе ту дили музтари балокаш дорам,
Як пора хасе куҷо тавон бардорам,
Олам нанамод пеши чашми чорам,
Бо ту ду ҷаҳонро ба касе наспорам!

Ман булбуламу ту боғаму бустонам,
Ман ахтараке, ту шеди нурафшонам,
Ман шоирам у ту зебиши дастонам,
Ман ошиқаму фақат туӣ армонам!

Дар зулмати тор нури чашмони ту бас,
Тӯфон бивазад хилвати зулфони ту бас,
Дар гиряи баргрези фасли пойиз
Хандидани рухсори гулафшони ту бас!

Бар ошиқи хастадил гадойӣ зебад,
Бар бадри мунир худситойӣ зебад,
Бар поксиришт порсойӣ зебад,
Бар Юсуфи Миср подшойӣ зебад!

Чун Юсуфи Миср поку донотар кист,
Чун Робиъаи Каъб беҳин гавҳар кист,
Дар ишқ чу Зуҳра нурбахш ахтар кист,
Дар шеъру маъонӣ Ҳофизи дигар кист?!

Аз пораи санги кӯҳ зар меҷӯям,
Аз шохаи сабзгашта бар меҷӯям,
Аз ахгараке нури саҳар меҷӯям,
Аз лаъли лабони ту гуҳар меҷӯям!

Шамшодқадо, ҳузури ту неъмати ҷон,
Ҳар тораи мӯйи туст бар қимати ҷон,
Паҳлӯи ту будани ман аз ҳиммати ҷон,
Бишнохтанат маърифату ҳикмати ҷон!

Аз барги хазон фасли гулафшон марасон,
Бар қумриву булбули ғазалхон марасон,
Аз дилбари раҳдур, ки маҳҷурам ман,
Ай бод, хабарҳои парешон марасон!

Сарсабзии рӯзгори мо маҳбуба!
Гулдастаи навбаҳори мо маҳбуба,
Осойиши мо, қарори мо маҳбуба,
Бодо ҳама умр ёри мо маҳбуба!

Дар фасли баҳор бо диломе чанд,
Биншаставу нӯш кардаам ҷоме чанд,
Бар қасди тамоми мардуми беҳуда,
Бар рағми ду-се бераҳи худкоме чанд!

Дидам, ки аҳори рӯйи ҷонон рафта-ст,

Сабзинабаҳори рӯйи ҷонон рафта-ст.
Худ хеста сӯйи ойина раҳ бурдам,
Аз дида хумори рӯйи ҷонон рафта-ст!

Ай дӯст, куҷо рафтӣ? Худо дар дили туст!
Бар хони Худо рафтӣ? Худо дар дили туст!
Тай карда раҳи дашту биёбони дароз,
Ин дур чаро рафтӣ? Худо дар дили туст!

Оҳиста, ба рафтори ту доранд нигоҳ,
Оҳиста, зи кори ту наёбанд гуноҳ.
Дар ҳолати мастиву дами ҳушёрӣ,
Дандон назанӣ ба устухони саги роҳ!

Бозори сухан, гармии бозори сухан,
Илҳом диҳад ба масту ҳушёри сухан.
Ман бандаи он касам, ки бо табъи баланд,
Бардошта битвонад агар бори сухан!

Ай дур зи соғариву аз айшу нишот,
Дар кардаи ту надида кас азму суббот.
Нокардаи кардагон бибояд кардан,
Машке чӣ барӣ ба сӯйи дарёи Фурот!

Дар зиндагии дурӯзаи пур зи умед;
Гаҳ туршзабон асту гаҳе некнавид,
Панди падарам ҳамеша дастовезам,
Ҳар қатраи шири модарам роҳи сафед!

## ТАҚРИЗ

**Нозим НУРОВ**
*пажуҳишгар*

# ҲАДАФИ МИЛЛӢ ДАР ШЕЪРИ ОТИФИИ ИМРӮЗӢ

*(Мурурe муқаддимотӣ ба маҷмуаи "Садои хандаи гулҳо"-и шоир ва донишманди фарзонаи тоҷик Назрӣ Асадзода)*

Назрӣ Асадзода солҳост, ки бо талошу ибтикороти бардавоми фардӣ дар ростои шинохти ҳассосиёти замонӣ, боло бурдани сатҳи худогоҳию худшиносӣ, талқини ифтихороти қавмӣ, дарки воқеиёти имрӯзӣ ва манофеи миллӣ миёни доираҳои адабӣ, сиёсӣ, маърифатӣ, илмӣ ва мадании кишвар ба унвони шахсияти матраҳ ошност. Аз сӯйи дигар, Назрӣ Асадзода аз ҷумлаи фарҳехтагони миллату ватан аст, ки ҳамеша ва дар ҳама ҳолат сари решашиносии мушкилоту муаммоҳои миллию қавмӣ, ки тоҷикро тайи таърих аз рушду пешравӣ ва таҳаввулу тараққӣ боздоштаанд, тамаркуз карда, бар мабнои ақлу хирад ва донишу мантиқ роҳҳал меҷӯяд ва дар ин замина ҳадафмандона умр мефарсояд. Муҳимтар аз ҳама, мавсуф нақши шеъру адабиёт, илму фалсафа ва фарҳангу маънавиётро дар решашиносоии мушкилоти иҷтимоӣ, бозшиносии уқдаву муаммоҳои равонию ҳувиятӣ, таҳкими ҳофизаи таърихӣ, ҳифзи мероси гаронмояи аҷдодӣ, арзишҳои марзбумӣ ва муаррифии шоиставу боистаи симоҳои бузурги миллӣ калидӣ медонад. Ин аст, ки шеъри отифӣ-лирикии Асадзода низ бо мазмуну муҳтавиёти миллӣ ҳамхонӣ дорад.

Дар зимн, Назрӣ Асадзода ҳанӯз аз овони талабагӣ ва дертар, замони донишҷӯйӣ ба шеър ва қаламкашӣ ихлосу алоқа варзида, эҳсосоту авотифи хешро аз тариқи каломи мавзун буруз додааст. Агарчи Асадзода ба чопу нашри ашъораш, ки тайи солҳои гуногун иншо шудаанд, ҳеҷ гоҳ пофишорӣ накардааст, билохира бо маслиҳату машварати устодону дӯстон нигоштаҳои парешонаш таҳти унвонҳои "Фарёди андеша" (2000), "Бозтоб" (2014) ва "Нома аз сангари Ватан" (2020) ба нашр расиданд. Ба дунболи ин, ахиран, маҷмуаи "Садои хандаи гулҳо" (ниг.: Асадзода, Назрӣ. Садои хандаи гулҳо. -Душанбе: "Ганҷи хирад", 2023. -204 саҳ.) ба нашр расид, ки дар баробари абёту чакомаҳои тоза, ғолибан ашъори дар солҳои гуногун иншошудаи Асадзодаро фаро мегирад. Ба сухани дигар, муаллиф аз бойгонии шахсӣ шеърҳои дар замони ҷавонӣ навиштаи худро пайдо карда, бидуни таҳрири ҳирфаӣ мунташир кардааст. Ин гуна ибтикор, пеш аз ҳама, ба хотири он сурат гирифтааст, ки хонандаи соҳибзавқ ба содагӣ аз марҳилаҳои ташаккули донишу биниши муаллиф огоҳ гардад ва дар мушаххас кардани раванди бедории ҳувиятӣ, адабӣ ва фикрии шоир мушкил накашад. Яъне, муаллиф бо овардани намунаҳои шеърӣ завқу салиқаи бадеӣ-эстетикӣ ва ҳиссӣ-отифии хешро дар бастагӣ бо мароҳили гуногуни синнусолӣ, хосса айёми ҷавонӣ манзури хонандагон месозад.

Афзун бар ин, бар маҷмуаи "Садои хандаи гулҳо" Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Аскар Ҳаким таҳти унвони "Гулҳои чамани ишқ" пешсухани ҷолибе навиштааст (ниг.: Асадзода, Назрӣ. Садои хандаи гулҳо. -Душанбе: "Ганҷи хирад", 2023. С.3-4).

Ба ин тартиб, Асадзода маҷмуаро ба бахшҳои "Ғазалҳо" (126 ғазал), "Таронаҳо" (10 тарона), "Шеърҳои озод" (2 шеъри озод), "Дигар анвои шеър" (6 намунаи шеърӣ, 74 рубоӣ ва 66

дубайтӣ) қисмат карда, дар ҳар бахш намунаҳои ашъорашро бо таваҷҷуҳ ба марҳилаи синнусолӣ, салиқаи эҷодӣ ва муқтазиёти жанрӣ тартиббандӣ кардааст. Масалан, дар бахши "Ғазалҳо" (ниг.: Асадзода, Назрӣ. Садои хандаи гулҳо. - Душанбе: "Ганҷи хирад", 2023. С.6-139) муаллиф навад дар сад ғазалҳои солҳои 1989-1997-и худро гирдоварӣ карда, манзури хонандагон гардонидааст. Аз ин ҷост, ки завқу салиқаи бадеӣ-эстетикӣ ва мунтаҳо, сатҳи шеъри отифии муаллифи он вақт хеле ҷавонро аз ғазалиёти "Руҷӯъ ба Саъдӣ" (1988), "Маҳви тамошо" (1989), "Сеҳри чашм" (1989), "Ба ҷон дон ёри ҷониро баробар" (1990), "Ҳусни баҳор" (1990), "Гулхани ишқ" (1990), "Гармии симои тоҷикона" (1990), "Афкандаӣ" (1990), "Мапурс" (1991), "Дастнорас" (1991), "Мубади суғдӣ" (1991), "Пурнуртар аз Хуршед" (1991), "Бесаранҷом" (1991), "Савдои ишқ" (1991), "Ошиқи ошиқтарин"(1992), "Таҷассуми зебоӣ" (1992), "Чашмаи ҳусн" (1992), "Занҷири пойи чашм" (1992), "Шиква" (1992), "Дар пушти дари маҳбуба" (1992), "Ризвони чашм" (1992), "Майдони ҷавлони ҳусн" (1992), "Дарди ишқ" (1993), "Ситез бо зуҳди риёӣ" (1993), "Айши мудом" (1993), "Дилфигор" (1993), "Гулоби бӯса" (1993), "Ту дар дили манӣ" (1993), "Оини мардӣ" (1993), "Ҳоли ман беҳтар нашуд", "Як бому ду ҳаво" (1993), "Дард ва дармон" (1994), "Дилдода" (1994), "Таваккул" (1994), "Ганҷи хазинаи дил" (1994), "Шӯридадил"(1994), "Таҷаммули борон"(1994), "Ваъдаи хушк"(1994), "Дашти пур аз лола" (1995), "Садои дил" (1995), "Шарҳи чигил дар мисраъи мавзун" (1995), "Навҳа бар марги писарам Кайхусрав" (1995), "Дар маҳфили орифон" (1995), "Фирор аз сароб" (1995), "Суҳбати модар ғанимат дон" (1996), "Парвоз" (1996), "Шукӯҳи зебоӣ" (1996), "Ҳуҷҷати меъроҷ" (1996), "Ҳасбулҳоли муштоқӣ" (1996), "Шикасти қолаби тақво" (1996), "Шеъри гирён" (1996), "Толиби дидор" (1996), "Ҷустуҷӯи ишқ" (1997), "Буду ҳасту хоҳад буд" (1997),

“Оқибатандеш бош!” (1997), “Тағйири қисмат” (1997), “Шеваи риндӣ” (1997) ва амсоли инҳо метавон шинохт. Ба сухани дигар, ҳанӯз дар ғазалиёти солҳои 1988-1997 муаллиф бо такя ба донишу таҷриба сари мавзуъҳои меҳварии шеъри классикию муосир бо шумули муҳаббат, шафқат, садоқат, мурувват, саодат, ҷасорат, шарофат, иззат, ҳиммат, ҳамият, иродат, ғайрат, азамат, шаҳомат ва инсоният таваққуф намуда, шеъри хуби отифӣ гуфтааст. Ҳамчунин, дар бахши “Ғазалҳо”муаллиф як даста ғазалиёти дар имтидоди солҳои 2015-2022 иншонамудаашро низ ҷо додааст. Аз ҷумла, ғазали “Садои хандаи гулҳо”, ки Асадзода ба сифати номи маҷмуа интихоб намудааст, аз зумраи ғазалиётест, ки дар солҳои баъдӣ, дақиқтараш соли 2019 навишта шудааст. Ғазали “Садои хандаи гулҳо”, ки ба мазмуну муҳтавои маҷмуа ҳамхонӣ дорад, аз 5 байт таркиб ёфта, на танҳо баёни эҳсоси зебои шоирона аст, балки ифодаи ҷуръату ҷасорати ошиқ ва сахткӯшию пофишорӣ дар роҳи муҳаббати пок мебошад:

*Садои хандаи гулҳост дар чакомаи ман,*
*Навои най бишунав аз гулӯи хомаи ман.*
*Ту ҳарфи аввалу анҷоми сарнавишти манӣ,*
*Ба номи ту шавад огозу хатм номаи ман.*
*Бисӯзам аз табу тоби дилу аз он тарсам,*
*Ки дар бигирад дар тан мабод ҷомаи ман.*
*Зи сӯзи ишқ шудам обу шак макун бар ин,*
*Ки ҳаст ашки равонам гувоҳномаи ман.*
*Маро, ки нахли қавирешаам, агар шикананд,*
*Зи реша рӯяд сад шох дар идомаи ман.*

(ниг.: Асадзода, Назрӣ. Садои хандаи гулҳо. - Душанбе: “Ганҷи хирад”, 2023. С.13)

Аслу бунёди ин ғазал (ва дар зимн, соири ғазалиёти Асадзода), мисли аксари ғазалиёти классикию муосир бар сӯзу фироқи ошиқ, бевафоии маъшуқ, бечоранолӣ, фарёду ҳасрат

ва дарди ҳиҷрон асос наёфтааст, балки бар мабнои ҷуръату ҷасорат ва сахткӯшию талошварзӣ дар роҳи васл устувор гардидааст. Ин аст, ки шоир дар мақтаи ғазал ҳадафмандона иддао мекунад, ки:

*Маро, ки нахли қавирешаам, агар шикананд,*
*Зи реша рӯяд сад шох дар идомаи ман (С.13).*

Бар илова, Асадзода дар тамомии ашъораш бар он мекӯшад, ки сабку шеваи бечоранолӣ, заъфсифатӣ, зиллатписандӣ, худкамбинӣ, бекифоятӣ ва амсоли инҳо барин хасоиси номатлуби ахлоқиро аз шеъри муосири тоҷик ҳазф сохта, дар баробари ин, тарзу усули мунҳасир ба фардашро дар мисоли мушаххасоти ахлоқию ҳувиятие назири устуворӣ, сахткӯшӣ, доноӣ, огаҳӣ, ҷуръатмандӣ, талошварзӣ, худкифоятӣ, даъвогарӣ, иддаоталабӣ, ҳамиятхоҳӣ, худсозӣ, ҳувиятмадорӣ, худбоварӣ, хештаншиносӣ, миллатпарастӣ, меҳандӯстиро ба намоиш мегузорад. Ҳатто дар ашъори отифӣ-лирикии хеш ҳам Асадзода аз силсиламавзуоти ба миллияту ҳувият ва ҷуръату ҷасорат иртиботдошта кор мегирад ва ҳадафҳои миллиро дунбол мекунад. Ин аст, ки қаҳрамони лирикии Асадзода бо вежагиҳои мунҳасир ба фардаш мавриди тасвир қарор мегирад. Ҳанӯз дар ғазали "Дашти пур аз лола", ки соли 1995 иншо кардааст, Асадзодаи ошиқ ҳаллоҷвор даъвӣ пеш меоварад ва бонги аналҳақ мезанад:

*Фориғ дилам аз зуҳд занад бонги аналҳақ,*
*Мансури ман андеша аз ин дор надорад...*
*Тобу таби дарди дили афгор чӣ донад,*
*Он кас, ки чу Назрӣ дили афгор надорад (С.82).*

Ё ин ки дар ғазали "Мубади суғдӣ" (1991) дар либоси руҳонии миллӣ ибодати ишқ мекунад:

*Мубади суғдияму маъбади ишқ аст дилам,*
*Ки дар он оташи ишқи ту барафрӯхтаам (С.126).*

Ва дар ғазали отифии “Гармии симои тоҷикона” (1990) дилбари тоҷикро дар гармирӯйиву гармисимоӣ аз парирӯёни румию сияҳчашмони ҳинду бартар мешуморад:

*Набошад гармии симои тоҷиконаат, эй ёр,*
*Парирӯёни румию сияҳчашмони ҳиндуро.*
*Касе чашмони ҷодуи туро бинад, шавад масҳур,*
*Дигар мафҳуми мавҳум ӯ нахонад сеҳру ҷодуро (С.128).*

Дар силсиларубоиёт ва дубайтиҳо Асадзода баъзан хайёмона иддао мекунад, масоили муҳимми рӯзгорро матраҳ месозад, аҳли зуҳду варaъу хурофаро мавриди интиқоди шадид қарор медиҳад, аз ақлу мантиқи зинда кор гирифта, афсонаҳои пешинро мазаммат менамояд ва ба ин тартиб, ба пурсишу суолоти зиндагӣ посух меҷӯяду мегӯяд. Масалан, ба ин рубоӣ таваҷҷуҳ мекунем:

*Гуфтем: “Замин таҳаввули аҷсом аст”,*
*Гуфтем: “Замон табаддули айём аст”.*
*Гуфтем басеву дар анҷоми сухан*
*Дидем, ки ин фасона беанҷом аст (С.182).*

Дар иддаоҳои хайёмонаи ӯ ҳамчунон маънию мазомини вежаи инфиродӣ мушоҳида мешавад. Ба ин манзур, Асадзода дар қолиби рубоию дубайтӣ ҳам дар баробари мавзуоти маъмулии ишқӣ-отифӣ, аз шукӯҳу шаҳомати миллӣ сухан ба миён меоварад. Ба ин намуна таваҷҷуҳ мекунем:

*Даъво кунад имрӯз, ки Сино аз ӯст,*
*Он қавм, ки бо тамаддуни Форс адӯст.*
*Хоҳад бикашонад аз ҳарисӣ ин мӯр,*
*Боре, ки калонтар аз дари хонаи ӯст (С.179).*

Гузашта аз ин, истифодаи таъбироту ибороти зебои шоиронае аз қабили “садои хандаи гулҳо”, “нахли қавиреша”, “шевани ноқус”, “гулоби бӯса”, таҷаммули борон”, “ризвони чашм” ва амсоли инҳо маҷмуаи “Садои хандаи гулҳо”-и

Асадзодаро ба лиҳози ҷилваю резакориҳои бадеӣ-ҳунарӣ хонданбоб месозад.

Мунтаҳо, аз баҳси шеъру шоирӣ, ки бигзарем, хамираи вуҷудии Асадзода аз ҳувияту ҳамияти миллӣ барсиришта ва тору пудаш аз меҳанпарастию давлатмадорӣ танида шудааст. Аз замоне ки худро дуруст шинохтааст, Асадзода бидуни вақфаю фосила дар самти бозшиносии уқдаҳои фикрӣ, мушкилоти равонию ҳувиятии ҷомеа ва бозсозии тафаккури миллӣ саъю талоши фаровон варзида, то имрӯз дар ин пайроҳаи мушкилписанди зиндагӣ бардамона гом бармедорад. Ин аст, ки шахсияти миллӣ ва иҷтимоии Асадзода дар заминаи фарҳангу хиради аҷдодӣ ва илму дониши аврупоӣ шакл гирифта, ба таври тадриҷӣ рушд кардааст. Аз тарафи дигар, фаъолият ва шуғли ҳамешагии Асадзода мутолеа, ковиш ва ҷустор дар заминаи равон ва ҳувияти миллист ва бар мабнои донишу ҷаҳоншиносии илмӣ ба посух ҷустан ба мушкилу масоилу муаммоҳои рӯзгори миллат мепардозад. Ташаббусот ва ибтикороти рӯзмарраи Асадзода дар самти таҳкиму тақвият бахшидани раванди ҳувиятсозии миллӣ ҳадафмандона давом доранд. Ин аст, ки мавсуф дар феҳристи шахсиятҳои нодири миллӣ қарор дорад ва вуҷуду ҳузури эшон дар фазою муҳитҳои адабӣ, иҷтимоию илмӣ ва фарҳангии тоҷик боиси ифтихори мост.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 10.04.2024*
*Барои нашр имзо шуд 12.04.2024*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза $70x100^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии “Дониш”- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*